Х. МУҲАББАТОВ, Ш. АКОБИРОВ, М. РАҲИМОВ

# ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2020**

**ББК 373.167.1**
**ББК-28. 6 Я 72+74. (262. 86)**
**А-20**

**А-20.** Х. Муҳаббатов, Ш. Акобиров, М. Раҳимов. **Географияи Тоҷикистон.** Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2020. – 256 саҳ.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали сол | охири сол |
| **1** | | | | | |
| **2** | | | | | |
| **3** | | | | | |
| **4** | | | | | |
| **5** | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-344-8**
**© «Маориф», 2020**
**Моликияти давлат**

## АЗ МУАЛЛИФОН

### ХОНАНДАИ АЗИЗ!

Дар дасти шумо китоби дарсии «Географияи Тоҷикистон» аст. Тавассути он шумо кишвари худ, як гӯшаи нотакрори сайёраи Замин – Тоҷикистон маълумоти зиёдеро азхуд менамоеду меомӯзед, ба як гӯшаи афсонавӣ ворид мегардед.

Биёед фаҳмем, ки ватани мо чӣ гуна табиат дорад, мардумаш киҳоянд, чӣ тавр маскун шудаанд, шакли хоҷагидории онҳо чӣ гуна аст?

Аввалан мо бо мундариҷаи китоб шинос мешавем, ки дар он бобҳо ва мавзӯъҳо ифода гардидаанд. Ҳар мавзӯъ ба зербобҳо ҷудо шудааст, зербобҳо бошанд, ба қисмҳои алоҳида. Шумо китобро саҳифагардон намуда мебинед, ки дар ҳар мавзӯъ бахши **«Далелҳои ҷолиб»** оварда шудааст. Дар ин далелҳо маълумот оид ба объектҳо, ҳодисаҳову воқеаҳои табиию антропогенӣ дода шудаанд, ки хосси мавзӯи мавриди назар мебошанд. Дар матни китоб шумо ба дигар бахшҳо низ рӯ ба рӯ мегардед. Ҳар як зербоб аз саволҳои водоркунанда оғоз мегардад, ба монанди: «Биёед, ба ёд орем» ва «Дар ин зербоб шумо дар бораи чӣ маълумот пайдо мекунед ва чиро меомӯзед?». Мақсади қадами аввал донишҳои дар дарсҳои пешин андухтаро ба ёд овардан аст, ки барои омӯзиши мавзӯи нав зарур мебошанд. Дар бахши дуюм бошад, номгӯйи саволҳои асосӣ, ки марбут ба мавзӯъҳои ин зербоб пешбинишуда бахшида шудааст.

Матни зербобҳо се сарлавҳаро дар бар мегирад. Кор бо онҳо ба шумо кумак мекунад, ки мавзӯъро бештар омӯзед, то ки донишҳои андухтаи шумо нисбат ба мавзӯи омӯхташаванда васеътар гарданд. Бахши **«Луғати географӣ»** шуморо бо мафҳумҳои географӣ, ки ба мавзӯи мавриди назар ва барномаи таълимӣ мансубанд, ошно месозад. Бахши **«Далелҳои ҷолиб»** оид ба мавзӯи матраҳшаванда маводди иловагӣ медиҳад.

Бахши **«Диққат! Ин муҳим аст!»** имкон медиҳад, ки шумо далелҳову маълумоти муҳимро азхуд намоеду

фаромӯш накунед. Пас аз ҳар як зербоб матни хулосавӣ дода мешавад. Хулосаи фишурда имконият медиҳад, ки маводди омӯхтаро такрор карда, донишҳои андухтаро мустаҳкам намоед, ки ба бахши **«Натиҷагирӣ менамоем»** марбут аст. Бахши **«Худбаҳодиҳӣ: оё медонед»**  имконият медиҳад, ки шумо дониши андухтаи худро санҷед ва донед, ки то кадом андоза маводди ин зербобро азхуд намудаед. Бахши **«Маҳорат»**  иҷро намудани супоришҳоро дар дафтар талаб менамояд, ки сатҳи азхудкунии донишҳои андухтаро арзёбӣ кунед.

Бахши «**Дарсҳои амалӣ**» бошад, хонандагонро ба иҷро кардани корҳои амалӣ роҳнамоӣ намуда, малакаи иҷрои амалии онҳоро мустаҳкам менамояд. Бахши **«Муҳокима»**  ва **«Ба эҷодкорӣ даъват мекунем»** барои тафсиру шарҳ додан ва иштирок намудан дар мубоҳиса ва кор бо  глобусу харита ба нақша гирифта шудааст.

Ҳангоми кор бо китоби дарсии “Географияи Тоҷикистон” атласи онро низ мунтазам истифода намоед, зеро дар он оид ба мавзӯъҳои додашуда харитаҳо оварда шудааст. Дар харитаҳои географӣ ҳатман объектҳоеро, ки дар матни китоб дар раванди омӯзиш вомехӯред, ёбед. Барои дар хотир нигоҳ доштан дар китоби дарсӣ баъзе мафҳумҳо бо ҳарфҳои курсив дода шудаанд.

Ҳамзамон шумо метавонед барои мустаҳкам кардани савияи дониши худ аз маводди интернет истифода намоед.

Умедворем, ки дар дарсҳои географияи Тоҷикистон шумо маълумоти кофӣ, зарурӣ, муфид ва навро мефаҳмеду азхуд менамоед. Ба шумо дар омӯзиши географияи кишвар барор мехоҳем!

2

3

4

# МУҚАДДИМА

**1. География ҳамчун илм.** География яке аз илмҳои қадимтарин аст. *Калимаи “география” юнонӣ буда, маъноям тавсифи Замин мебошад.*

| **Луғати географӣ** | *География табиат, аҳолӣ ва хоҷагии сатҳи кураи Заминро меомӯзад.* |
|---|---|

Аз ин рӯ, географияро аз ҷумлаи илмҳои оид ба сайёраи Замин номидан мумкин аст.

Табиат, аҳолӣ ва хоҷагии кураи Замин гуногун аст. Табиатро дар ҳолати умумӣ географияи табиӣ ва қисмҳои ҷудогонаи онро илмҳои гуногун таҳқиқ мекунанд; шакл ва ҳаракати Заминро – геодезия ва астрономия, сохти онро – геофизика ва геология, атмосфера ва иқлимро – метеорология ва иқлимшиносӣ (климатология), қабати обии Заминро – гидрология, океанология ва глятсиология, аҳолӣ ва хоҷагии кураи Заминро бошад, илмҳои ҷузъии иқтисодӣ (иқтисодиёти меҳнат, демография, иқтисодиёти саноат, кишоварзӣ, сохтмон, савдо ва ғайра) меомӯзанд.

*Вазифаи география аз омӯхтани қонунияти ҷойгиршавӣ ва рушди унсурҳои табиӣ ва иқтисодии зикршуда дар Замин иборат аст.* Аз ин рӯ, ин омӯзиши якҷояву алоқаманд бо дигар илмҳо ба амал меояд.

Чунонки мебинем, мавзӯи баҳси география гуногун ва мураккаб аст. Бинобар ин, аз рӯйи мақсаду вазифа он ба ду қисми калон ҷудо мешавад: географияи табиӣ ва географияи иқтисодӣ.

**Географияи табиӣ** дар бораи қонунияти тараққиёт ва ҷойгиршавии унсурҳои комплекси табиии (релйеф, сарватҳои табиӣ, иқлим, хок, наботот ва олами ҳайвонот) кураи Замин ва қисмҳои ҷудогонаи он баҳс мекунад. Он аз ҷумлаи илмҳои табиӣ буда, дар асоси қонунҳои табиат рушд меёбад. Географияи табииро ба чанд қисм тақсим кардан мумкин аст: ландшафтшиносӣ, геоморфология, иқлимшиносӣ, биогеография ва ғайра.

**Географияи иқтисодӣ** доир ба қонуниятҳои рушд ва ҷойгиршавии унсурҳои комплексҳои истеҳсолии мамлакат (аҳолӣ, саноат, кишоварзӣ, сохтмону савдо, нақлиёт ва ғайра) ва ноҳияҳои алоҳида дар кураи Замин маълумот медиҳад. Аз ин рӯ, он илми ҷамъиятӣ буда, дар асоси қонунҳои ҷамъиятӣ амал мекунад. Географияи иқтисодӣ низ ба чанд қисм ҷудо мешавад: географияи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, географияи саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғайра.



*Эратосфени Кирени (асри III-II пеш аз милод) – географ, математик, астроном ва шоири Юнони қадим мебошад. Ӯ мудири китобхонаи Искандария буд. Аввалин бор андозаи Заминро ҳисоб карда, харитаи нисбатан мукаммали оламро тартиб дод. Инчунин дар асараш «Оид ба андозагириҳои Замин» андозаи Офтоб ва Моҳ, масофаи байни Замин ва Офтобу Моҳро ҳисоб намуда, оид ба ҳодисаи гирифтани Моҳу Офтоб маълумот додааст.*



Дар маҷмӯъ Географияи табиӣ ва иқтисодӣ якҷоя бо ҷузъҳояшон силсилаи илмҳои географиро ташкил медиҳанд. Силсилаи илмҳои географӣ ба дарахти азиме монанд аст, ки аз ду танаи калон иборат буда, ҳар яки он боз аз шохаҳои бисёр таркиб ёфтааст. Чунин фаҳмиши илмҳои географӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки география дар ҷараёни рушди тӯлонии худ (аз сода ба мураккаб, аз маълум ба номаълум ва аз шакли паст ба олӣ) якзайл ба қисмҳои махсус тақсим шуда, шохаҳои гуногунро ба амал овардааст. Ин қисмҳо бо ҳам зич алоқамандананд ва дар асоси ягонагии томи диалектикӣ (таълимот дар бораи қонунҳои умумии рушди табиат, ҷамъият ва тафаккур) инкишоф меёбанд. Географияи табиӣ ва иқтисодӣ шаклҳои гуногуни ҳаракати материя, қонунияти рушд ва ҷойгиршавии онро дар фазо меомӯзад. Аз ин рӯ,

географияи табиӣ ва географияи иқтисодиро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест.

Вазифаҳои муҳимтарини географияи иқтисодӣ – омӯхтани рушд ва ҷойгир кардани истеҳсолот дар мавқеи муайян дар шароити мутобиқи муҳити географӣ: омӯхтани таъсири шароити табиӣ ва хусусиятҳои рушд ва ҷойгиркунӣ, шакл ва равияҳои истифода намудани унсурҳои табиат ба манфиати ҷамъият буда, ҳалли онҳо зарурати донишҳои географияи табииро талаб менамояд. Географияи табиӣ бошад, ландшафтҳои кураи Заминро на танҳо бо мақсади мушоҳидаи одӣ меомӯзад, балки таъсири онро ба рушди ҷамъият ва истифода кардани захираҳои табииро дар истеҳсолоти моддӣ муайян мекунад. Аз ин ҷиҳат географияи табиӣ ҳам ба донишҳои географияи иқтисодӣ – оид ба инкишоф ва ҷойгир кардани истеҳсолот, ҳам оид ба талаботи нисбат ба сарватҳои табиӣ доштаи истеҳсолоти моддӣ эҳтиёҷи калон дорад.

Ҳамин тариқ, ҳодисаҳои табиӣ, ки мавзӯи баҳси географияи табиӣ мебошанд, бо ҳодисаҳое, ки географияи иқтисодӣ меомӯзад, зич алоқамандонд. Инсон бояд робитаҳои унсурҳои табиӣ (ҷинсҳои кӯҳӣ, релйеф, хок, об, ҳаво, организми зинда)-ро ҳангоми ташкили меҳнат ва истеҳсоли неъматҳои моддӣ ба назар гирад. Дар сурати ба ҳисоб нагирифтани қонунҳои табиат аз тарафи инсон, табиат аз одамон сахт «қасос» мегирад.

Одамон ҳамчун унсури табиӣ зери таъсири қонунҳои табиат мебошанд. Аз тарафи дигар, инсон низ ба табиат таъсири хеле калон мерасонад, онро меомӯзад, тағйир медиҳад ва ҳарчи бештар ба манфиати худ истифода мебарад. Дар навбати худ табиат низ ба тараққиёти ҷамъият таъсири калон дорад, вале нақши асосиро намебозад. Пешрафти ҷамъият аз рӯйи тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ ва дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда муайян карда мешавад. Ин омилҳо дараҷаи таъсири инсонро ба табиат низ муайян мекунанд.

Географияи Тоҷикистон аз ду қисм: географияи табиӣ ва иқтисодӣ иборат аст. Дар қисми аввал табиати Тоҷикистон ва шакли объектҳои табиӣ тасвир ёфтааст. Шумо дар ин қисм бо тазодҳои ҳайратангези табиати кишвар – қуллаҳои барфпӯшу водиҳои сарсабз, даштҳои хушку кӯҳсори сербориш, захираҳои сӯзишворию неруи фаровони обӣ ва ғайра шинос хоҳед шуд. Қисми дуюми он географияи иқтисодии ҷумҳуриро дар бар мегирад. Дар он оид ба хусусиятҳои рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ), ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ва робитаҳои берунии он маълумот дода шудааст.

Масъалаҳои географияи табиӣ ва иқтисодии Тоҷикистон на танҳо байни ҳам, балки бо дигар илмҳо, бахусус биология, физика, химия, геология, иқтисодиёт, таърих робитаи ногусастанӣ доранд ва якҷоя бо онҳо омӯхта мешаванд.

*Бояд гуфт, ки донистани географияи табиӣ ва иқтисодии Тоҷикистон барои ҳар як сокини ҷумҳурӣ зарур мебошад, зеро донишманде фармудааст: «Надонистани хусусиятҳои кишвари худ ва фарқи он аз кишварҳои дигар ин маънои онро дорад, ки ту дар ватани худ шахси аҷнабӣ (бегона) ҳастӣ».*



*1. География чиро меомӯзад? Фанни географияро ба кадом соҳаҳо ҷудо мекунанд? Нақши қонунҳои табиӣ дар ҳаёт ва фаъолияти инсон аз чӣ иборат аст?*



*2. Донистани географияи Тоҷикистон дар ҳаёт ба шумо дар кадом ҳолат зарур аст? Географияи табиӣ бо географияи иқтисодӣ чӣ гуна алоқамандӣ дорад?*



*3. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон ва кура (глобус) Тоҷикистонро ёбед ва оид ба мавқеи ҷойгиршавии он маълумот диҳед.*

# § 1. ДАВРАҲОИ РУШДИ ИЛМҲОИ ГЕОГРАФӢ

***Маълумоти географӣ***

*Аввалин ақидаҳоро оид ба курашаклии Замин – Арасту (асри IV то милод) гуфтааст.*

***Нақшаи** қадимтарини географӣ – нақшаи маҳалли Чатал-Хююки Туркия дар соли 620 то милод мебошад.*

*Аввалин қутбнамо дар Чини қадим, 3 ҳазор сол пеш аз милод сохта шудааст.*

*Аввалин соати офтобӣ дар Шарқи Наздик 3 ҳазор сол пеш аз милод сохта шудааст.*

*Қадимтарин асбоби астрономӣ – гномон дар Вавилон 2 ҳазор пеш аз милод сохта шудааст.*

*Дастгоҳи навигатсионии астролябия дар Юнони қадим соли 150 то милод сохта шудааст.*

*Аввалин хадамоти топографӣ дар асри XVIII дар Фаронса ташкил шудааст.*

*1. Кадом давраҳои рушди илмҳои географиро медонед? 2. Вазъи географияи форсу тоҷик дар замони қадим чӣ гуна буд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *География илми қадимтарин аст.*
- *Олими Юнони қадим Птолемей дар асри II то милод аввалин харитаи замони худро тартиб дода буд, ки он шабакаи градусӣ дошт.*
- *Норманҳо («мардуми шимол») гирду атрофи баҳри Миёназаминро таҳқиқ карда, Исландия, Гренландия ва Амрикои Шимолиро (асрҳои VIII – X) кашф намуданд. Мусалмонҳо (асри IX) аз нимҷазираи Пиреней сар карда, то Мадагаскар ва Чинро омӯхтанд.*
- *Олимони форсизабон Ибни Хурдодбеҳ (асри IX), Насируддини Тӯсӣ (асри XIII), Ҳамидуллоҳи Қазвинӣ (асри XIV), Абурайҳони Берунӣ ҳам дар омӯзиши илми география нақши хеле бузург гузоштаанд.*

**География дар замонҳои қадим.** Чунонки зикр намудем, география яке аз илмҳои қадимтарин аст. Аввалин донишҳои географӣ дар Мисри қадим (4000 сол пеш аз

милод) пайдо шудаанд. Ин давра таърихи 5000-соларо дар бар мегирад. Хусусиятҳои муҳимми рушди илмҳои географӣ дар ин давра аз ҷамъшавии маълумоти географӣ, пайдошавии тахминҳои зираконаи илмӣ, ки дертар тасдиқи худро ёфтаанд, иборат аст. Донишҳои географӣ дар аввал якҷоя бо дигар илмҳо, минбаъд ба тарзи алоҳида (вале бетақсимшавӣ ба қисмҳо) тараққӣ мекунанд. Дар ин давра кураи Замин ба одамон ҳанӯз пурра маълум набуд ва бисёр ҳодисаҳои табиӣ шарҳи илмӣ наёфта, пурасрор менамуданд. Қатъи назар аз ин, дар ин давра бисёр тасаввуроти дурусти географие ба вуҷуд омада буданд, ки то ҳол арзиши худро гум накардаанд. Чунончи, курашаклии Замин, гуногунии минтақаҳои табиӣ ва тағйирёбандагии сатҳи Заминро баъзе олимон ҳанӯз пеш аз милод эътироф мекарданд.

Олими Юнони қадим Птолемей (асри II то милод) харитаи замони худро тартиб дода буд. Харитаи ӯ шабакаи градусӣ дошт. Қатъи назар аз камбудиҳо (чунончи, масоҳати хушкӣ аз об зиёд нишон дода шуда буд) он харитаро одамон дар тӯли чордаҳ аср истифода карданд. Мутаассифона, ин тахминҳои зираконаи илмии юнониёни қадим ҳанӯз ба олимони Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна маълум набуд. Дар ин давра донишҳои географии мардуми форсу араб хеле ноқис ва печ дар печ аст. Маълумоти географии дар «Авесто» ва сарчашмаҳои арабӣ овардашуда хеле маҳдуд ва аксар шакли насри бадеиро доранд. Ҷамъбасти донишҳои географӣ то асри VIII чандон назаррас нест: тавлиди жанри адабӣ дар география, кӯшишҳои аввалин оид ба тасниф кардани донишҳои қадима ва топонимикӣ, ишораҳои душворфаҳм оид ба харита ва географияи иқтисодӣ ва ғайра.

**География дар асрҳои миёна.** Ин давра асрҳои V – XV милодиро дар бар мегирад. Хусусияти муҳимми ин давра он аст, ки тасаввуроти динӣ дар бораи олам ва ҳодисаҳо авҷ гирифта, ҳамаи илмҳо, аз ҷумла география низ таназзул меёбад. Ғояҳои пешқадами географияи замони қадим аз

тарафи мутаассибони дин сахт таъқиб карда шуд. Қатъи назар аз ин, дар ин давра якчанд кашфиёти нав ба амал омад. Норманҳо («мардуми шимол») гирду атрофи баҳри Миёназаминро таҳқиқ карда, Исландия, Гренландия ва Амрикои Шимолиро (асрҳои VIII – X) кашф намуданд. Мусалмонҳо (асри IX) аз нимҷазираи Пиреней сар карда, то Мадагаскар ва Чинро омӯхтанд. Аз аврупоиҳо сайёҳи венетсиягӣ Марко Поло ва фарзандони ӯ дар муддати 45 сол (1254-1299) дар Чин, Муғулистон, Осиёи Ҷанубӣ саёҳат намуданд.

Асрҳои VIII – XV давраи нашъунамои донишҳои географии форсу араб мебошад. Дар ин давра олимону сайёҳони форсу араб на танҳо донишҳои географии юнониҳоро такмил доданд, балки бо чандин навовариҳо дар тамаддуни ҷаҳон саҳми босазое гузоштанд. Пеш аз ҳама, дар география равияи тасвирӣ (бадеӣ), математикӣ, астрономӣ ва минтақаиро рушд дода, ба ҳадди камолот расониданд. Рушди чунин назарияҳои илмӣ, монанди «Гунбази Арина» (Меридиани ибтидоӣ), ҷадвали астрономии «Зиҷи шоҳӣ», усулҳои муайян кардани арзу тӯли географӣ, тартиб додани харитаҳои гуногун ва «Атласи исломӣ» ва ғайра ғояҳои пешқадамтарини илми он замон буданд. Чунончи, назарияи «Гунбази Арина» дар кашфи қитъаи Амрико, мавҷудияти «Роҳнамои баҳрӣ» дар бехатарии сафари Васко да Гама нақши бузурге бозидааст. Дар инкишофи илмҳои географии онвақта хизмати олимони форсизабон Ибни Хурдодбеҳ (асри IX), Насируддини Тӯсӣ (асри XIII), Ҳамидуллоҳи Қазвинӣ (асри XIV) Абурайҳони Берунӣ низ хеле бузург аст. Ин олимон ба маънои том энсиклопедистони замони худ буданд.

Дар он давра «Ҳудуд-ул-олам» дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ мақоми хос дорад. Асари мазкурро дар Бухоро пайдо кардаанд, ки он соли 372 ҳиҷрӣ (982-983) таълиф гардида, муаллифаш маълум нест.

Дар ин давра кашфиётҳои географӣ низ авҷ мегирад. Олимони форсу араб дар омӯхтани ҷаҳони онвақта – аз

Пиреней то Чину Мадагаскар ва тартиб додани харитаҳои дақиқ саҳми босазое доранд. Саёҳатномаҳои пуробуранг ва ба тарзи бадеӣ таълифшудаи онҳо, ки қисман афсонавӣ аст (Синдбоди дарёгард, Ибни Ваҳаб, Саломи Тарҷумон ва ғайра) ҳанӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд.

**Давраи кашфиёти бузурги географӣ.** Дар охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI дар бисёр мамлакатҳо муносибатҳои феодалӣ барҳам хӯрда, ҷойи онро муносибатҳои сармоядорӣ (капиталистӣ) мегиранд. Истеҳсолоти моддӣ хеле босуръат тараққӣ карда, манбаъҳои нави ашёи хом ва бозорҳои фурӯши мол меафзоянд. Ин хусусият боиси авҷ гирифтани кашфиёти географӣ ва ҷамъбасти илмии натиҷаи онҳо гардид. Се кашфиёти бузурги охири асри XV ва аввали асри XVI – кашф шудани қитъаи Амрико аз тарафи Христофор Колумб (1492-1504), аз ҷануби Африқо ба Ҳиндустон кушода шудани роҳи баҳрӣ (Васко да Гама, 1497-1498), саёҳати давриоламии Магеллан (1519-1522) дар инкишофи илми география воқеаҳои муҳим буданд.

## Кашфиёти бузурги географӣ

Микёс 1:27 000 000



Дар асрҳои XVI – XVII аз сайёҳони рус Афанасий Никитин ба Ҳиндустон сафар кард. Ермак (1581-1584), И. Ю. Москвитин (1639), В. Д. Поярков (1643-1646), Е. Д. Хабаров (1647-1650), С. Дежнев (1648) ноҳияҳои Сибирро то гулугоҳи Беринг таҳқиқ намуданд.

Чун пештара географияи регионалӣ – қитъавӣ ва таърихию топографӣ тараққӣ карда, ба дараҷаи олии худ мерасанд. Дар ин давра барои рушди илмҳои географӣ олимони форсзабон Ҳофизи Абру (ваф. 1430), Алӣ Қӯшчӣ (ваф.1474), Аҳмади Розӣ (1594), Мирзо Ҳасани Шерозӣ (1890), саёҳатномаҳои Абдураззоқи Самарқандӣ (1442), Абдулатифи Шуштарӣ (1758), Иброҳимбеки Мароғаӣ (1905), Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ ва ғайра саҳми босазое гузоштаанд.

Ҳамин тариқ, географияи мардуми форсу тоҷик аз рӯйи анъанаҳои арабӣ тараққӣ кунад ҳам, моҳияти хосси илмӣ ва маълумотии худро гум накарда, мунтазам такмил ёфтааст. Дар давраҳои охир бо таъсири аврупоиён географияи сиёсӣ, иқтисодӣ якҷоя бо харитаю атлас ва анвои тасвирӣ инкишоф меёбад.



*Ҳоҷӣ Юсуф сайёҳ, олими соҳаи география, нуҷум, дорусозӣ ва тиб, харитасоз, мироб, шахси маърифатпарвар буд. Ҳоҷӣ Юсуф ба Арабистон, Эрон, Туркия, Миср, Марокаш, Сурия, Юнон, Фаронса, Британияи Кабир, Италия, Олмон, Русия сафар намудааст. Ӯ ҳамчун ихтироъкори глобус маълуму машҳур аст. Глобуси сохтаи ӯ дар осорхонаи шаҳри Самарқанд нигоҳ дошта мешавад. Баландии глобус бо пояаш 117 см, давраш 160 см ва миқёсаш 1:21 000 000 аст. Он дорои шабакаи градусӣ буда, дар он меридиана ва параллелҳо бо ранги сиёҳ пас аз 15 градус гузаронида шудаанду доираҳои тропикҳо ва қутбҳо бо ранги сурх ифода гардидаанд.*





**Давраи нашъунамои илмҳои географӣ.** Ин давра аз аввали асри XVIII то замони ҳозираро дар бар мегирад. Дар ин давра дар соҳаи илмҳои географӣ на танҳо кашфи ноҳияҳои нав, балки таҳқиқоти илмию назариявӣ авҷ мегирад. Хусусияти муҳимтарини рушди илмҳои географӣ дар ин давра чунинанд:

– Қатъи назар аз рушди тасаввуроти материалистӣ оид ба табиат ва унсурҳои он, ҳодисаҳои табиӣ ва шарҳи баъзе масъалаҳо ба қувваи фавқуттабиӣ нисбат дода мешуданд;

– Географияи тасвирии давраҳои пештара барҳам хӯрда, ҷойи онро таҳлилҳои нисбатан амиқ ва хулосаҳои илмӣ мегирад. Хусусиятҳои объективӣ доштани ҳодиса ва воқеаҳои табиӣ дар ҳаракат ва тағйирёбанда будани онҳо эътироф карда мешаванд;

– Баробари рушди географияи умумӣ илмҳои ҷузъии географӣ пайдо шуда, тараққӣ мекунад ва системаи илмҳои географӣ шакл мегирад. Аз ҷумла, географияи иқтисодӣ, картографияи илмӣ, иқлимшиносӣ, заминшиносии умумӣ, географияи хок ва дигар илмҳои ҷузъии географӣ пайдо шуда, тараққӣ мекунанд;

– Омӯхтани ноҳияҳои дохилии материкҳо ва кишварҳои қутбӣ ва баҳрнавардӣ авҷ мегирад. Доғҳои «сафед» дар харитаи ҷаҳонӣ барҳам мехӯранд. Муҳимтарин кашфиёти ин давра таҳқиқи ноҳияҳои марказии Африқо (Д. Ливингстон, Стенли, Гумболд ва Бонплан), ноҳияҳои марказии Осиё (П. П. Семёнов, Н. М. Пржевалский, П. К. Козлов, И. М. Мушкетов, В. А. Обручев ва ғайра), саёҳатҳои давриоламӣ (Ҷеймс Кук, Крузенштерн ва Лисянский), кашф шудани Антарктида (Ф. Беллинсгаузен ва М. Лазарев), Қутби Ҷануб (Р. Амундсен) ва Қутби Шимол (Р. Пири) мебошанд;

– Яке аз комёбиҳои бузургтарини илмҳои географӣ дар ин давра ташкилёбии Ҷамъияти географии Русия (1845), рушди таҳқиқоти эъзомӣ (экспедитсионӣ) ва оғози омӯхтани илмҳои географӣ дар мактабҳои олӣ мебошанд.

Дар ин давра дар адабиёти географии форсу тоҷик низ тағйироти куллӣ ба амал омад. Пеш аз ҳама, аксар сайёҳон берун аз ҳудуди мамлакат ба Ҳиндустону Аврупо

ва ё Русия сафар мекарданд. Услуби тасвири мамлакатҳо низ саҳеҳтар гардида, хусусияти илмӣ пайдо мекунад. Олимони намоёни ин давра, монанди Ризоқулихон (1800-1871), Муҳаммад Ҳасанхон (ваф. 1896) аввалин мактабҳои олӣ – дорулфунун ташкил намуда, асарҳои беҳтарини географии Аврупо (таърихи кашфи қитъаи Амрико, саёҳати Стенли ба Африқо, капитан Гетерса ба Қутби Шимол ва ғайра)-ро ба форсӣ тарҷума карданд. Соли 1888 Муҳаммад Тақихон аввалин бор «Энсиклопедияи номҳои ҷуғрофӣ»-ро (574 саҳифа) якҷоя бо адабиёти истифодашуда тартиб додааст. Китоби Мирзо Ҳасани Шерозӣ оид ба географияи регионалӣ «Форсномаи Носирӣ» (1890, 10700 саҳ.), глобуси Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ (1895), асари сеҷилдаи Мароғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек» (1905-1909) ва Масъуди Кайҳон «Ҷуғрофияи муфассали Эрон» (1933) намунаи асарҳои барҷастаи географӣ мебошанд.

Ин асарҳо ба географияи табиӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ бахшида шуда, бо расму харита ва ҷадвалҳо оро дода шудаанд. Дар ин давра маъхазҳои географии форсу тоҷик аз арабӣ пурра ҷудо шуда, бо таъсири сарчашмаҳои навтарини аврупоӣ инкишоф меёбад.



*Аввалин донишҳои географӣ дар Мисри қадим (4000 сол пеш аз милод) пайдо шудаанд. Олими Юнони қадим Птолемей (асри II пеш аз милод) харитаи замони худро тартиб дода буд. Норманҳо («мардуми шимол») гирду атрофи Баҳри Миёназаминро таҳқиқ карда, Исландия, Гренландия ва Амрикои Шимолиро (асрҳои VIII – X) кашф намуданд. Дар инкишофи илмҳои географӣ хизмати олимони форсизабон Ибни Хурдодбеҳ (асри IX), Насируддини Тӯсӣ (асри XIII), Ҳамидуллоҳи Қазвинӣ (асри XIV) ва дигарон хеле бузург аст. Олимони форсу араб дар омӯхтани ҷаҳони онвақта – аз Пиреней то Чину Мадагаскар – ва тартиб додани харитаҳои дақиқ саҳми босазое доранд. Се кашфиёти бузурги аввали асри XVI – кашф шудани қитъаи Амрико, аз ҷануби Африқо ба Ҳиндустон кушода шудани роҳи баҳрӣ, саёҳати даври олам – дар инкишофи илми география воқеаҳои муҳим буданд.*

*1. Географияи давраи қадим чӣ гуна хусусиятҳоро доро буд? 2. Чаро асрҳои VIII – XV-ро давраи нашъунамои донишҳои географии форсу араб меноманд? 3. Кадом давраро давраи кашфиётҳои бузурги географӣ меноманд ва чаро? 4. Кадом олимони форсу тоҷики соҳаи география ин давраро медонед? Онҳо чӣ корҳоро анҷом додаанд?*

*1. Дар омӯзиши географияи Тоҷикистон Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ кадом корҳоро анҷом додааст?*

*1. Оид ба яке аз кашфиётҳои бузурги географӣ маълумот омода намоед.*

## § 2. ОМӮЗИШИ ТАБИАТ ВА ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН

*1. Кашфиётҳои географии ҷаҳон дар рушди илми география дар Тоҷикистон чӣ гуна таъсир расонидаанд? 2. Доғҳои «сафед» дар харитаи Тоҷикистон чӣ маъно дорад?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Омӯзиши табиати Тоҷикистон дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ.*
- *Нақши Ҷамъияти географии Русия дар омӯзиши географияи Тоҷикистон.*
- *Саҳми олимони муосири тоҷик дар омӯзиши масъалаҳои географияи Тоҷикистон.*

Тоҷикистон сарзамини ниҳоят қадим ва дорои таърихи чандинҳазорсола аст, вале доир ба омӯзиши табиат ва хоҷагии халқи дар замонҳои гузашта ба ҷуз навиштаҷоти сайёҳон ва баъзе маълумоти таърихӣ асари алоҳидае нест.

*Омӯзиши табиат ва хоҷагии халқи Тоҷикистон асосан дар нимаи дуюми асри XIX, баъди ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна оғоз ёфтааст.* Бо ташаббуси Академияи илмҳои Русия ва Ҷамъиятҳои гуногуни илмӣ (бахусус Ҷамъияти географии Русия) ба Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Тоҷикистон чандин эъзомияҳо (экспедитсияҳо) ташкил карда шуданд.

Аввалин бор географияи Тоҷикистон ба тарзи илмӣ аз тарафи олимони рус И. Ханников, Г. Грумм-Гржимайло, В. Ошанин, А. Федченко, А. Воейков (иқлимшинос) омӯхта шудааст. Дар таҳқиқи олами ҳайвонот А. Берг, Н. Северсов, олами наботот Л. Комаров, В. Липский, С. Коржинский саҳми босазо гузоштаанд. Таҳқиқоти нахустини геологиро дар қаламрави Тоҷикистон И. Мушкетов, А. Архангелский, Д. Наливкин ва дигарон гузарониданд.

Таҳқиқоти васеи географии Тоҷикистон ба солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ рост меояд.

**Давраи Ҳокимияти Шӯравӣ.** Ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ ва амалиёти босмачигарӣ пурра ба охир нарасида, дар ҳудуди Тоҷикистон экспедитсияи таҳқиқотӣ бо сарварии Н. Корженевский ба кор шурӯъ карда буд. Соли 1923 экспедитсияи мазкур ба ноҳияи дурдасти Помир сафар карда, доир ба орография ва шароити табиии водии рӯди Танимас ва мавзеи Қарокӯл маълумоти пурқимат ҷамъ намуд. Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳо нахустин китоби географӣ бо номи «Тоҷикистон» (соли 1925) навишта шуда буд, ки дар он нисбати релйеф, орография ва набототу ҳайвоноти кишвар маълумот дода шудааст.

*Академияи илмҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1928 ба Помир экспедитсияи нисбатан калонеро фиристод,* ки дар ҳайати он олимони намоёни онвақта Д. Шербаков, О. Шмидт, олими олмонӣ доктор Р. Финстервалдер ва дигарон иштирок доштанд. Экспедитсия қисми шимоли ғарбии Помирро, ки тамоман омӯхта нашуда буд, таҳқиқ намуда, якчанд кӯҳу қаторкӯҳ, даҳҳо қуллаю ағба ва пиряххои навро кашф намуд. Дар баробари кашфиёт ҳайати экспедитсия қисми баландкӯҳи Помирро дар баландии то 6700 метр ба нақша гирифт.

Б*о мақсади таҳқиқи васеи сарзамини тоҷикон соли 1932 экспедитсияи нави комплексии Помир ташкил карда шуд,* ки сарварии онро ходими калони давлатӣ, академик И. Горбунов ба уҳда дошт. Дар ҳайати ин экспедитсия

олимони машҳури ҷаҳонӣ Н. Вавилов, Н. Ферсман, Д. Наливкин, С. Олденбург, Е. Павловский ва дигарон ширкат намуданд. Иштирокчиёни экспедитсия дар як муддати кӯтоҳ қисми зиёди масоҳати ҷумҳуриро таҳқиқ карда, дар бораи сохти геологӣ, сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои гидроэнергетикӣ, хоку наботот, ҷангал ва ғайра маълумоти муҳим ҷамъ карданд. Натиҷаҳои ин экспедитсия дар ҷаласаи махсуси илмии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ (Ленинград, 1933) ҷамъбаст карда шуд. Дар ин ҷаласа масъалаи истифодаи захираҳои ғании табиӣ ва дар асоси он инкишоф додани қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҳангоми ҷамъбасти таҳқиқоти илмӣ олимон ба таърихи гузаштаи халқи тоҷик ва саҳми он дар пешрафту рушди тамаддуни ҷаҳонӣ диққати махсус доданд.



***Расми 1.*** *Стансияи метеорологӣ дар пиряхи Федченко*

Баъди чунин экспедитсияҳои илмӣ барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита давом додани таҳқиқоти илмӣ шароит фароҳам омад. Соли 1934 дар қисми ғарбии Помир истгоҳ (стансия)-и биологӣ таъсис ёфт, ки он аз

муассисаҳои доимӣ ва муваққатӣ дар деҳоти Ҷавшангоз, Поршнев, Дашт, Чечекта иборат буда, дар як муддати кӯтоҳ бисёр навъҳои зироат ва рустаниҳоро ба иқлими Бадахшон мутобиқ кунонид. *Тавассути ин экспедитсия дар пиряхи Федченко стансияи метеорологии (обуҳавошиносӣ) баландтарини ҷаҳон сохта шуд, ки он минбаъд ба расадхонаи геофизикӣ табдил ёфт.*

Дар ин давра дар водии Вахш стансияи таҷрибавӣ таъсис ёфт. Саҳми ин стансия дар омӯхтани таркиби хок, обҳои зеризаминӣ, низоми обёрии Вахш ва бартараф намудани оқибати шӯразании заминҳо хеле калон аст.



***Расми 2.*** *Боғи ботаникии Помир*

Соли 1951 дар ҳаёти илмию фарҳангии Тоҷикистон ҳодисаи муҳимме ба амал омад. Академияи илмҳои Тоҷикистон ташкил ёфт. Дар натиҷаи ин миқёси таҳқиқот оид ба табиат ва хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят васеъ гардид. Дар ин давра аввалин харитаҳои калонмиқёси географӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва хоку олами набототи ҷумҳурӣ тартиб дода шуданд. *Дар омӯзиши табиат*

*ва хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми шуъбаи таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолии (СОПС) Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии академик И. Нарзиқулов хеле бузург аст.* Бо ташаббуси ин муассиса аввали солҳои 60-ум таҳқиқоти махсус оид ба инкишофи қувваҳои истеҳсолии водии Вахшу Зарафшон ба анҷом расид. Дар ин таҳқиқот оид ба хоку иқлим, захираҳои обӣ, сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои замину ҷангал ва масъалаи истифодаи оқилонаи онҳо дастурҳои амиқ дода шудааст.

Дар омӯхтани масъалаҳои географияи Тоҷикистон саҳми олимони намоёни тоҷик И. Нарзиқулов, Қ. Ҷӯраев, К. Станюкович, М. Мамадҷонова ва дигарон хеле бузург аст. Ҳодисаи муҳимми ҳаёти илмию фарҳангии ҷумҳурӣ – нашри Атласи комплексии географии Тоҷикистон (соли 1968) мебошад. Барои тартиб додани ин атлас ғайр аз олимони тоҷик даҳҳо мутахассиси бомаҳорати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ иштирок намуданд. Атлас аз чунин қисматҳо иборат аст: шароит ва захираҳои табиӣ, аҳолӣ, хоҷагии халқ, илм, фарҳанг, тандурустӣ ва таърих. Дар он оид ба мавқеи географию релйеф, сохти геологӣ, маъданҳои фоиданок, хоку иқлим, захираҳои гидроэнергетикӣ, набототу ҳайвонот, ҷойгиршавии соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва нақлиёт маълумоти саҳеҳ оварда шудаанд.

Соли 1971 асари Қ. Ҷӯраев бо номи «Аҳаммияти иқтисодии обҳои Тоҷикистон» ба табъ расид, ки бори нахуст аз нигоҳи иқтисодӣ ба обҳои Тоҷикистон баҳои илмӣ дода шудааст.

*Академияи илмҳои Тоҷикистон соли 1982 асари калонҳаҷми «Тоҷикистон: табиат ва захираҳои табиӣ»-ро аз чоп баровард,* ки он маҳсули меҳнати босуботи олимони соҳаи илмҳои табиӣ мебошад. Дар он бори аввал доир ба тамоми навъҳои захираҳои табиии ҷумҳурӣ ва роҳҳои истифодаи оқилонаи онҳо дар оянда маълумоти мукаммал дода шудааст.



*Омӯзиши табиат ва хоҷагии халқи Тоҷикистон асосан дар нимаи дуюми асри XIX, баъди ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна огоз ёфтааст. Таҳқиқоти васеи географии Тоҷикистон ба солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ рост меояд. Бо мақсади таҳқиқи васеи сарзамини тоҷик соли 1932 экспедитсияи нави комплексии Помир ташкил карда шуд. Тавассути ин экспедитсия дар пиряхи Федченко стансияи метеорологии (обуҳавосанҷӣ) баландтарини ҷаҳон сохта шуд, ки он минбаъд ба расадхонаи геофизикӣ табдил ёфт. Дар омӯзиши табиат ва хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми шуъбаи таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолии (СОПС) Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле калон аст. Академияи илмҳои Тоҷикистон соли 1982 асари калонҳаҷми «Тоҷикистон: табиат ва захираҳои табиӣ»-ро аз чоп баровард, ки он маҳсули меҳнати босуботи олимони соҳаи илмҳои табиӣ мебошад.*

Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи миллии тоҷик» соли 1984 китоби нави калонҳаҷми «Тоҷикистон» (502 саҳ.)-ро нашр намуд, ки дар он соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ – саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, илму маориф, санъат ва ғайра ба тарзи саҳеҳ тасвир шудаанд. Шуъбаи география ва экологияи Академияи илмҳои Тоҷикистон харитаи «Ландшафтҳои табиии Тоҷикистон»-ро бо миқёси 1:750000 ва асари илмии «Ландшафтҳои Тоҷикистон»-ро ба табъ расонд. Дар ин харита ва асари калонҳаҷм бори аввал аз рӯйи ландшафтҳои мавҷуда беҳтар намудани вазъи экологии ҷумҳурӣ баён шудааст.

Ҳамин тариқ, дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ омӯзиши дақиқ ва комплексии табиату хоҷагии халқи Тоҷикистон, нашри асарҳои муҳимми илмию калонҳаҷм авҷ гирифт.



*1. Хусусиятҳои давраҳои инкишофи илмҳои географиро шарҳ диҳед. 2. Дар омӯзиши географияи Тоҷикистони тоинқилобӣ саҳми кадом олимонро медонед? 3. Вазъи омӯзиши*

*табиат ва хоҷагии халқи Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ чӣ гуна буд? 4. Кадом олимон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар омӯзиши географияи табиӣ ва иқтисодии Тоҷикистон саҳм гузоштаанд? 5. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ оид ба инкишофи илми география дар Тоҷикистон чӣ гуна тадбирҳо андешида шудаанд?*



*1. Аз нигоҳи шумо таҳқиқоти илмии кадом давра ба рушди географияи Тоҷикистон бештар таъсир расониданд? 2. Дар дафтар оид ба экспедитсияҳое, ки қаламрави Тоҷикистонро дар давраҳои гуногуни таърихӣ омӯхтаанд, дар ҳаҷми 3-4 ҷумла маълумот диҳед.*

## § 3. ОМӮЗИШИ ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

*Бузургтарин пиряхи кӯҳсор дар дунё пиряхи Федченко ба шумор меравад.*

*Аввалин маротиба қуллаи Исмоили Сомонӣ 3-юми сентябри соли 1933 аз ҷониби кӯҳнавард Абалаков Е. М. фатҳ карда шуд.*

*Парчами Тоҷикистон яке аз баландтарин парчамҳои давлатҳои ҷаҳон мебошад, ки сохтмони он 24-уми ноябри соли 2010 огоз гардида, 30-юми августи соли 2011 бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ кушода шудааст. Парчами Тоҷикистон дар дунё пас аз парчами давлати Арабистони Саудӣ (170 м) аз ҷиҳати баландӣ (165 м) дар ҷойи дуюм меистад, ки ба китоби рекордҳои Гиннес ворид гардидааст.*

*Ба даст овардани истиқлолият дар қатори дигар пешравиҳо барои инкишоф додани илм, аз ҷумла илми география имконияти васеъ фароҳам овард.* Барои он ки шароити нави сиёсӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар назди хоҷагии халқи мамлакат вазифаҳои нав ба миён гузошт. Яке аз муҳимтарини онҳо таъмин намудани бехатарии иқтисодӣ мебошад. Ҳал намудани ин масъала ҳаматарафа ва амиқ омӯхтани заминаи табиии рушди иқтисодӣ – табиат ва сарватҳои табиии ҷумҳуриро талаб намуд. Тарафҳои

алоҳидаи онро пажӯҳишгоҳҳои соҳавии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар намуданд.

Дар таҳқиқу пешниҳоди истифодаи самараноки сарватҳои маъданӣ, обӣ, энергетикӣ ва ғайра саҳми олимону муҳаққиқон бузург аст. Хусусан, ба захираҳои обӣ ва обию барқ диққати хос дода шудааст. Тоҷикистон дар миқёси Осиёи Марказӣ дорои захираи калони неруи обию барқӣ мебошад. Аз тарафи дигар дар бисёр ноҳияҳои кураи Замин минтақаҳое вуҷуд доранд, ки норасоии захираҳои обию барқӣ, хусусан оби нӯшокӣ барояшон ба масъалаи аввалиндараҷа табдил ёфтааст.

Маҳз ҳамин масъалаи умумиинсонӣ ва самаранок истифода бурдани сарватҳои обию барқи ҷумҳурӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро водор намуд, ки аз минбари Иҷлосияи 54-уми Созмони Милали Муттаҳид (с.1999) суханронӣ намуда, соли 2003-ро соли оби тоза эълон намояд, ки аз тарафи мамлакатҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфт. Ба ин хотир моҳи сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе форуми байналмилалии «Оби тоза» доир гардид ва олимону коршиносон аз мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ин масъаларо ҳаматарафа таҳлил намуданд. Онҳо ҷиддӣ будани ин масъаларо ба инобат гирифта, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун марҳалаи «Об барои ҳаёт» ва солҳои 2018-2028-ро даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» баррасӣ намуданд ва давом додани ин иқдоми некро тавсия доданд. Вобаста ба ин дар ҷумҳурӣ барои ҳаматарафа омӯхтану оқилона истифода бурдани захираҳои обию барқи ҷумҳурӣ Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии захираи об, гидроэнергетика ва экология ташкил карда шуд. Ҳамаи ин чорабиниҳои миқёси ҷаҳонӣ ва ҷумҳуриявӣ ба пешравии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва нашр намудани як қатор асарҳои илмию таълимӣ кумак расонид.

*Соли 2001 китоби М. Раҳимов «Табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистон» аз чоп баромад,* ки он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар равияи «фанҳои табииву риёзӣ» дар синфи X таълим дода мешавад. Дар фасли обҳои дохилии ин

асар оид ба навъ, захира, истифода, истеъмол ва муҳофизати об маълумоти васеъ дода шудааст. Доир ба масъалаи захира, истифода ва муҳофизати обҳои Тоҷикистон асари илмии «Захираи оби Тоҷикистон» (2003) ба табъ расид, ки онро Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба чоп омода намуд. Асарҳои дигари илмие, ки ба обҳои дохилии ҷумҳурӣ бахшида шудаанд, *китоби И. Тоҳиров, Г. Купайни «Захираи обҳои Тоҷикистон» дар 2 ҷилд, 1995; Х. Муҳаббатов «Об – манбаи ҳаёт», 2003; Х. Аброров «Тоҷикистон – кишвари кӯлҳои беназир», 2003; У. Муртазоев «Обанборҳои Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба ландшафти атроф», 2006* ва ғайра ба шумор меравconfiguration.

Дар ин давра силсилаи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ ва миёна низ аз чоп баромаданд: С. Худойбердиев, М. Раҳимов «Ҷуғрофияи Тоҷикистон» (с.2002, барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ), М. Кабутов «Географияи Тоҷикистон» (с.2004), М. Нурназаров, Х. Муҳаббатов «География» (с.1999, барои дохилшавандагони мактабҳои олӣ), М. Нурназаров, М. Раҳимов «Хоҷагии халқи Тоҷикистон» (1994). Соли 2004 атласи мактабӣ барои синфи 8 («Географияи Тоҷикистон») аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ аз чоп баромад.



***Расми 3.*** *Кӯл дар кӯҳҳои Фон*



*1. Кадом масъала омӯзиши ҳаматарафаи табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистонро талаб намуд? 2. Барои чӣ дар ҷумҳурии мо ба омӯзиши захираи об ва гидроэнергетика диққати ҷиддӣ дода шудааст? 3. Кадом пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти географӣ такон дод? 4. Таҳқиқоти географӣ ба чӣ равона карда шудааст? 5. Оё қаламрави Ватанро наомӯхта, рушди онро таъмин намудан мумкин аст?*



*1. Дар дафтар иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мавриди об ва истифода бурдани захираҳои обӣ нависед ва натиҷагирӣ намоед.*

# БОБИ I
# ГЕОГРАФИЯИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН

## § 4. МАВҚЕИ ГЕОГРАФӢ, ҲУДУД ВА ТАҚСИМОТИ МАЪМУРӢ

*1. Ба ташаккулёбии ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон кадом омилҳои таърихӣ таъсир намуданд?*

*2. Зери мафҳуми тақсимоти маъмурӣ чиро мефаҳмед?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Қаламрави Тоҷикистон дар кадом координатаҳои географӣ ҷойгир шудааст?*
- *Дар ҳудуди Тоҷикистон аз кадом навъҳои вақт истифода мебаранд?*
- *Масоҳати Тоҷикистон дар кадом минтақаи соатӣ ҷойгир шудааст?*
- *Чӣ маҷбур кард, ки мамлакатҳои ҷаҳон вақти минтақавиро қабул карданд?*

Агар ба харита назар андозед, *нуқтаҳои канорӣи Тоҷикистон дар байни арзҳои 36°–40’ ва 41°–05’-и шимолӣ ва тӯлҳои 67°–31’ ва 75°–14’-и шарқӣ, дар қисми ҷануби шарқии кӯҳсори Осиёи Миёна воқеъ гардидаанд.* Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мебошад (фақат баъзе ноҳияҳои Туркманистон аз ИДМ ҷанубтар ҷой гирифтаанд).

*Нуқтаҳои канории ҷумҳурӣ: шимолӣ – дар қаторкӯҳи Қурама, ҷанубӣ – дар водии дарёи Панҷ, ғарбӣ – дар қаторкӯҳҳои Зарафшон, шарқӣ – дар қаторкӯҳҳои Сарикӯл.* Тоҷикистон дар минтақаи муътадил, дур аз баҳру укёнусҳо ҷой гирифта, дар ҳамвориҳои он шароити биёбон ҳукмфармост. Дар Ғарб ба ҳудуди ҷумҳурӣ биёбону нимбиёбонҳои пастии Тӯрон даромадаанд, ки тадриҷан ба талу кӯҳдоманҳо мубаддал мешаванд. Дар Шарқ ҳудуди он ба кӯҳҳои осмонбӯс ва пуштакӯҳҳои Осиёи Марказӣ мувофиқ омада, аз Ғарб ба Шарқ 680 км тӯл кашидааст; дар қисми марказӣ он нисбатан борик (то 100км) буда, дар шимоли ғарб барҷастагии дарозрӯя дорад.

*Масоҳати Тоҷикистон 141,4 ҳаз. км$^2$ аст.* Аз ҷиҳати масоҳат Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна (11 дарсади масоҳат) ҷойи чорумро ишғол мекунад.

Сарҳади Тоҷикистон бисёр печ дар печ буда, дар тӯли чандин солҳо ташаккул ёфтааст. Дар шимол ва ғарб Тоҷикистон бо Ӯзбекистон, дар шимоли шарқӣ бо Қирғизистон ҳаммарз аст. Тоҷикистон дар ҷануб ба масофаи 1356 км бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон соли 1885 муқаррар карда шудааст ва он аз дарёҳои Панҷ ва Ому мегузарад. Дар шарқ Тоҷикистон ба масофаи 519 км бо Ҷумҳурии мардумии Чин ҳамсарҳад аст. Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми ҷануби шарқӣ сарҳади Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) низ ба шумор меравад. Дар ҷануби шарқ Тоҷикистонро аз Ҳиндустон ва Покистон қитъаи бараш аз 15 то 65 км ҷудо мекунад.

**Луғати географӣ**

***Тақсимоти маъмурию сиёсӣ** – ин тақсимоти ҳудуди давлатӣ буда, он воҳидҳоро ба қисмҳо (воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ) ҷудо намуда, мутобиқи он системаи мақомоти ҳокимияти маҳаллиро таъсис медиҳад. Он бо назардошти омилҳои табиӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, этникӣ ва миллӣ ба вуҷуд меояд.*

**Навъҳои вақт.** Дар тамоми минтақаҳо, аз ҷумла дар *Тоҷикистон се намуди вақт фарқ карда мешавад: вақти маҳаллӣ, минтақавӣ ва декретӣ.* Асоси тағйироти вақтро гардиши Замин дар гирди Офтоб ташкил менамояд. Вақти маҳаллӣ ба тӯли географии маҳал вобаста мебошад. Агар аз меридиани Гринвич (сифрӣ) сар карда, баъди ҳар 15° хатти тӯлӣ гузаронем, дар он сурат вақт дар ҳар як меридиан аз меридиани шафат як соат фарқ мекунад. Баробари афзудани масофаи байни нуқтаҳои дур аз рӯйи тӯл ин фарқ меафзояд. Чунин ҳолат барои рушди хоҷагӣ ва ҳаёти одамон душворӣ ба миён меоварад. Барои бартараф намудани ин номусоидӣ дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон вақти минтақавиро қабул

намуданд. Барои ин дар асоси қарордоди байналмилалӣ сатҳи кураи Заминро аз рӯйи меридианҳо ба 24 минтақа (тӯли ҳар як минтақа ба 15° баробар аст) шартан ҷудо намуда, қарор додаанд, ки дар доираи ҳар як минтақа вақтро аз рӯйи меридиане, ки он аз байни минтақа мегузарад, ҳисоб намоянд.

Вақти минтақавии минтақаҳои гуногун мувофиқи тартиби муқаррааргардида аз ғарб ба шарқ фарқ мекунад. Масалан, вақти маҳаллии шаҳри Душанбе вақти минтақавии 5-ум мебошад, ки онро аз рӯйи харитаи минтақаҳои соатӣ муайян кардан мумкин аст.

Ин тартиб нишон медиҳад, ки вақти маҳаллии Душанбе аз вақти маҳаллии меридиани сифрӣ 5 соат ва аз вақти маҳаллии минтақаи сеюм 3 соат фарқ мекунад. Бояд донист, ки барои бартараф намудани баъзе норасоиҳо ҳудуди минтақаҳо на ҳама вақт аз рӯйи меридианҳо кашида шудаанд. Ҳудуди минтақаҳои соатӣ баъзан аз паҳлуи шаҳрҳо, ҳудуди ноҳия, вилоят, дарёҳо ва ғайра гузаронида мешаванд.

Дар кишвари мо барои дар рӯзи корӣ пурра истифода бурдани равшанӣ ва қувваи барқ аз соли 1930 инҷониб вақти декретӣ низ амал мекунад, ки мувофиқи он дар қаламрави Тоҷикистон вақти минтақавӣ як соат ба пеш гузаронида шудааст.



*Тоҷикистон дар байни арзҳои 36°–40’ ва 41°–05’ -и шимолӣ ва тӯлҳои 67°–31’ ва 75°–14’-и шарқӣ, дар қисми ҷануби шарқии кӯҳсори Осиёи Миёна воқеъ гардидаанд. Нуқтаҳои канории ҷумҳурӣ: шимолӣ – дар қаторкӯҳи Қурама, ҷанубӣ – дар водии дарёи Панҷ, гарбӣ – дар қаторкӯҳҳои Зарафшон, шарқӣ – дар қаторкӯҳҳои Сарикӯл. Масоҳати Тоҷикистон 141,4 ҳаз. км² аст. Дар Тоҷикистон се намуди вақт фарқ карда мешавад: вақти маҳаллӣ, минтақавӣ ва декретӣ.*



*1. Дар харита координатаҳои географии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ёбед. Онҳоро шарҳ диҳед.*

*1. Чаро аз меридиани Гринвич (сифрӣ) сар карда баъди ҳар 15° хатти тӯлӣ гузаронем, вақт дар ҳар як меридиан аз меридиани шафат як соат фарқ мекунаду барои ҳамаи нуқтаҳои як меридиан тақрибан фарқ намекунад, вале баробари афзудани масофаи байни нуқтаҳои дур аз рӯйи тӯл ин фарқ меафзояд?*

*1. Тоҷикистон дар кадом минтақаи соатӣ ҷойгир шудааст? Ба кадом сабаб дар ҷумҳурии мо вақти декретӣ қабул гардидааст ва он аз кай боз идома дорад?*

**Ташаккулёбии ҳудуди ҷумҳурӣ.** Маълум аст, ки таърихи ташаккулёбии ҳудуд, таҷрибаи таърихӣ, мавқеи географӣ, тарҳи сарҳад, таркиби миллӣ ва дигар омилҳо дар ташаккул ёфтани давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсир доранд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар ягонагии давлат, рушд ва устуворию пойдории он ба инобат гирифтани ин омилҳо аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Дар давраҳои тақдирҳалкунандаи халқи мо ва ташаккул ёфтани ҳудуду фазои геополитикии он ин омилҳо ба таври хос таъсир расониданд.

| | |
|---|---|
| **Луғати географӣ** | ***Ҳудуд** – калимаи арабӣ буда, маънояш ҷамъи ҳад аст. Дар тоҷикӣ ҳудуд ба маънои сарҳад ва марзу бум истифода мешавад. Ҳудуд қаламрави давлатро ифода мекунад.* |

Аммо, аз сабаби он ки тоҷикон ҳамчун халқи қадимтарин бо дигар халқу миллатҳо дар як сарзамин ҳаёт ба сар мебурданд, таваҷҷуҳи муттаҳидӣ ва устуворгардии онҳоро бе таҳлили мухтасари таърихи Осиёи Марказӣ баён намудан душвор аст. Дар қаламрави Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, ҳанӯз пеш аз эраи мо аҳолӣ маскун шуда буд. Шароити ниҳоят мусоиди табиӣ, мавқеи географӣ ва геополитикии ин сарзамин диққати ғоратгаронаи сарварони бисёр давлатҳои дуру наздикро ба худ ҷалб менамуд. Ҳанӯз то кашфиёти бузурги географӣ ва ба миён омадани роҳҳои байналмилалии тиҷорати баҳрӣ тавассути

қаламрави Тоҷикистон роҳи тиҷорати абрешим Шарқро бо Ғарб пайваст мекард. Ҳама тохтутозҳои истилогарон аз ҷануб ва аз шимолу шарқ низ аз қаламрави он мегузашт. Ин буд, ки *дар асри VI пеш аз милод асосгузори давлати Ҳахоманишиён Куруш ба ин сарзамин ҳуҷум овард ва то ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ (соли 334 пеш аз милод) сарзамини Осиёи Марказӣ зери тасарруфи Ҳахоманишиён буд.* Баъди ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ дар ин қаламрав давлати Юнону Бохтар ташаккул ёфт. Тақрибан дар байни солҳои 140 ва 130-и то милод аҳолии Бохтар, Суғд бо ҳамроҳии қабилаҳои кӯчманчии массагетҳо ба ҳукмронии бисёрсолаи юнониҳо хотима доданд. *Баъд дар Бохтар давлати Тоҳириён ташаккул ёфта, бо Суғд ва дигар вилоятҳои Осиёи Марказӣ ба ҳайати давлати Кушониён дохил шуд.* Дар асри V Бохтар, Помир, Суғд ва дигар вилоятҳои Осиёи Марказӣ ба ҳайати иттиҳодияи ҳайтолиён шомил гардиданд. Ҳайтолиён кӯшиш карданд, ки дар заминҳои забткардаи худ як мамлакати мутамарказ ташкил намоянд. Чунин нақша норозигии ҳокимиятдорони маҳаллиро ба миён овард. Дар ин вақт дар шарқ давлати Турконии Ҳоқонӣ таъсис ёфт.

Онҳо дар асри VI ҳайтолиёнро шикаст дода, Осиёи Марказиро зери тасарруф даровarданд. Дар ин давра қаламрави Осиёи Марказӣ ба чанд мулки алоҳида тақсим шуда буд. Ин мулкҳо дар алоҳидагӣ худро аз дахолати беруна муҳофизат карда наметавонистанд. Ҳолати мазкур онҳоро водор намуд, ки дар атрофи мулки нисбатан пурқувват муттаҳид шаванд. Аз ҷумла, *мулкҳои водии рӯдҳои Зарафшон, Қашқадарё дар ибтидои асри VII ба атрофи ҳокимияти Самарқанд муттаҳид гардиданд, ки он мулкро давлати Суғд меномиданд.*

Ҳудуди *ҷанубии Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва шимоли Афғонистон ба давлати Тоҳириён дохил гардиданд.* Ба ин иттиҳодияи давлатӣ инчунин водии Вахш, Ҳисор дохил мешуданд. Дар ин давра дар қаламрави Истаравшан ва

Шаҳристон низ мулкҳои пурқувват ташкил ёфта буданд. Ҳокимони давлат ва мулкҳои онвақтаи Осиёи Марказӣ барои ҳалли масъалаҳои пайдошуда ҳар сари вақт дар яке аз шаҳрҳои Хоразм ҷамъ омада, онҳоро зимни якдигарфаҳмӣ ҳал менамуданд, ки яке аз таҷрибаҳои таърихии аҷдоди мо мебошад. Дар асри VIII қаламрави Осиёи Марказиро арабҳо баъди задухӯрдҳои шадиди бардавом забт намуда, ба ҳайати Хилофати исломӣ шомил намуданд. Баробари омадан арабҳо дини исломро ҷорӣ намуданд, аммо ба ҳама душвориҳои истилои арабҳо нигоҳ накарда тоҷикон забони худро нигоҳ доштанд. Тақрибан аз солҳои 750 сар карда арабҳо бо мақсади ҳокимияти худро дар Мовароуннаҳр мустаҳкам намудан донишмандон ва мулкдорони маҳаллиро ба корҳои идоракунии давлат ҷалб намуданд. Аммо ин чорабинӣ ба ҷойи мустаҳкам намудани ҳукмронии арабҳо, баръакс, барои озод шудани қаламрави Осиёи Марказӣ замина тайёр намуд. *Дар натиҷа давлати Сомониён ҳамчун давлати мутамаркази тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ (874-999) ба миён омад.* Дар ин давра халқи тоҷик дар натиҷаи муборизаҳои тӯлонӣ амалан истиқлолият ба даст даровард ва соҳиби иқтисодиёти миллӣ, илм ва маданияти пешқадам гардид. Баробари ба сари ҳокимият омадани сулолаи Сомониён ташаккул ёфтани халқи тоҷик ҳамчун миллат ба охир мерасад. Ин давраи гул-гулшукуфии илм, фарҳанг, санъат, савдо, ҳунармандӣ буд. Дар охири асри X дар натиҷаи суст шудани ҳокимияти давлати Сомониён дар Ҳафтрӯд ва шарқи Туркистон пурзӯр шудани сулолаи Қарахониён, дар шимоли Афғонистон ташкил ёфтани давлати Ғазнавиён таҳдид ба истиқлолияти Сомониён торафт бештар мегардид. *Қаламрави Сомониёнро Қарахониён ва Ғазнавиён (аз соли 999) тақсим мекунанд.* Маҳмуди Ғазнавӣ борҳо ба Ҳиндустон лашкар кашида, аз ҳисоби забт намудани Хоразм, вилоятҳои ҷанубии Тоҷикистон ва Ӯзбекистони имрӯза қаламрави худро васеъ намуд.

Дар бисёр мавзеъҳо қабилаҳои гуногуни туркзабон, аз ҷумла ӯзбекҳо дар байни рӯдҳои Сир ва Ому, туркманҳо дар Паси Каспий бартарӣ пайдо карданд.

*Солҳои 1220-1222 ҳудуди ҳозираи Осиёи Марказиро муғулҳо забт намуданд.* Дар ин давра илм, санъат, фарҳанг ва иқтисодиёт таназзул ёфт. *Соли 1370 милодӣ Мовароуннаҳрро намояндаи яке аз қабилаҳои муғул – барлос Темур ба зери тасарруфи худ даровард.* Вай давлати ниҳоят калонро ташкил намуд. Пойтахти он шаҳри Самарқанд ба яке аз шаҳрҳои зебо ва маркази илму маърифат табдил ёфт. Дар давраи ҳукмронии ӯ шаҳрҳо обод шуданд, иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ ва ҳунармандӣ тараққӣ кард, илму фарҳанг ҳам рӯ ба рушд ниҳоданд.

Дар ибтидои асри XVI қабилаҳои туркони кӯчманчӣ дар қаламрави Қазоқистон аз муборизаи дохилии ворисони Темур истифода бурда, бо сарварии Муҳаммад Шайбонихон қисми зиёди Осиёи Марказиро забт намуда, ба хешу ақрабо ва ҳаммаслакони худ вилоятҳои алоҳидаи онро тақсим намуданд.

Қабилаҳои туркони кӯчманчӣ дертар номи ӯзбекро гирифтанд. Дар ин давра Бухоро пойтахти мамлакат мегардад, ки онро Абдуллохон сарварӣ менамуд. Баъди вафоти Абдуллохон ҳокимият ба дасти сулолаи дигари ӯзбек – Аштархониён гузашт. Баъди аз миён рафтани сулолаи Аштархониён ба сари давлат сулолаи дигари ӯзбек – Манғитиён омаданд. Дар давраи ҳукмронияшон ӯзбекҳо дар тамоми қаламрави тасарруфнамудаи худ паҳн шуданд. Дар мулкҳои тоҷикнишин онҳо қисман урфу одат, малакаи хоҷагидории тоҷиконро қабул карда, аз ҳаёти бодиянишинӣ ба ҳаёти мулкӣ гузаштанд. Аз ин вазъияти этникии воҳаҳо гувоҳӣ медиҳад. Дар маркази воҳаҳо – шаҳрҳо асосан аҳолии муқимӣ – тоҷикон ва дар атрофи онҳо дар доманакӯҳҳо ва заминҳои ҳамвор дар қатори тоҷикон қабилаҳои ӯзбекзабон низ маскун шуданд.



*Дар асри VI-и пеш аз милод асосгузори давлати Ҳахоманишиён Куруш ба ин сарзамин ҳуҷум овард ва то ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ (соли 334 пеш аз милод) сарзамини Осиёи Марказӣ зери тасарруфи Ҳахоманишиён буд. Баъд дар Бохтар давлати Тоҳириён ташаккул ёфта, Суғд ва дигар вилоятҳои Осиёи Марказӣ ба ҳайати давлати Кӯшониён дохил шуданд. Мулкҳои водии рӯдҳои Зарафшон, Қашқадарё дар ибтидои асри VII ба атрофи ҳокимияти Самарқанд муттаҳид гардиданд, ки он мулкро давлати Суғд меномиданд. Ҳудуди ҷанубии Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва шимоли Афғонистон ба давлати Тоҳириён дохил гардиданд. Давлати Сомониён ҳамчун давлати мутамаркази тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ (874-999) ба миён омад. Қаламрави Сомониёнро Қарахониён ва Ғазнавиён (аз соли 999) тақсим мекунанд. Солҳои 1220-1222 ҳудуди ҳозираи Осиёи Марказиро муғулҳо забт намуданд. Соли 1370 милодӣ Мовароуннаҳрро намояндаи яке аз қабилаҳои омадаи муғул – барлос Темур зери тасарруфи худ даровард.*



*1. Ба сарзамини Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба мулкҳои тоҷикнишин дар давраи пеш аз милод кадом давлатҳо лашкар кашиданд? 2. Баъди хотима ёфтани ҳукмронии юнониҳо дар қаламрави Осиёи Марказӣ кадом давлатҳо ташаккул ёфтанд? 3. Ҳуҷум ва забт намудани ҳудуди Осиёи Марказӣ аз тарафи арабҳо ба ҳаёти халқҳои маҳаллӣ, аз ҷумла тоҷикон чӣ тағйирот ба амал овард? 3. Баъди шикаст хӯрдани давлати Сомониён қаламрави он дар байни кадом давлатҳо тақсим гардид?*



*1. Аз рӯйи матни китоб таҳлил кунед, ки қабилаҳои ӯзбек қаламрави Осиёи Марказиро чӣ тавр тасарруф намуданд? 2. Забт намудани Осиёи Марказӣ аз тарафи муғулҳо ба иқтисодиёт, илму фарҳанг чӣ гуна таъсир расонд?*



*1. Арабҳо барои мустаҳкам намудани хилофати исломӣ ашрофони маҳаллиро ба корҳои идоракунии давлат пешбарӣ намуданд, аммо барои чӣ ин чорабинии арабҳо, баръакс ба озод шудани Мовароуннаҳр замина гузошт?*

# ОСИЁИ МАРКАЗИРО ИШҒОЛ НАМУДАНИ РУСИЯИ ПОДШОҲӢ

*1. То ба Осиёи Марказӣ ҳуҷум кардани артиши русҳо дар ин ҷо кадом давлатҳо вуҷуд доштанд? 2. Баъди тасарруф кардани Осиёи Марказӣ Русия кадом мавзеъҳоро вассал ва кадоми онҳоро ба генерал-губернатори Туркистон муттаҳид намуд? 3. Ҳудуди Тоҷикистони Шимолиро ба кадом вилоятҳои генерал-губернатори Туркистон шомил намуд? 4. Тоҷикистон дар кадом солҳо Ҷумҳурии Мухтор ва Иттифоқӣ эълон карда шуд?*

**Дар ин қисми мавзӯъ шумо маълумоти зеринро пайдо мекунед:**

- *Осиёи Марказиро забт намудани Русияи подшоҳӣ.*
- *Тақсимоти миллию ҳудудии Осиёи Марказӣ.*
- *Ташаккулёбии ҳудуди Тоҷикистон*
- *Тақсимоти маъмурии Тоҷикистон.*

То ба Осиёи Марказӣ ҳуҷум овардани русҳо дар ин қаламрав якчанд давлатҳои калон вуҷуд доштанд. Калонтарини онҳо Бухоро, Хӯқанд ва Хива буданд. Ғайр аз ин давлатҳо боз мулкҳои хурди мустақилу ниммустақил ҳам вуҷуд доштанд. Дар байни ин давлатҳо ва мулкҳо доим муноқишаҳо мешуд. Дар натиҷа онҳо мустақилияти худро нигоҳ медоштанд ва ё дар зери асорати ду хонигарии ба ҳам мухолиф – Бухоро ва Хӯқанд мемонданд. Ҳамаи он муноқишаҳо сабабгори суст гардидани хонигариҳо ва мулкҳои қаламрави Осиёи Марказӣ гардиданд. Аз парокандагии сиёсӣ ва иқтисодии ин сарзамин сарварони давлатҳои Эрон, Туркия, Британияи Кабир истифода мебурданд. Бо мақсади забт кардани ин сарзамин онҳо бо ҳар баҳона ҷосусони худро мефиристоданд. Ҳамаи ин кӯшишҳо дар атрофи қаламрави Осиёи Марказӣ Русияро бетараф намегузошт. *Русия солҳои 50-уми асри XIX ба Осиёи Марказӣ сар даровarда, солҳои 60-ум амалиётҳои ҳарбиро идома дод.* Дар натиҷа хонигариҳои Бухоро, Хӯқанд ва Хива ба вассали (мутеи) Русия табдил ёфтанд. Боқимонда

мулкҳои забтгардида ба генерал-губернатори Туркистон муттаҳид карда шуда буд. Ба он вилояти Ҳафтрӯд, Сирдарё, Фарғона, Самарқанд ва Паси Каспий дохил мешуданд. Ҳангоми тақсимоти маъмурӣ бошад, маскуншавии таърихии халқҳо ба инобат гирифта нашуд. Он фақат бо мақсади осон намудани андозгирӣ ва идоракунӣ ташкил меёфт. Қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ бо ҳамин мақсад дар байни вилояти Фарғона (Конибодом ва Исфара), уезди Хуҷанд (шаҳри Хуҷанд ва Ӯротеппа), уезди Самарқанд (Панҷакент, Фалғар ва Мастчоҳ) тақсим гардид. Дар давраи Русияи подшоҳӣ иқтисодиёти он ҳудудҳое, ки ба генерал-губернатори Туркистон шомил буданд, нисбатан ба хонигариҳои Бухоро ва Хива пеш мерафтанд. Аз Красноводск то Тошканд, Хуҷанд, Андиҷон (1870-1899), аз Оренбург ба Тошканд роҳи оҳан сохта шуд. Ислоҳоти замин гузаронида шуд. Ба ҳосилнокии зироатҳо, аз ҷумла пахта аҳаммият медодагӣ шуданд. Талабот ба маҳсулоти ҳунармандӣ афзуд. *Инқилоби Октябр ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Русия муборизаи халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро барои истиқлолият пурзӯр намуд.* Дар натиҷаи мубориза инқилоб аввал дар Тошканд (1917) ва сипас дар тамоми Туркистон, аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон ғалаба кард. *Аморати Бухоро ҳокимияти худро то соли 1920 нигоҳ дошт. Баъдтар дар ин ҷо ҳам инқилоб ғалаба кард.*

Соли 1924 дар Осиёи Марказӣ тақсимоти миллию ҳудудии халқҳои дар ин сарзамин маскуншуда гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ хатои ҷиддӣ ва сиёсӣ содир гардид. *Пантуркистон харитаи этнографии халқҳои муқимиро сарфи назар карда, тақсимоти миллию сарҳадиро ба манфиати худ гузарониданд.* Ин тақсимоти миллӣ тамоили ҳудудӣ надошт. Хусусан, сукунати таърихан бавуҷудомадаи халқҳоро дар тақсимоти водии Фарғона (дар байни тоҷикон, ӯзбекҳо ва қирғизҳо) ва Зарафшон (дар байни тоҷикон ва ӯзбекҳо) ба инобат нагирифта, ин водиҳоро аз рӯйи манфиати иқтисодӣ (заминҳои обёришуда) тақсим

намуданд. Барои таъсис ёфтани нахустин давлати тоҷикон хизмати беандозаи Нусратуллоҳ Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Муҳиддинов, Ҳоҷибоев ва устод Айнию Лоҳутӣ ниҳоят бузург аст. Ҳамин тавр, *соли 1924 Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ба ҳайси ҷумҳурии мухтор таъсис ёфт.* Сарвари аввалини Тоҷикистон Нусратуллоҳ Махсум интихоб гардид. *Соли 1929 ҳангоми ба Ҷумҳурии Иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон* он норасоиҳое, ки дар тақсим ва ҷудо кардани қаламрави он рух дода буд, қисман ислоҳ карда шуд. Аз ҷумла ҳудуди округи Хуҷанд (ноҳияҳои Хуҷанд, Нов, Исфара, Конибодом ва Ашт), ки аҳолиаш асосан тоҷикон буданд, ба ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуд. Ҳамин тавр, Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Иттифоқӣ табдил ёфт. Баъди барҳам хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, *9 сентябри соли 1991,Ҷумҳурии Тоҷикистон худро мамлакати соҳибистиқлол эълон намуд.*

**Тақсимоти маъмурӣ.** Дар Тоҷикистон 2 вилоят, як вилояти мухтор ва 13 ноҳияи тобеи марказ (ҷадвали 1) мавҷуданд. Алҳол дар Тоҷикистон 23 шаҳр вуҷуд дорад. Шаҳрҳои Сарбанд, Норак ва Роғун дар соҳили рӯди Вахш сохта шудаанд. Онҳо маркази калони гидроэнергетикии Осиёи Миёна мебошанд.

***Ҷадвали 1***

**Тақсимоти маъмурии Тоҷикистон**

| | **Масоҳат, ҳаз.км$^2$** | **Ноҳияҳо** | **Шаҳрҳо** | **Шаҳракҳо** | **Ҷамоати деҳот** | **Пойтахти ҷумҳурӣ ва маркази вилоятҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 141,4 | 58 | 18 | 57 | 370 | Душанбе |
| Аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 64,1 | 7 | 1 | – | 43 | Хоруғ |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Суғд | 25,3 | 14 | 8 | 23 | 93 | Хуҷанд |
| Вилояти Хатлон | 24,6 | 24 | 4 | 23 | 133 | Бохтар |
| Ноҳияҳои тобеи марказ | 28,6 | 13 | 5 | 13 | 101 | – |



*Русия солҳои 50- уми асри XIX ба Осиёи Марказӣ сар даровардa, солҳои 60-ум амалиётҳои ҳарбиро идома дод. Инқилоби Октябр ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Русия муборизаи халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро барои истиқлолият пурзӯр намуд. Аморати Бухоро ҳокимияти худро то соли 1920 нигоҳ дошт. Баъдтар дар ин ҷо ҳам инқилоб ғалаба кард. Пантуркистон харитаи этнографии халқҳои муқимиро сарфи назар карда, тақсимоти миллию сарҳадиро ба манфиати худ гузаронидаанд.*

*Соли 1924 Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ба ҳайси ҷумҳурии мухтор таъсис ёфт. Соли 1929 Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Иттифоқӣ табдил ёфт. 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон худро мамлакати соҳибистиқлол эълон намуд.*



*1. Масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон қиёс кунед. Муайян намоед, ки масоҳати Тоҷикистон аз масоҳати ин ҷумҳуриҳо чанд маротиба хурд аст. 2. Мавқеи географии Тоҷикистонро тасвир кунед, хусусиятҳои онро шарҳ диҳед.*



*1. Аз харитаи Тоҷикистон мавқеи географии деҳа, ноҳия ё шаҳри худро муайян кунед. 2. Вилояту ноҳияҳои Тоҷикистонро ном баред, онҳоро аз харита нишон диҳед.*



*1. Барои чӣ ҳукуматдорони Русия зери таъсири пантуркистон ҳангоми дар қаламрави Осиёи Марказӣ гузаронидани тақсимоти сиёсию маъмурӣ ба ҷиҳати этникӣ (миллӣ)-и кишвар эътибор намедоданд? 2. Ба ақидаи шумо, Ҷумҳурии Иттифоқӣ эълон кардани Тоҷикистон масъалаи*

*тақсимоти сарҳадиро аз миён бурд ё не? 3. Тақсимоти сиёсию маъмурие, ки баъди инқилоби октябр гузаронидаанд, аз тақсимоти сиёсию маъмурие, ки Русияи подшоҳӣ гузаронида буд, чӣ фарқ дошт? 4. Ба фикри шумо, чаро вилоятҳои тоҷикнишини Бухоро, Самарқанд ва Сурхандарёро аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон доданд?*

## § 5. ХАРИТАҲО.
## КОР БО ХАРИТА

*1. Барои чӣ ҳама гуна таҳқиқоти географӣ аз харита оғоз ёфта, бо харита ба охир мерасад? 2. Харитаро хонда тавонистан чӣ маъно дорад? 3. Қаламрави Тоҷикистони Шимолиро ба кадом вилоятҳои генерал-губернатори Туркистон шомил намуд? 4. Тоҷикистон дар кадом солҳо Ҷумҳурии Мухтор ва Иттифоқӣ эълон карда шуд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Харитаи географиро хонда тавонистан чӣ маъно дорад?*
- *Миқёс чист?*
- *Харитаҳои географӣ аз рӯйи миқёс чӣ тафовут доранд?*

### МАЗМУН ВА АҲАММИЯТИ ХАРИТАҲОИ ГЕОГРАФӢ

| **Луғати географӣ** | ***Харитаи географӣ*** *тасвири хурд ва ҷамъбастшудаи сатҳи Замин дар ҳамворӣ мебошад, ки объектҳои географии он бо аломатҳои шартӣ қайд шудаанд.* |
|---|---|

*Ҳама гуна таҳқиқоти географӣ аз харита оғоз шуда, бо харита ба анҷом мерасад.* Ин чунин маъно дорад, ки ҳудуди таҳқиқшаванда дар ибтидо аз рӯйи харита бо диққат омӯхта мешавад, сипас ба мавзеи таҳқиқ рафта, маълумоти харитаро амиқ ва пурра мекунанд. *Сатҳи Замин, аз ҷумла ҳудуди таҳқиқшавандаро дар харитаҳои географӣ тавассути проексияҳои картографӣ ва аломатҳои шартӣ нишон медиҳанд.* Аз ин ҷо одамон дар бораи сатҳи Замин ва ҳудуди таҳқиқшаванда аз рӯйи харитаҳо тасаввурот ҳосил менамоянд. Харитаҳо дар ҳаёти ҳаррӯза бо мақсадҳои

мухталиф истифода мешаванд: дар корҳои илмию таҳқиқотӣ, баҳрнавардӣ, ҳарбӣ, соҳаҳои хоҷагии халқ. Ин водор менамояд, ки на фақат олимон, балки ҳамаи одамон бояд малакаи харитахонӣ дошта бошанд. Малакаи харитахонӣ чунин маъно надорад, ки дар харита номи шаҳрҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо ва ғайраро хонда тавонем. Инро ҳар шахсе, ки ҳарфро хонда метавонад, иҷро карда метавонад. *Хонда тавонистани харита чунин маъно дорад, ки дар харита чӣ тавр ин ва ё он кишвар акс ёфтааст, ҳамон тавр тасаввур карда тавонад.* Харитаҳои географиро, чи тавре ки қаблан баён намудем, дар соҳаҳои гуногун бо мақсадҳои гуногун истифода мебаранд. Вобаста ба ин онҳоро бо мазмун ва миқёсҳои гуногун тайёр менамоянд.

**Тафовути харитаҳо аз рӯйи миқёс.** Миқёси харитаҳо гуногун мешавад. Онҳоро одатан ба харитаҳои калонмиқёс, миёнамиқёс ва хурдмиқёс ҷудо менамоянд. Харитаҳоро аз китоби «Географияи табиӣ», барои синфи 6-ум, ба хотир оред.

| **Луғати географӣ** | ***Миқёс** ченаки шартиест, ки ҳангоми дар харита ё нақша тасвир намудани маҳал чанд маротиба хурд шудани масофаро нишон медиҳад.* |
|---|---|

Харитаҳои калонмиқёс дар миқёси аз 1:200000 калонтар – 1:1000, 1:10000, 1:25000, 1:50000, 1:100000 тартиб дода мешаванд. Дар чунин харитаҳо маҳал муфассал тасвир карда мешавад. Онҳоро харитаҳои топографӣ ё ки умумигеографӣ мегӯянд. Ин гурӯҳи харитаҳоро барои корҳои илмӣ, ҳарбӣ, кофтуковҳои геологӣ, сохтмон, роҳсозӣ ва ғайра, ки ченкуниҳои дақиқро талаб менамоянд, истифода мебаранд.

Ба харитаҳои миёнамиқёс харитаҳое дохил мешаванд, ки дар миқёси аз 1:200000 то 1:1000000 тартиб дода шудаанд. Чунин харитаҳо барои таҳқиқоти умумӣ, гузаронидани қаламрав ва ҳисобкуниҳои начандон дақиқ истифода мешаванд. Онҳоро харитаҳои тавсифию топографӣ меноманд. Ба харитаҳои хурдмиқёс бошад, харитаҳое дохил мешаванд,

ки дар онҳо сатҳи Замин аз 1:1000000 маротиба хурд нишон дода мешавад. Аз рӯйи ин гуна харитаҳо ҳудуди фарохро меомӯзанд, ки бештар дар ҷараёни таълими география истифода мешаванд.

**Маводди иловагӣ.** Дар ҷараёни тартиб додани харита баробари хурд шудани миқёси он объект ва ҳодисаҳои географӣ пурра тасвир карда намешаванд. Мисол, 1 километри мураббаъ масоҳат дар харита бо миқёси 1:100 – 1 метр, бо миқёси 1:1000 – 1 детсиметр, бо миқёси 1:100000 – 1 сантиметр, бо миқёси 1:1000000 – миллиметри мураббаъ масоҳат акс карда мешавад. Аз ин ҷо маълум аст, ки дар харита дар миқёси 1:1000 қитъаи хурди масоҳат бо пуррагӣ, дар миқёси 1:1000 000 бошад, ҳамчун як нуқта тасвир карда мешавад.



*Абӯрайҳони Берунӣ бори аввал ба ҷорӣ намудани ҳисоби даҳӣ муваффақ гардид. Вай доираи мавҷудаи илми геодезияро васеъ намуд, бо усулҳои анъанавӣ ва кашфиёти худ арзу тӯли бештар аз 600 мавзеъро чен карда, ҷадвале сохт. Берунӣ андозаи Заминро хеле саҳеҳ андоза кард, ки аз ченкунии замони мо танҳо 110 км фарқ мекунаду халос.*



**Ҷамъбасти картографӣ.** Аз мисоли дар боло зикрёфта маълум аст, ки дар харитаҳо пурра ва амиқ тасвир ёфтани объект ва ҳодисаҳои географӣ ба калонӣ ва хурдии миқёс вобаста мебошад. Қатъи назар аз ин, дар харитаҳои калонмиқёс ҳам маҳалро ҳаматарафа тавсиф намудан душвор аст.

Бинобар ин, ҳангоми тартиб додани харитаҳо аввал ҳамон объектҳоро интихоб менамоянд, ки ба миқёс мувофиқ ояд ва он барои маҳалли дар харита тавсифшаванда объекти муҳим ба ҳисоб равад.

Дар харитаҳои калонмиқёс объектҳо муфассалтар тавсиф карда мешаванд, аммо дар харитаҳои хурдмиқёс бисёр

объектҳо истисно ва бо ҳам якҷоя карда мешаванд. Аз ин ҷо интихоб ва ҷамъбасти объектҳои географиро, ки мувофиқи миқёс дар харита тасвир карда мешаванд, (генерализатсияи картографӣ) ҷамъбасти картографӣ меноманд.

**Аломатҳои шартӣ.** Барои дар харитаҳо тасвир кардани объекту ҳодисаҳои географӣ аз аломатҳои шартии махсус истифода мебаранд. Шарҳи он дар тавзеҳи харита дода мешавад. Азхуд намудани он калидест барои хондани харита.

**Луғати географӣ** | *Аломатҳоеро, ки дар харита ва нақша барои ишора намудани объект ва ҳодисаҳо истифода мегарданд, аломатҳои шартӣ меноманд.*

Аломатҳои шартие, ки дар тавзеҳ нишон медиҳанд, ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: тарҳӣ (контурӣ), хаттӣ ва ғайримиқёсӣ. Бо аломатҳои шартии тарҳӣ (контурӣ) масоҳати ҷангал, (ботлоқ), кӯл, маҳаллаи шаҳрҳо, бо аломатҳои шартии хаттӣ дарё, ҷӯй, сарҳад, канал, роҳ ва ғайра ифода мешаванд. Аломатҳои шартиеро, ки ба миқёси харита мутобиқат намекунанд, аломатҳои шартии ғайримиқёсӣ мегӯянд. Бо ин навъи аломатҳои шартӣ дар харитаҳои калон ва миёнамиқёс заводу фабрика, осиёбу истгоҳҳои барқӣ, ёдгориҳои табиӣ, таърихӣ ва ғайра нишон дода мешаванд. Онҳо расм ва ё шаклҳои одии геометрӣ буда, ба шакли объектҳои дар харита аксёфта шабоҳат доранд.

Ғайр аз аломатҳои шартии дар боло зикрёфта, инчунин, аломатҳои шартии самтмуайянкунанда ва тафсирӣ вуҷуд доранд. Онҳо дар харита тавсифи объектҳоро комил менамоянд. Ба чунин аломатҳои шартӣ ақрабаки нишондиҳандаи самти ҷараёни дарё, ҳаракати бод, акси дарахте, ки дар бешазор бартарӣ дорад (паҳнбарг ва ё сӯзанбарг), дохил мешаванд. Бар хилофи харитаҳои умумигеографӣ дар харитаҳои мавзӯӣ (соҳавӣ) шаклҳои тасвири объектҳои географиро истифода мебаранд. Яке аз онҳо тасвири рангаи харита мебошад. Бо ин усул сарҳадҳои

алоҳида аз якдигар фарқ карда мешаванд. Ҳар як ҳудудро бо ранги алоҳида тасвир менамоянд. Мисол, харитаи сиёсии ҷаҳон ва харитаи сиёсии маъмурии мамлакатҳои алоҳида, аз ҷумла Тоҷикистон. Ин усул дар тартиб додани харитаи хок, наботот, сохти геологӣ, тектоникӣ истифода мешавад. Баландиҳои якхелаи сатҳи Заминро дар харитаи табиӣ бо изохатҳо ифода менамоянд. Чуқуриҳои якхелаи зери баҳр ва уқёнусро бошад, бо изобатҳо тасвир мекунанд. Дар харитаи иқлимӣ ҳарорати якхелаи кишварҳои гуногунро бо изотермҳо бо ҳам пайваст менамоянд. Хатҳои ҳаракатро дар харитаи нақлиёт барои ишора намудани самтҳои ҳаракати нақлиёт истифода мебаранд.



*1. Харитаҳои калонмиқёс, миёнамиқёс ва хурдмиқёсро муқоиса намоед ва гӯед, ки кадоми онҳо унсурҳои табиат ва объектҳои иқтисодию иҷтимоиро амиқ ва муфассал тасвир мекунанд?*



*1. Ба андешаи шумо, дониши картографӣ барои пешрафти кадом соҳаҳо омили муҳим ба ҳисоб меравад? 2. Ба ақидаи шумо, ҳангоми тартиб додани харитаҳо аввал кадом объектҳоро интихоб мекунанд ва барои чӣ? 3. Аломатҳои шартӣ дар харита барои чӣ заруранд?*



*1. Оид ба харитаҳое, ки олимони форсу тоҷик дар қадим сохтаанд, маълумот омода намуда, баромад кунед.*

## ХАРИТАҲОИ ТОПОГРАФӢ



*1. Харитаҳои топографиро бо кадом мақсад истифода мебаранд?*

*2. Дар харитаи топографӣ ҷадвали ададҳо барои чӣ тартиб дода шудааст?*

**Дар ин қисми мавзӯъ шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Харитаи топографӣ чӣ гуна харита аст?*
- *Тасвир ва омӯхтани релйеф дар харитаи топографӣ чӣ тавр амалӣ мегардад?*

*Харитаҳои топографӣ ба харитаҳои калонмиқёси умумигеографӣ мансубанд. Дар чунин харитаҳо объектҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дақиқ ва муфассал нишон дода мешаванд.* Одатан, онҳо дар миқёси 1:500 – 1:100000 тартиб дода мешаванд. Аммо харитаҳои тафсирию топографӣ дар миқёси 1:200000 – 1:1000000 сохта мешаванд. Онҳоро асосан бо усули харитасозӣ тартиб медиҳанд. Барои ченкуниҳои амиқ ва муайян намудани мавқеи ҳақиқии объектҳои географӣ тартиб додани харитаҳои топографии калонтарин зарур аст.




Бо ин мақсад харитаи миқёсаш 1:100000-ро аз сари нав бо меридиан ва хатҳои мувозӣ такроран тақсим мекунем. Дар натиҷа харитаҳои топографии миқёсашон калонтарин ҳосил мешаванд.

**Тасвир ва омӯхтани релйеф дар харитаи топографӣ**

Ноҳамвории сатҳи хушкӣ, ки онро релйеф мегӯем, яке аз унсурҳои асосии табиат ба ҳисоб меравад. Гуногунии шаклҳои он хусусияти дигар унсурҳои табиӣ ва иқтисодӣ (гуногунии иқлим, паҳншавии хок, наботот, ҷойгиршавии роҳҳо, соҳаҳои кишоварзӣ, корхонаҳои саноатӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва ғайра)-ро муайян мекунад.




Ин аз рӯйи харитаҳои калонмиқёс ҳаматарафа омӯхтани релйефро талаб менамояд. Бе ин амалиёт шаклҳои гуногуни релйеф (кӯҳҳо, доманакӯҳҳо, адирҳо, ҳамвориҳо ва ғайра)-ро мувофиқи талаботи хоҷагӣ истифода бурдан

душвор аст. Ба ин мақсад *дар харитаҳои топографӣ релйефро бо хатҳои уфуқӣ, ё ки изогипсҳо (хатҳое, ки баландиҳои якхеларо пайваст мекунанд)* тасвир менамоянд. Хатҳои уфуқӣ дар табиат дар натиҷаи дар фосилаи муайяни ҳудуд фарқ намудани баландӣ ҳосил мешаванд. Онро баландии буриш (марзӣ) мегӯянд. Ҳар як фосилаи фарқи баландӣ як баландии буришро ба миён меоварад. Мисол, дар ҳудуди ҳамворию доманакӯҳ, ҳамворию адир, миёнакӯҳ, баландкӯҳ, байни ҳамвориҳои баландиашон гуногун ва ғайра. Аз ин ҷо фарқи баландии хатҳои уфуқӣ ба баландии буриш баробар мебошад. Агар дар харита хатҳои уфуқӣ ҳар қадар зич ҷойгир шуда бошанд, маҳал ҳамон қадар баланд буда, нишебии он аз ҳад ростфаромада мебошад. Донистани ин ҳолатҳо ба мо имкон медиҳад, ки аз рӯйи хатҳои уфуқӣ баландӣ ва нишебии як маҳалли сатҳи Заминро аз рӯйи тарзи ҷойгиршавии (зич ё васеъ) як хатти уфуқӣ нисбат ба дигараш муайян намоем. Ба ин мақсад дар самти ҷанубии чорчӯбаи харитаҳои топографӣ баландии буриши релйеф ва ҷадвали баландиҳо ҷойгир карда шудааст. Баландии мутлақ (аз сатҳи баҳр) дар харитаҳои калонмиқёс, миёнамиқёс ва хурдмиқёси қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, аз сатҳи Баҳри Балтик ҳисоб карда шудааст. Барои омӯхтани релйефи дар харитаҳои топографӣ тавсифёфта аломатҳоеро, ки тавассути онҳо самт, моилии нишебиҳо, ноҳамвории маҳал, баландии нуқтаҳо нисбат ба сатҳи баҳр ва баландии як нуқта нисбат ба дигарашро ифода менамоянд, бояд хуб донист. Мисол, агар самти нишебӣ дар харита нишон дода нашуда бошад, аз рӯйи шакли хатҳои уфуқӣ кӯҳро аз чуқурӣ фарқ кардан душвор аст. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми дар харита гузаронидани хатҳои уфуқӣ барои ифода намудани самти нишебӣ ба хатҳои уфуқӣ ва амудӣ хатти кӯтоҳ кашида мешавад, ки онро берг-штрих меноманд. Тавассути нишондиҳандаҳои ададӣ баландии хатҳои уфуқӣ ва нишонаҳои нуқтаи баландӣ – баландии онҳоро аз сатҳи баҳр нишон медиҳанд.

*Дар поёни харитаҳои топографӣ барои муайян намудани майлони нишебиҳо ҷадвали ададҳо тартиб дода шудааст.* Дар поёни асоси ин ҷадвал майлони нишебиҳо бо дараҷа ва дар хатҳои нисбат ба асос амудӣ кашида, мувофиқи миқёси харита масофаи байни хатҳои уфуқӣ ишора карда шудаанд, ки тавассути онҳо майлони нишебиҳо аз рӯйи харитаҳои топографӣ муайян карда мешаванд.

**Тасвири релйеф дар харитаҳои хурдмиқёс.** Тасвири релйеф дар харитаҳои хурдмиқёс аз харитаҳои калонмиқёс (топографӣ) фарқ мекунад. Дар онҳо объектҳои географӣ муфассал акс намеёбанд. Бисёри онҳо истисно ва якҷоя карда мешаванд. Бо ҳамин мақсад, баландии буришро афзун ва хатҳои уфуқиро умумӣ (яъне, якчанд зинаи баландиро якҷоя) менамоянд. Аз рӯйи чунин хатҳои уфуқӣ фақат дар бораи баландии мутлақу нисбии нуқтаҳои сатҳи Замин ва моилии нишебиҳо маълумот гирифтан мумкин аст. *Дигар фарқи харитаҳои хурдмиқёс аз харитаҳои топографӣ дар он аст, ки баландии маҳалро бо хатҳои уфуқӣ ва масофаи байни онҳоро бо усули рангкунӣ тасвир мекунанд, яъне дар онҳо фарқи зинаҳои баландӣ ҳам бо хатҳои уфуқӣ ва ҳам бо ранг ифода карда мешаванд.* Дар ин сурат фазои байни хатҳои уфуқии пастию пастхамиҳоро ифодакунанда дар харитаҳои табиӣ бо ранги сабзи гуногунтобиш, доманакӯҳ ва баландкӯҳҳо бо рангҳои зард, норинҷӣ ва қаҳваӣ ранг карда мешаванд. Ивазшавии рангҳо аз сатҳи баҳр ба тарафи қуллаи кӯҳҳо аз тадриҷан баланд шудани сатҳи маҳал гувоҳӣ медиҳад. Бо ҳамин усул чуқурии баҳру уқёнусҳо низ дар харитаҳо ифода мешаванд, яъне чуқуриҳои гуногуни якхеларо бо изобатҳо (хатҳои чуқуриаш якхела) пайваст намуда, фазои байни онҳоро бо ранги кабуди тобишҳои гуногундошта ифода мекунанд. Зинаҳои баландӣ ва чуқуриро ҳамчун ҷадвал тартиб дода, дар поёни харитаҳо бо дигар аломатҳои шартӣ якҷоя тасвир менамоянд. *Аз рӯйи харитаҳои табиӣ, ки дар онҳо релйефи сатҳи Замин тасвир гардидааст, на фақат баландии хатҳои уфуқӣ, нуқтаҳо ва*

*моилии нишебиро муайян мекунанд, инчунин аз рӯйи онҳо бо мақсадҳои гуногун профили (буриши) релйефи маҳалро тартиб медиҳанд.* Мисол, барои муайян намудани фарқи ҳудуди наботот, хок, ҷинсҳои кӯҳӣ профили геоботаникӣ, хок, геологӣ тартиб медиҳанд. Профили релйефро ҳангоми ба нақша гирифтани сохтмони нақб (тунел), рӯди сунъӣ, роҳҳо низ омода месозанд. Профили муфассал аз рӯйи харитаҳои калонмиқёс (топографӣ) ва тавсифӣ бошад аз рӯйи харитаҳои табиии хурдмиқёс сохта мешавад. Барои тартиб додани профили релйефи маҳал аввал дар байни ду нуқтае, ки дар харита аз якдигар дар масофаи дур воқеъ гардидаанд, як хат кашида, нуқтаҳоро бо ҳарфҳои А ва Б ишора менамоем. Баъд як ҷадвал месозем, дар он ҷо баландии нуқтаҳо ба ҳисоби метр ва дар харита ба ҳисоби сантиметр мувофиқи ҳар як нуқта навишта мешавад.




Дар асоси маълумоти ҷадвал профилро месозем. Барои ин ду миқёс интихоб мекунем (уфуқӣ ва амудӣ). Сипас, дар рӯйи варақи катакдор мувофиқи миқёси харита дарозии хатеро, ки дар харита нуқтаҳои А ва Б-ро пайваст намудааст, айнан мегузаронем. Баъди ин аз тарафи чап ба он амудӣ як хат мекашем. Мувофиқи миқёси амудӣ дар хатти амудӣ нишондоди баландии нуқтаҳо дар хатти уфуқӣ (А ва Б) кашида шавад, мувофиқи миқёси уфуқӣ натиҷаи ченкунӣ байни нуқтаҳо гузошта мешавад. Дар он ҷое, ки нуқтаҳои буриш ҳосил шудаанд, онҳоро бо хатти каҷ пайваст менамоем.



*Харитаҳои топографӣ ба харитаҳои калонмиқёси умумигеографӣ мансубанд. Дар чунин харитаҳо объектҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дақиқ ва муфассал нишон дода мешаванд. Дар харитаҳои топографӣ релйефро бо хатҳои уфуқӣ, ё ки изогипсҳо (хатҳое, ки баландиҳои якхеларо пайваст мекунанд) тасвир менамоянд. Дар поёни харитаҳои топографӣ барои муайян намудани майлони нишебиҳо ҷадвалиададҳо тартиб дода шудааст. Фарқи харитаҳои хурдмиқёс аз харитаҳои топографӣ дар он аст, ки баландии маҳалро бо хатҳои уфуқӣ ва масофаи байни онҳоро бо усули рангкунӣ тасвир мекунанд, яъне дар онҳо фарқи зинаҳои баландӣ ҳам бо хатҳои уфуқӣ ва ҳам бо ранг ифода карда мешаванд. Аз рӯйи харитаҳои табиӣ, ки дар онҳо релйефи сатҳи Замин тасвир гардидааст, на фақат баландии хатҳои уфуқӣ, нуқтаҳо ва моилии нишебиро муайян мекунанд, инчунин аз рӯйи онҳо бо мақсадҳои гуногун профили (буриши) релйефи маҳалро тартиб медиҳанд.*



*1. Дар харитаҳои топографӣ ноҳамвориҳоро бо чӣ ифода мекунанд? Тасвири релйеф дар харитаҳои хурдмиқёс аз харитаҳои топографӣ чӣ фарқ дорад?*



*1. Фаҳмонед, ки барои чӣ дар вақти тартиб додани харитаҳои хурдмиқёс аз бисёр объектҳо сарфи назар мекунанд? Хонда тавонистани харита чӣ маъно дорад?*



*1.«Харита чашми артиш аст». Шумо ин мафҳумро чӣ гуна мефаҳмед?*

## § 6. СОЛШУМОРИИ ГЕОЛОГӢ



*1. Вақти геологӣ чист? 2. Дар асоси чӣ таърихи Заминро ба эраҳо ва давраҳо тақсим мекунанд?*

**Дар ин қисми мавзӯъ шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Солшумории геологӣ чӣ гуна солшуморӣ аст?*
- *Тасвир ва омӯхтани релйеф дар харитаи топографӣ чӣ тавр амалӣ мегардад?*
- *Синну соли Замин чӣ гуна муайян карда мешавад? Синну соли нисбӣ ва мутлақи Замин чӣ маъно дорад?*

**Вақти геологӣ.** Агар ба харитаи табиии кураи Замин назар афканем, дар сатҳи он ноҳамвориҳои хурду азимро мебинем, ки онҳо аз ҷинсҳои кӯҳии пайдоишашон мухталиф ташаккул ёфтаанд. Синни қадимтарини онҳо 3,8 млрд солро ташкил менамояд. *Синни Замин бошад, ба 4,5 – 5 млрд сол баробар аст.* Ҳамаи ин масъалаҳо водор менамоянд, ки аз таърихи геологии Замин бохабар бошем. *Таърихи геологӣ дар доираи вақти геологӣ амал мекунад* ва муҳлати дурударозро дар бар мегирад, ки дар он қишри Замин ташаккул ёфтааст.

| **Луғати географӣ** | *Муҳлати дурударозеро, ки дар он қишри Замин ташаккул ёфтааст, вақти геологӣ меноманд.* |
|---|---|

Дар ин вақт дар қишри Замин ҳодисаҳои гуногун ҷараён гирифт. Аз ҷумла, дар натиҷаи борҳо такон хӯрдани қишри Замин дар он кафидагиҳо, шикастагиҳо, чокиҳо, хамидагиҳо, чӯкидагиҳо ба миён омаданд. Тавассути чокиҳо ва шикастагиҳо, ки дар натиҷаи таконхӯрии қишри Замин ба амал омадаанд, аз қабати мантия тафта (магма) ба сатҳи Замин баромада, ҳамчун як хамираи ҳарораташ баланд ҷорӣ мешавад, ки онро «гудоза» меноманд. Дар натиҷаи дар кафидагиҳои қишри Замин оҳиста-оҳиста хунук шудани тафта аз он минералҳо, ҷинсҳои кристаллии шаффоф ва дигар ҷинсҳои кӯҳии магмавӣ ҳосил мешуданд. Дар як вақт дар хамидагиҳо ва чӯкидагиҳои зери баҳрҳо, хамидагиҳои материкҳо қабати аз ҳад ғафси таҳшинҳо ҳосил шуданд. Баробари ҷараён гирифтани ин ҳодиса пайваста бо ҷинсҳои таҳшинӣ боқимондаҳои ҳайвонот ва наботот якҷоя хобонида мешуданд. Ин нишон медиҳад, ки рушди қишри Замин як вақти дурударозро дар бар мегирад, ки ҳар як муҳлати он бо хусусиятҳои хосси худ фарқ мекунад. Маҳз ҳамин фарқи муҳлатии рушди қишри Заминро ба ҳисоб гирифта, таърихи геологии Заминро олимон ба эра ва давраҳо тақсим намуданд, ки ҳар кадоми

онҳо аз ҷиҳати инкишофи релйефи сатҳи Замин, хусусияти хосси иқлим, паҳншавии наботот ва ҳайвонот аз якдигар фарқ мекарданд. *Яке аз хусусиятҳои хосси инкишофи қишри Замин дар он аст, ки дар ҷараёни ташаккулёбӣ қитъаҳои серҳаракати он – геосинклиналҳо ба пораҳои литосферии сахту устувор табдил меёбанд* (аз маводди китоби синфи 7 ба ёд оваред, ки он пораҳои устувору сахтро чӣ меноманд?). Яъне, ҳодисаҳои кӯҳҳосилшавӣ, ки дар геосинклиналҳо вуҷуд доштанд, оҳиста-оҳиста хомӯш ва кӯҳҳои қадим ҳамвор мешаванд. Минбаъд дар ин гуна қитъаҳо ҳаракатҳои оҳиста бардошташавӣ ва оҳиста пастшавӣ мушоҳида карда мешаванд. Вобаста ба ин, дар давраи рушди қишри Замин таносуб ва тарҳи хушкию баҳрҳо тағйир ёфтанд. Дар масоҳати васеи фурӯрафтагиҳои баҳрӣ кӯҳҳо ҳосил гардида, дар ҷойи системаи кӯҳҳои вайроншуда масоҳатҳои ҳамвор ташаккул ёфтанд, ки онро пораҳои литосферӣ ва ё платформа меноманд. Дар ин ҷараён дар сатҳи Замин борҳо тағйирёбии иқлим ва ивазшавии набототу ҳайвонот ба амал омад. Ландшафти ҳозираи сатҳи Замин натиҷаи ҳамин тағйирот мебошад.

**Синну соли нисбӣ ва мутлақи Замин.** Дар муайян намудани синну соли Замин аз усулҳои гуногун истифода мебаранд. Яке аз онҳо усули муайян намудани *синну соли нисбии Замин* мебошад. Он *бо таносуби хобиши қабати ҷинсҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад.*

Ҳар як қабат бо боқимондаи ҳайвонот ва набототи санггаштаи худ аз якдигар фарқ мекунанд. Агар онҳо пайдарҳам дар натиҷаи таҳшиншавӣ ҳосил шуда то ин дам вайрон нашуда, ба таври уфуқӣ хобида бошанд, он вақт гуфтан мумкин аст, ки қабати аз ҳама поён нисбат ба дигар қабатҳо қадимтар ва қабати аз ҳама боло ҷавонтар мебошад. Ҳар кадоми он қабатҳо мутобиқан бо шароити гузаштаи табиию географии ба худ хос ҳайвонот ва набототи сангшуда доранд. Дар асоси ин боқимондаҳои сангшуда олимон инкишофи геологии Заминро омӯхта, онро ба

қарн (эра) ва давраҳо тақсим намудаанд. Ҳоло таърихи инкишофи геологии Заминро аз рӯйи панҷ эра – архей-протерозой (ҳаёти қадим), палеозой (ҳаёти қадимтарин), мезозой (ҳаёти миёна), кайнозой (ҳаёти нав) меомӯзанд. Ин эраҳо ба давраҳо ҷудо мешаванд. Давраи охиринро давраи чорум ё антропоген меноманд, ки 2 млн сол қабл аз ин сар шуда буд.

Дар баробари омӯхтани синну соли нисбии Замин, дар таърихи геология синну соли мутлақи он низ омӯхта мешавад. *Барои муайян кардани он олимон аз «солшуморакҳо»-и сершумори дар зери замин ҷойгиршуда истифода мебаранд ва тавассути онҳо синну соли мутлақи ҷинсҳои кӯҳиро муқаррар менамоянд.* Ба чунин «солшуморакҳо» унсурҳои радиоактивӣ дохил мешаванд. Яке аз он унсурҳо уран мебошад. Уран дар давоми вақти геологӣ бо суръати доимӣ ба гелий ва сурб таҷзия (ҷудо) мешавад. Дар илм ба гелий ва сурб ҷудо шудани уран маълум аст. Муайян намуданд, ки дар муддати 74 млн сол аз 100 грамм уран як грамм сурб ҳосил мешавад. Аз ин ҷо метавон ҳисоб кард, ки ҷинси кӯҳии урандошта чандсола аст.

**Минтақаҳои геосинклиналӣ ва платформаҳо.** Ба мо ҳоло аз китоби географияи синфи VII маълум аст, ки қишри Замин аз ду қисми таърихан ба ҳам алоқаманд: минтақаҳои ҳаракаткунанда ва нисбатан ором ташаккул ёфтааст.

| **Луғати географӣ** | *Минтақаҳои ҳаракаткунандаро геосинклинал ва нисбатан устуворро платформа меноманд.* |
|---|---|

Ҳамин тавр, қабати ниҳоят ғафси таҳшинҳое, ки дар зери геосинклинал хобидаанд, дар натиҷаи таъсири ҳарорат ва фишори баланд ба ҷинсҳои кӯҳии метаморфӣ табдил меёбанд. Қабати таҳшинҳо чин шуда, системаи кӯҳҳо ҳосил гардиданд. Дар як вақт қувваҳои берунии табиӣ фаъолияти вайронкориро сар мекунанд ва дар муддати миллионҳо сол силсилаи кӯҳҳои қадим вайрон шуда, аз миён мераванд.



*Аҳмад Махдум ибни Носир адиби барҷаста, олими намоён, мутафаккири бузург, шоир, рассом, меъмор ва хаттоти номдор, бунёдгузори равияи маорифпарварии адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX мебошад. Аҳмади Дониш чанд рисолае дар илми нуҷум ва ҳаёт навишта, харитаи шаҳри Бухороро низ тартиб додааст. Ӯ дар боби понздаҳуми «Наводир-ул-вақоеъ» дар доираи фаҳму дониши худ аз пайдоиши заминҷунбиву вулқонҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, конҳо, маъданҳо маълумот медиҳад. Ба қавли Дониш, яке аз масъалаҳои муҳимми охири асри XIX мушкилоти об ва обёрӣ мебошад. Масалан «Аз Омуя об бояд кашид, то ин зироатро эҳтимоле бошад» омадааст дар «Наводир-ул-вақоеъ».*



Дар ин ҷараён ҷинсҳои кӯҳии вайроншуда хамидагиҳои байникӯҳиро пур мекарданд. Ҷинсҳои кӯҳии магматикӣ ва метаморфӣ бошанд, аз қаъри кӯҳҳои вайроншуда урён мешуданд. Қишри Замин дар мавзеи геосинклиналҳо ба мисли пештара чиндор намешуд. Дар он ҳаракати амудӣ бартарӣ пайдо намуда, дар натиҷаи нобаробар бардошташавӣ ё фурӯравӣ кафидагиҳо ҳосил мешуданд. Дар ҷойҳои фурӯрафта оби баҳрҳо ворид мешуданд ва бо мурури замон дар зери онҳо дар сатҳи таҳкурсииноҳамвори кристаллии сахт таҳшинҳо ба таври уфуқӣ мехобиданд.

Дар натиҷаи ба таври амудӣ бардошта шудани чунин қитъаҳо оби баҳр ақиб рафта, ба хушкӣ табдил меёбад, ки онҳо аз ду қабат иборатанд: дар поён таҳкурсии кристаллии сахт, дар болои он қабатҳои ҷинсҳои кӯҳии таҳшини гуногунҷинса ҳосил мешуданд. Он қисми қишри Заминро, ки чунин сохт дорад ва нисбатан устувор аст, платформа мегӯянд.

*Дар қишри Замин инкишоф ёфтани геосинклиналҳо ва ташаккул ёфтани платформаҳо ба пайдоиши сарватҳои теризаминӣ ва ҷойгиршавии онҳо таъсири калон расонидааст. Сарватҳои маъданӣ асосан дар таркиби ҷинсҳои магматикӣ*

*ва метаморфӣ вомехӯранд.* Бинобар он сарватҳои маъданиро бештар аз кӯҳҳои вайроншудаи қадим, ки асоси кристаллии онҳо луч гардидаанд, меёбанд. Аз ҳамин сабаб платформаҳо аз сарватҳои маъданӣ ғанӣ мебошанд. Бо ҷинсҳои таҳшин пайдоиш ва ҷойгиршавии сарватҳои ғайримаъданӣ – нафт, газ, ангишт, намак, гаҷ, гил, оҳаксанг, рег, маҳинрег (қум) вобаста мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо бо ҷинсҳои таҳшин тилло, боксит, оҳан, манган ва ғайра вомехӯранд.



*Синни Замин ба 4,5–5 млрд. сол баробар аст. Таърихи геологӣ дар доираи вақти геологӣ амал мекунад. Яке аз хусусиятхои хоси инкишофи қишри Замин дар он аст, ки дар ҷараёни ташаккулёбӣ қитъаҳои серҳаракати он – геосинклиналҳо ба пораҳои литосферии сахту устувор табдил меёбанд. Синну соли нисбии Замин бо таносуби хобиши қабати ҷинсҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад. Барои муайян кардани он олимон аз «солшуморакҳо»-и сершумори дар зери замин ҷойгиршуда истифода мебаранд ва тавассути онҳо синну соли мутлақи ҷинсҳои кӯҳиро муқаррар менамоянд. Дар қишри Замин инкишоф ёфтани геосинклиналҳо ва ташаккул ёфтани платформаҳо ба пайдоиши сарватҳои зеризаминӣ ва ҷойгиршавии онҳо таъсири калон расонидааст. Сарватҳои маъданӣ асосан дар таркиби ҷинсҳои магматикӣ ва метаморфӣ вомехӯранд.*

*1. Дар асоси чӣ таърихи Заминро ба эра ва давраҳо тақсим мекунанд? 2. Аз ҷадвали геохронологӣ муайян кунед, ки ҳаёт дар кадом эра пайдо шуд? 3. Платформа чист ва он чӣ тавр ҳосил гардидааст?*

*1. Ба фикри шумо, ҷинсҳои магматикӣ ва метаморфӣ чӣ авр ҳосил шудаанд? 2. Ташаккулёбии ҷинсҳои кӯҳии таҳшин ба чӣ вобаста аст? 3. Кадом сарватҳои зеризаминӣ ба ҷинсҳои магматикӣ, метаморфӣ ва кадомашон ба ҷинсҳои таҳшин вобастагӣ доранд?*

**1. Дар шаклгирии кунунии релйефи Тоҷикистон ҳодисаҳои геологии кадом эра бо давраҳояш таъсири калон расонидаанд?**

*A) архей протерозой;* *B) палеозой;*
*C) мезозой;* *D) кайнозой.*

# § 7. РЕЛЙЕФ ВА СОХТИ ГЕОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

*Ба хотир оваред, ки релйеф чист ва дар харитаҳои миқёсашон хурд чӣ гуна тасвир меёбад? Эраҳои геологӣ ва давраҳои онҳоро номбар кунед.*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Сохти релйефи Тоҷикистон чӣ гуна аст?*
- *Релйеф ва ландшафти ҳозираи Тоҷикистон ба чӣ чиз вобаста аст?*
- *Сарзамини Тоҷикистон дар кадом давраҳои геологӣ ташаккул ёфтааст?*

**Релйеф.** Т*оҷикистон сарзамини кӯҳсор аст.* Баландии мутлақи он аз 300 то 7495 м мебошад. *93 дарсади ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ва 7 дарсади онро ҳамвориҳо ишғол кардаанд.* Тақрибан 50 дарсади сатҳи қаламрави ҷумҳурӣ аз 3000 метр баландтар воқеъ гардидааст. *Дар қисми шимолии Тоҷикистон қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи вайроншудаи Муғул, ки шохаи шимоли ғарбии силсилакӯҳи Тиёншон мебошад, ҷойгир шудаанд.* Ин кӯҳҳо назар ба дигар кӯҳҳои Тоҷикистон қадим ва паст мебошанд (қуллаи Бобои об – 3769 м, қуллаи Аҳромшакл – 5621 м).



***Расми 4.*** *Кӯҳҳои Фон*

*Дар байни қаторкӯҳҳои Қурама ва кӯҳи Муғул аз шимоли ғарб ва қаторкӯҳи Туркистон аз ҷануб пастхамии Фарғона – ганҷинаи Осиёи Миёна ҷой гирифтааст.* Қисми ғарбии водӣ ба Тоҷикистон мансуб аст. Ғарбтар аз водии Фарғона Мирзочӯли тоҷик доман паҳн кардааст, ки пасттарин мавзеи ҷумҳурӣ ба шумор меравад (250-300 м).

*Дар қисми маркази Тоҷикистон силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой ҷойгир шудаанд, ки қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисор, Қаротегин ва Олойро (қисми ғарбӣ) дар бар мегиранд (баландии онҳо аз 5500 м зиёд аст).*

Силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой ба қаторкӯҳҳои Тоҷикистон қариб баробар ҷойгир мебошанд. Дар байни ин қаторкӯҳҳо водиҳои Зарафшон ва Яғноб воқеъ гардидаанд. Водии Зарафшон, ки ба масофаи зиёда аз 200 км тӯл кашидааст, барои инкишофи кишоварзӣ шароити мусоид дорад. Дар ин водӣ дарёҳову суфаҳо бисёранд. Дар саргаҳи рӯди Зарафшон пиряхи Зарафшон воқеъ аст, ки аз ҷумлаи пиряхҳои начандон калони Тоҷикистон мебошад. Дарозии он 250 км, бараш то 2 км ва масоҳати қисми асосиаш 4160 $км^2$ аст. Дар соҳили чапи рӯди Зарафшон кӯҳи Фон қад кашидааст (қуллаи баландаш Чимтарға – 5495 м).

*Дар ҷануби ғарби ҷумҳурӣ депрессияи тоҷик – мавзеи паст, ки аз пуштакӯҳҳои начандон баланд ва хамиҳо иборат аст, ҷойгир мебошад.* Қаторкӯҳҳои ҷануби ғарби Тоҷикистон ҷиҳатҳои хосси худро доранд. Онҳо дар шимоли шарқ зич буда, ба самти ҷануби ғарб бодбезакшакл паҳн мешаванд ва тадриҷан паст шуда, ба ҳамвориҳои рӯдҳои Панҷу Ому табдил меёбанд. *Аз қаторкӯҳҳои хурд – қаторкӯҳҳои Вахш, Чилонтоғ, Сарсарак, Сурхкӯҳ, Боботоғ ва ғайра маълуманд. Дар байни қаторкӯҳҳо водию ҳамвориҳои Ҳисор, Вахш, Кофарниҳони Поён, Фархор, Кӯлоб, Ёвон, Данғара доман паҳн кардаанд.* Онҳо дар баландиҳои аз 300-400 то 1200 м воқеъ гардида, қатъи назар аз хурд буданашон (дарозиашон 25-110 км, барашон 2-4 км) маҳалли асосии сукунати мардум ва деҳқонӣ мебошанд.

*Дар қисми шарқии Тоҷикистон силсилакӯҳҳои Помир доман паҳн кардаанд.* Қаторкӯҳи Академияи илмҳоро маркази ин силсилакӯҳҳо ҳисобидан мумкин аст. Баландии миёнаи ин қаторкӯҳ зиёда аз 5000 м аст. Қуллаи баландтарини он – Исмоили Сомонӣ (7495 м) на фақат нуқтаи баландтарини Тоҷикистон, балки нуқтаи баландтарини қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ мебошад. Қуллаи Исмоили

Сомониро соли 1933 кухнаварди шӯравӣ Е. Абалаков фатҳ намудааст. Дар самти ғарбии он қаторкӯҳҳои Пётри Якум, Дарвоз, Ванҷ ва Язғулом ҷойгир шудаанд.

Силсилакӯҳҳои Помирро метавон ба ду қисм ҷудо кард: Помири Ғарбӣ ва Помири Шарқӣ.

**Помири Ғарбӣ** релйефи равшан дорад. Ба ин мавзеъ қаторкӯҳҳои теғаҳояш тези барфпӯш, дараҳои чуқур ва дарёчаҳои пуртуғён хос мебошанд. Қаторкӯҳҳо дар баландии 3800-4000 м аз сатҳи баҳр доман паҳн кардаанд (баландии қуллаашон ба зиёда аз 6000 м мерасад). Водиҳо дар баландии 1700-2500 метр воқеъ гардидаанд.

**Помири Шарқӣ** ҳамчун суфакӯҳ дар баландиҳои 3500-4500 метр воқеъ гардидааст. Баландии нисбии қаторкӯҳҳо 1-2 километрро ташкил менамояд. Ин мавзеъ аз водиҳои тахт, дарёҳои сустҷараён ва кӯлҳои шӯр иборат аст. Дар ин ноҳияи кӯҳсор яхбандии бисёрсола ҳукмфармост.

Дар қисми шимоли Помири Шарқӣ қаторкӯҳи Паси Олой тӯл кашидааст. Ин қаторкӯҳ осмонбӯс буда, баландиаш дар қисми мобайн ба 6000 м мерасад. Қуллаи аз ҳама баланди қаторкӯҳ – Сино (7134 м) аст. Тавассути ағбаи Қизиларт (4280 м), ки дар қаторкӯҳи Паси Олой ҷой гирифтааст, роҳи аз ҳама баландтарини мошингарди Помир мегузарад, ки он шаҳри Ӯшро бо маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – Хоруғ мепайвандад. Дар ҷануби қаторкӯҳи Паси Олой қаторкӯҳҳои Музкӯл, Аличури Шимолӣ ва Аличури Ҷанубӣ ҷойгир шудаанд.

Релйефи Тоҷикистон «хусусияти зинавӣ» дорад. Дар Тоҷикистон минтақаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: ҳамворӣ, кӯҳдоман, пасткӯҳ, миёнакӯҳ ва баландкӯҳ.

Минтақаи ҳамворӣ дар баландии аз 300 то 900 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст. Ҳамвориҳо асосан ҷойҳои васлшудаи водии дарёҳо ё пастиҳои сербари байникӯҳӣ (депрессияҳо) буда, ҳамагӣ 7 дарсади масоҳати ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Ба минтақаи кӯҳдоман адир ва теппаҳо мансубанд, ки 900-1600 метр баландӣ доранд. Бисёр адирҳо ба замини кишт табдил дода шудаанд.

## ХАРИТАИ ҚАТОРКӮҲҲОИ ТОҶИКИСТОН



Минтақаи пасткӯҳ дар баландиҳои аз 1600 то 2000-2300 м воқеъ гардида, дар он нишебиҳои ростфуромада (беш аз 35°) зинаҳои лучи харсангӣ ва дар баъзе ҷойҳо қитъаҳои хурди заминҳои лалмӣ дучор мешаванд.

Ба минтақаи миёнакӯҳ (баландиаш – 2300-3500 м) ёнаҳои сершоха бо водиҳои тағорашаклу бахшгоҳҳои сербар, ки пиряххо ба вуҷуд овардаанд, хос мебошад.

Минтақаи баландкӯҳ хосси минтақаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор, Олой ва Помир буда, дар баландиҳои зиёда аз 3500 м ҷой гирифтааст. Ин минтақа нишебиҳои ростфуромада ва қуллаҳои тез дошта, макони тарма ва пиряххо мебошад. Роҳҳое, ки аз ағбаи баландкӯҳҳо мегузаранд, фақат дар мавсими тобистон кушода мешаванд.

Ба тарзи «зинавӣ» иваз шудани релйефи Тоҷикистон на фақат боиси гуногунии табиат (иқлим, хок, набототот, ҳайвонот) мегардад, балки ба хоҷагӣ (бахусус, кишоварзӣ) низ таъсир мерасонад. Алҳол дар баробари ҳамвориҳо, кӯҳдоман ва пасткӯҳҳо низ азхуд карда шудаанд. Дар ин ҷо қисми бештари аҳолӣ сокин шудаанд. Корхонаҳои асосии саноатию кишоварзӣ низ дар ҳамин ҷо ҷой гирифтаанд.

**Сохти геологӣ.** Релйеф ва ландшафти ҳозираи Тоҷикистон бо сохти геологии он зич алоқаманд аст. Сарзамини Тоҷикистон, қабл аз ҳама шакл гирифтани он чандин давраҳои тӯлонии геологиро сипарӣ кардааст. Дар раванди давраҳои полеозой ва нимаи аввали кайнозой (то ибтидои давраи неоген) ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон борҳо зери об монда, танҳо дар ибтидои давраи неоген аз об озод шуд. Ҷинсҳои палеозойи қадим ва мезозой тадриҷан ба бардошташавӣ сар карданд. Дар натиҷаи баланд шудани силсилакӯҳҳои асосӣ – Тиёншон, Ҳисору Олой дар байни онҳо водиҳои Фарғона, Ҳисор, Вахш ва ғайраҳо ба вуҷуд омада, минбаъд бо таҳнишастҳои ҷараёнҳои оби муваққатии аз кӯҳҳо фуромада пур шудаанд.

Дар давраи палеозой дар ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон чандин маротиба вулқонҳо оташфишонӣ карда, массивҳои ҷинсҳои кӯҳии субвулқонӣ (кристаллӣ) ташаккул ёфтаанд.

Бисёр конҳои маъдан, ки дар қабати ҷинсҳои палеозой хобидаанд, аз ҷисмҳои вулқонӣ иборат мебошанд. Дар таҳнишастаҳои давраи мезозой ва давраи сеюм кони маъданҳо ниҳоят кам дучор омада, дар он асосан сарватҳои зеризаминии ғайри-маъданӣ ва сӯзанда бартарӣ доранд. Аз ин рӯ, таърихи инкишофи геологии ҳудуди Тоҷикистон якхела нест ва аз ин ҷиҳат онро ба 5 минтақа тақсим кардан мумкин аст.



***Расми 5.*** *Қаторкӯҳи Вахон – ҷанубу шарқии Тоҷикистон*

**Тоҷикистони Шимолӣ** нишебиҳои қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи Муғулро дар бар мегирад. Аввалин ҷинсҳосилшавиҳо дар қисми ҳаморӣ рух додаанд. Қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи Муғул – шохаи Тиёншони Мобайнӣ дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникии каледонӣ пайдо шудаанд. Ин кӯҳҳо аз варақсангҳои палеозойи поён ва ҷинсҳои вулқонӣ иборатанд. Дар ин ноҳия таҳшинҳои давраҳои мезозой ва кайнозой хеле кам дида мешаванд.

**Пастхамии Фарғона**, ки қисми ғарбии он ба Тоҷикистон тааллуқ дорад, дар шимоли шарқии ҷумҳурӣ воқеъ мебошад. Сатҳи онро ҷинсҳои аллювиалӣ ва лёсии давраи чорум пӯшонидаанд. Пайдоиши пастхамии Фарғона ба даври мезозой мансуб аст.

**Тоҷикистони Марказӣ** силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой, яъне қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Қаротегинро дар бар мегирад. Аз ҷиҳати сохти геологӣ ҳар яки ин қаторкӯҳҳо бо маҷмӯи ҷинсҳои ба худ хосси палеозой аз якдигар фарқ мекунанд. Дар давраҳои мезозой дар ҳудуди ин минтақа ҳаракатҳои тектоникӣ авҷ гирифта, ҷинсҳосилшавии алпӣ боиси пайдоиши релйефи ҳозираи он гардидааст.

**Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ** – пастхамии (депрессияи) тоҷикро дар бар мегирад. Ин пастии байникӯҳӣ дар байни силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой, Ҳиндукуш воқеъ гардидааст. Депрессияи тоҷик асосан аз ҷинсҳои кристаллии синни токембрий, вулқонию таҳшинӣ, инчунин интрузивии палеозой таркиб ёфтааст.

**Помир** аз ҷиҳати сохти геологӣ ба геосинклинали алпӣ тааллуқ дошта, аз 4 минтақаи тектоникии ба таври арзӣ кашолёфта иборат аст: минтақаҳои Шимолӣ, Марказӣ, Ҷануби Шарқӣ ва Ҷануби Ғарбӣ. Минтақаҳои номбаршуда аз якдигар бо сохти геологии худ фарқ мекунанд. Масалан, Помири Ҷануби Ғарбӣ аз варақсангҳои кристаллӣ, мармарҳои токембрий таркиб ёфтааст. Ҳудуди Помири Ғарбӣ бошад, серзилзила буда, дар он баъзан зилзилаҳои 8-9 – баллӣ ба амал меоянд.



*Тоҷикистон сарзамини кӯҳсор аст, 93 дарсади ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ва 7 дарсади онро ҳамвориҳо ишгол намудаанд. Дар қисми шимолии Тоҷикистон қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи вайроншудаи Мугул, ки шохаи шимоли гарбии силсилакӯҳи Тиёншон мебошад, ҷойгир шудаанд. Дар байни қаторкӯҳҳои Қурама ва кӯҳи Мугул аз самти шимоли гарб ва қаторкӯҳи Туркистон аз ҷануб пастхамии Фаргона – ганҷинаи Осиёи Миёна ҷой гирифтааст. Дар қисми марказии Тоҷикистон силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой ҷойгир шудаанд, ки қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисор, Қаротегин ва Олойро (қисми гарбӣ) дар бар мегиранд (баландии онҳо аз 5500 м зиёд аст). Дар ҷануби гарби ҷумҳурӣ депрессияи тоҷик – мавзеи паст, ки аз пуштакӯҳҳои начандон баланд ва хамиҳо иборат аст, ҷойгир мебошад. Аз қаторкӯҳҳои хурд қаторкӯҳҳои Вахш, Чилонтог, Сарсарак, Сурхкӯҳ, Боботог ва гайра маълуманд. Дар байни қаторкӯҳҳо водию ҳамвориҳои Ҳисор, Вахш, Кофарниҳони Поён, Фархор, Кӯлоб, Ёвон, Дангара доман паҳн кардаанд. Дар қисми шарқии Тоҷикистон силсилакӯҳҳои Помир доман паҳн кардаанд. Дар Тоҷикистон амалиёти кӯҳпайдошавӣ ва ташаккули водиҳо ҳоло ҳам идома дорад. Тоҷикистон аз ҷумлаи мавзеъҳои серзилзилаи ҷаҳон аст.*

*Дар Тоҷикистон амалиёти кӯҳпайдошавӣ ва ташаккули водиҳо ҳоло ҳам идома дорад.* Ҳамин амал дар қишри Замин ҳаракатҳои тектоникиро ба вуҷуд оварда, боиси заминларза мегардад. *Тоҷикистон аз ҷумлаи мавзеъҳои серзилзилаи ҷаҳон аст.* Дар ин ҷо заминларзаҳои харобиовар пас аз даҳсолаҳо рух медиҳанд. Яке аз минтақаҳои нисбатан фаъоли заминларза аз ғарб ба шарқ ба самти Қаротоғ – Файзобод – Обигарм – Рашт – Тоҷикобод тӯл кашидааст.

Дар ҳамин самт гармчашмаҳои бештар радиоктивии Хоҷаобигарм, Шоҳамбарӣ, Обигарм воқеъ гардидаанд. Заминларзаи сахт боиси афтодани кӯҳҳо, фуромадани тарма ва дигар ҳодисаҳои нохуш шуда, ба хоҷагии халқ зарари калон мерасонад. Заминларзаҳои сахту харобиовар дар Қаротоғ (1907), Сарез (1911), Ҳоит (1949), Исфара (1977), Қайроққум (1986), Шарора (1989) рӯй додаанд. Ҳангоми сохтмони объектҳои саноатӣ ва мардумӣ дар маҳалли серзилзила аз усулҳои навтарини зиддизилзила (таҳкурсии чуқур, истифодаи сутунҳо, чӯбкорӣ) истифода мебаранд.



*1. Барои чӣ дар ҳудуди Тоҷикистон кӯҳпайдошавӣ ҳоло ҳам давом дорад? 2. Оид ба амалиёти кӯҳпайдошавӣ дар Тоҷикистон кадом омилҳо гувоҳӣ медиҳанд? 3. Чаро дар Тоҷикистон заминҷунбӣ мешавад?*



*1. Ба фикри шумо, ҷинсҳои магматикӣ ва метаморфӣ чӣ тавр ҳосил шудаанд? 2. Ташаккулёбии ҷинсҳои кӯҳии таҳшин ба чӣ вобаста аст? 3. Кадом сарватҳои зеризаминӣ ба ҷинсҳои магматикӣ, метаморфӣ ва кадомашон ба ҷинсҳои таҳшин вобастагӣ доранд?*



*1. Сарзамини Тоҷикистон дар кадом давраҳои геологӣ ташаккул ёфтааст? 2. Оид ба амалиёти кӯҳпайдошавӣ дар Тоҷикистон кадом омилҳо гувоҳӣ медиҳанд? 3. Ҳудуди Тоҷикистон дар кадом эраҳо инкишоф ёфтааст?*



*1. Шароити табиии кадом минтақаҳои Тоҷикистон барои рушди кишоварзӣ мусоид аст?*

## § 8. САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

*Кадом сарватҳои зеризаминиро медонед? Дар байни пайдоиши сарватҳои зеризаминӣ ва хусусияти ҷинсҳои кӯҳӣ чӣ гуна робита вуҷуд дорад? Ҷинсҳои кӯҳии гуногун чӣ гуна пайдо мешаванд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Дар Тоҷикистон кадом сарватҳои зеризаминӣ мавҷуд аст?*
- *Захираҳои сарватҳои зеризаминии мамлакат чӣ гунаанд?*
- *Фаровонии сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба чӣ вобаста аст?*

Фаровон будани сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба таърихи геологии ин сарзамин сахт вобаста аст. Сарватҳои зеризаминӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ аз таҳшинҳои давраҳои мезозой ва кайнозой ҳосил шудаанд ва аз сарватҳои маъданӣ (сурб, руҳ, нуқра, сурма, тилло, волфрам) ва ғайримаъданӣ (ангишти бӯр, ангиштсанг, нафт, озокерит, гази табиӣ, фосфорит, намаксанг, масолеҳи гуногуни сохтмон, обҳои маъданӣ) иборатанд. Дар таҳнишастҳои давраи чорум тиллои пошхӯрда дучор меояд (дар Помир, Дарвоз ва ғайра).



**Расми 6.** *Шаҳраки кӯҳканҳо – Истиқлол (Адрасмон)*

То давраи Ҳокимияти Шӯравӣ сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба таври бояду шояд таҳқиқ нашуда буданд. Гумон мерафт, ки дар ин сарзамин ҳамагӣ чанд навъ сарвати зеризаминӣ вуҷуд дораду бас (фақат ангиштсанг ва нафт истихроҷ карда мешуданд). Дар тӯли солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ *дар Тоҷикистон 70 навъи сарватҳои зеризаминии маъданию ғайримаъданӣ кашф ва бештар аз 400 кон ошкор карда шудаанд. Алҳол аз 100 кон қариб 40 навъи ашъёи хоми маъданӣ мегиранд.*

Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба 3 навъ ҷудо карда мешаванд: сӯзишворию энергетикӣ, металлӣ ва ғайриметаллӣ. Ба сарватҳои сӯзишворию энергетикӣ ангишти бӯр, ангиштсанг, торф, варақсангҳои сӯзанда, нафт, гази табиӣ мансубанд.

Захираҳои калони ангиштсанг дар Тоҷикистони Марказӣ ва Тоҷикистони Ҷануби Шарқӣ ҷой гирифтаанд. *Дар ҷумҳурӣ тақрибан 40 кони ангиштсанг маълум аст,* ки аксари онҳо аҳаммияти саноатӣ доранд: Шӯроб, Фон-Яғноб, Моғиён, Назарайлоқ ва ғайра. Аксари ин конҳо дар ноҳияҳои баландкӯҳи душворгузар ҷой гирифтаанд, бинобар ин, қатъи назар аз сифати баланди ангиштсанг ҳоло истеҳсоли саноатии онҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Масалан, ангишти кони Фону Яғноб 840 млн тонна захира дорад ва хеле хушсифат бошад ҳам (80% аз ангишти коксшаванда иборат аст), бинобар набудани роҳ ниҳоят кам истифода мешавад.

*Конҳои нафт ва газ фақат дар ҳудуди ду пастхамӣ – Фарғонаи Ғарбӣ (КИМ, Айритон, Ниёзбек, Нафтобод, Равот) ва Тоҷикистони Ҷанубӣ (Камарборик, Патинак, Хоҷасартез, Сулдузӣ, Кӯҳи Сафед, Сурхсимо ва Шамбарӣ) воқеъ гардидаанд.* Захираи нафт ва гази Тоҷикистон зиёд нест, вале дар натиҷаи таҳқиқоти геологӣ муқаррар карда шудааст, ки дар водиҳои Вахшу Кӯлоб ва Фарғонаи Ғарбӣ дар таҳнишастҳои давраи табошир ва юра конҳои газу нафт вуҷуд доранд.

*Сарватҳои зеризаминии металлӣ асосан дар Тоҷикистони Шимолӣ (кӯҳи Қаромазор) ва Марказӣ (қаторкӯҳҳои Ҳисору Олой) мавҷуданд.*



***Расми** 7. Кони ангишти Фони Ягноб*

## САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ



Дар кӯҳҳои Қаромазор конҳои сершумори маъданҳои полиметаллӣ (руҳ, сурб), металлҳои нодир (кадмий, висмут, молибден, волфрам) ва асил (тилло, нуқра) ошкор шудаанд. Дар ин мавзеъ кони оҳани Чоқадамбулоқ кашф гардида, дар кӯҳҳои Ҳисору Олой волфрам (Майхӯра), сурма ва симоб (Ҷиҷикрӯд, Қавноқ, Кончоч), шпати саҳроӣ (Такоб) ва ашёи хом барои саноати алюмин (кони Турпӣ) ёфт шуд. Аз ҷиҳати захираи сурма ва симоб Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро мегирад.

*Сарватҳои зеризаминии Помир ҳанӯз чандон хуб омӯхта нашудаанд.* Дар ин ҷо конҳои булӯри кӯҳӣ (қаторкӯҳҳои Ванҷ ва Язғулом), тилло (қаторкӯҳҳои Дарвоз ва Паси Олой), молибден, волфрам, лоҷвард, лаъл ва ғайра мавҷуданд.

*Сарватҳои зеризаминии ғайриметаллӣ (асбест, абрақ, озокерит, фосфорит, намаксанг, масолеҳи сохтмон ва ғайра) дар Тоҷикистон хеле зиёданд.* Бештар аз 50 кони намаксанг (Хоҷамуъмин, Хоҷасартез, Оқсуқон, Тошбулоқ, Танобчӣ ва ғайра) ёфт шудаанд. Кӯли Оқсуқони ноҳияи Ашт барои муолиҷаи беморихо низ истифода мешавад.

Дар ҷумҳурӣ даҳҳо кони хурди фосфорит муқаррар карда шудаанд. Конҳои фосфорит асосан дар Тоҷикистони Марказӣ (Равот, Зиддӣ, Қаротоғ) ва ҷануби водии Фарғона (Истаравшан ва Исфара) ҷой гирифтаанд. Сифати онҳо чандон баланд ва захираашон зиёд нест. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз сад кони масолеҳи сохтмон ба қайд гирифта шудааст; масалан, гил, оҳак, гач, регҳои кварсдор ва ғайра. Аз масолеҳи сохтмон, бахусус сангҳои оройишӣ (хоросанг, мармар, доломит, туф), ки дар қаторкӯҳҳои Ҳисор, Қурама ва Помир мавҷуданд, аҳаммияти калон доранд. Маснуоти сохтмон дар ноҳияи Исфара низ бисёр аст. Озокерити ин ноҳия (кони Селроҳа) барои истеҳсоли масолеҳи изолятсионӣ корбаст мешавад. Дар Исфара заводи истеҳсоли озокерит сохта шудааст.

**Обҳои маъданӣ.** *Тоҷикистон бо обҳои минералиаш шуҳрати оламшумул дорад.* Таркиби химиявӣ ва хосияти физикии обҳои минералӣ ниҳоят гуногун аст. Дар

Тоҷикистон чашмаҳои гарм ва хунуки обашон газдор фаровон мебошанд.

Дар Тоҷикистони Шимолӣ (кӯҳҳои Қурама ва Муғул) чашмаҳои хунуки шифобахши радиоактивӣ ва каммаъдан мавҷуданд. Дар наздикии Истаравшан (25 километр дуртар) дар Ҳавотоғ чашмаи минералии гарми йоду бромдор ҳаст, ки дар заминаи он дармонгоҳи Ҳавотоғ сохта шудааст.

Қисми бештари чашмаҳои минералӣ дар нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ҷой гирифтаанд. Оби ин чашмаҳо хунук ва гарм буда, ба обҳои гази карбонатдори нарзан монанд мебошанд. Ҳарорати чашмаҳои минералии Хоҷаобигарм, Обигарм, Явроз, Гармоба ба 38°-98° мерасад. Дар Хоҷаобигарм, ки чашмааш радиоактивии гарм аст, дар баландии 1800 м дармонгоҳи ҳозиразамон сохта шудааст. Дармонгоҳи «Хоҷаобигарм» дорои буғи радон буда, дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) машҳур мебошад. Дармонгоҳи «Обигарм» дар баландии 1300 м ҷойгир аст. Оби гарми ҳидрогенсулфидии он беҳамтост.



***Расми 8.*** *Дармонгоҳи Гармчашма*

Обҳои нарзани Сангхок ва Анзоби ҳавзаи рӯди Зиддиро (дар баландии қариб 3000 м) барои нӯшидан ва муолиҷаи беморихо истифода мебаранд. Каме ғарбтар аз шаҳри Душанбе (18 км) дар деҳаи Шоҳамбарӣ чашмаи минералии хунук мавҷуд аст. Оби он гидрогенсулфид дошта, бо мақсади муолиҷа ва нӯшидан истифода мешавад. Ба дармонгоҳи Шоҳамбарӣ на фақат аҳолии Тоҷикистон, балки мардуми дигар мамлакатҳо низ барои муолиҷа меоянд.

*Помир бо чашмаҳои гарм (гази карбонатдор) ва хунуки худ шуҳрат ёфтааст (Гармчашма, Лангар, Андароб, Бахмир, Авҷ),* бахусус, Гармчашма, ки 7 км дуртар аз деҳаи Андароб воқеъ аст. Дармонгоҳи «Гармчашма» дар миқёси ИДМ баландтарин аст.



*Дар Тоҷикистон 70 навъи сарватҳои зеризаминии маъданию ғайримаъданӣ кашф ва бештар аз 400 кон ошкор карда шудаанд. Алҳол аз 100 кон қариб 40 навъи ашъёи хоми маъданӣ мегиранд. Дар ҷумҳурӣ тақрибан 40 кони ангиштсанг маълум аст. Конҳои нафт ва газ фақат дар ҳудуди ду пастхамӣ – Фарғонаи Ғарбӣ ва Тоҷикистони Ҷанубӣ воқеъ гардидаанд. Сарватҳои зеризаминии металлӣ асосан дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Марказӣ мавҷуданд. Сарватҳои зеризаминии Помир ҳанӯз чандон хуб омӯхта нашудаанд. Сарватҳои зеризаминии ғайриметаллӣ (асбест, абрақ, озокерит, фосфорит, намаксанг, масолеҳи сохтмон ва ғайра) дар Тоҷикистон хеле зиёданд. Тоҷикистон бо обҳои минералиаш шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.*



*1. Менерал аз ҷинси кӯҳӣ чӣ фарқ дорад? 2. Фаровонии сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба чӣ вобаста аст? 3. Дар Тоҷикистон фаровон будани чашмаҳои оби гарм аз чӣ гувоҳӣ медиҳад?*



*1. Аз коллексияи мактаб маъданҳои металлӣ ва ғайриметаллии Тоҷикистонро муайян кунед. 2. Сарватҳои зеризаминии маҳалли худро ба қайд гиред.*



*1. Чашмаҳои минералии асосиро номбар карда, аз харитаи Тоҷикистон нишон ва аҳаммияти онҳоро шарҳ диҳед.*

*2. Дар харитаи контурии ҷумҳурӣ конҳои асосии металлӣ, ғайриметаллӣ ва сӯзишворию энергетикиро қайд намоед.*



**1. Пайдоиши сарватҳои зеризаминӣ ба кадом омилҳо вобастагӣ доранд?**

*A) ба иқлим;* *B) ба обҳои равон;*
*C) ба сохти геологӣ;* *D) ба дахолати инсон.*

## § 9. ИҚЛИМ

*1. Кадом омилҳои бавуҷудорандаи иқлимро медонед?*
*2. Радиатсияи Офтоб, фронти атмосферӣ, боришот чист?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Дар Тоҷикистон кадом намудҳои иқлим ҳукмфармост?*
- *Вобаста ба релйеф ва баландии маҳал аз сатҳи баҳр дар ҷумҳурӣ чанд навъи иқлим ташаккул ёфтааст?*
- *Ба таври амудӣ ҷойгир шудани минтақаҳои иқлимӣ ба кадом омил вобаста аст?*



Мафҳуми «иқлим» зиёда аз 2 ҳазор сол қабл аз ҷониби астрономи Юнони қадим Гипарх ҷорӣ гардид. Ӯ аввалин шуда, исбот намуд, ки кунҷи афтиши нурҳои Офтоб аз экватор ба қутбҳо тағйир ёфта, шароити обу ҳавои минтақаро муайян мекунад.

Тоҷикистонро бинобар дар ҷануб ҷой гирифтанаш ва будани рӯзҳои соф маъмулан «Ҷумҳурии офтобрӯя» меноманд. Иқлими Тоҷикистон гарм, хушк, континентии шадид бо зимистонаш кӯтоҳу мулоим ва тобистонаш тӯлонии гарм мебошад.

| Луғати географӣ | *Низоми бисёрсолаи ба ягон маҳал хосси обу ҳаворо иқлим меноманд.* |
|---|---|

*Иқлими Тоҷикистон дар натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои гуногун (масалан, мавқеи географӣ, релйеф, радиатсияи офтоб, гардиши атмосфера) ташаккул меёбад.*

Тоҷикистон дар ҷануби шарқии Осиёи Миёна, дур аз баҳру уқёнусҳо ҷойгир аст. Бинобар ин, тағйироти унсурҳои метеорологии мавсимӣ ва шабонарӯзӣ дар ин ҷо зиёд мебошад.

Дар ҷануб ҷойгир шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон (36-42° арзи шимолӣ) бузургии радиатсияи Офтоб ва давомнокии давраи нашвро муқаррар мекунад. Маҷмӯи радиатсияи солонаи Офтоб дар минтақаҳои амудӣ 151-176 ккал/см$^2$-ро ташкил медиҳад. Дар як сол Офтоб ба ҳисоби миёна 2097-3166 соат партав меафшонад, бинобар ин, давомоти давраи нашв 195-315 рӯз мебошад. Ҷамъулҷамъи ҳарорати миёнаи

мусбати шабонарӯзӣ (аз +5° боло) дар тӯли сол дар водиҳо аз 6000° беш аст. Дар ИДМ ин яке аз нишондиҳандаҳои баланд буда, барои парвариши рустаниҳои гармидӯст (ситрусӣ ва субтропикӣ), инчунин дар ин мавсим рӯёндани ду-се ҳосил мусоидат мекунад.

Мутаассифона, барои нисбатан пурра истифода бурдани захираи гармӣ сармоҳои бемаҳалли баҳор ва хунукиҳои аввали тирамоҳ, инчунин, хушксолию гармселҳо мушкилоти зиёд пеш меоранд.

Вобаста ба релйеф ва баландии маҳал аз сатҳи баҳр дар ҷумҳурӣ чанд навъи иқлим ташаккул ёфтааст.

Иқлими хушки субтропикӣ (дар водиҳои Вахш ва Ҳисор), ки тобистон тӯлонӣ, гарм, зимистон кӯтоҳи нарм ва боришот кам (150-200 мм) аст; иқлими хушки континентӣ, ки тобистон гарм ва зимистон хунук буда, 350-700 мм боришот мешавад, иқлими муътадил (дар минтақаҳои миёнакӯҳ), ки тобистон салқин ва зимистон хунук буда, боришот то 1500 мм-ро ташкил медиҳад – иқлими баландкӯҳию биёбонӣ (минтақаи баландкӯҳ) бо зимистони қаҳратуни тӯлонӣ, тобистони кӯтоҳи хушк, боришоти кам (60-100 мм).

Дар ташаккули иқлим гардиши атмосфера аҳаммияти калон дорад. Вобаста ба фасли сол дар Тоҷикистон бодҳои арктикӣ, ғарбӣ ва тропикӣ мевазанд. Зимистон иқлими ҷумҳурӣ зери таъсири ҳавои хунуки арктикӣ ва ҳавои намноки атлантикӣ, тобистон зери таъсири ҳавои гарм ва хушки тропикӣ ташаккул меёбад. Зимистони Тоҷикистон кӯтоҳ ва тағйирёбанда аст. Ҳарорат ба ҳисоби миёна маъмулан аз 0° боло аст (баъзан ҳарорат то – 20°, дар баландкӯҳҳо бошад, то – 50° паст мешавад). Баҳору тирамоҳи водиҳо кӯтоҳ ва боришот зиёд аст. Тобистон тӯлонӣ, хушк ва гарм буда, дар водиҳо ҳарорат то +40 +45° мешавад. Маҳалли гармтарини Тоҷикистон ноҳияи Шаҳритус (Айваҷ +48°) ба шумор меравад.

Яке аз хусусиятҳои иқлими ҷумҳурӣ дар тӯли сол дар ҳама мавзеъҳо нобаробар будани боришот мебошад.

# ҲАРОРАТИ БАЛАНДТАРИН



Маъмулан, вобаста ба баландӣ миқдори боришот то ҳадди муайян афзуда, сипас кам мегардад. Афзоиши боришот аз пастиҳо то баландкӯҳҳо гуногун аст, зеро ба ин на фақат баландӣ ва релйеф, балки тарзи ҷойгиршавии қаторкӯҳу водиҳо нисбати самти ҳаракати ҳавои намнок низ таъсири калон мерасонад.

Дар бештари ноҳияҳои ҷумҳурӣ миқдори асосии боришот ба мавсими сармо рост меояд. Баҳорон боришот бошиддат буда, хоки нишебиҳоро шуста мебарад ва обкандаҳои калонро ба вуҷуд меорад. Сели дар натиҷаи чунин боронҳо пайдошуда ба хоҷагии халқ зарари ҷиддӣ мерасонад.

Миқдори боришоте, ки шамолҳои ғарбӣ меоранд, аз Ғарб ба Шарқ кам мешавад. Боришоти аз ҳама зиёд дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор (соле ба ҳисоби миёна то 1200 мм, бештаринаш 2000 мм) рух медиҳад. Дар нишебии қаторкӯҳҳои Пётри Якум ва Академияи илмҳо миқдори боришот кам аст. Дар водиҳо ҳамагӣ 150-300 мм боришот мешавад. Дар ин ҷойҳо аз моҳи июн то октябр қариб борон намеборад ва ҳаво чунон метафсад, ки қатраҳои борон ба замин нарасида хушк мешаванд. Мавзеи аз ҳама камбориши Тоҷикистон Помири Шарқӣ аст. Дар ин мавзеъ борон ва барф қариб намеборанд. Дар мавзеи Қарокӯл соле ҳамагӣ 70 мм бориш мешаваду бас ва яке аз ҷойҳои камбориштарини на фақат Тоҷикистон, балки ИДМ мебошад.

Ба ташаккули иқлими Тоҷикистон анбӯҳи гуногуни ҳаво таъсир мерасонад. Дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон бодҳои маҳаллӣ, ки вобаста ба фасли сол ва релйеф мевазанд, омили иқлимҳосилкунанда мебошанд. Тобистон ва тирамоҳ дар Тоҷикистони Шимолӣ аз биёбонҳои Осиёи Миёна гармсел мевазад. Гармсел боди тафсону хушк буда, дар миқёси Осиёи Миёна аз ҳаракатҳои ҳавои тафсони биёбонҳои Қизилқум ва Қароққум ҳосил мешавад. Гармсел дар як сония то 15-20 м вазида, ҳарораташ то ба 40 °С мерасад. Аз ин рӯ, ба боғоту киштзор зарари калон мерасонад. Барои пешгирии гармсел дарахтшинонӣ, обёрии дашту биёбон мадад мерасонад.

# МИҚДОРИ СОЛОНАИ БОРИШОТ



Дар Тоҷикистони Ҷанубӣ зимистон ва баҳорон шамолҳои ҷанубӣ ва ҷануби ғарбӣ бартарӣ доранд. Тобистон ва тирамоҳ давраи нисбатан бешамол бошад ҳам, тобистон баъзан шамолҳои кӯтоҳмуддати ҷануби ғарбӣ мевазанд. Ин шамолҳоро «хокбоди афғонӣ» меноманд. Хокбоди афғонӣ шамоли маҳаллӣ буда, дар болооби дарёи Ому ба амал меояд. Суръати он ба ҳисоби миёна 17-25 м сония аст. «Хокбоди афғонӣ» боди гарм ва ғубрнок буда, намии ҳаворо кам мекунад ва хеле зарарнок аст. Ин бод хокборонро ба амал меорад ва танҳо ҳангоми рӯйи замин ва рустаниҳо комилан нишастани чангу ғубор хотима меёбад. Дар гӯшаи ҷануби ғарбии ҷумҳурӣ дар як сол 40-70 рӯз хокборон мешавад.

Қариб дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон аз кӯҳу водиҳо боди форам мевазад. Дар баландкӯҳҳои Тоҷикистони Марказӣ, Тоҷикистони Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ тамоми сол шамол вазида меистад. Ин шамолҳо маъмулан суст бошанд ҳам, зимистон ба борону тӯфон бадал мешаванд. Ҳангоми тӯфон суръати вазиши шамол дар як сония ба 30-40 м мерасад. Чунин тӯфонҳо ба хоҷагии халқ зарари ҷиддӣ мерасонанд.

*Обу ҳавои Тоҷикистон дар фаслҳои гуногуни сол кам фарқ мекунад.*

Баҳор дар қисми шимолии Тоҷикистон дар моҳи март ва дар ноҳияҳои ҷанубии он дар охири моҳи март ва аввали моҳи апрел оғоз мешавад Бо таъсири ҳавои арктикӣ обу ҳавои Тоҷикистон баъзан якбора хунук мешавад. Вай ба дарахтони мевадори гулкарда зарар мерасонад. Дар ин вақт навдаҳои ток ва ниҳолҳои нешзадаи пахтаро хунук мезанад.

Тобистон дар охири моҳи май ва аввали июн ҳаво бисёр гарм мешавад. Борон тақрибан намеборад. Обу ҳавои ин фасл як хел буда, доимо гарм аст. Ин фасл барои рӯёнидани пахта ва нашъунамои он мувофиқ аст. Дар ин вақт баъзан шамолҳои кӯтоҳмуддати «хокбоди афғонӣ» ва дар Тоҷикистони Шимолӣ бошад, гармсел мевазад. Дар вақти вазидани ин бодҳо зироатҳоро беоб мондан мумкин нест.

# ҲАРОРАТИ ПАСТТАРИН



Тирамоҳ асосан дар охири моҳи сентябр сар мешавад. Ҳаво каме салқин аст. Дар ин вақт боронгарӣ сар шуда, миқдори боришот дар моҳи ноябр зиёд мешавад. Тирамоҳ пахта ва дигар зироатҳоро ғундошта, ғалладона ва зироатҳои тирамоҳӣ мекоранд. Дар ин фасл низ баъзан «хокбоди афғонӣ» мевазад.

Зимистон моҳи ноябр ё аввали моҳи декабр сар мешавад. Дар ин фасл ҳаво тағйир ёфта меистад. Гоҳе ҳаво якбора мулоим шуда, тез-тез борон меборад. Барф назар ба борон кам борида, тез об мешавад. Баъзан хунуки сахт шуда, ҳарорат ба – 10° ва ҳатто то – 20° – 25° мерасад, аммо ин хел хунукиҳо бисёр давом намекунанд. Дар фасли зимистон дар ҷойҳои кушод анбӯҳи ҳавои хунуки шарқӣ ва шимоли шарқӣ мевазад.

Бо мақсади пешгӯӣ кардани обу ҳаво дар ҷумҳурӣ даҳҳо истгоҳҳои метеорологӣ (обуҳавосанҷӣ) бунёд шудаанд.

Пешгӯйиҳои мунтазами обу ҳаво, махсусан пешгӯйиҳои кӯтоҳмуддат барои рӯзи дигар; дарозмуддат – чандрӯза ё якмоҳа барои муҳофизати боғу роғ ва киштзор аз сармо, барои дуруст интихоб кардани муҳлати киштукор ва ғунучини ҳосил низ шароити мусоид фароҳам меоранд.



*Иқлими Тоҷикистон дар натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои гуногун (масалан, мавқеи географӣ, релйеф, радиатсияи офтоб, гардиши атмосфера) ташаккул меёбад. Иқлими хушки субтропикӣ (дар водиҳои Вахш ва Ҳисор), ки тобистон тӯлонӣ, гарм, зимистон кӯтоҳи нарм ва боришот кам (150-200 мм) аст; иқлими хушки континентӣ, ки тобистон гарм ва зимистон хунук буда, 350-700 мм боришот мешавад; иқлими муътадил (дар минтақаҳои миёнакӯҳ), ки тобистон салқин ва зимистон хунук буда, боришот то 1500 мм-ро ташкил медиҳад: иқлими баландкӯҳию биёбонӣ (минтақаи баландкӯҳ) бо зимистони қаҳратуни тӯлонӣ, тобистони кӯтоҳи хушк, боришоти кам (60-100 мм).*



*1. Омилҳои иқлимҳосилкунандаи Тоҷикистонро номбар кунед ва навъҳои иқлимро шарҳ диҳед. 2. Дар асоси маълумоти обу ҳавои маҳалли худ ҳолати обу ҳаворо дар фаслҳои алоҳидаи сол қиёс кунед.*



*1. Ба Тоҷикистон боришотро кадом бодҳо меоранд ва барои чӣ аз Ғарб ба Шарқ миқдори он кам мешавад? 2. Аҳамияти иқлими ҷумҳуриро дар ривоҷи кишоварзӣ шарҳ диҳед.*



*1. Бузургии радиатсияи нури офтоб ва давомнокии давраи нашв дар Тоҷикистон ба чӣ вобаста аст? 2. Оид ба гармсел, хокботи афғонӣ ва зарари онҳо ба хоҷагии халқ чӣ медонед?*

## § 10. ОБҲОИ ДОХИЛӢ



*1. Маҷрои дарё, асоси эрозия ва бахшгоҳ чистанд? 2. Релйеф ба тарзи ҷараёни дарё чӣ гуна таъсир мерасонад? 3. Дарёҳои кӯҳӣ аз дарёҳои водӣ чӣ тафовут доранд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Омили асосии пайдоиши обҳои дохилии Тоҷикистон кадомҳоянд?*
- *Низоми ғизогирии дарёҳо ба чӣ вобаста аст?*
- *Кӯлҳо, пайдоиш ва аҳаммияти онҳо.*
- *Пиряххо, обҳои зеризаминӣ ва чашмаҳои шифобахши Тоҷикистон.*

**Дарё.** Мавқеи табиию географӣ, орография, шароити иқлимӣ ва бисёр будани захираи пиряху тармаҳо омили асосии пайдоиши дарёю кӯлҳои Тоҷикистон мебошанд. Тӯли умумии дарёҳое, ки аз 10 км бештар дарозӣ доранд, ба 28500 км мерасад.

*Қисми зиёди дарёҳои Тоҷикистон ба ҳавзаи баҳри Арал тааллуқ доранд. Дарёҳои асосии Тоҷикистон Ому, Панҷ, Вахш, Сир, Зарафшон ва ғайраҳо мебошанд.* Дарёҳо вобаста ба манбаи ғизо, низом ва аҳаммияти хоҷагӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дарёҳои Тоҷикистон аз ҷиҳати ғизогирӣ 4 навъ мешаванд: пиряху барф, барфу пирях, барфу борон ва обҳои зеризаминӣ.

Ҷиҳати муҳимми дарёҳои Тоҷикистон дар он аст, ки онҳо дар болообашон, бинобар нишеб будани маҷро (даҳҳо метр дар 1 км) ниҳоят тез ва пурҷӯшу хурӯш буда, баробари ба водӣ расидан нисбатан ором ҳаракат мекунанд.

# ХАРИТАИ ГИДРОГРАФӢ



Низоми дарёҳо ба тарзи ғизогирӣ вобаста аст. *Аксари онҳо дар тӯли сол ду маротиба – баҳорон, ҳангоми об шудани барф ва боронгарӣ, ва тобистон, дар натиҷаи об шудани пиряхҳо, туғён мекунанд.* Бахусус, туғёни дарёҳо дар тобистон аҳаммияти калон дорад, зеро дар ин давра рустаниҳо ниҳоят обталаб мешаванд. Зимистон оби дарёҳо бисёр кам шуда, истифодаи онҳоро душвор месозад. Аз ин лиҳоз барои танзими ҷараёни дарёҳо (рӯдҳо) обанборҳо бунёд мекунанд.

Дарёи **Панҷ** яке аз дарёҳои калонтарин буда, дар тӯли 921 км қад-қади сарҳади ҷанубии ҷумҳурӣ ҷорӣ мешавад. Рӯди Панҷ чандин шохоб дорад: Шоҳдара, Бартанг, Мурғоб, Оқсу, Язғулом, Ғунд, Ванҷ, Қизилсу ва ғайра. Ҳамаи онҳо аз пирях ва барфҳо ғизо мегиранд. Сарфи оби он ба 1000 $м^3$/сония баробар аст.

Аз якҷояшавии дарёи Вахш ва Панҷ дарёи Ому ҳосил шуда, ба масофаи 35 км аз ҳудуди Тоҷикистон ҷорӣ мегардад. Аз мобайни дарёи Ому сарҳади ИДМ бо Ҷумҳурии Афғонистон мегузарад. Дарёи Ому ба ҷумлаи дарёҳое мансуб аст, ки ғизогирии омехта доранд. Дар ғизогирии ин дарё аҳаммияти пиряхҳо низ калон аст. Дарозии дарёи Ому 2294 км мебошад.

**Вахш** бузургтарин шохоби дарёи Ому аст. Дарозии он 524 км мебошад. Дарёи Вахш низ ба ҷумлаи дарёҳои ғизогириашон омехта мансуб аст (вале бештар аз пиряхҳо ғизо мегирад). Ин дарё берун аз сарҳади шимолии ҷумҳурӣ, аз нишебиҳои қаторкӯҳи Паси Олой бо номи Қизилсу сар мешавад. Сипас вай номи Сурхобро гирифта, баъди ба дарёи Хингоб ҳамроҳ шуданаш Вахш номида мешавад.



***Расми 9.*** *Болооби дарёи Марқансу (Помири Шарқӣ)*

Вахш манбаи асосии оби ҷумҳурӣ буда, аҳаммияти калони обёрӣ ва энергетикӣ дорад. Сарфи миёнаи солонаи обаш ба

600 м$^3$/сония баробар аст. Рӯди Вахш киштзори водиҳои Вахш, Ғаравутӣ, Ёвону Обикиик, даштҳои ташналаби Данғараро шодоб мегардонад.

**Кофарниҳон** шохоби рости дарёи Ому буда, 387 км тӯл мекашад. Ин рӯд аз нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор сар шуда, аз водии Ҳисор ҷорӣ мешавад. Кофарниҳон аз барфу пиряххо ғизо мегирад. Сарфи оби он 102 м$^3$/сония мебошад. Оби Кофарниҳонро барои обёрии водиҳои Ҳисор, Кофарниҳон ва Бешкент истифода мебаранд.

**Зарафшон** ба ҷумлаи дарёҳои калони Осиёи Миёна мансуб буда, дар байни ҳавзаи дарёҳои Ому ва Сир ҷойгир шудааст. Зарафшон бо номи рӯди Мастчоҳ аз пиряххои Зарафшон сар шуда, аз байни қаторкӯҳҳои Туркистон ва Зарафшон ҷорӣ мегардад. Дар миёнаоб ба дарёи Зарафшону шохобҳояш – дарёҳои Фон, Киштут ва Моғиён ҳамроҳ мешаванд. То резишгоҳи дарёи Киштут Зарафшон тезҷараён ва маҷрояш танг мебошад. Дар наздикии Панҷакент дарё ба водӣ мебарояд, ки он ноҳияи қадимтарини кишоварзӣ аст. Дарёи Зарафшон бинобар дар воҳаҳои Самарқанду Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон комилан барои обёрӣ истифода шуданаш, то дарёи Ому рафта намерасад. Тӯли умумии дарёи Зарафшон 877 километрро ташкил менамояд. Сарфи обаш 164 м$^3$/сонияро ташкил медиҳад.

**Сир** дуюмин дарёи дарозтарин дар Осиёи Миёна мебошад. Ин рӯд дар ҳудуди Тоҷикистон аз вилояти Суғд ҷорӣ мешавад. Тӯли дарёи Сир аз сарчашмааш 2684 км буда, 195 км он аз сарзамини Тоҷикистон мегузарад. Шохобҳои дарёи Сир – Исфара, Хоҷабоқирғон, Оқсу ва ғайра мебошанд.

Дар ноҳияҳои кӯҳсор ва кӯҳдомани Тоҷикистон дар давраи бисёр об шудани барф ва боронгариҳои сахт (аз март то июл) сел ба вуҷуд меояд. Сел ниҳоят тез ҳаракат карда, чизҳои сари роҳашро шуста мебарад. Сел ба хоҷагии халқ харобиҳои зиёд меорад, иншооти обёрӣ, пул, роҳ, маҳалҳои мардумнишин, хонаву ҷойро вайрон ва киштзорҳоро зери лойи мекунад. Сел ба ҳаёти одамон ва ҳайвонот низ хавф дорад. Масалан, селе, ки 17-уми июли соли 1986 дар ноҳияи

Айнӣ фаромада буд, 300 км роҳ, 100 га киштзори тамоку, 90 га майдонҳои боғу полизро вайрон карда, ба маблағи садҳо миллион сомонӣ зиён овард. Сели баҳори соли 1987 дар Саргазон (ноҳияи Данғара) фаромада низ зарари калон расонд. Мавзеъҳои нисбатан селроҳаи Тоҷикистон баландкӯҳҳо мебошанд. Дар натиҷаи ярч (лағжида фуромадани қабати замин) ва заминларза низ метавонад сел ба вуҷуд ояд. Селе, ки моҳи майи соли 1999 дар ноҳияи Данғара ва Восеъ ҷараён гирифт, 170 км роҳи мошингард, хонаҳои истиқоматӣ, иншооти хоҷагиро харобиовар намуд. Дар ҳамин моҳ чунин селҳои харобиовар дар ноҳияҳои Конибодом, Шаҳритус, Варзоб, Кӯҳистони Бадахшон, роҳи Ағбаи Анзоб низ ба миён омаданд, ки ба хоҷагии халқ зиёни калон расониданд.

Бо мақсади дар ноҳияҳои селроҳа пешгирӣ кардани зарари сел пешгӯйии боронҳои сахт, бунёди дарахтзори муҳофиз, сохтани иншооти селгардон ва селбурҳо аҳаммияти калон дорад.

**Кӯл.** Дар ҷумҳурӣ масоҳати кӯлҳо 0,5 дарсадро ташкил медиҳад. *Ҳаҷми оби ҳамаи кӯлҳо 46,3 км$^3$ мебошад.* Аз ин 19,3 км$^3$-и он оби нӯшокӣ мебошад. Асосан кӯлҳо дар Тоҷикистони Марказӣ ва Помир ҷой гирифтаанд.

Дар ҳамвориҳо кӯлҳо фақат дар дарёбодҳо воқеъ гардидаанд. Вобаста ба пайдоиши ҳавза кӯлҳо ба пиряхӣ, тектоникӣ ва ярчӣ ҷудо мешаванд.

Ба кӯлҳои пайдоишашон пиряхӣ метавон аксари кӯлҳои Помири Шимолӣ ва Шарқиро мансуб донист. Қарокӯл, Зоркӯл, Шӯркӯл, Рангкӯл, Турумтойкӯл ва ғайра аз ҷумлаи кӯлҳои баландкӯҳи ҷаҳон мебошанд. Ҳамаи онҳо дар баландии зиёда аз 3700-



***Расми 10.*** *Кӯли Рангкӯл дар Помири Шарқӣ*

4000 м ҷойгир шудаанд. Калонтарин кӯли пайдоишаш пиряхию тектоникии Тоҷикистон Қарокӯл аст (Помири Шарқӣ). Масоҳати он (бидуни ҷазираҳо) 380 км$^2$ ва чуқуриаш (дар қисми ғарбӣ) то 236 м мебошад. Оби кӯл шӯр аст ва дар он тақрибан ҳаёт нест. Кӯлҳои пайдоишашон пиряхӣ дар қаторкӯҳҳои Зарафшон (Кӯликалон) ва Пётри Якум – Ҳазорчашма дар болооби рӯди Сурхоб низ мавҷуданд.

Искандаркӯл дар мавзеи ҷангалзори қаторкӯҳи Ҳисор дар баландии 2255 м воқеъ аст. Масоҳаташ 3,5 км$^2$ ва чуқурии бештаринаш то 72 м мебошад. Оби кӯл ҷорӣ мешавад.

Ба кӯлҳои ярчӣ Яшилкӯл ва кӯли Сарез мансубанд. Аз рӯйи сохти соҳилҳо ва қаъри об муқаррар карда шуд, ки Яшилкӯл ба наздикиҳо дар натиҷаи кандашавии кӯҳ ба вуҷуд омадааст. Сарез кӯли аз ҳама ҷавон буда, дар водии дарёи Мурғоб ҷойгир аст. Ин кӯл соли 1911 дар натиҷаи афтида пеши роҳи дарёро бастани кӯҳ пайдо шудааст. Сарез кӯли аз ҳама чуқури ИДМ мебошад. Масоҳати ин кӯл 88 км$^2$ ва чуқуриаш 500 м аст. Ба он 17,3 км$^3$ оби ширини кӯлҳои ҷумҳурӣ рост меояд.

Дар Тоҷикистон ғайр аз кӯлҳои табиӣ кӯлҳои сунъӣ низ мавҷуданд. Ин кӯлҳоро бештар обанбор меноманд. Масалан, обанборҳои Қайроққум, Каттасой, Муъминобод, Селбур, Норак ва ғайра. Қайроққум обанбори аз ҳама калон аст, онро «Баҳри тоҷик» низ меноманд. Масоҳати он – 520 км$^2$ ва ғунҷоишаш 4160 млн. м$^3$ мебошад.

| **Луғати географӣ** | *Кӯли калони сунъие, ки барои ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва батанзимдарории маҷрои дарё сохта шудааст, обанбор ном дорад.* |
|---|---|

Дарё, кӯл ва обанборҳои Тоҷикистон барои хоҷагии халқ аҳаммияти калон доранд. Онҳо барои сохтани неругоҳҳои барқи обӣ (дарёҳо), обёрии киштзор, бо об таъмин намудани шаҳру деҳот, корхонаҳои саноатӣ ва иншоот корбаст мешаванд. Аз ҷиҳати захираи гидроэнергетика Тоҷикистон

баъди Русия дар миқёси ИДМ ҷойи дуюмро мегирад. Дар Тоҷикистон 8,5 дарсади захираи гидроэнергетикии ИДМ мавҷуд аст, ки алҳол чандон пурра истифода намешавад. Аҳаммияти наклиётии дарёҳои Тоҷикистон зиёд нест. Онҳо тезҷараён, печдарпеч ва пуртуғёнанд. Оламӣ ҳайвоноти кӯлу дарёҳо нисбатан кам аст. Баъзе моҳиҳо (зағорамоҳӣ, симмоҳӣ, гулмоҳӣ)-ро сайд мекунанд.

**Обҳои зеризаминӣ.** *Дар Тоҷикистон обҳои зеризаминӣ фаровон мебошанд.* Захираи солонаи онҳо 18,7 км$^3$-ро ташкил менамояд. Аз ҷумла захираи истифодашавандаи он ба 2,8 км$^3$ баробар аст. Ҳоло ба ҳисоби миёна аз он соле 2,3 км$^3$ истеъмол менамоянд. Обҳои зеризаминии Тоҷикистон аз ҷиҳати таркиби химиявӣ, таъм, тарзи ҷойгиршавӣ ва аҳаммият ниҳоят гуногунанд.

Дар ноҳияҳои кӯҳии Қаромазор, Тоҷикистони Марказӣ ва Помир, ки аз ҷинсҳои метаморфӣ, таҳшин ва магмавӣ таркиб ёфтаанд, чуқурии ҷойгиршавии обҳои зеризаминӣ ба 100-150 метр мерасад. Дар ноҳияҳои ҳамвори ҷумҳурӣ бошад, дар чуқуриҳои 5-40 метр ҷойгир шудаанд. Захира ва чуқурии ҷойгиршавии обҳои зеризаминӣ, на фақат ба шакли релйеф, балки ба шароити иқлим низ вобастагӣ дорад. Маъмулан, дар ноҳияҳои хушки ҷумҳурӣ, ки боришот кам аст, захираи обҳои зеризаминӣ низ кам буда, онҳо хеле чуқур ҷойгир мебошанд. Ба ин ноҳияҳо минтақаҳои биёбону нимбиёбонҳои ҷануб ва ҷанубу ғарбии Тоҷикистон, инчунин Помири Шарқӣ мансубанд.

Дар кишоварзӣ танзими намии хок аҳаммияти калон дорад. Танзими намӣ ба сатҳи ҷойгиршавии обҳои зеризаминӣ низ бисёр вобаста аст. Намии хокро маъмулан, бо роҳи мелиоратсия ва андешидани тадбирҳои техникӣ ба низом меоваранд. Масалан, баҳорон шибба кардани замин бухори намии қабати болои хокро афзун мегардонад ва ҳамин тавр, намии барзиёди он бартараф карда мешавад. Тобистон бошад, баръакс, нарм кардани хок садди роҳи бухори об шуда, барои ба дараҷаи кофӣ намнок истодани он мусоидат менамояд.

Аҳаммияти обҳои зеризаминӣ калон аст. Онҳоро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мардум, таъмини шаҳру деҳот, муассисаҳои саноатӣ ва дигар мақсадҳо корбаст мекунанд. Обҳои зеризаминии шӯртаъм фақат барои обдиҳии чорво ва қисман барои обёрӣ кор фармуда мешаванд.

**Пиряхҳо.** Кӯҳҳои осмонбӯси Тоҷикистон манбаи бузурги пиряхҳо мебошанд. *Масоҳати умумии пиряхҳо тақрибан 8,5 ҳаз. км$^2$ буда, қариб 6 дарсади сарзамини ҷумҳуриро ташкил медиҳад.* Чунин миқдори ях дар натиҷаи ғуншавии барфҳои бисёрсола, ки тақрибан аз баландиҳои 3000-3500 м сар мешаванд, ба вуҷуд омадааст. Пиряхҳо бахусус дар баландиҳои аз 3500 то 5300 м бештаранд.

*Қисми зиёди пиряхҳо дар шимол ва ғарби Помир, инчунин дар кӯҳҳои Тоҷикистони Шарқӣ ва Марказӣ ҷой гирифтаанд. Пиряхҳои калон мисли дарёҳо номи худро доранд: Федченко, Грумм-Гржимайло, Зарафшон, Гармо, Ҷамъияти Географӣ, Хирсон ва ғайра.*

Пиряхи аз ҳама калони Тоҷикистон пиряхи Федченко мебошад, ки дар нишебии шарқии қаторкӯҳи Академияи илмҳо, дар водии байникӯҳӣ ҷой гирифтааст. Дарозии ин пирях 77 км, бараш тақрибан 5 км ва ғафсиаш то 1800 м мебошад.

Пиряхҳо захираи бузурги об буда, дар кишоварзии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти бағоят калон доранд. Оби пиряхҳо 25 дарсади ҳаҷми ҷараёни дарёҳои Тоҷикистонро таъмин менамояд. Захираҳои оби тоза дар онҳо тақрибан 13 маротиба аз ҷараёни солонаи ҳамаи обҳои ҷумҳурӣ зиёд аст. Дар авҷи гармои фасли тобистон, ки барфҳои мавсимӣ ҳама об мешаванд, пиряхҳо ба боғу бӯстон ва киштзорҳо оби ҳаёт медиҳанд. Бинобар ин, омӯзиши обшавӣ ва ҳаракати пиряхҳо на фақат аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад. Дар пиряхи Федченко баландтарин истгоҳи обу ҳавосанҷӣ сохта шудааст.

## § 11. ПРОБЛЕМАИ ОБИ НӮШОКӢ

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-юмро «Соли байналмилалии оби тоза» эълон намуд. Ба ин хотир дар Душанбе моҳи сентябри соли 2003 Форуми байналмилалӣ баргузор шуд, ки дар он аз 54 кишвари ҷаҳон ходимони давлатӣ, олимон ва дигар намояндагони ташкилотҳои гуногуни ҷаҳон ширкат варзиданд. Чунин таваҷҷуҳ зоҳир намудани олимону ходимони давлатӣ беҳуда нест. Нобаробар тақсим шудани манбаъҳои об дар кураи Замин ба он овардааст, ки ҳоло дар қитъаи Осиё 1 млрд, дар Африқо 350 млн ва дар Амрикои Лотинӣ зиёда аз 100 млн нафар аз нарасидани оби ошомиданӣ азият мекашанд. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳар шахси сеюм аз нарасидани оби тоза дар азоб аст. Истеъмоли оби нопок сарчашмаи 3/4 ҳиссаи бемориҳои сирояткунанда ва аз 1/3 ҳиссаи ҳодисаи фавти одамон дар саросари ҷаҳон гардидааст. Дар қитъаи Африқо бештар аз 80 дарсади бемориҳо бо сабабҳои сифати пасти об, набудани шабакаҳои обрасон (водопровод) ва ба ҳолати бади санитарию гигиении истифодаи об вобаста мебошад.

Об муъҷизаи ҳаёт аст ва бе об ягон мавҷуди зинда вуҷуд дошта наметавонад. Муайян шудааст, ки то 70 дарсади бадани одам ва қисми зиёди таркиби рустанӣ ва меваю сабзавот низ аз об иборат мебошад. Мувофиқи таҳқиқот 95 дарсади бодиринг, 90 дарсади помидор, 85 дарсади себу нок ва 80 дарсади картошка аз об таркиб ёфтааст.

Талабот ба оби ошомиданӣ дар ҳама соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи инсон дар ҳоли афзоиш аст. Дар асрҳои гузашта истеъмоли шабонарӯзии об аз тарафи инсон ҳамагӣ 12-18 литрро ташкил медод ва ин нишондиҳанда дар асри XIX ба 40-60 литр ва ҳоло масрафи об ба сари аҳолӣ дар давлатҳои мутараққӣ ба 300-400 литр расидааст. Мувофиқи маълумоти мавҷуда айни замон як нафар сокини Ню-Йорк (ИМА) дар як шабонарӯз 1045

литр, Париж – 500 литр ва Москваю Санкт-Петербург то 600 литр об сарф мекунанд. Аввали қарни XXI миқёси ҷаҳонии истифодаи об дар соҳаҳои саноат то 20 баробар, дар кишоварзӣ 6 баробар ва дар соҳаҳои хоҷагии коммуналӣ то 7 баробар афзудааст.

Нобаробар ҷойгиршавии захираҳои об пеш аз ҳама ба сатҳи релйеф ва омилҳои иқлимӣ сахт вобастагӣ дорад. Масалан, дар минтақаи муътадил ва экваторӣ ба як нафар 25 ҳазор $м^3$ оби нӯшокӣ дар як сол, вале дар минтақаи биёбону нимбиёбон, ки аз 1/3 ҳиссаи аҳолии дунё зиндагӣ мекунанд, ба як нафар ҳамагӣ 3 ҳазор $м^3$ об рост меояд. Ин обро ҳам аксар барои обёрии заминҳо истифода мебаранд.

Ҳаҷми муҳити гидросфера дар сайёраи мо ниҳоят бузург аст, вале 96 дарсади онро оби шӯри баҳру уқёнусҳо ташкил медиҳад. Ба ҳиссаи оби нӯшокӣ ҳамагӣ 2,5 дарсади ҳаҷми умумии гидросфера рост меояд. Аз тарафи дигар ин нишондиҳандаи хеле бузург аст ва метавонад талаботи сокинони сайёраро то 10 ҳазор маротиба ба оби ошомиданӣ таъмин намояд. Мутаассифона, қисми зиёди ин захираҳои бузург дар дохили барфу пиряххои Антарктида, Гренландия, Арктика ва кӯҳу қаторкӯҳҳои калонтарини дунё ниҳон мебошанд.

Дар бисёр давлатҳои соҳили халиҷи Форс, баҳри Миёназамин, баҳри Хазар (Каспий), инчунин, дар Ҷопон ва ҷануби ИМА корхонаҳои махсуси тасфияи оби баҳр ва аз он ҳосил намудани оби ошомиданӣ сохта шудаанд. Дар байни давлатҳои дунё аз ҳама бештар Қувайт дар мавриди тозакунии об шуҳрат пайдо кардааст.

Бисёр давлатҳои ҷаҳон солҳост, ки ба хариду фурӯши оби ошомиданӣ сарукор доранд. Масалан, ИМА аз Канада, Олмон аз Шветсия, Норвегия аз Нидерландия ва Арабистони Саудӣ аз Малайзия оби ошомиданӣ мехаранд. Ҳоло дар як қатор давлатҳо нақшаҳои мисли нафту газ ба воситаи хатти лӯлаҳои трансокеанӣ аз Гренландия ва Антарктида ба Аврупо ва аз дарёи Амазонка ба қитъаи Африқо гирифтани об танзим шудааст.

Хушбахтона, кишвари мо – Тоҷикистон аз чунин мушкили замон дар канор аст. Ҳоло ба ҳар сокини ҷумҳурӣ соле 12000 $м^3$ об рост меояд ва аз рӯйи ин нишондиҳанда кишвари мо дар байни давлатҳои ИДМ яке аз ҷойҳои аввалинро мегирад. Бо вуҷуди ин, баъзе ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз нарасидани оби ошомиданӣ мушкилӣ мекашанд. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва дар ин асос зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ талаб менамояд, ки меъёри истифодаи об дуруст ба роҳ монда шавад.

Айни замон зиёда аз 76 дарсади аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Таъминоти оби ошомиданӣ ба воситаи шабакаҳои обрасон (водопроводҳо) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 30 дарсадро ташкил менамояд. Оби нопок ва корношоями аксари иншооти обтозакунӣ боиси паҳн гардидани бемориҳои сирояткунанда дар шаҳру деҳот мегардад. Бинобар ин, истифодаи оқилона, тоза нигоҳ доштани оби ҷӯю дарёҳо ва ҳифзи манбаъҳои он яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як сокини мамлакат мебошад.



*Қисми зиёди дарёҳои Тоҷикистон ба ҳавзаи баҳри Арал тааллуқ доранд. Дарёҳои асосии Тоҷикистон Ому, Панҷ, Вахш, Сир, Зарафшон ва ғайраҳо мебошанд. Аксари онҳо дар тӯли сол ду маротиба – баҳорон, ҳангоми об шудани барф ва боронгарӣ, ва тобистон, дар натиҷаи об шудани пиряххо, туғён мекунанд. Ҳаҷми оби ҳамаи кӯлҳо 46,3 $км^3$ мебошад. Дар Тоҷикистон обҳои зеризаминӣ фаровон мебошанд. Захираи солонаи онҳо 18,7 $км^3$-ро ташкил менамояд. Масоҳати умумии пиряххо тақрибан 8,5 ҳаз. $км^2$ буда, қариб 6 дарсади сарзамини ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Қисми зиёди пиряххо дар шимол ва ғарби Помир, инчунин дар кӯҳҳои Тоҷикистони Шарқӣ ва Марказӣ ҷой гирифтаанд.*



*1. Аз тариқи радио, телевизион ва матбуот хабар медиҳанд, ки сарбанди кӯли Сарез мустаҳкам нест ва вайроншавии он боиси харобиҳои мудҳиш мегардад. Барои пешгирӣ кардани он чӣ чорабиниҳо гузаронидан лозим аст?*

*2. Сел чист ва он ба хоҷагии халқ чӣ гуна зарар мерасонад?*



*1. Дарёҳои Тоҷикистонро тавсиф кунед. 2. Вобастагии низоми дарёҳоро ба релйеф ва иқлим нишон диҳед. 3. Дарёҳои Тоҷикистонро бо Ӯзбекистон (аз рӯйи тӯл, самти ҷараён, низом) қиёс намоед. 3. Пиряхҳои нисбатан калони Тоҷикистонро номбар кунед ва аҳаммияти пиряхҳоро шарҳ диҳед.*



*1. Дар харитаи тарҳии Тоҷикистон номи дарёҳоро қайд кунед. Неругоҳҳои барқи обиро бо аломатҳои шартӣ ишора кунед. Кӯлҳои Тоҷикистонро тавсиф намоед ва онҳоро дар харитаи тарҳӣ қайд кунед.*



*1. Рӯди (ё обанбори) маҳалли худро тавсиф кунед: низом ва аҳаммияти он. 2. Шарҳ диҳед, ки обҳои зеризаминии атрофи мактаби шумо дар чӣ қадар чуқурӣ ҷой гирифтаанд (аз рӯйи сатҳи оби якчанд чоҳ). Беҳтараш инро ҳамон вақт ҳисоб кунед, ки аз чоҳ об гирифта бошанд (масалан, пагоҳӣ).*

## § 12. ХОК ВА ЗАХИРАИ ЗАМИН



*1. Кадом навъҳои хокро медонед? 2. Ҳосилхезии хок ба чӣ вобаста аст? 3. Хок чист?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Омилҳои хокҳосилшаванда кадомҳоянд?*
- *Дар ҳудуди ҷумҳурӣ кадом навъҳои хок мавҷуд аст?*
- *Фонди замини Тоҷикистон чӣ гуна аст?*

**Луғати географӣ** | *Қабати рӯйи Замин, ки қобилияти ҳосилхезӣ дорад, хок номида мешавад.*

Таркиби хок хеле мураккаб буда, онро илми хокшиносӣ меомӯзад. Асосгузори ин илм олими рус В. В. Докучаев аст. Мувофиқи таълимоти ӯ омилҳои муҳимтарини хокҳосилшавӣ иқлим, ҷинси кӯҳӣ, сохти геологӣ, релйеф, наботот ва ғайра мебошанд.

*Вобаста ба иқлим пайдошавии хок шакли минтақавӣ дорад.* Чунончи, ба минтақаи беша хоки хокистарранги бешагӣ хос аст, ки он дар шароити ҳарорати нисбатан паст ва намии зиёд ҳосил мешавад. Шӯрхокҳои биёбонӣ, баръакс, дар шароити намии кам ва гармии зиёд пайдо мешаванд.

*Пайдоиш ва навъҳои хоки Тоҷикистон ба мавқеи географӣ (минтақаи биёбон), релйефи кӯҳӣ ва иқлими гарму хушки он алоқаманд аст.* Вобаста ба ин омилҳо ва минтақаи амудӣ дар ҳудуди Тоҷикистон чунин навъҳои хокро метавон ҷудо кард: минтақаи ҳамворию пасткӯҳӣ – бештар бо хоки хокистарранг, минтақаи миёнакӯҳӣ – бо хоки дорчинии кӯҳӣ, минтақаи баландкӯҳӣ – бо хокҳои марғзори баландкӯҳӣ, даштӣ, биёбонӣ, минтақаи осмонбӯс – бо хоки сода.

**Хоки хокистарранг** дар Тоҷикистон бисёр аст. Ранги ин хок ба хокистар монанд мебошад ва номаш низ аз ҳамин ҷост. Хокҳои хокистарранг дар шароити иқлими хушк ва гарми ҳамвориҳо, доманакӯҳҳо ва пасткӯҳҳои ҷумҳурӣ дар баландиҳои 300-1600 м ташаккул меёбанд. Таркибаш аз 1-3 дарсад порухок (гумус) иборат буда, ба миқдори зиёд карбонатҳои барои растанӣ муҳим дорад. Бо обёрӣ кардан аз ин хок ҳосили баланди зироат рӯёнидан мумкин аст. Боришоти солона 100-150 мм-ро ташкил менамояд.

Хоки хокистарранг дар ҳар мавзеъ ҳар хел мебошад. Вобаста ба баландии маҳал, иқлим, миқдори порухок хоки хокистарранг се навъ – равшан, муқаррарӣ ва тира мешавад.

**Хоки хокистарранги равшан** дар ҳамвориҳои доманакӯҳӣ ва нишебии адирҳои паст (дар баландиҳои 300-500 м) дучор шуда, таркибаш аз 1-1,5 дарсад порухок иборат аст. Миқдори карбонатҳо 20 дарсад (дарсад)-ро ташкил медиҳад. Хокҳои хокистарранги равшани обёришавандаро барои кишти пахта истифода мебаранд. Бештари қисми мавзеъҳои хокашон хокистарранги равшан чарогоҳи зимистонаи чорво мебошад.

**Хоки хокистарранги муқаррарӣ** дар ҳамвориҳои кӯҳдоман ва адирҳо (дар баландии 600-900 м) ба назар мерасад. Ин хок зоҳиран аз хоки хокистарранги равшан чандон тафовут надорад. Дар таркибаш 1,5-2 дарсад порухок мавҷуд аст ва асосан барои кишти пахта ва баъзан барои кишти зироати лалмӣ истифода мешавад.

# ТАРКИБИ ХОК


Хокистарранги тира
Биёбонии дорчинӣ
Хокистарранги равшан (сафедчатоб)
Хокистарранги муқаррарӣ
Марғзории обёришаванда
Кӯҳии дорчинии равшан (қаҳваранг)
Кӯҳии дорчинӣ (қаҳваранг)
Кӯҳӣ ва баландкӯҳии марғзору даштӣ
Кӯҳӣ ва баландкӯҳии даштӣ
Баландкӯҳии биёбонию даштӣ
Биёбонии баландкӯҳӣ
Соҳили дарёҳо ва аллювиалӣ
Шӯрхокҳо
Скелетии суст инкишофёфта
Шайдон
Бӯстон
ХУҶАНД
Зафаробод
Ҷ. Расулов
Исфара
Спитамен
Шӯроб
ИСТАРАВШАН
Ворух
ПАНҶАКЕНТ
Айнӣ
Лахш
Рашт
ТУРСУНЗОДА
ДУШАНБЕ
РОҒУН
ВАХДАТ
Норак
Қалъаи Хумб
Ёвон
Ванҷ
Мурғоб
Данғара
Рӯшон
БОХТАР
КӮЛОБ
ХОРУҒ
Шаҳритус
Панҷипоён
Панҷ
Ишкошим
Қарокӯл

**Хоки хокистарранги тира** қисми болои минтақаи хоки хокистаррангро ишғол карда, бештар дар суфаҳои баландии дарёҳо, кӯҳдоманҳо ва пасткӯҳҳо (дар баландии 900-1600 м) паҳн шудааст. Хоки хокистарранги тира нисбат ба хокҳои хокистарранги муқаррарӣ ва равшан ҳосилхез аст. Дар ин хок метавон ҳосили хуби зироати лалмӣ рӯёнид. Таркибаш 1,5-3 дарсад порухок дорад.

Дар минтақаи ҳамворию пасткӯҳҳо дигар навъҳои хок низ мавҷуданд (масалан, хокистарранги бӯр, шӯрхок, шӯрзамин), ки масоҳати онҳо кам аст. Азхуд кардани шӯрхокҳо масъалаи муҳим мебошад. Шӯрхокҳоро маъмулан, бо роҳи шустан ва кофтани заҳбур корам мекунанд.

**Хоки дорчинии кӯҳӣ** дар баландии 800-1800 м дар миёнакӯҳҳои Тоҷикистон паҳн шудааст. Ин хокҳо хеле ҳосилхезанд ва таркибашон аз 5-8 дарсад порухок иборат аст. Навъҳои гуногуни ин хок – дорчинии карбонатӣ, дорчинии равшан ва ғайра дар ҳудуди минтақа зина-зина (аз поён ба боло) ҷойгир мебошанд. Миқдори солонаи боришот – 200-250 мм, дар Помири Ғарбӣ 1500 мм-ро ташкил менамояд. Маҷмӯи ҳарорат аз 100 баланд аз 1000 то 4300 тағйир меёбад.

**Хоки минтақаи баландкӯҳ** зиёда аз 50 дарсади масоҳати Тоҷикистонро ишғол мекунад. Ин хок дар баландиҳои аз 3000 то 4500-4800 м дучор меояд. Хоки ин минтақа баландкӯҳию марғзорӣ, баландкӯҳию даштӣ, баландкӯҳию биёбонӣ ва ғайра мебошад. Миқдори моддаҳои ғизоӣ дар он аз 4,2 то 5,3 дарсад ба таври амудӣ тағйир меёбад. Ин минтақа асосан барои парвариши зироати ғалладона, лалмикорӣ ва чун чарогоҳ истифода мешавад. Минтақаи осмонбӯс дар баландии зиёда аз 4800 м воқеъ гардидааст. Хоки ин минтақа сода буда, ҳосилхез нест. Ин хок ҷо-ҷо дар байни пиряху шахҳои кӯҳ дучор меояд. Аҳаммияти хоҷагӣ надорад.

*Захираи заминии Тоҷикистон сарвати бебаҳои табиат – замин ва қисми ҳосилхези он хок мебошад.* Сатҳи хушкии кураи Замин 149 млн. км$^2$ буда, инсон фақат 55-56 дарсади онро бо мақсадҳои гуногун истифода мебарад. Ин ҳаргиз маънои имкониятҳои васеи истифодаи замин дар оянда

нест, зеро қисми боқимондаи хушкӣ барои истифодаи хоҷагӣ мувофиқ нест (пиряххо, тундра, биёбонҳои кӯҳӣ) ва ё истифодаи он аз ҳад мушкил (биёбон, ботлоқзор ва кӯҳистон) мебошад.

Замин захираи табиии бисёрсоҳа аст. Вай дар саноат, сохтмон, нақлиёт ҳамчун мавқеи ҷойгиронии объектҳои истеҳсолӣ, дар кишоварзию хоҷагии ҷангал бошад, на танҳо воситаи истеҳсолӣ, балки предмети меҳнат низ ҳисоб меёбад. Одатан, мафҳуми «захираи заминӣ» тамоми заминҳои мавҷударо не, балки қисми истифодашавандаи онро ифода мекунад.

*Замин ҳамчун сарвати табиӣ якчанд хусусияти ба худ хос дорад: якум – ивазшаванда аст; дуюм – бисёрсоҳа буда, бо мақсадҳои гуногун истифода мешавад (киштзор, маргзор, сохтмон ва ғайра); сеюм – захираи маҳдуд дошта, хосияти барқароршавандагӣ дорад.*

Замин манбаи муҳимми сарвати ҷамъият аст. Вай моликияти халқ буда, бояд ба манфиати умум истифода шавад. Фонди замин аз рӯйи истифода ба заминҳои кишоварзӣ, ғайрикишоварзӣ, фондҳои давлатии ҷангалу об ва фонди давлатии захиравӣ тақсим мешавад. Таносуби қисмҳои таркибии фонди замин дар ҳар як ҷумҳурӣ ҳар хел аст. Чунончи, дар фонди умумии заминҳои Тоҷикистон (14,5 млн. га) заминҳои кишоварзӣ – 66,1 дарсад, фонди давлатии захиравии ҷангал – 32 дарсад ва дигар соҳаи истифода – 1,9 дарсадро ташкил медиҳад. Ин нишондодҳо дар ИДМ мутобиқан ба 47,2; 49,4; 3,4 дарсад баробар аст.

Арзиши фонди замин аз рӯйи кадастри он муайян карда мешавад. Кадастри замин маҷмӯи маълумоти дақиқ оид ба замин ва бузургии он, сифат ва таркиби хок, ҳосилхезӣ ва истифодаи замин мебошад. Қисми муҳимми кадастри замин баҳодиҳии сифати хок аст, ки дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои муҳимтарини агрономии хок тартиб дода мешавад.

Бузургӣ ва сифати фонди замини Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хос дорад (ҷадвали 2).

*Ҷадвали 2*

**Тақсимоти фонди замин (ҳаз.га)**

| | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1990** | **1997** | **1999** | **2003** | **2006** | **2012** | **2018** |
| **Фонди замин (ҳамагӣ)** | 14255 | 14255 | 14255 | 14255,4 | 14255,4 | 14255,4 | 14255,4 |
| **Аз он ҷумла: замини кишт** | 809,6 | 790,0 | 850,3 | 864,5 | 900,2 | 900,4 | 900,6 |
| **марғзору чарогоҳ** | 3280,2 | 3289,0 | 3250,0 | 3064,6 | 2978,2 | 2978,6 | 2978,6 |
| **ҷангалзор** | 357,3 | 350,0 | 351,0 | 351,0 | 350,0 | 352,0 | 353,0 |

Заминҳои нисбатан сермаҳсул, аз ҷумла замини кишт ҳамагӣ 5,8 дарсади фонди замини Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Камзаминӣ хусусияти хосси Тоҷикистон аст. Беш аз 70 дарсади фонди замин аз қаторкӯҳҳо, сангу шах, пиряххо ташкил ёфта, барои кишт мувофиқ нест. Аз 4,2 млн. га заминҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 20 дарсад киштзор аст.

*Аксар заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хоки хокистарӣ дошта, ҳосилхезии табиии онҳо чандон баланд нест.* Дар ин ҷо заминҳои регӣ низ бисёранд, ки барои зироаткорӣ ва ҳатто чорводорӣ чандон мувофиқ нестанд. Санглохии заминҳо ба истифодаи онҳо халали ҷиддӣ мерасонад.

Тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, заминҳои Тоҷикистон дар ҳолати нигоҳубини оқилона ва обёрии сунъӣ ҳосили хуб медиҳанд. Агар ба ҳисоб гирем, ки аз заминҳои Тоҷикистон дар як сол 2-3 бор ҳосил гирифтан мумкин аст, пас арзиши аслии заминҳо дар ҳақиқат бебаҳо мебошад.

*Баробари афзоиши аҳолӣ андозаи замин ба ҳар сари аҳолӣ сол то сол кам мешавад.* Чунончи, дар 25 соли охир ба ҳар сар аҳолии кураи Замин микдори киштзор аз 0,45 то 0,31 га, чарогоҳҳо аз 0,93 то 0,67 га ва бешазорҳо аз 1,37 то 0,87 га кам шудааст. Сол то сол андозаи заминҳои ғайрикишоварзӣ меафзояд. Заминҳои бо саноат, сохтмон, нақлиёт ва ғайра бандбуда дар ИМА – 3 дарсад, Ҷопон – 5 дарсад, ИДМ –

2,7 дарсади фонди заминро ташкил медиҳанд. Масоҳати умумии ин гуна заминҳо дар ИДМ ба 60 млн. га мерасад ва ҳар соле ба миқдори 2 млн. га (аз ҷумла 0,15-0,20 млн. га аз ҳисоби киштзор) меафзояд.

Арзиши замин ҳамчун сарвати бебаҳо дар Тоҷикистон низ сол то сол рӯ ба афзоиш аст. *Дар тӯли 30 соли охир андозаи замини кишт ба ҳар сар аҳолӣ аз 0,48 то 0,11 га кам шудааст.* Миқдори заминҳои дар натиҷаи эрозия, шӯрбандӣ,ривоҷи саноати кӯҳӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва ғайра корношоямшуда, аз ҳисоби химикатҳо заҳролудшавии замин низ афзуда истодааст. Аз ин рӯ, истифодаи оқилона ва дурусти замин дар Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Дар ин бобат ҷорӣ кардани комёбиҳои илмию техникӣ (электронӣ, мелиоратсия ва ғайра) хеле зарур мебошад. Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ ба мубориза бар зидди эрозияи хок, ҳарҳосилшавӣ ва истифодаи самараноки ҳар як қитъаи хурди замин эътибори ҷиддӣ дода мешавад.



*Қабати рӯйи Заминро, ки қобилияти ҳосилхезӣ дорад, хок меноманд. Вобаста ба иқлим пайдошавии хок шакли минтақавӣ дорад. Пайдоиш ва навъҳои хоки Тоҷикистон ба мавқеи географӣ, релйефи кӯҳӣ ва иқлими гарму хушки он алоқаманд аст. Захираи заминии Тоҷикистон замин ва қисми ҳосилхези он хок мебошад. Замин ҳамчун сарвати табиӣ якчанд хусусияти ба худ хос дорад: якум – ивазшаванда аст; дуюм – бисёрсоҳа буда, бо мақсадҳои гуногун истифода мешавад (киштзор, маргзор, сохтмон ва ғайра); сеюм – захираи маҳдуд дошта, хосияти барқароршавандагӣ дорад. Аксар заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хоки хокистарӣ дошта, ҳосилхезии табиии онҳо чандон баланд нест. Баробари афзоиши аҳолӣ андозаи замин ба ҳар сари аҳолӣ сол то сол кам мешавад. Дар тӯли 30 соли охир андозаи замини кишт ба ҳар сар аҳолӣ аз 0,48 то 0,11 га кам шудааст.*



*1. Кадом навъҳои хоки Тоҷикистон дар шароити обёрӣ ва ҳамроҳ намудани нуриҳои минералӣ ҳосили баланд медиҳанд?*

*2. Дар шароити камзаминӣ заминҳои киштро чӣ тавр бояд истифода бурд? 3. Дар маҳалли шумо баҳри муҳофизати хок ва беҳтар истифода бурдани киштзорҳо чӣ гуна тадбирҳо андешида мешаванд?*



*1. Нақшаи буриши хоки маҳалли худро тартиб диҳед. 2. Захираи замини Тоҷикистон чӣ қадар аст?*



*1. Аз рӯйи харита паҳншавии хокҳои Тоҷикистонро шарҳ диҳед. 2. Навъҳои асосии хоки ҷумҳуриро номбар кунед ва онҳоро дар харита нишон диҳед.*

## § 13. НАБОТОТ ВА ҲАЙВОНОТ



*1. Дар синфи 6-ум ва 8-ум бо кадом минтақаҳои табиӣ шинос шуда будед? 2. Дар минтақаи табиӣ унсурҳои табиӣ бо ҳам чӣ гуна алоқамандӣ доранд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Гуногунии олами наботот ва ҳайвоноти ҷумҳурӣ ба кадом омилҳо вобаста аст?*
- *Паҳншавии набототи Тоҷикистон кадом хусусиятҳои ба худ хосро дорад?*
- *Барои ҳифзи навъҳои наботот ва ҳайвонот чӣ чораҳо дидан зарур аст?*

Релйефи мураккаб ва мувофиқати кӯҳу биёбонҳо шароити иқлиму хокро дигаргун карда, барои нашъунамои рустанӣ ва зиндагии ҳайвонот заминаи мухталиф фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, олами наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон хеле гуногун мебошанд. *Дар ин ҷо зиёда аз 5 ҳазор навъи рустанӣ, 48 навъи ширхӯрҳо ва зиёда аз 380 навъи паранда мавҷуд аст. Миқдори ҳашарот зиёда аз 10 ҳазор мебошад.*

Олами набототи Тоҷикистон хеле гуногун буда, қисми зиёди онҳо аҳаммияти калони хоҷагӣ доранд. Дар байни олами наботот рустаниҳои мевадеҳ, ороишӣ, доругӣ, асаловар ва ғайра хеле бисёранд. Мутаассифона, аксари онҳо ҳанӯз дар хоҷагӣ кам истифода мешаванд. *Аз 1500 навъи рустаниҳои доругӣ ҳамагӣ 145 навъро дар тиб ба кор мебаранд.* Дар байни набототи Тоҷикистон навъҳои гуногуни

рустаниҳои ба дигар кишварҳо хосбуда дучор мешаванд. Дар ин ҷо якҷоя бо навъҳои маҳаллӣ – саксавул, писта, арча, явшону шӯрагиҳо навъҳои набототи баҳримиёназаминӣ, монанди дӯлонаи понтонӣ, чормағзи юнонӣ, анҷир ва ғайра паҳн шудаанд. Тоҷикистон низ яке аз марказҳои нахустин паҳншавии ҷавдору гандум ба шумор меравад.

*Хусусияти фарққунандаи набототи Тоҷикистон дар бартарии алафҳои гуногун, нимбутта ва буттагиҳои минтақаи биёбон, дашт ва баландкӯҳҳо зоҳир мегардад.*

Дигар хусусияти набототи Тоҷикистон дар он аст, ки онҳо на ба таври арзӣ, балки амудӣ (вертикалӣ) паҳн гардида, ба шароити ҳамворию кӯҳҳо хеле хуб мутобиқ шудаанд.

Набототи қисми ҳамворӣ хусусияти биёбонию нимбиёбонӣ дорад. Барги ин рустаниҳо аксар майда ва хордор буда, обро кам бухор мекунад; решаи онҳо бошад, дарозу сершоха аст ва аз чуқурии зиёд обро ҷаббида мегирад. Давраи нашви рустаниҳои биёбону нимбиёбон хеле кӯтоҳ буда, онҳо фақат баҳорон сабзида, то гармиҳои аввали тобистон хушк мешаванд. Ба чунин рустаниҳо ҷорӯбак, чинорак, лолахасак, лола ва баъзе хӯшадорҳо мансубанд. Ғайр аз ин, дар байни регҳо буттаҳои саксавул, хор (янтоқ) ва дигар рустаниҳои ба хушкӣ тобовар мерӯянд. Дар водии дарёҳо бошад, рустаниҳои гуногун зич рӯйида, тӯғайзорҳоро ба амал овардаанд. Дар тӯғайзор дарахтони сафедор, бед, санҷид, ангат ва рустаниҳои хӯшадори баландқад (сич, алафҳои ботлоқӣ) рӯйида, дар баъзе ҷойҳо ҳатто ба бешаи касногузар табдил меёбанд.

Набототи баландкӯҳҳо ба иқлими хушк ва номусоиди он мутобиқ шудааст. Дар ин ҷо рустаниҳои болиштмонанд бартарӣ доранд, ки намӣ ва гармиро дар худ нигоҳ медоранд. Марғзору даштҳои баландкӯҳ аз гиёҳҳои гуногун (юған, чиммак, думи рӯбоҳ, чағаз) ва буттаҳо (зағоза, болиштакҳо) иборатанд. Набототи марғзорҳои алпӣ ду-се моҳ нашъунамо карда, сипас аз хунукӣ маҳв мешаванд. Марғзору даштҳои баландкӯҳ камҳосил бошанд ҳам, чарогоҳи хуби тобистона ба шумор меравeasy.

# ХАРИТАИ ПАҲНШАВИИ ШИРХӮРҲО



*Дар Тоҷикистон бешазорҳо ҳам кам буда, ҳамагӣ 3 дарсади масоҳати онро ташкил медиҳанд.* Бешазорҳо масоҳати яклухт надоранд ва қитъа-қитъа дар нишебию ёнаи кӯҳҳо ва дараҳо ҷойгир шудаанд. Дар бешазори Тоҷикистон зиёда аз 200 навъи дарахту бутта рӯйида, дар байни онҳо рустаниҳои мевадор (чормағз, писта, бодом, себ, нок, олуча) ва гиёҳҳои шифобахш хеле бисёранд.

Арча, писта, бодом ва чормағз дарахтони хосси Тоҷикистон мебошанд.

*Арчазорҳо 50 дарсади ҷангалзори ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.* Арчазорҳо бахусус, дар қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор (дар нишебиҳои шимолӣ) фаровонанд. Дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ арчазорҳо кам мебошанд. Аҳаммияти арча дар пешгирӣ кардани эрозияи хок калон аст. Чӯби арча пурбаҳост, онро дар истеҳсоли мебел ва қалам кор фармудан мумкин аст. Алафи арчазорҳоро чун чарогоҳ истифода мебаранд.

Пистазорҳо дар Тоҷикистони Ҷанубӣ нисбатан бисёранд (дар қаторкӯҳҳои Тераклитоғ, Қаротоғ, Боботоғ ва ғайра). Масоҳати умумии пистазорҳо зиёда аз 100 ҳаз. гектарро ташкил медиҳад. Писта то 60 дарсад равған дорад ва хӯроквории пурбаҳост. Пистаро чун ранг ва моддаи даббоғӣ, инчунин барои гирифтани қатрон (дар техника ва тиб) низ кор мефармоянд.



**Расми 11.** *Арча*

Чормағз чӯби хушсифат ва меваи серғизо дорад. Дар Тоҷикистон зиёда аз 30 ҳазор гектар чормағззор мавҷуд аст. Ҳар сол дар ҷумҳурӣ бештар аз 250 тонна чормағз мерӯёнанд.

Ғайр аз арча, писта ва чормағз дар ҷангалҳои Тоҷикистон инчунин заранг, чинор, настаран, дӯлона ва бисёр дарахтони дигари мевадеҳ (себ, нок, олуча, анҷир, анор ва ғайра) мерӯянд.

# ХАРИТАИ ПАХНШАВИИ ПАРАНДАГОН



**Олами ҳайвоноти** ҷумҳурӣ низ гуногун аст. Дар хушкӣ, кӯҳу дарёҳо ҳайвоноти зиёде зиндагӣ мекунанд. Дар Тоҷикистон Марказӣ навъҳои ҳайвоноти «шимолӣ» (хирси малла, заргӯш, қашқалдоқ, қоқум, юрмон, ғурми сибирӣ), осиёимиёнагӣ ва ҳиндутибетӣ (шерпаланг, гурги тибетӣ, ҷайра, зарғулдор, майна ва фароштуруки ҳиндӣ, муфлон, кубро, сусмор) паҳн шудаанд.

Шароити табиии Тоҷикистон барои зисти ҳайвоноти ширхор (82 навъ) ва хазандагон (47 навъ) мусоидат мекунад. Дар ин ҷо 380 хели паранда ва беш аз 10 ҳазор навъи ҳашарот вомехӯранд. Дар байни парандаҳо 82 навъ муқимӣ мебошанд. Парандаҳо нисбат ба хазандагон дар қаламрави ҷумҳурӣ васеъ паҳн гардидаанд. Онҳо дар ҳама минтақаҳои табиӣ вомехӯранд.



***Расми 12.*** *Ибрис*



***Расми 13.*** *Бузи пармашох (Морхӯр)*

Хусусияти хосси олами ҳайвоноти Тоҷикистон дар кам будани ҳайвоноти обӣ зоҳир мегардад, ки сабаби он нисбатан ҷавон будани синну соли кӯлу дарёҳо мебошад. Аз 49 навъи моҳии шикоршаванда дар айни замон 21 навъи он аҳаммияти хоҷагӣ дорад. Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон баъзе навъи ҳайвонот аҳаммияти калони хоҷагӣ ва шикорӣ доранд: гуроз, заргӯш, рӯбоҳ, қашқалдоқ, кабк, мурғобии ҳиндӣ ва ғайра.

Хосияти дигари олами ҳайвонот ба тарзи минтақаҳои амудӣ паҳншавии он аст. Чунончи, дар биёбону нимбиёбон хелҳои гуногуни ҳайвоноти тездав (ҷирон, рӯбоҳ, заргӯш)

ва дар зери замин паноҳёфта (сусмор, кубро, юрмон), инчунин парандагон (жаврак, гунҷишк, дуғдоғ) сукунат доранд. Ин ҷонварон ба шароити иқлими гарму хушк нағз мутобиқ шудаанд. Дар минтақаи баландкӯҳ бошад, паланг, нахчир, суғур, гулмуши сурх, аз парандагон кабки ҳилол, каргас, ҳумо ва бургут вомехӯранд. Баҳорон барои лонагузорӣ ба ин ҷо ғози ҳиндӣ, мурғобии сурх ва ғайра парида меоянд.

Бо сабаби ба замини корам табдил шудани дашту биёбонҳо ва шикори ғайриоқилона шумораи баъзе навъҳои олами ҳайвонот торафт кам шуда истодааст. Масалан, паланг тамоман нест шуда, шерпаланг, оҳу, морхӯр, архар ва ғайра дар арафаи маҳвшавӣ мебошанд.

*Алҳол барои ҳифзи табиат ва набототу ҳайвоноти муфид дар минтақаҳои гуногун мамнуъгоҳ, паноҳгоҳ ва пойгоҳҳои (стансияҳои) илмӣ ташкил карда шудаанд, ки бо онҳо дар бобҳои оянда шинос хоҳем шуд.*



Дар Тоҷикистон зиёда аз 5 ҳазор навъи рустанӣ, 48 навъи ширхӯрҳо ва зиёда аз 380 навъи паранда мавҷуд аст. Миқдори ҳашарот зиёда аз 10 ҳазор мебошад. Аз 1500 навъи рустаниҳои доругӣ ҳамагӣ 145 навъро дар тиб ба кор мебаранд. Дар Тоҷикистон бешазорҳо кам буда, ҳамагӣ 3 дарсади масоҳати онро ташкил медиҳанд. Арчазорҳо 50 дарсади ҷангалзори ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Алҳол барои ҳифзи табиат ва набототу ҳайвоноти муфид дар минтақаҳои гуногун мамнуъгоҳ, паноҳгоҳ ва пойгоҳҳои (стансияҳои) илмӣ ташкил карда шудаанд.



*1. Кадом намуди ҳайвоноти минтақаи шимолӣ, тибетӣ ва ҳиндии Тоҷикистонро медонед? 2. Навъҳои маҳаллӣ ва баҳримиёназаминии набототро, ки дар ҳудуди мамлакат мерӯянд, номбар кунед. 3. Бешазорҳои ҷумҳурӣ чӣ гуна хусусиятҳо доранд? Онҳоро шарҳ диҳед. 4. Набототи ва ҳайвоноти маҳалли шумо чӣ гуна хусусиятҳо доранд?*



*1. Ба таври амудӣ паҳн гардидани навъҳои набототот дар қаламрави Тоҷикистон ба кадом омилҳо вобаста аст? 2. Барои чӣ дар кӯлҳои Тоҷикистон ҳайвонҳои обӣ, аз ҷумла моҳиҳо каманд ва ё тамоман нестанд?*

## § 14. МИНТАҚАҲОИ ТАБИӢ



*1. Сабаби пайдоиши минтақаҳои табиӣ дар чист? 2. Кадом минтақаҳои амудии хоку иқлими Тоҷикистонро медонед?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Ба таври амудӣ ҷойгир шудани минтақаҳои табиӣ ба чӣ вобастагӣ дорад?*
- *Минтақаҳои табиии амудӣ аз якдигар бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунанд?*
- *Барои Тоҷикистон кадом минтақаҳои табиӣ хос аст?*

Сатҳи замини Тоҷикистон хеле гуногун аст. Дар он ҳамвориҳо, қаторкӯҳҳо, теппаю адирҳо бо ҳам пайваст ҷой гирифтаанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо ғайр аз минтақаҳои уфуқии табиӣ боз минтақаҳои амудӣ (вертикалӣ) мушоҳида карда мешаванд, ки ба релйеф ва иқлим вобастаанд.

Одатан, баробари афзудани баландӣ ҳарорат ва фишори ҳаво паст мешавад ва то баландии муайян миқдори бориш ва намии ҳаво меафзояд. Вобаста ба ин хок, олами набототот, ҳайвонот ва миқдори оби зеризаминӣ тағйир меёбанд. Дар натиҷа *аз доманаи кӯҳҳо ба сӯйи қуллаҳои онҳо минтақаҳои мухталифи табиии амудӣ ташаккул ёфта, тадриҷан якдигарро иваз мекунанд.*

Ҳар як минтақаи амудӣ комплекси табиию минтақавӣ мебошад. *Дар онҳо тамоми қисмҳои таркибии табиат (релйеф, иқлим, об, ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, набототот, ҳайвонот) ба якдигар зич алоқаманд буда, бо ҳам робитаи мутақобила (дутарафа) доранд.*

Ҳоло дар Тоҷикистон якчанд минтақаҳои табиии амудӣ мавҷуданд, ки аз якдигар бо хусусиятҳои хосси релйеф, иқлим, хок, олами набототот ва ғайра фарқ мекунанд:

*А) минтақаи биёбонию нимбиёбонӣ;*
*Б) минтақаи дашт;*
*В) минтақаи ҷангал (беша);*
*Г) минтақаи субалпӣ;*
*Д) минтақаи алпӣ.*

**Минтақаи биёбонӣ ва нимбиёбонӣ** дар ҳудуди Тоҷикистон масоҳати васеъ ва яклухтро ташкил намекунад. Онҳо дар шимол (қисми ғарбии водии Фарғона) ва дар ҷанубу ғарбии ҷумҳурӣ (соҳили рости дарёи Ому, поёноби дарёҳои Вахш, Кофарниҳон ва Панҷ) қитъаҳои начандон васеъро ишғол менамоянд. *Ин минтақа мавзеъҳои аз ҳама пасти Тоҷикистон (300-650 м)-ро дар бар мегирад.* Сатҳи замини минтақа асосан аз реги қишрҳои гуногундошта ташкил ёфтааст.

Дар баъзе мавзеъҳо ин регзорҳо теппаҳои пайдарҳами 4-5 ва 20-30 метр баландӣ доштаро ҳосил кардаанд. Ин регҳо аксар вақт мустаҳкам ва беҳаракат мебошанд. Регҳои равон дар соҳили рӯди Сир, дар наздикии шаҳри Конибодом вомехӯранд. Дар биёбони баландкӯҳи Помири Шарқӣ низ регзорҳо дида мешаванд.

Иқлими биёбон ва нимбиёбонҳо бо зиёд будани гармӣ, софии ҳаво ва кам будани намнокию бориш фарқ мекунад. Абрнокӣ ба ҳисоби миёна дар як сол 25-30 дарсадро ташкил менамояд. Миқдори бориши солона 120-350 мм аст. Дар натиҷа хокҳои сафедчатоб, муқаррарии хокистарранг ва дар тӯғайзорҳо, обғалти дарёҳо хокҳои карбонатии дорои моддаҳои пӯсида, марғзорию ботлоқӣ паҳн гардидаанд.

Олами набототи минтақа гуногун аст. Дар ин ҷо гиёҳҳои бебақо, пудина, ҷорӯбакҳо, хӯшадорҳо, хор (янтоқ), хори мурғелон, явшон, шӯра, ғеша, типчоқ, ҷузғун, саксавул ва ғайра нашъунамо мекунанд. Гиёҳҳои бебақо дар аввали баҳор сабзида, аллакай дар нимаҳои моҳи май хазон мешаванд. Дар обғалти рӯдҳо воҳаҳои сабзи табиӣ ҳосил шудаанд, ки онро тӯғайзор мегӯянд. Олами набототи он аз дарахтони сафедор, зарбед, санҷид, ангат, лиф (аз лианҳо),

ғешаю най ва дигар гиёҳҳою бӯтта ва дарахт иборат аст. Қисми заминҳои минтақа обшор шуда, ба замини парвариши зироат ва боғу токзорҳо табдил ёфтаанд.

Олами ҳайвонот монанди наботот ба шароити табиии биёбон мутобиқ шуда, аксар ба камобӣ тобовар мебошанд. Ранги онҳо ҳам бо табиати атроф мутобиқ аст. Дар ин ҷо аз даррандагон гурги биёбонӣ, рӯбоҳ, шағол, гурбаи қамишзор, кафтор ва ғайра вомехӯранд. Гавазни бухороӣ, ҷейран, заргӯш, ҷайра бошандагони ин минтақа мебошанд. Аз хояндагон юрмон, муши дупо, муш ва ғайра паҳн гардидаанд. Ғайр аз ин, дар минтақа хелҳои гуногуни хазандагон (мори афъӣ, кубро, сусмор, баъзе навъҳои калтакалос) низ сукунат доранд. Аз парандагон дуғдоғ, гунҷишк, жаврак, дар тӯғайзорҳо тазавр, мурғобӣ, лойковак, ҳавосил дар наздикии бошишгоҳҳо ва дар заминҳои азхудкарда майна, зоғчаи сурхнӯл, фотимачумчуқ, мусича, кабӯтар, ҷуғз, шонасарак, фароштурук маскун шудаанд. Кӯлҳо ва дарёҳое, ки аз минтақа мегузаранд, макони навъҳои гуногуни моҳиҳо мебошанд.

Сарватҳои зеризаминӣ дар минтақа ниҳоят каманд. Дар баъзе мавзеъҳо намак, гил ва реги сохтмонӣ ёфт шудаанд. Аксари заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ дар ҳамин минтақа воқеанд, ки он боиси маҳдудшавии олами набототу ҳайвонот гардидааст. Ҳоло барои ҳифзи набототу ҳайвоноти минтақа ва гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ боғи ботаникии Хуҷанд (дар Чумчуқарал) ва мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» ташкил шудаанд.

**Минтақаи дашт** *дар баландиҳои 650-900 ва 2300 м ҷойгир шудааст.* Қисми поёни минтақа бевосита бо минтақаи нимбиёбон ҳамсарҳад аст. Чун ҳарорати ҳаво ба ҳарорати ҳавои ҳамвориҳои атроф наздик аст, боришот нисбатан зиёд мебошад. Дар ин ҷо то 500 мм бориш мешавад.

Олами наботот аз пудина, ғеша, типчоқ, хӯшадорон ва буттаҳои гуногун иборат аст. Аз баландиҳои 1200 метр сар карда дашти муқаррарӣ ба бешадашт табдил меёбад. Аз набототи алафӣ лӯбиёгиҳо, лолаи сурх, чатргул, сич, савсан

ва дигар гиёҳҳо месабзанд. Дар қисми болои бешадашт дар нишебии қаторкӯҳҳо дарахтони алоҳида ва буттаҳои гуногун вомехӯранд. Аз ҷумла, бодоми ёбоии бухороӣ, вағнич, дӯлона, зирк, арча, настаран, ғӯш, зелол, ирғай, буттаҳои хордор, писта бешазори омехтаро ташкил менамоянд. Дар дараю водиҳо заранг, чормағзи юнонӣ, ҳаданг, сафедори кӯҳӣ, бед, рим, яхак ва ғайра ба назар мерасанд. Хоки минтақа низ ба тарзи амудӣ тағйир меёбад. Аз поён ба боло хокҳои хокистарранги сиёҳтоб ба хокҳои кӯҳии ҷигарранг иваз мешаванд. Хоки хокистарранги сиёҳтоб дар сарҳади заминҳои лалмии камбориш ва аз бориш таъминбуда воқеъ гардидааст. Дар он ғалладона ва алафҳои хӯроки чорво кишт мекунанд. Хокҳои кӯҳии ҷигарранг дар заминҳои лалмии аз бориш таъмин паҳн гардидаанд. Дар таркиби он гумус 2-4,5 дарсадро ташкил менамояд. Ин хокҳоро барои кишти лалмӣ, парвариши боғҳои лалмӣ истифода мебаранд. Аз мавзеъҳое, ки алафҳои табиӣ баланд месабзанд, хӯроки чорво тайёр мекунанд. Заминҳои дигари минтақа ҳамчун чарогоҳ истифода мешаванд.

Дар минтақаи дашт олами ҳайвонот гуногун аст. Ҳоло дар ин ҷо ғайр аз ҳайвоноти даштӣ намояндагони ҳайвоноти биёбону нимбиёбон ва беша низ паҳн гардидаанд. Хусусан, хояндагон бисёранд. Аз ҷумла, муш, гулмуш, калламуш, оси туркистонӣ, мири мушон, суғур, ҷайра бештар вомехӯранд.

Аз парандагон дурроҷ, саъва, зоғ, момоҷурғотак, соч, булбул, кабки дарӣ, товусак, каргас ҳаёт мегузаронанд. Баъзеи ин парандагон барои лонагузорӣ ё зимистонгузаронӣ ба ин ҷо меоянд. Дар ин минтақа морҳои чипор, кубро ва аз калтакалосҳо агамаи кӯҳӣ дучор мешаванд.

Сарватҳои зеризаминии минтақа аз ангишт, металлҳои ранга, тилло, шпати саҳроӣ, мармар, доломит ва ғайра иборат аст. Як қисми онҳо дар истеҳсолот истифода мешаванд. Оид ба истифодаи оқилонаи ин сарватҳо ва муҳофизати табиат чораҳои муҳим андешида шуда истодаанд.

**Минтақаи беша.** *Тақрибан дар баландиҳои 2300-3500 м ҷойгир шудааст, вале андозаи сарҳадҳои он дар тамоми қаторкӯҳҳо якхел нест.* Ҳатто сарҳади беша дар нишебиҳои шимолӣ ва ҷанубии кӯҳсори алоҳида аз ҳам фарқ мекунанд. Бешазори Тоҷикистон қитъа-қитъа ҷойгир шуда, минтақаи яклухтро ташкил менамоянд. Қитъаҳои ҷангал дар кӯҳ ҳар ҷо-ҳар ҷо ба таври уфуқӣ алафзорҳо ва нишебиҳои лучро иваз менамоянд. Дигар хусусияти ин минтақа аз он иборат аст, ки баробари аз ғарб ба шарқ ҳаракат кардан ҳудуди болои он мунтазам меафзояд. Иқлими беша хусусияти кӯҳӣ пайдо карда, нисбатан хунук мебошад. Ҳарорати миёнаи моҳи январ ба 6-15 °С, июл 15-20 °С баробар аст. Миқдори боришоти солонаи минтақа ба 1200-1500 мм мерасад ва миқдори он аз Ғарб ба Шарқ кам мешавад. Хокҳои минтақаи беша ҷигарранг, баландкӯҳи марғузорӣ, ҷигарранги сафедчатоб мебошанд. Дар олами набоот буттаю дарахтҳо бартарӣ доранд. Дар минтақа 150 навъи дарахт ва бутта вомехӯрад. Аммо таркиби буттаю дарахтоне, ки минтақаи бешаро ташкил менамоянд, дар ҳама ҷо як хел нест. Аз намудҳои васеъпаҳншудаи дарахтҳо – маҳинбурс ва бурсро номбар кардан мумкин аст. Қисми асосии арчазорҳои ҷумҳурӣ дар нишебиҳои кӯҳҳои Қурама, Туркистон ва Зарафшон ҷой гирифтааст. Аз дигар дарахтон заранг, сафедор, фарк, тӯс, бед, зирк, гулхор, ғӯш, дӯлона, яхак, зелол ба тарзи омехта месабзанд. Дар қаторкӯҳҳои Ҳисор, Дарвоз, Қаротегин, Помири Ғарбӣ ва ғайра низ арчазорҳо вомехӯранд. Аз арчазорҳо поёнтар дарахту буттаҳои паҳнбарг, монанди бодом, чормағз, фарк, дӯлона, зирк, настаран, дар дараю водии дарёҳо бошад, чинор, бед, сафедор, тут, олуча, челон, зирк, себ, анор, санҷид, чормағз ва ғайра месабзанд. Чунонки мебинем, ҷангалҳои кӯҳӣ майдони яклухт надошта бошанд ҳам, таркибашон аз дарахту буттаҳои мевадори аҳаммияти хоҷагидошта хеле бой аст.

Олами ҳайвоноти минтақаи беша хеле ғанӣ аст. Дар ин ҷо хусусан, ширхӯрон ва парандагон бисёранд. Аз даррандагон гург, гуроз, силовсин, савсор, паланги кӯҳӣ,

шағол, хирси малла, рӯбоҳ аз ҷуфтсумҳо нахчир, муфлон, морхӯр, бузи кӯҳӣ ва ғайра маскунанд. Ғайр аз ин хук, суғур, ҷайра, калламуш, заргӯш, қашқалдоқ низ вомехӯранд. Аз парандагон кабк, кабки ҳилол, кабӯтар, бургут, ғаҷир, булбул ва ғайра паҳн гардидаанд. Сарватҳои зеризаминии он ба минтақаҳои бешадашт шабоҳат доранд. Дар ин ҷо низ кони маъданҳои гуногун, обҳои маъданӣ, сангҳои нодир ва ороишӣ ёфт шудаанд. Ҷиҳати шароити номусоид истифодаи онҳо хеле душвор аст.

Аз сабаби бе иҷозат шикоркунӣ, буридани дарахтон, чидани алафҳои дорувор миқдори баъзе навъҳои ҳайвонот ва набототи минтақа кам шуда истодааст. Муҳофизат ва барқарор намудани онҳо зарур буда, бо ин мақсад якчанд мамнуъгоҳу парваришгоҳҳо бунёд шудаанд (Ромит, Даштиҷум, Чилдухтарон ва ғайра).

**Минтақаи субалпӣ** *дар сарзамини Тоҷикистон дар баландии 3500-4800 м паҳн гардидааст.* Тобистони минтақа муътадил ва зимистонаш хунуки қаҳратун мебошад. Дар ҷойҳои сербориш марғзорҳои баландкӯҳӣ ҳар ҷо-ҳар ҷо дучор мешаванд. Таркиби марғзорҳо аз юған, чиммак, думи рӯбоҳ, типчоқ, явшон, хирёк, ҷави туркистонӣ, буттаҳои зағоза, болиштакҳо, алафҳои хордор иборат буда, ҳамчун чарогоҳи тобистонӣ истифода мешаванд. Қисми зиёди минтақа аз ҷойҳои луч ва харсангӣ иборат аст.

Вобаста ба иқлим хокҳои минтақа гуногун аст: ҷигарранги сафедча, алпӣ-марғзорӣ, марғзорӣ-ботлоқӣ ва ғайра. Ин хокҳо дар таркиби худ аз 1,5-4 то 7-11 дарсад моддаи пӯсида доранд.

Олами ҳайвонот чандон ғанӣ нест. Дар ин ҷо асосан гург, харгӯш, архар, нахчир, суғур, рӯбоҳ, муши даштии нуқрафом, гулмуши сурх ва баъзан паланги кӯҳӣ ва хирси малла вомехӯранд. Аз парандагон каргаси сафед, ҳумо, бургут, саҷаи тибетӣ, каргаси сиёҳ ва парандаҳои мавсимӣ (мурғобии сурх, қози ҳиндӣ) дучор мешаванд. Бояд гуфт, ки истифодаи нодурусти чарогоҳҳои минтақа боиси нобудшавии бисёр гиёҳҳои хӯроки чорво ва баъзе

навъҳои ҳайвоноти ваҳшӣ гардидааст. Дараҷаи ҳосилнокии чарогоҳҳо хеле паст аст. Аз ин рӯ, муҳофизати наботот ва ҳайвоноти минтақа ва ба тарзи сунъӣ коштани алафҳои серғизо вазифаи муҳим мебошад.

**Минтақаи алпӣ** *дар баландиҳои 4800 ва зиёда аз 5000 метр ҷойгир шудааст.* Иқлими ин минтақа ниҳоят хунук аст. Тобистони кӯтоҳи хунук ва зимистони қаҳратун ҳукмфармост. Релйефи минтақа баландкӯҳ буда, ниҳоят ба қисмҳо ҷудо шудааст ва он қисми баландкӯҳи Тоҷикистони Марказӣ, Помири Ғарбӣ ва Шарқиро дар бар мегирад. Ин ҷо асосан биёбони баландкӯҳ мебошад. Наботот ниҳоят кам ва аз ҳад тунук буда, ба хунукӣ тобоваранд. Дар нишебиҳои ҷанубии кӯҳҳо, ки шамолпанаҳ мебошанд, то баландиҳои 5500 метр гиёҳҳои алоҳида месабзанд.



***Расми 14.*** *Водии Мурғоб (Помири Шарқӣ)*

Қисми зиёди наботот дар байни сангреза, харсангҳо, тарқиши нишебии кӯҳҳо ҳамшафат бо пиряхҳо месабзанд. Намудҳои паҳнгардидаи он – кобрез, бодбонак, чинорак, примулаҳои барфӣ, тӯдаҳои нимбуттаҳои болиштакмонанд мебошанд. Аз сабаби хунукии иқлим ва шамолҳои сахт гиёҳҳо паст месабзанд ва ба замин часпида нашъунамо меёбанд.

Хоки минтақа аз сабаби хунукии иқлим ва камии наботот хеле камҳосил аст. Асосан навъҳои хоки чимтол ва ботлоқию марғзорӣ дучор мешаванд. Ҳайвоноти минтақа гург, паланги кӯҳӣ, нахчир, мурғи ҳилол, мурғи ҳумо ва ғайра мебошанд. Сарвати асосии минтақа барфу пиряхҳоянд, ки манбаи оби дарёҳо ҳисоб меёбанд. Сарватҳои зеризаминӣ кам омӯхта шудаанд. Аз минтақаи алпӣ болотар макони барфҳои доимӣ ва қуллаҳои лучи кӯҳҳои осмонбӯс ҷой гирифтаанд.



*Аз доманаи кӯҳҳо ба сӯйи қуллаҳои онҳо минтақаҳои мухталифи табиии амудӣ ташаккул ёфта, тадриҷан якдигарро ба таври зайл иваз мекунанд. А) минтақаи биёбонию нимбиёбонӣ: ин минтақа мавзеъҳои аз ҳама пасти Тоҷикистон (300-650 м)-ро дар бар мегирад; Б) минтақаи дашт дар баландиҳои 650-900 ва 2300 м ҷойгир шудааст; В) минтақаи ҷангал (беша) тақрибан дар баландиҳои 2300-3500 м ҷойгир шудааст, вале андозаи сарҳадҳои он дар тамоми қаторкӯҳҳо якхел нест; Г) минтақаи субалпӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар баландии 3500 -4800 м паҳн гардидааст. Д) минтақаи алпӣ дар баландиҳои 4800 ва зиёда аз 5000 метр ҷойгир шудааст. Дар онҳо тамоми қисмҳои таркибии табиат (релйеф, иқлим, об, ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, наботот, ҳайвонот) ба якдигар зич алоқаманд буда, бо ҳам робитаи мутақобила (дутарафа) доранд.*



*1. Барои чӣ дар Тоҷикистон дар баландиҳои 350-650 метр минтақаи биёбон ва дар баландиҳои 2300-3500 метр минтақаи беша паҳн гардидааст? 2. Сабаби дар минтақаҳои алпӣ паст ва сирак будани наботот дар чист?*



*1. Минтақаҳои табиии Тоҷикистонро дар харитаи контурӣ қайд кунед. 2 Аз харитаи табиӣ ноҳияи худро ёбед ва оид ба хусусиятҳои табиии он маълумот диҳед.*



*1. Наботот ва ҳайвоноти ҳар минтақаро тавсиф намоед. 2. Наботот ва ҳайвоноти маҳалли худро тавсиф кунед. Рустаниҳоро гербарий ва ҳашаротро коллексия намоед.*



*1. Муайян кунед, ки маҳалли шумо дар кадом минтақа ҷойгир аст.*

## § 15. ҲОДИСАҲОИ ҒАЙРИМУТАШАККИЛИ ТАБИӢ



*1. Навъҳои офатҳои табииро номбар кунед. 2. Кадом офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон мушоҳида карда мешаванд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Чиро ҳодисаи ғайримуташаккили табиӣ мегӯянд?*
- *Офатҳои табиӣ ва сабабҳои сар задани онҳо.*
- *Барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои ғайримуташаккили табиӣ чӣ гуна чорабиниҳо гузаронида мешаванд?*

Ҳодисаҳои ғайримуташаккили табииро офати табиӣ ҳам мегӯянд. Онҳо дорои қувваи ниҳоят харобиовар мебошанд, ки ба инсон итоат намекунанд. Ба иқтисодиёт талафоти калон ва ба аҳолӣ бадбахтӣ меоваранд, боиси нобудшавии одамон мегарданд. Навъҳои офатҳои табиӣ гуногунанд. Ба онҳо зилзила, оташфишонии вулқонҳо, лағжиш, обхезӣ, хушксолӣ, тӯфон, сиклон, тармафаророӣ, сангфароӣ, суннам, сел ва ғайра дохил мешаванд.

Тоҷикистон мамлакати кӯҳсор мебошад. Бинобар ин, дар қаламрави он аксари офатҳои табиии номбурда рух медиҳанд. Аз ҷумла, зилзила, сел, лағжиш, фурӯравӣ, тармафароӣ, лағжиши пирях, хокшусташавӣ, обхезӣ ва ғайра ниҳоят хавфнок ва зиёновар мебошанд. Онҳо мустақилона ва пайваста рух доданашон мумкин аст. Дар мавзеи кӯҳҳои ҷавон зилзила як ҳодисаи маъмул мебошад ва то 9-10-бал ларзиданаш мумкин аст. Хусусияти хосси зилзила аз он иборат аст, ки дар мавзеъҳои зилзила хонаҳои истиқоматӣ, иншооти истеҳсолӣ, роҳҳо, хатҳои барқ, алоқа ва ғайра аз кор мебароянд. Ғайр аз ин, дар як вақт зилзила боиси ба вуҷуд омадани дигар ҳодисаҳо (зичшавӣ ва фурӯравии хок, лағжиш, тарқиш, тармафароӣ ва ғайра) мегардад. Бояд хотирнишон намуд, ки мавҷҳои бевоситаи зилзила нисбат ба он ҳодисаҳое, ки рухдиҳиашон ба зилзила вобаста аст, кам зиён меоваранд. Дар мавзеи кӯҳҳо талафоти иқтисодӣ ва фавтидани одамон бештар ба он ҳодисаҳое вобастаанд, ки онҳоро зилзила ба миён овардааст.

Чунин вазъият ҳангоми зилзилаҳои дар Қаротоғ (1907), Сарез (1911), Файзобод (1943), Ҳоит (1949), Исфара (1977), Қайроққум (1988), Шарора (1989) рухдода мушоҳида карда шудааст. Дар зилзилаи Қаротоғ, Сарез, Файзобод ба хоҷагии халқ асосан лағжиш ва кандашавии сангпораҳо зарар оварданд. Лағжише, ки дар натиҷаи зилзилаи Ҳоит ва Сарез ба миён омад, боиси зери хок ва об мондани деҳаҳои мазкур гардид. Дар лағжиши Шарора деҳаи Шарора зери хок монд, 270 одам нобуд шуд.

Дигар офати табиие, ки дар мавзеи кӯҳҳо рух медиҳад, сел ва обхезӣ мебошад. Сел на фақат дар натиҷаи боришоти бошиддат, инчунин дар натиҷаи пеши роҳи дарёҳоро гирифтани лағжиш, кандашавии сангпораю сангрезаҳо ва пирях ҳосил мешавад. Мисол, соли 1969 пеши дарёи Зарафшонро анбӯҳи ҷинсҳои кӯҳӣ гирифта, оби зиёдеро дар водӣ ҷамъ намуд. Агар сари вақт пеши обро намекушоданд, оби ҷамъшуда ҷинсҳои кӯҳиро шуста, бо миқдори зиёд бо сангу лой ҳаракат карда, ба ноҳияи Панҷакент зарари калон меовард. Солҳои 1963 ва 1973 пиряхи Хирсон аз нишебии қаторкӯҳи Академияи илмҳо ҳаракат намуда, пеши ҷараёни оби рӯди Абдуқаҳҳор (шохоби Ванҷ)-ро баст. Дар натиҷа кӯли калони чанд миллион мукааб обдошта ба вуҷуд омад. Баъди об шудани забонаи ях дар рӯдҳои Ванҷ ва Ому обхезӣ ба амал омад. Аммо таҳқиқоти олимон нишон медиҳад, ки 90 дарсади водиҳои дарёҳои ҷумҳурӣ дар мавсими боришот хавфи фаромадани сел доранд. Дар як водии Варзоб 20 маркази селфаро муайян карда шудааст. Селҳое, ки дар ин водӣ рух медиҳанд, на фақат зиёни моддӣ меоваранд, инчунин сабаби фавти одамон гардидаанд. Дар натиҷаи сели Кушкадара (1975) якчанд мактаббача ҳалок шуданд. Селҳое, ки дар водиҳои дарёи Моғиён ва Киштут омаданд, истиқоматгоҳи сайёҳон, пул ва роҳҳоро аз кор бароварданд. Дар Помир омадани сел бештар дар водии дарёҳои Ванҷ, Хингоб, сароби Муқсу, поёноби Ғунд рух медиҳад. Ҳосилшавии селҳо ба тармафаромӣ низ вобаста мебошад. Ин ҳодиса асосан ба водии рӯди Варзоб ва дарёҳои Помир хос аст. Дар водии Варзоб аз ҳама бештар тармафаромӣ, селҳои лою шағалӣ дар мавзеи Кабутӣ мушоҳида карда мешаванд. Зарари сел дар ҷумҳурӣ ҳар сол миллионҳо сомониро ташкил менамояд. Дар дарёҳои Помир тармафаромӣ на фақат сабаби сел, инчунин обхезӣ ҳам мешавад. Соли 1969 пеши дарёҳои Бартанг ва Язғуломро тарма гирифт ва миллионҳо метри мукааб об ҷамъ шуд. Баъди рахна кардани тарма об дар водии ин дарёҳо то 5-6 метр баланд шуд.

Бар хилофи ҳодисаҳои мазкур фурӯравии анбӯҳи ҷинсҳои кӯҳӣ ба хоҷагӣ кам зиён меоварад, чунки ин ҳодиса, одатан, дар ҳамон ҷойҳое рух медиҳад, ки беодаманд ва азхуд нашудаанд. Дар қаламрави Тоҷикистон фурӯравиҳои фоҷиаовар дар давраҳои гуногун дар дарёҳои Қаратоғ, Хонақоҳ, Шинг, Ғунд ва ғайра ба миён омадаанд. Дар натиҷаи ин фурӯравиҳо пеши оби дарёҳоро анбӯҳи ҷинсҳои кӯҳии фурӯрафта гирифта, кӯлҳои Сарез, Зоркӯл, Яшилкӯл дар Помир, Ҳафткӯл дар дарёи Шинг, Искандаркӯл, Кӯли Калон, Кӯли Аъло ва ғайра пайдо шудаанд.

Шусташавии хок ҳам зиёни калон меоварад. Вай на фақат қабати ҳосилхези заминро нест менамояд, инчунин онро аз гардиши истеҳсолот мебарорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дараҷаи шусташавии хок ба дараҷаи ҳосилнокии он мутаносиб мебошад. Дар заминҳои кам шусташуда ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ 10-20 дарсад, дар заминҳои миёна шусташуда 30-50, дар заминҳои аз ҳад зиёд шусташуда 3 маротиба паст мегардад. Шусташавии замин дар натиҷаи аз меъёр зиёд об додани замин, риоя накардани қоидаҳои коркарди хок ва парвариши зироат, вазидани шамолҳои сахт ба миён меояд.

Дар айни замон заминҳои обшуста 5,9 миллион, бодлес 3,4 миллион гектарро ташкил мекунанд. Обшусташавӣ асосан дар ноҳияҳои кӯҳистон, бодлес ҳам дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва ҳам дар заминҳои ҳамворӣ мушоҳида мешавад. Дигар офате, ки заминҳо гирифтор шудаанд, ин шӯрашавии заминҳои обӣ мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ҳазорҳо гектар замини обӣ гирифтори ин офатанд. Буридани дарахту буттаҳо ба харобшавии ҷангалҳо оварда мерасонад.

Дар натиҷаи ғайриқонунӣ буридани дарахту буттаҳо масоҳати ҷангал дар даҳ соли охир 8 дарсад кам шудааст. Барои он ки пеши он офатҳои табиӣ ва антропогенӣ (вобаста ба фаъолияти инсон)-ро сари вақт гирем, бояд

табиат ва сабаби рухдиҳии онҳоро ҳаматарафа омӯхта, аз рухдиҳии онҳо одамонро огоҳ намоем (заминларза, обхезӣ, тармафаромӣ, лағжиши пирях ва ғайра) ва роҳҳои барқароркунии (ҷангал) онҳоро фаҳмонем.



*Ҳодисаҳои ғайримуташаккили табиӣ дорои қувваи ниҳоят харобиовар мебошанд, ки ба инсон итоат намекунанд. Ба онҳо зилзила, оташфишонии вулқонҳо, лағжиш, обхезӣ, хушксолӣ, тӯфон, сиклон, тармафаромӣ, сангфаромӣ, суннам, сел ва ғайра дохил мешаванд. Дар мавзеи кӯҳҳои ҷавон зилзила як ҳодисаи маъмул мебошад ва то 9-10-бал ларзидан мумкин аст. Шусташавии замин дар натиҷаи аз меъёр зиёд об додани замин, риоя накардани қоидаҳои коркарди хок ва парвариши зироат, вазидани шамолҳои сахт ба миён меояд. Дигар офате, ки заминҳо гирифтор шудаанд, ин шӯрашавии заминҳои обӣ мебошад.*



*1. Офатҳои табиӣ бо кадом хусусияташон фарқ мекунанд?*

*2. Сабаб чист, ки дар Тоҷикистон ҳар сари чанд вақт заминларза рӯй медиҳад?*

## § 16. МУҲОФИЗАТИ ТАБИАТ ВА МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ



*1. Ба сарватҳои табиӣ чиҳо мансубанд? 2. Кадом мамнуъгоҳҳои ҷумҳуриро медонед ва онҳо бо кадом мақсад ташкил карда шудаанд? 3. Кадом намудҳои рустанӣ ва ҳайвоноти ҷумҳурӣ муҳофизат карда мешаванд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Зарурати муҳофизати табиат дар чист?*
- *Омилҳои маҳдудшавии сарватҳои табиӣ ва мушкилоти ҳифзи табиат дар Тоҷикистон.*
- *Вазъи экологии ҷумҳурӣ чӣ гуна аст?*

Барои Тоҷикистон, ки сарзамини кӯҳсор ва камзамин аст, муҳофизати табиат масъалаи муҳим мебошад. Аз кӯҳҳои Тоҷикистон дарёҳои бисёр ибтидо гирифта, заминҳои дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро низ шодоб мегардонанд. Аз ин лиҳоз муҳофизат ва оқилона истифода бурдани сарватҳои табиии Тоҷикистон дорои аҳаммияти минтақавӣ аст.

Ҳамаи захираҳои табииву сарватҳои зеризаминӣ, ҳаво, об, хок, наботот, ҳайвонот бояд ҳифз карда шаванд.

Сарватҳои зеризаминӣ барқарорнашавандаанд, бинобар ин истихроҷ ва истифодаи онҳо муносибати оқилонаро мехоҳад. Корам кардани заминҳои обшуста ва ба роҳ мондани истеҳсоли бепартови сарватҳои зеризаминӣ аз ҷумлаи масоили рӯзмарра гардидаанд.

Мубориза бо ифлосшавии ҳаво масъалаи ҷиддӣ аст. Афзудани миқдори корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт ва аҳолӣ дар водиҳои ҷумҳурӣ боиси ифлос шудани ҳаво мегардад. Мавзеи сохтани бисёр корхонаҳои саноатии Тоҷикистон (Заводи алюмини Тоҷикистон, заводи семент, комбинати электрохимиявии Ёвон, заводи нуриҳои азотии Вахш ва ғайра) бидуни назардошти релйефи маҳал ва самти вазиши шамол интихоб шудаанд. Чангу ғубори аз ин корхонаҳо ба ҳаво воридшуда ҳавои шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Турсунзодаро ифлос намудааст. Ҳоло чангу ғубор дар ҳавои Душанбе 1,2, дар Бохтар 0,2, дар Турсунзода 22,0 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Яке аз воситаҳои асосии ифлосшавии ҳаво нақлиёти автомобилӣ мебошад (фикр кунед, ки дар чунин шароит чӣ бояд кард).

Иқлими Тоҷикистон хеле гарм аст. Бинобар ин, муҳофизат ва оқилона истифода бурдани захираҳои об вазифаи ҳар як шахс ба шумор меравад. Дар ҷумҳурӣ талабот ба оби нӯшокӣ мунтазам меафзояд, вале қатъи назар аз ин, манбаъҳои об аксар вақт бо партовҳои саноатӣ ифлос мешаванд.

# ХАРИТАИ ҲОЛАТИ ҲИФЗИ ТАБИАТ ВА МУҲИТИ ЗИСТ



Дар соҳаи кишоварзӣ низ ба сарфаи об диққати ҷиддӣ дода намешавад. Ҳангоми ҷорӣ кардани меъёри мувофиқи истифодаи об фақат дар соҳаи пахтакорӣ соле 500 млн. $м^3$ обро сарфа кардан мумкин аст. Ҳамаи ин ба таъминоти оби на фақат Тоҷикистон, балки ҷумҳуриҳои ҳамсоя (Ӯзбекистон, Туркманистон) низ таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, роҳи муҳимми ҳифзи захираҳои об ба системаи сарбастаи обтаъминкунӣ гузаронидани корхонаҳо мебошад.

Маҳдуд будани киштзорҳои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон водор мекунад, ки ба муҳофизати хок диққати ҷиддӣ дода шавад. Ҳар сол дар ноҳияҳои кӯҳсор зиёда аз 50 миллион тонна хок шуста шуда, садҳо ҳазор тонна нитроген, фосфор, калий талаф меёбад. Дар натиҷаи эрозияи (фарсоиши) хок хоҷагии халқи ҷумҳурӣ соле аз 10 то 65 дарсади ҳосилеро, ки бояд рӯёнида мешуд, аз даст медиҳад. Дар қисми ҷануби ҷумҳурӣ шамолҳои сахт қабати ҳосилхези хокро рӯфта мебаранд. Бинобар ин, муҳофизати хок на фақат андохтани нуриҳои минералию органикӣ ва бунёд кардани дарахтзори муҳофиз, балки риояи бисёр тадбирҳои агротехникиро низ талаб мекунад: аз бар шудгор кардани нишебиҳо, истифодаи техникаи махсус ва ғайра. Яке аз масоили муҳимми экологии Тоҷикистон мубориза бо зараррасонҳои зироат мебошад. Ҳангоми муборизаи химиявӣ об ва ҳаво ифлос мешавад. Бинобар ин, ҳоло зарурати бештар истифода бурдани усули биологии маҳви хояндаҳо ва ҳашароти зараррасон пеш омадааст. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки ҷонварони зараррасонро ба туфайли ҷонварони дигар (душмани онҳо) маҳв месозад. Усули муборизаи биологиро дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон бори нахуст академик М. Нарзиқулов бо шогирдонаш дар амал татбиқ намуд. Бо ин роҳ бисёр хоҷагиҳо миллионҳо сомонӣ маблағ сарфа намуда, муҳити атроф низ тоза нигоҳ дошта мешавад. Аз рӯйи таҳқиқот дар ҳолати ба ҳар 100 бех ниҳоли пахта сар додани 200-250 ҳашароти фоидаовар (энтомофагҳо) ба истифодаи олудаҳои заҳрҳои химиявӣ ҳоҷат намемонад.

Дар муҳофизати табиат аҳаммияти рустаниҳо низ калон аст. Наботот ба иқлим, хок ва олами ҳайвонот таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Вазъи экологии муҳит бо наботот робитаи ногусастанӣ дорад. Аҳаммияти наботот дар муҳофизат ва танзими об калон аст. Ҷангалҳо хокро аз эрозия ва киштзорро аз гармсел ҳифз карда, ҳаворо тоза нигоҳ медоранд. Танҳо дар рӯзҳои офтобӣ як гектар майдони беша қобилияти фурӯбарии аз 220-280 кг гази карбонатро дошта, дар баробари ин, ба ҳаво аз 80 то 220 кг оксиген хориҷ мекунад. Ҳисоб карда шудааст, ки дарахтони сарсабз қобилияти фурӯ бурдани 70-80 дарсади газҳои аэрозол ва чангу гардро доранд.



***Расми 15.*** *Камол*

Мутаассифона, ҷангалҳои ҳозираи Тоҷикистон боқимондаи ночизи ҳамон ҷангалҳои анбӯҳе мебошанд, ки як замонҳо кӯҳҳоро фаро гирифта буданд. Алҳол кам шудани ҷангалҳо натиҷаи муносибати хунукназаронаи инсон ба табиат аст. Олами ҳайвоноти ҷумҳурӣ низ хароб гардидааст. Ба бисёр ҳайвону парандагон – паланги кӯҳӣ, морхӯр, архар, бузи кӯҳӣ, гавазни бухороӣ, тазарв хавфи нестшавӣ таҳдид мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи «Муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии Тоҷикистон» қабул карда шудааст. Мувофиқи қонуни мазкур оид ба ҳифзи хок, об, сарватҳои зеризаминӣ, наботот ва ҳайвонот тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Дар ҷумҳурӣ ҷамъиятҳои ихтиёрии шикорчиёну моҳигирон, муҳофизати табиат ва кабудизоркунӣ созмон ёфтаанд. Ба «Китоби сурх»-и Тоҷикистон навъҳои нодири ҳайвоноту рустанӣ дохил карда шудаанд. Бахри муҳофизати ҳайвоноту наботот мамнуъгоҳҳои «Бешаи

палангон», «Даштиҷум», «Ромит», «Зоркӯл» ва паноҳгоҳҳои (Чилдухтарон, Сари Хосор, Искандаркӯл, Зарафшон, Қаротоғ, Дашти майдон, Камароб, Сангвор, Кусавлисой, Арчамайдон, Сойвота) ташкил карда шудаанд. Ба ғайр аз мамнуъгоҳҳо ва паноҳгоҳҳо дар ҷумҳурӣ Боғи миллии Тоҷикистон (Помир) ва Шеркент ташкил карда шудаанд. Масоҳати умумии Боғи миллии Тоҷикистон 2,6 млн. га буда, 18% масоҳати ҷумҳурӣ ва 60% масоҳати Бадахшонро ишғол менамояд. Дар ҳудуди Бадахшон масоҳати Боғи миллӣ 2,2 млн. га буда, боз як қисми ноҳияи Тавилдара (306 ҳазор га) ва Лахшро низ (69,9 ҳазор га) дар бар мегирад. Дар Боғи миллӣ баландтарин кӯлҳои Осиёи Марказӣ – кӯли Сарез, Қарокӯл, калонтарин пиряхи минтақаи кӯҳсор – пиряхи Федченко (ба дарозии 75 км) ва баландтарин қуллаҳои системаи қаторкӯҳҳои Помиру Олой – қуллаи Исмоили Сомонӣ (7495 м), Истиқлолият (7134 м), Корженевский (7015 м) ва ғайра ҷойгир шудаанд. Дар ҳудуди Боғи миллии Тоҷикистон зиёда аз 2000 навъи рустанӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 120 навъи он нодир буда, дар ҳолати нестшавӣ қарор доранд ва ба «Китоби сурх»-и Тоҷикистон ворид гаштаанд.

Аҳаммияти байналхалқии Боғи миллӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки дар ин ҷо намудҳои ниҳоят нодири олами ҳайвонот, ба мисли архар – мешак (гӯсфанди Марко Поло), паланги кӯҳӣ, гурги сурхмӯй, гурбаи ваҳшӣ, хирси малла ва аз парандаҳо – кабки ҳилол, саҷаи тибетӣ, ғози кӯҳӣ, уқоб ва ғайра дучор меоянд. Мақсади таъсиси Боғи миллии Тоҷикистон (Помир) дар баробари ҳифз намудани навъҳои беҳтарини олами набототу ҳайвонот боз ба ин минтақа ҷалб намудани туризми дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад. Соли 2013 Боғи миллии Тоҷикистон ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонии *ЮНЕСКО* дохил гардид.

Дар оянда мувофиқи «Консепсияи рушди шабакаи ҳудуди ҳифзшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба як қатор паноҳгоҳҳо мақоми мамнуъгоҳ дода мешавад. Дар Тоҷикистон ҳар сол барои амалӣ гардонидани муҳофизати табиат ва ҳалли масоили экологӣ маблағи зиёд сарф

мешавад. Ба ин мақсад агар соли 1991 28, 9 ҳазор сомонӣ сарф шуда бошад, соли 2013 ин маблағ ба 950 ҳазор расонид.



*Ҳамаи захираҳои табииву сарватҳои еризаминӣ, ҳаво, об, хок, наботот, ҳайвонот бояд ҳифз карда шаванд. Афзудани миқдори корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт ва аҳолӣ дар водиҳои ҷумҳурӣ боиси ифлос шудани ҳаво мегардад. Маҳдуд будани киштзорҳои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон водор мекунад, ки ба муҳофизати хок диққати ҷиддӣ дода шавад. Яке аз масоили муҳимми экологии Тоҷикистон мубориза бо зарарасонҳои зироат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи «Муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии Тоҷикистон» қабул карда шудааст. Бахри муҳофизати ҳайвонoту наботот мамнуъгоҳҳо, паноҳгоҳҳо ва Боғи миллии Тоҷикистон ва Ширкент ташкил карда шудаанд.Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ оид ба ҳифзи табиат ва сарватҳои он қайд гардидааст.*

Муҳофизати табиат тадриҷан ба кори ҳар як фарди солимфикр табдил меёбад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ будани муҳофизати табиат ва сарватҳои он қайд гардидааст. Дар ин кори хайр ҷоннок ва ғанӣ гардонидани анъанаҳои миллӣ аҳаммияти бузург дорад. Асрҳо боз мардум дарахт шинонда, боғ бунёд мекард, заминҳои нав мекушод, рустанӣ ва ҳайвоноти нодирро ҳифз менамуд.

Барои нигоҳ доштан ва муҳофизат кардани табиат ёварони некбину рӯҳбаланд – экологҳо заруранд. Мактаббачаҳо низ метавонанд дар ин кор саҳм гузоранд.



*1. Мафҳуми «муҳофизати табиат» чиро ифода мекунад?*

*2. Дар ҷумҳурӣ оид ба муҳофизати табиат кадом корҳоро иҷро кардаанд ва иҷро мекунанд?*

*3. Дар мактаби шумо оид ба ҳифзи табиат чӣ гуна корҳоро ба сомон мерасонанд?*



*1. Аз харитаи дар китоб овардашуда истифода намуда, фикри худро нисбат ба ҳудудҳое, ки дар онҳо хатарҳои экологӣ сар задаанд, баён намоед.*



*1. Барои сарватҳои барқарорнашаванда ва барқарор-шавандаро муҳофизат намудан чӣ чораҳо андешидан зарур аст?*

## § 17. НОҲИЯҲОИ ТАБИИЮ ГЕОГРАФӢ



*1. Ноҳияҳои табиӣ чӣ тавр ташаккул меёбанд? Тоҷикистонро ба кадом ноҳияи табиӣ (комплекси табиӣ)-и географӣ ҷудо кардан мумкин аст?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Комплекси табиӣ-географӣ чист?*
- *Ноҳияҳои табиии Тоҷикистон чӣ тафовутҳо доранд?*
- *Барои чӣ тағйир ёфтани як унсури ноҳияи табиӣ (комплекси табиӣ) сабаби таназзул ёфтани дигар унсурҳои он мегардад?*
- *Ноҳиябандӣ чӣ аҳаммият дорад?*

Дар сатҳи Замин тамоми қисмҳои таркибии табиат: релйеф, ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, олами наботот ва ҳайвонот бо ҳам таъсири мутақобила доранд. Маҳз тавассути ҳамин робитаи мутақобила қисмҳои таркибии табиат ба ҳамдигар пайваст ва омехта шуда, ба системаи ягона муттаҳид шудаанд. Дар натиҷаи ин маҷмаъҳои (комплексҳои) мухталифи табиии гуногунмиқёс пайдо гардиданд, ки бо номи комплексҳои табиию ҳудудӣ (мухтасар КТҲ) маъруфанд. Қисми таркибии КТҲ (релйеф, иқлим, об, хок, наботот, ҳайвонот) дар доираи *комплекс* ҳамчун қисми том ва бо ҳам алоқаманд инкишоф меёбанд. Тағйир ёфтани яке аз ин қисмҳои таркибӣ сабаби дигаргун шудани тамоми *комплекси* табиӣ мегардад. Масалан, шусташавӣ ва хароб гардидани қабати хок боиси кам шудани наботот ва ҳайвонот мегардад. Дар натиҷа манзараи зоҳири маҳал низ дигаргун мешавад. Тағйирёбии *комплексҳои* табиӣ аксар вақт дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории инсон ба амал меояд. Истифодаи оқилонаи *комплекси* табиӣ ҳарҷониба омӯхтани онҳоро талаб менамояд.

Омӯхтани *комплекси* табиӣ бе муқаррар намудани шабакаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи онҳо ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, олимон дар асоси ба ҳисоб гирифтани қоидаҳои муайян (воқеият, якхелаи нисбӣ, ягонагии ҳудудӣ, *комплексӣ,* пайдоиш ва ғайра) ва истифодаи методҳои ноҳиябандӣ (омилҳои асосӣ, таҳлили пайвастаи қисмҳои таркибии табиат ё маҷмӯи аломатҳо, такроршавии *комплексҳои* хос ва ғайра) дар ҳудуди муайян ноҳияҳои табииро ҷудо менамоянд. Ҳар як ноҳияи табиӣ дар натиҷаи таъсири қонунияти арзӣ ва амудии табиат ташаккул ва рушд меёбад.

Дар ташаккули ноҳияҳои табиии Тоҷикистон, ки сатҳи хеле ноҳамвор дорад, қонунияти арзӣ ва амудии табиат дар якҷоягӣ (хусусан, дар ҳамворӣ ва адирҳо) амал мекунанд. Дар ин ҳолат, барои муайян кардани ҳудуди ноҳияҳои табиӣ ба инобат гирифтани чунин омилҳо, монанди мавқеи географӣ, баландии маҳал, пайдоиш ва хусусиятҳои хосси релйеф, иқлим, хок, олами наботот, ҳайвонот ва ғайра зарур мебошад. Вобаста ба он дар Тоҷикистон панҷ ноҳияи табииро ҷудо кардан мумкин аст: Тоҷикистони Шимолӣ, Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Помир.


***Расми 16.*** *Анлав. Ворух*

**Тоҷикистони Шимолӣ** шимолтар аз қаторкӯҳҳои Туркистон ҷой гирифтааст. Вай бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон (дар шимол, ғарб ва шарқ), Қирғизистон (дар ҷануби шарқ) ҳамсарҳад буда, дар ҷануб ба ноҳияи Зарафшон пайваст мешавад. Қисми зиёди ин ноҳияро ҳамвориҳо ишғол кардаанд. Дар шимоли ноҳия қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи Муғул – шохаи Тиёншони Ғарбӣ ҷойгир аст. Қуллаи аз ҳама баланди қаторкӯҳи Қурама – Бобои об (3769 м) мебошад. Дар қисми ҷануби ғарбӣ кӯҳҳо тадриҷан паст мешаванд. Шохаи қаторкӯҳи Қурама – кӯҳҳои Қаромазор маркази калони конҳои металлҳои ранга ба шумор меравад.

# ХАРИТАИ НОҲИЯҲОИ ТАБИӢ



Қисми зиёди қаламрави Тоҷикистони Шимолиро қисми ғарбии водии Фарғона ишғол кардааст. Соҳили рости водии дарёи Сир, ки бараш 15-30 км аст, релйефи мавҷмонанд дорад. То Инқилоби Октябр бинобар норасоии об ин заминҳо бекор хобида буданд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ин заминҳоро обёрӣ карда, колхозу совхозҳо бунёд намуданд. Соҳили чапи дарёи Сир бо об таъмин аст. Солҳои пеш аз ин ҷо роҳи корвон мегузашт, ки Ҳиндустонро бо мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна, Эрон, Туркия мепайваст. Он бо номи «Роҳи абрешим» маъруф буд.

Дар қисми ҷануби ғарбии Тоҷикистони Шимолӣ пастхамии Ӯротеппа воқеъ аст. Дар ин ҷо ба кӯҳҳо бадал шудани ҳамворӣ возеҳ намоён аст. Хамии Ӯротеппа ба доманакӯҳи қаторкӯҳи Туркистон мегузарад.

Тоҷикистони Шимолӣ аз сарватҳои зеризаминӣ бой аст. Ҳанӯз аз замонҳои қадим дар Қаромазор маъдан истихроҷ карда, аз он нуқра, тилло, мис, сурб, симоб, оҳан мегирифтанд. Хотираи бисёр конканҳоро номи конҳо абадӣ гардонидаанд (масалан, Кони Мансур). Саноати истихроҷи маъдан, бахусус асрҳои IX – X дар давраи ҳукмронии давлати Сомониён ривоҷ дошт.

Баъди Инқилоби Октябр Тоҷикистони Шимолӣ ба яке аз ноҳияҳои муҳимми истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ табдил ёфт. Дар ин ҷо ғайр аз полиметаллҳо (конҳои Консой, Олтинтопкан), оҳан (Чоқадамбулоқ), маъдани металлҳои нодир ва холис, инчунин нафт (Нафтобод, Айритон, Равот), гази табиӣ (Қаракчиқуми Шимолӣ), ангишт (Шӯроб), намаксанг (Қамишқӯрғон) ва масолеҳи гуногуни сохтмон низ истихроҷ карда мешаванд.

Иқлими Тоҷикистони Шимолӣ нисбат ба Тоҷикистони Ҷанубӣ, Ғарбӣ ё Марказӣ хунуктар аст. Ин пеш аз ҳама ба мавзеи географии маҳал вобастагӣ дорад. Дар Тоҷикистони Шимолӣ ҳарорати моҳҳои тобистон нисбат ба ноҳияҳои ҷанубӣ пасттар (25°-28°С) ва зимистон хунуктар (–2° –3°С) аст. Боришот кам (соле аз 80-100 то 300-400 мм) буда, аз Ғарб ба Шарқ боз ҳам камтар мешавад. Дар доманакӯҳҳои

Туркистон ва қисми ғарбии қаторкӯҳи Қурама миқдори боришот меафзояд (400-500 мм). Қисми асосии боришот дар мавсими хунукиҳо дар шакли борон ва барф меборад. Қабати барф зуд об шуда, баландии он маъмулан аз 5-10 см зиёд намешавад. Шароити иқлими ноҳия барои пахтакорӣ ва боғу токдорӣ мусоид аст.

Ҳамаи дарёҳои Тоҷикистони Шимолӣ ба ҳавзаи дарёи Сир мансуб мебошанд. Дар он ҷо обанборҳои Қайроққум, Фарҳод ва Каттасой, Канали калони Фарғона, Канали шимоли Фарғона сохта шудаанд. Дар обёрии киштзорҳо аҳаммияти шохобҳои чапи дарёи Сир – Хоҷабоқирғон, Исфара, Оқсу калон аст. Ғайр аз обёрӣ дарёҳоро барои истеҳсоли қувваи барқ (НБО-и Қайроққум) ва равнақ додани хоҷагиҳои моҳипарварӣ истифода мебаранд.

Дар заминаи чашмаҳои маъданӣ дармонгоҳҳо сохта шудаанд (Ҳавотоғ дар ноҳияи Истаравшан, Зумрад дар ноҳияи Исфара ва ғайра). Бо мақсади муолиҷа лойи кӯли Оқсуқон низ кор фармуда мешавад. Оқсуқон кӯли беҳтарини лойи шифоии мамлакат аст.

Хоки Тоҷикистони Шимолӣ хокистарранги равшан, қисман шӯразада ва серсанг аст, вале қатъи назар аз ин, он барои пахтакорӣ, парвариши сабзавот мусоид мебошад. Дар кӯҳҳо ва миёнакӯҳҳо хокҳои хокистарранги тира ва марғзорию кӯҳӣ бартарӣ доранд.

Набототи Тоҷикистони Шимолӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ҳамвориҳо набототи биёбонӣ, асосан шӯрагиёҳ, чимак ба назар мерасанд. Соҳили дарёҳо, обанборҳо ва кӯлҳо тӯғайзор аст. Дар кӯҳу доманакӯҳҳо дарахту буттаҳои гуногун, ба монанди арча, зирк, настаран, бодом ва ғайра мерӯянд.

Олами ҳайвоноти Тоҷикистони Шимолӣ низ мухталиф аст. Дар ҳамвориҳо ҷонварони хосси нимбиёбону биёбон – хояндаҳо, калтакалос, мор сукунат доранд. Дар кӯҳҳо ҷонварони ширхӯри калон – гург, шағол, рӯбоҳ ва парандаҳои соҳибчанголу (каргас, шоҳин, шунқор) муқаррариро метавон дучор омад.

**Ноҳияи Зарафшон** дар байни Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷануби Ғарбӣ ҷой гирифтааст. Ин ноҳияро маъмулан Кӯҳистон меноманд. Ҷойи аз ҳама пасти ин ноҳия 700-950 м аз сатҳи баҳр аст; баъзе қуллаҳо зиёда аз 5000 м баландӣ доранд. Дар кӯҳистон ба таври арзӣ қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор (нишебиҳои шимолӣ) доман паҳн кардаанд. Дар байни қаторкӯҳҳои Туркистон ва Зарафшон водии Зарафшон воқеъ гаштааст. Таҳкурсии водӣ аз ҷинсҳои эраи палеозой ва мезозой иборат мебошад. Қисми болои водӣ тангбар буда, ба сӯйи ғарб паҳн мешавад ва дар Панҷакент ба 12-20 км мерасад. Дар байни қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Ҳисор водии рӯди Яғноб ҷойгир шудааст.

Аз сарватҳои зеризаминӣ дар ноҳияи Зарафшон кони ангиштсанг бисёр аст (Фону Яғноб, Киштут, Моғиён ва ғайра). Яке аз ҳодисаҳои аҷиби табиӣ «Шахи сӯзон» мебошад, ки дар мавзеи Кони Малик мушоҳида мешавад. Дар ин ҷо 3,5 ҳазор сол боз дар зери замин ангишт месӯзад. Дар ноҳияҳои Зарафшон конҳои волфрам (Ҷилав), сурма ва симоб (Ҷиҷикрӯд, Шингу Моғиён, Валангидароз), фосфоритҳо (Равот), масолеҳи сохтмон, чашмаҳои минералӣ низ мавҷуданд.



***Расми 17.*** *Сӯхтор дар зери замин. «Шахи сӯзон» дар кони ангишти Работ*

Иқлими ноҳия хушк ва камбарф аст. Тобистони водиҳо гарм (ҳисоби миёнаи ҳарорати моҳи июл –18° –25°), зимистонаш нисбатан гарм (ҳисоби миёнаи ҳарорати январ – 1° –8°) мебошад. Дар баландкӯҳҳо тобистон кӯтоҳ, зимистон хунук ва тӯлонӣ аст. Аз ғарб ба шарқ боришот кам мешавад. Масалан, дар қисми ғарбии водии Зарафшон соле 310-360 мм, дар қисми шарқӣ бошад, 200-250 мм бориш мешавад. Қисми асосии боришот зимистон дар шакли барф ва баҳорон дар шакли борони сахт меборад, ки сабаби пайдоиши сел мегардад.

Ноҳияи Зарафшон пиряхи бисёр дорад. Пиряхҳои ҳозира боқимондаҳои пиряхҳои азими қадима мебошанд, ки замоне дар баландии 2000 м аз сатҳи баҳр хобида будаанд. Пиряхи аз ҳама калон дар ҷойи ба ҳам пайвастшавии қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Туркистон воқеъ аст. Ин пиряхи Зарафшон ном дорад, тӯли он 25 км, масоҳаташ 41,0 км$^2$ буда, чандин шоха дорад.



***Расми 18.*** *Истихроҷи тилло дар кони Ҷилав*

Ҳамаи дарёҳои ноҳия ба ҳавзаи Зарафшон мансуб мебошанд. Онҳо аз пирях об гирифта, водиашон танг ва сершах аст. Дарозии дарёи Зарафшон зиёда аз 877 км мебошад (фақат 315 км-и он аз қаламрави Тоҷикистон гузашта, боқимондааш аз ҳудуди Ӯзбекистон ҷорӣ мешавад). Рӯди Зарафшон зиёда аз 100 шохоб дорад, ки калонтарини онҳо Фон, Киштут, Моғиён ба шумор меравад. Аз кӯлҳои ноҳияи Зарафшон Марғзор ва Искандаркӯл маъмуланд. Кӯли Марғзор яке аз мавзеъҳои зебои ҷумҳурӣ мебошад. Ҳафт кӯли зебо қад-қади рӯди Шинг (дар шохаҳои ҷануби ғарби қаторкӯҳи Зарафшон) ҷой гирифтаанд. Искандаркӯл, ки дар бораи он қиссаву ривоятҳо бисёранд, дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Ҳисор дар натиҷаи лағжиши кӯҳ пайдо шудааст. Масоҳати кӯл чандон зиёд набошад ҳам (3,5 км$^2$), аз рӯйи ҳаҷми гардиши солонаи об 26 маротиба аз кӯли Севан афзалият дорад. Дарозии кӯл 3,3 км, чуқуриаш 72 м мебошад. Ҳар сол ба Искандаркӯл аз ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷ ҳазорҳо сайёҳ меоянд. Дарёи Искандар, ки аз ҳамин кӯл ҷорӣ мешавад, дар назди саргаҳи худ шаршараи баланд (30 м) ҳосил мекунад. Ин дарё бо рӯди Яғноб як шуда, дарёи Фонро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дарёҳои Зарафшон бинобар сероб ва тезҷараён буданашон захираи зиёди энергетикӣ доранд.

Дар ноҳия хокҳои хокистарранг ва дорчинии кушод бартарӣ доранд. Дар олами набототи ноҳия минтақаҳои биёбон, миёнакӯҳ ва баландкӯҳро метавон ҷудо кард.

Дар баландкӯҳҳои ноҳия паланги кӯҳӣ, бузи кӯҳӣ, суғур, поёнтар аз он хирс, гург, рӯбоҳ, савсор, ҷайра, гуроз, қашқалдоқ сукунат доранд. Аз парандаҳо дурроҷ, жаврак, туғдор, гунҷишк, фароштурук, дар баландиҳо кабк, мурғи ҳилол, ҳумо, бургут ва ғайра вомехӯранд.

**Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ** дар байни қаторкӯҳҳои Ҳисор (аз шимол), Ҳазрати Гишоҳ (аз шарқ), Бототоғ (аз ғарб) ва дарёҳои Панҷу Ому (аз ҷануб) воқеъ гардидааст.

Аз ҷиҳати геологӣ ҳудуди Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ пастии давраи мезозой аст, ки ҳоло тадриҷан баланд шуда истодааст. Релйефи ин ноҳия аз қаторкӯҳҳои паст ва хамиҳои калон иборат мебошад ва бо ҳамин аз дигар ноҳияҳои табиӣ фарқ мекунад. Қаторкӯҳҳои асосӣ – Боботоғ, Оқтоғ, Қаротоғ аз ҷинсҳои таҳшин (оҳак, рег, гил, конгломерат) иборат мебошанд. Дар қуллаи ин кӯҳҳо барфҳои доимӣ ва пиряххо хобидаанд. Дар байни қаторкӯҳҳо водию хамиҳои Ҳисор, Вахш, Кофарниҳони Поён, Кӯлоб ҷойгир шудаанд, ки баландиашон аз сатҳи баҳр 300-900 метр мебошад. Ин водию хамиҳо мавзеи асосии парвариши рустаниҳои гармидӯсти ҷумҳурӣ ба шумор мераванд. Доманакӯҳ ва кӯҳҳо чун чарогоҳҳои зимистонаю баҳорӣ, инчунин, барои боғу токдории лалмӣ истифода мегарданд.

Аз сарватҳои зеризаминӣ дар ноҳияи табиии Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ конҳои намаксанг (Хоҷамуъмин, Хоҷасартез, Тутбулоқ), оҳаксангу доломит (Пусхӯр, Ёвон), нафту газ (Қизилтумшуқ, Шоҳамбарӣ, Сулдузӣ) мавҷуданд. Ғайр аз ин, дар ин ноҳия кони масолеҳи сохтмон ва чашмаҳои минералии гарм (Хоҷаобигарм, Шоҳамбарӣ) низ вуҷуд доранд.

Тобистони ин ҷо тӯлонии гарм ва хушк буда, зимистонаш нисбатан намнок ва гарм аст. Ҳарорати миёнаи ҳавои моҳи июл дар водиҳо 28°-30° мебошад. Дар ноҳияи Шаҳритус дар миёнаҳои фасли тобистон ҳарорати ҳаво ба 43°-44°

(баландтаринаш 48°) мерасад. Ҳарорати миёнаи моҳи январ дар водиҳо мусбат (1°-2°) аст, вале ҳангоми вазидани шамолҳои хунук ҳарорати ҳаво метавонад ба 25°-30° расад. Иқлими водии Ҳисор нисбатан муътадил аст.

Вобаста ба миқдори боришот Тоҷикистони Ҷануби Ғарбиро ба қисмҳои шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар қисми шимоли ноҳия (мавзеи Ҳисор) соле то 600-700 мм (бештаринаш 1600 мм), дар қисми ҷануб тақрибан 500 мм боришот мешавад. Миқдори боришот дар доманакӯҳҳо барои равнақи боғу токдории лалмӣ кофист. Водиҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои иқлим барои парвариши рустаниҳои техникӣ (пахтаи маҳиннах, анҷибар), субтропикӣ (анор, анҷир, хурмо) ва ситрусӣ (лимӯ) мусоид аст.

Дарёҳои ин ноҳия нисбатан наздик ҷой гирифта, ба ҳавзаи дарёи Ому мансуб мебошанд. Рӯди калони ноҳияи мазкур Ому ва шохобҳои он – Панҷ, Кофарниҳон, Вахш, Сурхоб аст. Ин дарёҳо аз пиряху барф ва барфу пиряхҳо сарчашма мегиранд. Ому рӯди аз ҳама сероби Тоҷикистон мебошад. Дарёҳои Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳанӯз дар солҳои панҷсолаи якум номи «Вахшстрой» дар мамлакат шуҳрат ёфта буд. Дар сохтмони канали магистралӣ ва системаҳои обёрӣ намояндагони бисёр миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ иштирок кардаанд. Дар тӯли се сол канали бузурге сохта шуд, ки дар як сония 100 м³ об мегузаронад. Бунёди канал имкон дод, ки водии Вахш обёрӣ карда, истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ якбора афзояд. Системаи обёрии Ёвону Обикиик барои шодоб кардани 40 ҳазор га замини биёбон, ташкил кардани хоҷагиҳои нави пахтакор ва комплекси чорводорӣ мусоидат кард.



***Расми 19.*** *Чилдухтарон – ёдгории табиӣ*

Дарёҳои Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ дорои захираи бузурги энергия мебошанд. Дар рӯди Вахш силсилаи неругоҳҳои барқи обии Норак, Сарбанд, Шаршара, Марказӣ, Бойғозӣ сохта шудаанд. Алҳол дар ин дарё калонтарин неругоҳи барқи обӣ – Роғун сохта шуда истодааст, ки иқтидораш 3,6 млн. квт мебошад, баландии сарбанди он 335 м аст. Дар обанбори он 13,3 млрд. $м^3$ об ғун хоҳад шуд (ин аз обанбори Норак 4 млрд. $м^3$ зиёд аст).



***Расми 20.*** *Нақши пойи диназаврҳо дар Ширкент*

Хоки ноҳияи табиии Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ дар водиҳо хокистарранги кушод ва дар кӯҳҳо дорчинии кушод мебошад.

Дар дарёбодҳо набототи ботлоқӣ мерӯянд, тӯғайзорҳои ноҳия барои пешгирии эрозия аҳаммияти калон доранд. Набототи доманакӯҳҳо ва пасткӯҳҳо гиёҳҳои бебақои биёбониянд, дар миёнакӯҳҳо дарахтон ва буттаҳои гуногун – чормағз, бодом, писта, зирк мерӯянд.

Олами ҳайвоноти ноҳияи мазкур мухталиф мебошад. Дар тӯғайзори дарёбодҳо гуроз, заргӯш, ҷирон сукунат доранд. Аз даррандаҳо гург, сагобӣ, кафтор, шағол, гурбаи найзор дучор меоянд; дар биёбонҳо мор (кубро, гурза) ва дигар хазандагон маскан гирифтаанд. Яке аз ҷонварони маъмули ин ноҳияи табиӣ сусмор аст. Дарозии он ба 1,5 мерасад. Дар кӯҳҳои ноҳия морхӯр дучор меояд. Аз парандаҳо тазарв, мурғи ҳилол, кабк, шоҳин ва бургутро метавон вохӯрд.

Бисёр навъҳои рустанӣ ва ҳайвонот дар мамнуъгоҳҳо ҳифз карда мешаванд. Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон», ки 47 ҳазор га масоҳат дорад, соли 1938 ташкил карда шудааст. Дар ин мамнуъгоҳ ҷангалҳои ҳақиқии субтропикӣ боқӣ мондаанд, ки ҳоло дар ҷаҳон кам ба назар мерасанд. Дар мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» холгул, тазарв, мурғи саққо, ҷайра ва дигар ҷонварони нодир ҳифз карда мешаванд.

Фақат ширхӯрҳо дар ин ҷо зиёда аз 33 навъ мебошанд. Мутаассифона, он ҷонваре, ки мамнуъгоҳ номи вайро дорад, нест шудааст. Дар мамнуъгоҳ пайи охирини палангро соли 1953 дидаанд. Соли 1959 дар нишебиҳои қаторкӯҳи Ҳисор дар болооби дарёи Кофарниҳон мамнуъгоҳи «Ромит» ташкил карда шуд. Масоҳати он зиёда аз 16 ҳазор га мебошад. Аз ҳайвоноте, ки дар ин ҷо ҳифз карда мешавад, бахусус оҳуи холгул маъмул аст.

Соли 1983 дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон мамнуъгоҳи «Даштиҷум» (масоҳаташ 53,4 ҳазор $км^2$) ташкил карда шуд, ки баҳри муҳофизати ҳайвонот ва набототи қисми кӯҳсори вилояти Хатлон аҳаммияти калон дорад.

**Тоҷикистони Марказӣ** дар шимол бо қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Олой, дар шарқ бо қаторкӯҳҳои Паси Олой ва Академияи илмҳо, дар ҷануб бо қаторкӯҳи Дарвоз ҳамсарҳад аст. Ҳудуди он дар ғарб аз канори ғарбии қаторкӯҳи Дарвоз ва шохаи қаторкӯҳҳои Вахшу Қаротегин мегузарад. Релйефи Тоҷикистони Марказӣ мураккаб аст, он аз водии чуқури дарёҳо, ки бо кӯҳҳо ҷудо шудаанд, иборат мебошад. Ба қаторкӯҳҳои нисбатан асосии ноҳияи Вахш Ҳазрати Гишоҳ, Дарвоз, Пётри якум мансубанд. Водиҳои дарёҳои Сурхоб ва Хингоб нисбат ба дигар водиҳо фарохтар мебошанд.

Аз сарватҳои зеризаминӣ дар Тоҷикистони Марказӣ аҳаммияти конҳои ангишти серкаллорияи Назарайлоқ ва Миёнаду калон аст. Дар ноҳия кони сиенитҳои нефелинӣ (кони Турпӣ), молибден, асбест, сангҳои рӯйкаш, масолеҳи сохтмон низ мавҷуданд. Ҳарорати оби чашмаҳои минералии Обигарм ва Тандикӯл ба 40°-62° мерасад.

Иқлими Тоҷикистони Марказӣ нисбатан нарм аст. Ҳисоби миёнаи ҳарорати ҳаво дар Рашт +11° (ҳарорати миёнаи июл +24°) мебошад. Миқдори боришоти солона дар қисми ғарбии ноҳия (Рашт) 650-900 мм, дар шарқи он (Лахш) 270-280 мм аст. Иқлими ноҳияи мазкур барои парвариши ҷуворимакка, картошка, зироати полизӣ ва меваҷот мусоидат мекунад.

Дарёҳои Тоҷикистони Марказӣ аз пиряху барф ва барфу пирях маншаъ мегиранд.

Хоки водиҳои Тоҷикистони Марказӣ хокистарранги тира, хоки кӯҳҳо дорчинӣ ва марғзории баландкӯҳӣ мебошад. Дар водию доманакӯҳҳо набототи биёбонӣ мерӯянд. Дар ҷангалҳои ноҳия дарахтони чормағз, заранг, арча ба назар мерасанд (онҳо сирак мебошанд). Дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Дарвоз ҷо-ҷо дарахтони худрӯйи мева – анор, бодом, писта мавҷуданд. Дар баландии зиёда аз 3000 м марғзорҳои алпӣ ва субалпӣ доман паҳн кардаанд (ҳамчун чарогоҳи тобистонӣ аҳаммияти калон доранд).

Олами ҳайвоноти Тоҷикистони Марказӣ мухталиф аст. Аз ширхӯрҳо бузи кӯҳӣ, паланг, хирс, гург, гуроз, инчунин хояндаҳои гуногун – (заргӯш, суғур), хазандаҳо (гурза, мори обӣ, калтакалос), парандаҳо (кабк, мурғи ҳилол, каргас) ва ғайра сукунат доранд.

**Помир** сарзамини кӯҳсор буда, дар қисми ҷануби шарқи Тоҷикистон ҷойгир гаштааст. Дар ин ноҳия Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шудааст, ки тақрибан нисфи ҳудуди Тоҷикистонро ишғол мекунад. Дар Помир қаторкӯҳ ва қуллаҳои осмонбӯс, пиряхҳои калон, маҳалҳои аз ҳама баландкӯҳи мардумнишини мамлакат воқеъ гардидаанд. Помир ноҳияи калонтарини баландкӯҳ аст. Аз баҳру укёнусҳо дур будан, бешубҳа, ба шароити табиӣ ва иқлими ноҳия таъсир мерасонад.

Аз рӯйи шароити табиӣ Помирро ба қисми ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо кардан мумкин аст. Сарҳади он шартан аз мавзеи бо ярчи Усой (дар дарёи Мурғоб) пайваст шудани қаторкӯҳи Зулумарт, Яшилкӯл ва Андароби дарёҳои Помиру Вахон мегузарад. Маркази системаи кӯҳии Помир қаторкӯҳи Академияи илмҳо (дарозиаш 108 км) ба шумор меравад. Қуллаи аз ҳама пасти ин қаторкӯҳ – Кашалак (4340 м) баробари Монблан (баландтарин қуллаи Алп) аст. Қуллаи Исмоили Сомонӣ (7495 м), ки дар ҳамин қаторкӯҳ воқеъ аст, қуллаи аз ҳама баланди Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар Помир ҳамагӣ се қуллаи баландиашон зиёда аз 7000 м вуҷуд доранд.

Помири Ғарбӣ релйефи мураккаб дорад. Баландии теғаи кӯҳҳо аз зери водӣ бисёр вақт ба 3-4 км мерасад. Водии дарёҳои Панҷ, Язғулом, Бартанг сершах мебошад.

Помири Шарқӣ аз кӯҳҳои нисбатан ҳамвор иборат аст. Водии дарёҳои ин ҷо (Мурғоб, Аличур ва ғайра) кушод буда, дар баландии аз 3400 то 4300 м ҷойгир шудаанд. Қаторкӯҳҳои Музкӯл, Вахон, Аличур аз ғарб ба шарқ тӯл кашидаанд. Қаторкӯҳи Сарикӯл қад-қади сарҳад бо Чин мегузарад. Баъд аз Тибет Помири Шарқӣ баландтарин кӯҳсори ҷаҳон ба шумор меравад.

Помир сарватҳои зеризаминии фаровон дорад. Конҳои лаъли Бадахшон (шпинели асил), лоҷвард, рубин, тиллои пошхӯранда аз қадим машҳур мебошанд. Сайёҳи машҳури венетсиягӣ Марко Поло навиштааст: «Помир сангҳои пурбаҳо дорад ва онҳо дар шахҳои кӯҳ ҷойгиранд». Алҳол дар сарзамини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон конҳои булӯри кӯҳӣ, молибден, тилло, нуқра, асбест, намаксанг, бор ва масолеҳи сохтмон кашф шудаанд. Дар Помир зиёда аз 50 чашмаи минералии гарм мавҷуд аст, ки онҳоро қисман бо мақсади муолиҷа кор мефармоянд. Аз чашмаҳои минералии ин ҷо, хусусан, Гармчашма шуҳрати зиёд дорад.

Иқлими Помир бинобар аз сатҳи баҳр бисёр баланд будани маҳал ва дурии баҳру уқёнусҳо хеле қаҳратун аст. Ҷиҳатҳои фарқкунандаи иқлим хушк ва паст будани ҳарорати ҳаво мебошад. Миқдори боришот дар Помир на фақат аз ғарб ба шарқ, балки аз шимол ба ҷануб низ кам мешавад. Агар дар шимоли ғарби Помир миқдори боришот соле ба 400 мм баробар бошад, пас дар водиҳои Помири Шарқӣ он аз 100 мм ва дар мавзеи



***Расми 21.*** *Агбаи Оқбайтал – баландтарин агба дар ҳудуди ИДМ*

Қарокӯл аз 70 мм зиёд намешавад. Дар водиҳои Помири Ғарбӣ тобистон гарм (20°-25°) ва зимистон нисбатан хунук (–5° –10°) аст. Дар Помири Шарқӣ тобистон салқин (10° - 13°), зимистон хунуки қаҳратун (–18° –25°) ва тӯлонист. Дар мавзеи Булункӯл хунукӣ то ба – 63° мерасад.

Вобаста ба шароити иқлим кишоварзӣ фақат дар Помири Ғарбӣ ривоҷ ёфтааст. Помири Шарқӣ ба ҳайси чарогоҳи бузу гӯсфанд ва ғажгов (қутос) хизмат мекунад.

Дарёҳои Помир аз барфу пирях ғизо мегиранд. Калонтарин дарёи ин ҷо – Панҷ сарҳади байни Тоҷикистон Афғонистон мебошад.

Шохобҳои ин дарё – Хумбоб, Ванҷ, Язғулом, Бартанг, Ғунд дарёҳои калони Помир ба шумор меравaнд. Ин дарёҳо дорои неруи бузурги барқ бошанд ҳам, чандон пурра истифода намешаванд.

Дар Помир кӯлҳо низ бисёранд. Кӯлҳои ин ноҳия асосан пайдоиши тектоникию пиряхӣ доранд. Дар Помир кӯлҳои баландтарини Осиёи Марказӣ ҷой гирифтаанд. Кӯли аз ҳама калон – Қарокӯл 238 м чуқурӣ дошта, аз ҷиҳати ҳаҷм ва баландӣ (3914 м) фақат аз кӯлҳои Тибети Ҷанубӣ қафо мемонаду бас. Оби кӯл шӯри талхча буда, дар он мавҷудоти зинда нест. Дар маркази Помир дар баландии 3239 м кӯли Сарез ҷой гирифтааст. Ин кӯл соли 1911 дар ҷойи деҳаҳои Сарез ва Усой пайдо шудааст (кӯҳ афтода роҳи обро банд кард). Дарозии кӯли Сарез зиёда аз 60 км, масоҳаташ 86,5 км$^2$, чуқурии бештаринаш 500 м мебошад. Ҳаҷми оби кӯл 17,3 км$^3$ аст.

Помир якчанд пирях дорад, ки калонтарини онҳо Гармо, Грум-Гржимайло ва Федченко (дарозиаш – 75 км) мебошанд. Ин пиряхҳо дорои захираи калони об буда, ба дарёҳо ғизо медиҳанд.



***Расми 22.*** *Кони маъдани бори Оқархар – бузургтарин кон дар Осиё*

Бинобар гуногун будани шароити табиӣ хок ва набототи Помир якхела нест. Дар Помири Ғарбӣ бештар хоки дорчинии кӯҳӣ ва баландкӯҳӣ дучор меоянд. Наботот якчанд минтақаро ташкил медиҳад; қариб дар ҳама ҷо нимбуттаҳо мерӯянд. Водии дарёҳо тӯғайзор буда, аз дарахтони бед, сафедор, тӯс, зирк, ангат, инчунин дарахтони меваи худрӯй – себ, нок, чормағз, зардолу иборат мебошанд. Дарахтзорҳо асосан дар водии рӯдҳои Панҷ, Шоҳдара ва Вахон дучор меоянд. Дарахти тут низ бисёр аст. Баробари болотар баромадан дарахтзорҳоро минтақаи дашт ва сипас марғзорҳои алпӣ иваз мекунанд. Дар Помири Ғарбӣ, дар Хоруғ – маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Боғи ботаникии Помир воқеъ гардидааст. Он яке аз боғҳои баландтарини ҷаҳон (2300 м аз сатҳи баҳр) мебошад. Дар Боғи ботаникӣ барои ба шароити маҳал мутобиқ кардани рустаниҳо таҳқиқот мебаранд.



***Расми 23.*** *Трезубетс – бузургтарин кони қалъагӣ дар Осиёи Марказӣ*

Дар Помири Шарқӣ дарахт намерӯяд. Дар ин мавзеъ бештар рустаниҳои хосси биёбонҳои баландкӯҳӣ – терескен, болиштакҳо, ғеша, баъзе рустаниҳои хӯшагӣ месабзанд. Биёбону даштҳои баландкӯҳӣ ҳамчун чарогоҳ аҳаммияти калон доранд.

Олами ҳайвоноти Помир низ гуногун ва ғанӣ аст. Архар, ки шохҳои печутобхӯрдаи он 20-30 кг вазн дорад, яке аз ҷонварони зебои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Вай дар ҷойҳои кушод ва нисбатан ҳамвор маскан мегирад. Дар нишебии шохсорон бузи кӯҳӣ сукунат дорад. Аз ҷонварони дарранда паланги кӯҳӣ, хирси малла, гург, аз хояндаҳо суғур, гулмуш ба назар мерасанд. Дар водиҳо заргӯш, рӯбоҳ, савсор зиндагӣ мекунанд. Аз парандаҳо мурғобии сурх, дар Яшилкӯл бошад, ғозҳои ҳиндӣ вомехӯранд. Дар баландкӯҳҳо мурғи ҳилол, бургут, ҳумо, каргас

маскан гирифтаанд. Дар кӯлу дарёҳои Помир гулмоҳӣ ва осмонмоҳӣ мавҷуданд.



*Ҳудудеро, ки аз ҷиҳати пайдоиш, таърихи рушди геологӣ ва таркиби муосири ҷузъҳои мушаххаси табиӣ ягона мебошад, комплекси табиӣ меноманд. Дар сатҳи замин тамоми қисмҳои таркибии табиат: релйеф, ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, олами набопот ва ҳайвонот бо ҳам таъсири мутақобила доранд. Дар ташаккули ноҳияҳои табиии Тоҷикистон, ки сатҳи хеле ноҳамвор дорад, қонунияти арзӣ ва амудии табиат дар якҷоягӣ (хусусан дар ҳамворӣ ва адирҳо) амал мекунанд. Вобаста ба он дар Тоҷикистон панҷ ноҳияи табииро ҷудо кардан мумкин аст: Тоҷикистони Шимолӣ, Зарафшон, Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Помир.*



*1. Комплексҳои табиӣ чӣ тавр пайдо мешаванд? 2. Қисмҳои таркибии комплексҳои табииро номбар кунед. 3. Ҳудуди комплексҳои табиӣ чӣ тавр муқаррар ва ҷудо карда мешаванд? 4. Табиати Помири Ғарбӣ аз табиати Помири Шарқӣ чӣ фарқ дорад?*



*1. Аз харитаи табиӣ ноҳияҳои табиии Тоҷикистонро ёбед. 2. Ноҳияи худро тасвир кунед ва нуқтаи баландтарини онро ёбед.*



*1. Минтақаҳои амудии ноҳияҳои табиии ҷумҳурӣ кадомҳоянд? 2. Муқаррар кунед, ки кадом ноҳияҳои табиии Тоҷикистон ба якдигар монанданд (чӣ гуна?) 3.Ноҳиябандӣ чӣ аҳаммияти амалӣ дорад?*

## § 18. ИСТИЛОҲОТИ ГЕОГРАФИЯИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН

**1. География** – калимаи юнонӣ («гео» – замин, «графо» – менависам) буда, маънояш «тавсифи Замин» мебошад. Вай аз маҷмӯи илмҳои бо ҳам алоқаманди табиӣ – географияи табиӣ ва ҷамъиятӣ – географияи иқтисодӣ иборат аст.

**2. Географияи табиӣ** қонунияти сохт ва таркиби сатҳи Замин, қабатҳои поёнии атмосфера, гидросфера, хок, олами наботот ва ҳайвоноти сатҳи Заминро меомӯзад.

**3. Географияи иқтисодӣ** – аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, ҷойгиршавии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, шароит, хусусиятҳои соҳаҳои алоҳида ва инкишофи онро дар миқёси ҷаҳон ва мамлакатҳои алоҳида меомӯзад.

**4. Хоҷагии халқ** – маҷмӯи соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиро ташкил менамояд.

**5. Мавқеи географӣ** – ҷойгиршавии ин ва ё он маҳал ва қаламрав нисбат ба ҷойгиршавии дигар маҳал ва қаламрав мебошад.

**6. Ҳудуд** – фазоест, ки қаламрави як мамлакатро аз дигар мамлакатҳо дар асоси шартнома ҷудо мекунад.

**7. Вақти маҳаллӣ.** Ҳама нуқтаҳое, ки ҳангоми даврзании Замин дар атрофи меҳвари худ дар як меридиан воқеъ гардидаанд, вақти якхелаи шабонарӯзиро ҳосил мекунанд, ки онро вақти маҳаллӣ мегӯянд. Вақти маҳаллӣ аз рӯйи тӯл дар нуқтаҳои наздик хеле кам фарқ мекунад, аммо баробари дар сатҳи Замин афзудани масофаи байни нуқтаҳо он якчанд соат фарқ мекунад. Аз ин ҷо истифодаи вақти маҳаллӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти хоҷагидории инсон душворӣ ба миён меоварад. Барои бартараф кардани ин душворӣ дар ҳама мамлакатҳои ҷаҳон вақти минтақавӣ қабул кардаанд.

**8. Вақти минтақавӣ.** Барои муқаррар намудани он сатҳи Заминро мувофиқи меридиан ба 24 минтақаи соатӣ (тӯли ҳар як минтақа ба ҳисоби миёна 15°) ҷудо намуданд. Минтақаи соатиеро, ки аз байни он меридиани 0° (Гринвич) мегузарад, ба ҳайси минтақаи ибтидоӣ қабул намуданд, ки аз рӯйи он вақти дигар минтақаҳоро ҳисоб менамоянд. Дар ин сурат вақти як минтақа аз минтақаи ҳамсоя як соат фарқ мекунад.

**Вақти декретӣ.** Барои пурратар истифода намудани равшании рӯз ва сарфаи қувваи барқ дар собиқ Иттиҳоди

Шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз соли 1930 ин ҷониб вақти декретӣ (фармонӣ) қабул карда шудааст.

**9. Тақсимоти маъмурӣ.** Тақсимоти қаламрави мамлакат ба воҳидҳои хурди маъмурӣ: вилояти худмухтор, вилояти маъмурӣ, ноҳияи маъмурӣ, шӯрои маҳаллӣ, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шудааст.

**10. Топография** аз забони юнонӣ гирифта шудааст: "топос" – ҷой ва "графо" – менависам. Як соҳаи геодезия, ки ба чен кардан, ба нақша ва ё харита гирифтани сатҳи Замин машғул мебошад.

**11. Проексия** – аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои ба пеш партофтанро дорад. Дар картография, нақшаи геометрии ягон чиз дар сатҳ ва ё аксест, ки дар экран (парда) бо ёрии афзорҳои оптикӣ акс ёфтааст.

**12. Таҳриф** – хато ва вайроншавӣ.

**13. Шабакаи картографӣ** – акси географии меридиан ва паралеллҳо дар сатҳи ҳамвор. Ҳангоми сохтани харитаи географӣ шабакаи географиро ҳамчун заминаи ҷойгир намудани акси картографӣ истифода мебаранд. Дар рафти истифодаи харита шабакаи картографӣ барои муайян намудани координат, самти азимут ва дараҷаи таҳрифи проексияҳои картографӣ (дар қисмҳои гуногуни харита) имконият медиҳад.

**14. Бергштрих** – дар харита бо хатҳои кӯтоҳ ишора намудани самти нишебии маҳал.

**15. Профил** – нақшае, ки буриши тарвоза (кӯндаланг)-и маҳалро нишон медиҳад. Он аз ҷое гузаронида мешавад, ки хусусияти хосси ҳодиса ва объектҳоро муайян менамояд.

**16. Вақти геологӣ** маҷмӯи ҷинсҳои кӯҳиро дар назар дорад, ки дар вақти муайян ҳосил шудаанд. Синну сол ва пайдарҳам дар сатҳи Замин хоб рафтани ҷинсҳои кӯҳиро ифода менамояд.

**17. Тафта** (магма) – хамираи гудохтае, ки дар мантияи боло ҳосил мешавад ва тавассути шикаста ва танӯраи вулқонҳо ҳаракат карда, ба сатҳи замин ҷорӣ мешавад.

Ҳангоми хунук шудан ба ҷинси кӯҳии магматикӣ табдил меёбад.

**18. Гудоза** (лава) – хамираи гудохтае, ки дар вақти оташфишонии вулқон ҳаракат карда, ба сатҳи замин ҷорӣ мешавад.

**19. Литосфера** калимаи юнонӣ буда, аз "лито" ва "сфера" ҳосил шудааст, ки маънои кураро ифода мекунад. Вай қабати болои кураи Замин мебошад.

**20. Геосинклинал** аз калимаи юнонии "гео" – замин ва "синклинал" – манъшавӣ таркиб ёфтааст. Минтақаи ба дарозӣ кашолёфта ва босуръат фурӯравандаи қишри Замин, ки дар муҳити оби баҳр қабати ғафси таҳшинҳо ва ҷинсҳои вулқонӣ ҳосил шудаанд.

**21. Платформа** – калимаи фаронсавӣ буда, аз "плат" – ҳамвор ва "форма" – шакл ташаккул ёфтааст. Платформа бар хилофи геосинклинал қисми бузурги нисбатан устувори қишри замин мебошад. Дар он ҷо вулқон ва заминҷунбӣ рӯй намедиҳад.

**22. Ландшафт** – калимаи олмонӣ буда, манзара ва намуди умумии зоҳирии маҳалро ифода менамояд. Мисол, минтақаи биёбон, дашт, беша ва ғайра.

**23. Тектоника** – калимаи юнонӣ буда, маъноят маҳорати бинокорӣ аст. Он як шохаи илми геология буда, сохти қишри замин, мароми ҳаракат, тағйирот ва дигар ҳодисаҳои онро меомӯзад.

**24. Харитаи тектоникӣ** таърихи ҳаракатҳои тектоникӣ ва сохти қишри заминро инъикос менамояд.

**25. Харитаи геологӣ** сохти геологии маҳалро меомӯзад. Дар он ҷинсҳои кӯҳии таҳшонӣ, магматикӣ аз нигоҳи синну сол, пайдоиш ва таркиб инъикос ёфтаанд.

**26. Ҷинсҳои кӯҳии интрузивӣ** – ҷинси кӯҳии магматикие, ки дар натиҷаи дар чуқурии қишри замин оҳиста-оҳиста хунук шудани магма ҳосил шудаанд.

# БОБИ II
# ГЕОГРАФИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

## § 19. АҲОЛӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ

*1. Ба хотир оред, ки «муҳоҷират», «агломератсия» ва «урбанизатсияи аҳолӣ» чист? 2. Мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» чиро ифода мекунад?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Шумора ва таркиби аҳолии Тоҷикистон чӣ гуна тағйир ёфт?*
- *Сабабҳои нобаробар маскуншавии аҳолӣ дар чист?*
- *Таркиби аҳолӣ чӣ гуна хусусиятҳо дорад?*
- *Захираҳои меҳнатии Тоҷикистон.*

**Аҳолӣ, шумора ва афзоиши аҳолӣ.** Тоҷикистон ҷумҳурии сермиллат аст. Дар он зиёда аз 30 миллату халқҳои забон, маданият ва урфу одаташон гуногун умр ба сар мебаранд. Соли 2019 аҳолии ҷумҳурӣ ба 9 млн нафар расид. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷойи 8-умро соҳиб шуда, аз Молдов, Арманистон, ҷумҳуриҳои Наздибалтика ва Осиёи Миёна (ғайр аз Ӯзбекистон) бештар аҳолӣ дорад.

Ҳар сол аҳолии Тоҷикистон тақрибан 100 ҳазор нафар зиёд мешавад. Афзоиши табиии аҳолӣ ба ҳар ҳазор нафар 24,4 кас мебошад. Ин дар байни дигар ҷумҳуриҳои ИДМ нишондиҳандаи баландтарин аст.

Зиёд шудани шумораи аҳолӣ то ҷанги шаҳрвандии соли 1992 на фақат ба афзоиши табиӣ, балки ба кӯчида омадани мардум аз дигар ноҳияҳо (вобаста ба сохта шудани корхонаҳои калони саноатӣ, аз ҷумла Заводи алюмини тоҷик, комбинати электрохимиявии Ёвон, нерӯгоҳҳои барқи обии Норак ва Роғун) низ вобаста буд.

**Сокиншавӣ ва зичии аҳолӣ.** Бинобар кӯҳсор будани қисми зиёди Тоҷикистон ва гуногунии шароити табиию иқтисодӣ аҳолӣ нобаробар ҷойгир шудааст.

# ХАРИТАИ ЗИЧИИ АҲОЛӢ



Дар ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷануби Ғарбӣ, ки ноҳияҳои нисбатан тараққикарда мебошанд, зиёда аз 85 дарсади аҳолӣ сокин шудааст. Дар ҷумҳурӣ зичии миёнаи аҳолӣ дар як км$^2$ 56,0 нафарро ташкил медиҳад. Ҷойҳои нисбатан сераҳолӣ водиҳои Тоҷикистони Шимолӣ (дар 1 км$^2$ 93,2 нафар), Ноҳияҳои тобеи марказ (дар 1 км$^2$ 64,1 нафар) ва Вахш (дар 1 км$^2$ 115,1 нафар) мебошанд. Зичии аҳолӣ дар ноҳияҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ нисбатан кам аст. Чунончи, зичии аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 1 км$^2$ 3,3 нафар рост меояд.

**Аҳолии шаҳр ва деҳот.** Рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, инчунин пешрафти фарҳанг, маориф ва тандурустӣ дар афзоиш, шумора ва ҳайати аҳолии шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ тағйироти калон ба амал оварданд.

То Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон саноат амалан набуд. Қариб ҳамаи аҳолӣ дар деҳот сукунат дошт. Соли 1879 вазни қиёсии аҳолии шаҳрҳои Тоҷикистон ҳамагӣ 7 дарсад ва соли 1913 – 9 дарсадро ташкил мекард.

Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ шумораи аҳолии шаҳр тақрибан 70 дарсад ва вазни қиёсии он аз 9 то 35 дарсад афзуд. Соли 2013 аҳолии шаҳрҳои ҷумҳурӣ 2106,5 ҳазор нафар ва аҳолии деҳот 5880,9 ҳазор нафарро ташкил медод. Вазни хосси аҳолии шаҳр дар Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Ҳисор аз ҳама зиёд (зиёда аз 35 дарсад) ва дар ноҳияҳои кӯҳсори Тоҷикистони Марказӣ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳама кам (тақрибан 10 дарсад) аст. Алҳол дар ҷумҳурӣ 18 шаҳр ва 57 шаҳрак вуҷуд дорад. Дар ин шаҳрҳо биноҳои серошёнаи ба зилзила тобовар месозанд. Душанбе (900 ҳазор нафар) ва Хуҷанд (181,6 ҳазор нафар) шаҳрҳои нисбатан калони Тоҷикистон мебошанд.

Аксари аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад. Таносуби аҳолии деҳот дар Тоҷикистон аз ҳисоби миёнаи аҳолии деҳоти ИДМ 1,8 бор зиёд аст. Ҳангоми тадриҷан кам шудани миқдори умумии деҳаҳо ҳаҷми онҳо меафзояд. Агар солҳои 60-ум ба як деҳа андаряк 275 нафар рост омада

бошад, пас ҳоло ин рақам қариб 780 нафарро ташкил медиҳад. Симои деҳот низ дигаргун шудааст. Онҳо кӯчаҳои васеъ ва иморатҳои ҳозиразамон доранд.

**Ҳайати миллӣ ва иҷтимоии аҳолӣ.** Қисми аксари аҳолии Тоҷикистонро мардуми таҳҷоӣ – тоҷикон, ташкил медиҳанд. Ҳиссаи онҳо дар саршумори умумии аҳолӣ мунтазам меафзояд ва ҳоло ба 82,5 дарсад расидааст.

Тоҷикон сокинони қадимаи Осиёи Миёна мебошанд. Онҳо дорои тамаддуни ғанӣ буда, яке аз қадимтарин халқҳои Осиё ба шумор меравaнд. Тоҷикон бештар дар водии дарёҳои Хингоб, Сурхоб, Яхсу, дар болооб ва миёнаоби дарёи Зарафшон, Помири Ғарбӣ, водиҳои Вахшу Ҳисор ва Тоҷикистони Шимолӣ маскун мебошанд.

Тоҷикон ғайр аз Тоҷикистон асосан дар Афғонистон зиёда аз 10 млн дар Ӯзбекистон (қариб 7 млн нафар), Қирғизистон (зиёда 200 ҳазор нафар), Қазоқистон (қариб 80 ҳазор нафар), Русия (тақрибан 700 ҳазор нафар) зиндагӣ мекунанд. Тоҷикон дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон – Эрон, Хитой ва мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна зиндагӣ мекунанд.

Соли 1989 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни забон»-ро қабул кард, ки мувофиқи он забони тоҷикӣ (форсӣ) мақоми давлатӣ гирифт.

Дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ ҷойи дуюмро ӯзбекон (13,3 дарсад) мегиранд. Онҳо дар водиҳои қисми ғарбӣ ва шимолии ҷумҳурӣ сокин мебошанд (ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳритус, Ҷаббор Расулов, Спитамен). Ҷойи сеюмро русҳо мегиранд. Онҳо 0,4 дарсадро ташкил дода, дар шаҳру шаҳракҳои саноатӣ умр ба сар мебаранд. Дар шаҳрҳои Душанбе, Норак, Конибодом ва Бӯстон русҳо нисбатан бештаранд.

Қирғизҳо дар Помири Шарқӣ (ноҳияи Мурғоб) ва ноҳияи Лахш, ки ҳамсарҳади Қирғизистон мебошанд, сукунат доранд. Дар Тоҷикистон тоторҳо, немисҳо, қазоқҳо, яҳудиён, туркманҳо, кореягиҳо, осетинҳо, мордвагиҳо ва намояндагони дигар халқияту миллатҳо низ зиндагӣ мекунанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистонро новобаста аз нажоду миллат, ҷинс, мазҳаб, пайдоиши иҷтимоӣ, сарват дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ ҳифз мекунад. Ҳамаи миллату халқиятҳои сокини ҷумҳурии мо дӯстона ва баробарҳуқуқ зиндагӣ менамоянд.

Дар тӯли солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ҳайати аҳолии ҷумҳурӣ якбора тағйир ёфт. Алҳол аҳолии Тоҷикистон бештар аз коргарон, деҳқонон ва зиёиён иборат аст. Шумораи коргарону хизматчиён дар хоҷагии халқ, инчунин мутахассисони маълумоташон олӣ ва миёнаи махсус мунтазам меафзояд. Ин аз ҳисоби захираҳои меҳнатие, ки дар натиҷаи интенсивонии меҳнат дар кишоварзӣ озод мегарданд, ба вуқӯъ меоянд.

**Захираҳои меҳнатӣ.** Захираҳои корӣ аҳолии қобили меҳнатро, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат меварзанд, дар бар мегиранд. Синну соли қобили меҳнат аз рӯйи қонун муайян карда мешавад. Дар айни замон синну соли қобили меҳнат чунин муқаррар карда шудааст: мардон аз 15 то 63-сола ва занони аз 15 то 57-сола.

**Луғати географӣ** | *Аҳолии қобили меҳнатро, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат меварзанд, захираи меҳнатӣ меноманд.*

Мувофиқи маълумоти омории соли 2019 шумораи захираҳои 5,4 млн нафар ва миқдори одамони машғули кор дар хоҷагии халқи Тоҷикистон 2,5 млн нафар аст. Баъди истиқлолият сохтори аҳолии машғули кор вобаста ба шаклҳои моликият хеле тағйир ёфт. Масалан, агар соли 1991 аҳолии машғули кор дар соҳаи моликияти давлатӣ 60 дарсадро ва дар моликияти хусусӣ 19 дарсадро ташкил менамуд, пас ҳоло ин нишондиҳандаҳо, баръакс, дар соҳаи моликияти давлатӣ 20,4 дарсад ва дар хусусӣ 57,6 дарсадро дар бар мегирад.

Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ дорои ихтисос мебошанд. Бинобар зиёд будани таваллуд вазни

қиёсии аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон нисбатан кам (тақрибан 50 дарсад) аст.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ бо мақсади бо мутахассисон таъмин намудани хоҷагии халқ мактабу омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ кушода мешуд. Ғайр аз ин, барои тайёр кардани мутахассисон ҳар сол ба дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҷавонони деҳот фиристода мешуданд. Ҳоло муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз проблемаҳои мураккаби мамлакат аст ва ҳазорон муҳоҷирони меҳнатӣ тоҷик дар Русия, Қазоқистон, Белоруссия ва дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кор ва фаъолият мекунанд.

Таносуби шумораи аҳолӣ дар водиҳо ва кӯҳсор гуногун аст. Солҳои пеш аз ҷанг ва баъди он аз ноҳияҳои кӯҳӣ барои корам кардани водии Вахш ва дашти Дилварзин ҳазорҳо одамон муҳоҷир карда шуданд. Ин тадбир дар кори пешрафти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аҳаммияти калон дошт.

Дар натиҷаи зиёдшавии аҳолӣ ва рушди истеҳсолоти саноатию кишоварзӣ дар ҷойи биёбонҳои бедолударахт шаҳру шаҳракҳои нав қомат афрохтанд, роҳ ва боғҳои нав бунёд шуданд.

Оқилона истифода бурдани захираҳои корӣ барои рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии халқ аҳаммияти калон дорад. Дар Тоҷикистон ҳоло ҳиссаи одамони бекор, машғули корҳои хона ва хоҷагии шахсӣ бештар аст. Сабаб, пеш аз ҳама, дар серфарзандист (хусусан дар деҳот). Мавҷудияти захираҳои қувваи корӣ дар деҳот, шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳо водор месозад, ки соҳаҳои калони хоҷагии халқро рушд дода, шабакаи муассисаҳои фарҳангию маиширо васеъ намоем.

Ҳоло аз миқдори умумии аҳолии машғули корҳои хоҷагии халқ 81,2 дарсад дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва 18,4 дарсад дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ (маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ, хоҷагии коммуналӣ ва ғайра) банд аст.

Касбҳои нисбатан маъмул пахтакорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, кӯҳканӣ, бофандагӣ, ресандагӣ ва ғайра мебошанд.

Яке аз масъалаҳои асосии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ оқилона ва дуруст тақсим кардани қувваи корӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аст. Аз худ кардани ноҳияҳои кӯҳсор ва ривоҷ додани иқтисодиёти онҳо низ корест басо муҳим. Ин имкон медиҳад, ки захираҳои меҳнатӣ дар маҳалҳо оқилона истифода шаванд.

## § 20. МУШКИЛОТИ ДЕМОГРАФӢ

Дар ҳама давру замон нисбати афзоиши аҳолӣ ақидаю эродҳои мухталиф вуҷуд дошт. Масалан, агар дар ибтидои солшумории милодӣ шумораи аҳолии сайёраи мо 200 млн бошад, пас ин нишондиҳанда дар миёнаи асри XIX ба 1 млрд дар солҳои 30-юми асри XX ба 2 млрд ва ҳоло бошад, ба зиёда аз 7 млрд нафар расидааст. Ин суръати афзоиш боиси баҳсу ташвиши зиёд гардидааст. Зеро пайваста дар давлатҳои рӯбаинкишоф сафи бекорону камбағалон (хусусан, дар як қатор давлатҳои Осиё, Америкои Лотинӣ ва Африқо) босуръат меафзояд. Дар аксарияти ин давлатҳо сифат ва каллориянокии хӯрок ниҳоят паст аст. Аз рӯйи нишондоди илми тиб бояд ҳар кас рӯзе аз 25 то 30 грамм сафедаи ҳайвонот истеъмол кунад, вале қисми зиёди аҳолии Перу рӯзе 12 грамм, Шри Ланка – 9 грамм ва Ҳиндустон – то 6 грамм сафедаи ҳайвонот истеъмол мекунанду бас. Ҳол он ки аҳолии ИМА дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 70 грамм, аҳолии Фаронса, Дания, Шветсия ва Англия аз 50 то 60 грамм ин моддаи барои организм ниҳоят муҳимро истифода мебаранд. Ҳисоб карда шудааст, ки ҳосилнокии меҳнати одамони нимгурусна назар ба одамони шикамсер қариб ду маротиба паст мебошад.

Тоҷикистон низ ба қатори давлатҳои рӯбаинкишоф дохил буда, мувофиқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ 27,4% аҳолии он дар ҳолати камбизоатӣ умр ба сар мебарад. Ин ҳолат ба солимгардии физиологии кӯдакону наврасон таъсири зиёди манфӣ мерасонад. Ҳол он ки сиёсати демографии кишвар ба он нигаронида шудааст, ки таркиби

аҳолии мамлакатро бештар одамони боқуввату солим ташкил намоянд.

Солҳои ҳаштодум суръати афзоиши аҳолии Тоҷикистон хеле авҷ гирифт (3-3,5 дарсад) ва ба сари 1000 кас миқдори таваллуд ба 38,8 нафар расид. Ин нишондиҳанда нисбати дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ баландтар буд. Бо вуҷуди он ки ҳоло суръати афзоиш хеле кам шудааст (ба сари 1000 кас миқдори таваллуд 28,7 нафар), зичии аҳолӣ босуръат зиёд шуда истодааст. Масалан, соли 1970 зичии аҳолии ҷумҳурӣ дар 1км$^2$ ҳамагӣ 20,3 нафар, соли 1979 – 26,6, соли 1989 – 35,6, соли 1999 – 42,3, соли 2000 – 42,8 буд, ҳоло бошад, зиёда аз 64,5 нафарро ташкил медиҳад. Агар боз инро ба назар гирем, ки зиёда аз 55 дарсади масоҳати ҷумҳурӣ барои зисту зиндагонӣ мувофиқат намекунад, пас нишондиҳандаи зичии аҳолӣ нисбати қаламрави он боз ду маротиба бештар аст.

Вазъи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон тақозо дорад, ки яке аз роҳҳои пешгирии ин мушкилот ба низом овардани ҳолати демографии мамлакат мебошад.

Банақшагирии оила ва ба низом овардани афзоиши аҳолӣ на ин ки дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда, балки дар давлатҳои сатҳи зиндагии мардумашон баланд низ амал мекунад (Ҷопон, Чин, Сингапур, Тайван). Бисёр шаҳрвандони Тоҷикистон бо психологияи давраи шӯравӣ амал карда, барои ба низом овардани оила ва тарбияи кӯдаки солим кам аҳаммият медиҳанд. Дар натиҷаи риоя накардани низоми оилавӣ бисёр кӯдакон дар деҳот носолим ба воя расида, саломатии модаронро низ зери хавф мегузоранд. Бинобар ин, дар Тоҷикистон бисёр олимону ходимони ҷамъиятию давлатӣ ба он даъват менамоянд, ки барои нигоҳ доштани ҳифзи саломатии модару кӯдак ба анъанаҳои хуби замони пеш ва имрӯза риоя намоем.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ амалӣ гардонидани масъалаи демографӣ, пеш аз ҳама, ҳар чи зудтар рушд додани соҳаҳои муҳимми иқтисодиёт, таъмин кардани ҷойи кор, баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ ва пурзӯр намудани

ташвиқу тарғиб барои ҳифзи саломатии модару кӯдаки солиму бардамро талаб мекунад.



*Тоҷикистон ҷумҳурии сермиллат аст. Бинобар кӯҳсор будани қисми зиёди Тоҷикистон ва гуногунии шароити табиию иқтисодӣ аҳолӣ нобаробар ҷойгир шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистонро, новобаста аз нажоду миллат, ҷинс, мазҳаб, пайдоиши иҷтимоӣ, сарват, дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ ҳифз мекунад. Аҳолии қобили меҳнатро, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат меварзанд, захираи меҳнатӣ меноманд. Дар айни замон синну соли қобили меҳнат чунин муқаррар карда шудааст: мардони 15-63-сола ва занони 15-57- сола. Бинобар зиёд будани таваллуд вазни қиёсии аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон нисбатан кам (тақрибан 50 дарсад) аст.*



*1. Сабаби барзиёдии захираҳои корӣ ва бекорӣ дар ҷумҳурӣ чист ва барои оқилона истифода бурдани онҳо чӣ корҳо ба субут расонда мешаванд? 2. Дар Тоҷикистон захираҳои меҳнатӣ чӣ гуна истифода мешаванд? 3. Ҳайати миллии аҳолии Тоҷикистон чӣ гуна аст?*



*1. Аҳолии Тоҷикистонро тавсиф дода, зичӣ ва шумораи онро бо аҳолии Украина, Ӯзбекистон ва Литва қиёс кунед. 2. Дар ноҳия, шаҳрак ва деҳаи шумо кадом миллатҳо зиндагӣ мекунанд? 3. Афзоиши босуръати аҳолии Тоҷикистон ба кишвар чӣ нафъ мерасонад? Шояд баръакс зараррасон бошад?*



*1. Бартарӣ ва зарари муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатии мамлакатро таҳлил карда метавонед? Кадом роҳҳои истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ вуҷуд дорад? 3. Оё гирифтани пеши роҳи бекорӣ дар Тоҷикистон амалӣ мегардад?*



***Дарси амалӣ.** Диаграммаи таносуби аҳолии шаҳр ва деҳотро дар Тоҷикистон тартиб диҳед. Шаҳрҳои ҷумҳуриро аз рӯйи мавқеашон дар хоҷагии халқ тавсиф диҳед. Афзоиши табиии аҳолии Тоҷикистонро таҳлил намоед.*

# § 21. ДАВРАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ



1. *Аз фанни таърих ба хотир оред, ки давлати Сомониён кай таъсис ёфт.* 2. *Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон кай ба Русия ҳамроҳ карда шуда буд?*

**<u>Дар ин зербоб шумо дар бораи чӣ маълумот пайдо мекунед?</u>**

• *ДарТоҷикистон кадом сарватҳои зеризаминӣ мавҷуд аст?*

• *Захираҳои сарватҳои зеризаминии мамлакат чӣ гунаанд?*

• *Фаровонии сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба чӣ вобаста аст?*

Ҳанӯз солҳои 30-юм роҳбари экспедитсияи Тоҷику Помир академик Н. Горбунов навишта буд, ки «Тоҷикистон кишвари қадимтарини зироаткорӣ мебошад. Дар он ҳанӯз дар сароғози таърихи тамаддуни инсоният маданияти муҳимми зироаткорӣ пайдо шудааст. Тоҷикистони қадим навъҳои зироатҳои зиёдеро офарида, такмил дода, ҳатто баъзеашонро ба дараҷаи камолот расонидааст».

Мувофиқи маълумоти бостоншиносӣ қабилаҳои дар Тоҷикистон буда ҳанӯз дар давраи асри санг (10-5 ҳазор сол то милод) ба киштукор машғул буданд. Дар «Авесто» (асрҳои 10-6 то милод) оид ба кишоварзӣ, боғдорӣ, обёрии заминҳо, поруандозӣ, чорводорӣ ва кишти алафҳои хӯроки чорво маълумоти нодир мавҷуданд. Дар замони империяи Кӯшониён (ҳазораи якуми то милод) зироаткорӣ на фақат водиҳо, балки мавзеъҳои кӯҳсорро фаро гирифта буд. Дар он давра хеле зиёд будани анвои зироат (гандум, ҷав, зағир, кунҷит, шолӣ, ҷуворӣ, меваҳои гуногун ва ғайра) ҷолиби диққат аст. Ба туфайли селексияи халқӣ, ки аз авлод ба авлод идома дошт, навъҳои серҳосили зироат ва зотҳои нави чорво пайдо шуда, ба кишварҳои ҳамсоя паҳн мегардид. Чунончи, чиниҳо кишти юнучқа ва парвариши чормағзро аз халқҳои ин ҷо омӯхтаанд. Зоти гӯсфанди ҳисорӣ ва аспи зоти хатлонӣ низ маҳсули кори селексияи халқӣ мебошад. Сохтмони аввалин иншооти обёрӣ (каналҳо, корезҳо, ҷиғирҳои обкашӣ ва ғайра) аз ҳамон давраҳои қадим сар шудааст. Аз

системаҳои обёрии қадима осори дарғоти Варағсар, ки оби рӯди Зарафшонро ба се шоха тақсим мекард ва даҳҳо каналу корезҳои ёфтшуда (Ғӯлакандоз, Тӯқсанкорез, Говкуш, Ҷӯйбор, Корез, Ҳошодӣ ва ғайра) гувоҳӣ медиҳанд.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар қаламрави ҳозираи Тоҷикистон ҳанӯз асри XI то милод баробари зироату чорво металлургия низ вуҷуд дошт: аҳолии таҳҷоӣ аз конҳо маъдан истихроҷ карда, металлҳои гуногунро мегудохт. Чор ҳазор сол пеш дар Қаромазор сурб, дар Дарвоз тилло, дар Бадахшон лаъл ва лоҷвард истихроҷ мекарданд. Доир ба рушди саноати маъдан дар ҳудуди Тоҷикистони қадим сайёҳон ва олимони Юнон, Рим ва Чин маълумот додаанд. Маркази калони металлургӣ Қаромазор ба шумор мерафт. Боқимондаи конҳои қадим дар Исфара, Истаравшан, Балҷувон, Панҷакент ёфт шудаанд. Таҳқиқгарони рус Н. Г. Малитский, М. Андреев (1896) ва М. Массон (1934) ошкор сохтаанд, ки замонҳои қадим дар ғори Конигут (ноҳияи Исфара) оҳан, сурб ва қалъагӣ, дар Контоғ (водии Зарафшон) навшодир, дар Оқсукон (ноҳияи Ашт) намаксанг истеҳсол мекардаанд.

Мувофиқи маълумоти таърихӣ истихроҷи маъдан дар Тоҷикистон асрҳои IX – XII то замони тохтутози муғулҳо ба авҷи аъло расида буд. Аз нуқрае, ки аз Қаромазор мегирифтанд, барои ҳамаи мамлакатҳои Шарқ танга сикка зада мешуд. Тавассути корвонҳои тоҷирон тангаҳо ба тамоми дунё паҳн мегаштанд. Онҳоро аз Финландия, Дания, Фаронса ва як қатор мамлакатҳои дигар пайдо кардаанд.

Муаррихони асри X Истахрӣ ва Хоқонӣ навиштаанд, ки «дар Исфара кӯҳест аз санги сиёҳ ва он санг мисли чӯб месӯзад». Мувофиқи ақидаи профессор Н. Малитский (1924) «Ангишти ноҳияи Исфара ҳазорҳо сол қабл аз ин аз замонҳои географҳои араб, ки ҳанӯз дар Аврупо оид ба хосиятҳои сӯзиши ин ҷинси кӯҳӣ тасаввурот надоштанд, истифода мешуд». Аз ибтидои асри VII сар карда, тоҷикон нафтро низ барои муолиҷаи бемориҳои гуногун ва ба сифати «тирҳои сӯзон» кор мефармуданд.

Бояд гуфт, ки нишонаҳои кори маъданканҳои онвақта ҳатто геологҳои ҳозираро дар ҳайрат мегузорад. Технологияи маъданканӣ ва маъдангудозӣ хеле сода буд: маъданро бо афзорҳои сода (зоғнӯл, белу каланд, фонаҳои чӯбӣ ва ғайра) бо усули «оташкан» истихроҷ мекарданд. Қатъи назар аз он нақбҳои онҳо хеле чуқур (то 250 м) буда, боқимондаи металл дар партовҳо хеле кам аст.

Таҳқиқоти ҳафриётӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар баробари саноати кӯҳӣ то замони тохтутози муғулҳо дар Тоҷикистон ҳунармандӣ, кулолӣ, заргарӣ ва санъати тасвирӣ низ ривоҷ ёфта будааст. Ҳатто баъзе аз навъҳои касбу ҳунар то ба дараҷаи олии худ ривоҷ ёфта, маҳсулоти онҳо берун аз қаламрави Мовароуннаҳр низ шуҳрат дошт. Истахрӣ менависад, ки мардуми он ҷо ба моли хориҷӣ эҳтиёҷ надоштанд, зеро ҳамаи чизи заруриро худашон фаровон истеҳсол мекарданд. Баръакс, қисми зиёди моли ҳунармандон, монанди газвори ведарӣ, карбоси занданичӣ, фонуси мисини бухороӣ, зарфи қалъагидор, деги мисин ва коғази Самарқанд, қайчиву сӯзании Шош, яроқу аслиҳаи фарғонагӣ берун аз ҳудуди кишвар шуҳрати калон дошт.

Нишонаҳои санъати баланди меъморию бинокории онвақтаро дар мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, мадрасаи Хоҷа Машҳади ноҳияи Шаҳритус, мақбараи Саидиброҳими Карминагӣ (Навоӣ), нақшу нигори чӯби масҷиди Искодар (Фалғар), сутунҳои аз болооби Зарафшон (Сангистон, Оббурдон, Куруд) ёфтшуда дидан мумкин аст.

Асрҳои VIII – XII давраи нашъунамои илм ва ҳунари тоҷикон буд. Мувофиқи нишондоди таърихшиносон маҳз дар ҳамин давра ташаккули халқи тоҷик анҷом ёфт. Китобҳои илмию бадеии дар он вақт бо забони форсии тоҷикӣ (дарӣ) навишташуда аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо карда, дар таърихи тамаддуни инсоният саҳми босазо гузоштаанд. Асарҳои безаволи классикони адабиёти тоҷику форс Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Робиаи Балхӣ ва олимони барҷаста – Абӯбакри Наршахӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино,

Носири Хусрав, Абӯрайҳони Берунӣ ва дигарон намунаи рушди илму фарҳанги онвақта мебошанд.

Мутаассифона, тохтутози муғулҳо ва сипас ҷангҳои байни феодалҳои маҳаллӣ боиси таназзули тамаддуни баланди халқи тоҷик гардид. Баъди ба Русия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна барои амният ва тараққиёти иқтисодии ин сарзамин каме шароити мусоид фароҳам омад. Вале қатъи назар аз ин, Тоҷикистон асосан чун манбаи истеҳсоли ашёи хом ва хӯроквории тараққӣ мекард. Бештар кишоварзӣ ва майдакосибӣ ривоҷ ёфта буд ва саноат амалан вуҷуд надошт. Ҳамагӣ 7 корхонаи саноатӣ: чор заводи пахтатозакунӣ, як заводи равғанкашӣ, корхонаи нафти «САНТО» ва кони ангишти «Шӯроб» мавҷуд буд. Нақлиёт бо мазмуни пуррааш вуҷуд надошт. Васоити асосии нақлиёт аспу хар ва ароба буд. Кӯҳистони тоҷик аз олами беруна кандашуда ҳисоб меёфт. Роҳҳои он асосан аз пайраҳаҳои борики печдарпеч ва пулҳои ларзон иборат буду ҳаёти роҳгузар чун қатраи ашк дар сари мижгон буд. «Бероҳӣ, – навиштааст устод С. Айнӣ, – барои халқи асосии Тоҷикистон як «балои ногаҳонӣ» ва «қазои осмонӣ» буд. Вақте ки онҳо аз деҳе ба деҳе ё аз шаҳре ба шаҳре ҳаракат кардан мехостанд, маҷбур буданд аз болои оврингҳои сабадӣ, ки дар камари кӯҳи сарбафалаккашида баста буданд, гузаранд. Табиист, ки дар ин гуна сафарҳо ҳар сол садҳо тоҷик аз болои он ғелида, ба қаъри оби бепоёни зерикӯҳӣ афтода, беному нишон аз дунё мерафтанд».

**Давраи Ҳокимияти Шӯравӣ.** Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар рушди иқтисодии Тоҷикистон табадуллот ва тағйироти бузурге ба амал омад.

Тоҷикистон дар тӯли солҳои мавҷуда дар соҳаҳои иқтисодиёт ва фарҳанг ба комёбиҳои бузург ноил гашт. Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар Тоҷикистон 140 маротиба, аз ҷумла саноати сабук 97, саноати хӯроквории 77 маротиба афзуд. Аз ҷиҳати суръати афзоиши соҳаҳои хоҷагии халқ Тоҷикистон аз нишондиҳандаҳои умумии мамлакат пеш буд. Дар 25 соли

охир ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ 5,1, кишоварзӣ 2,7, боркашонии нақлиёти автомобилӣ 5,2 маротиба зиёд шуд. Саноати Тоҷикистон зиёда аз 90 соҳа ва 400 корхонаи калони саноатиро дар бар мегирифт. Бисёр соҳаҳои асосии саноат, аз ҷумла саноати вазнин (бахусус, электроэнергетика, мошинсозӣ, химия, металлургияи ранга), сабук, хӯрокворӣ босуръат тараққӣ мекард.

Комёбиҳои ҷумҳурӣ дар соҳаи кишоварзӣ низ назаррас буданд. Дар заминаи кооператсияи байнихоҷагӣ, интегратсияи агросаноатӣ ва фаровон истифода бурдани дастовардҳои илм ва техника кишоварзии Тоҷикистон серсоҳа, интенсивӣ, махсус ва мутамарказ гашт.

Дар соҳаи илм, маориф, тандурустӣ, адабиёт, фарҳанг низ комёбиҳои калон ба даст омаданд.

Дар тӯли як сол Тоҷикистон ҳамон қадар қувваи барқ истеҳсол мекард, ки то солҳои 90-ум аз қувваи барқи Русияи подшоҳӣ 7 маротиба бештар буд. Дар ҷумҳурӣ ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба Ҳиндустон ва Покистон 10 баробар зиёдтар қувваи барқ истеҳсол карда мешуд; истеҳсоли шоҳӣ ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба ИМА 2 баробар, истеҳсоли равғани рустанӣ нисбат ба Фаронса 3 баробар зиёд буд. Агар то Инқилоби Октябр Тоҷикистон қариб ҳамаи маҳсулоти саноатиро аз дигар ҷой гирифта, худ фақат ашёи кишоварзӣ медод, пас ба 50 мамлакат дастгоҳҳои бофандагӣ, трансформатор, афзорҳои барқӣ, яхдон, металлҳои ранга, нахи пахта, шоҳӣ, қолин ва дигар маҳсулот мебаровард.

Тоҷикистон аз ҷиҳати масоҳат дар байни дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойи ҳаштум ва аз ҷиҳати аҳолӣ ҷойи нуҳумро гирад ҳам, солҳои 80-уми асри гузашта аз ҷиҳати истеҳсоли пахта дар ҷойи сеюм, сурма дар ҷойи дуюм, абрешими хом дар ҷойи чорум, анҷибар дар ҷойи якум, равғани рустанӣ дар ҷойи панҷум меистод. Дар ҷумҳурӣ 11 дарсади пахтаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, 3,3 дарсади шоҳӣ, 3,1 дарсад равғани рустанӣ, 1,1 дарсад консерви меваю сабзавот, 1,3 дарсад газворҳои пахтагин истеҳсол мешуд. Минбаъд ба афзоиши электроэнергетика,

химия, мошинсозӣ, металлургияи ранга, соҳаҳои комплекси агросаноатӣ диққати зиёд дода мешуд.

Дар даштҳои Данғара, Бешкент, Дилварзин, Қародум садҳо гектар замини нав азхуд карда шуданд. Хусусан, ба оқилона истифода бурдани захираҳои корӣ ва дуруст ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад.

**Давраи гузариш.** Ҳамин тавр, то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ иқтисодиёти он комплекси ягонаи хоҷагиро бо истеҳсолу коркарди муҳимтарин навъҳои маҳсулот дар бар мегирифт. Акнун вазъият тамоман тағйир ёфт. Дар заминаи давлати пошхӯрдаи Иттиҳоди Шӯравӣ мамлакатҳои нави соҳибихтиёр дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо шуданд. Дар ин маврид бисёр риштаҳои иқтисодие, ки байни шаҳру корхонаҳои мамлакат солҳои тӯлонӣ вуҷуд доштанд, якбора канда шуданд ва буҳрони истеҳсолот ҳамаи давлатҳои собиқ шӯравиро фаро гирифт. Ин ҳолат дар даҳсолаи охир дар Тоҷикистон низ ба пастшавии суръати афзоиши иқтисодиёт, нарасидани маҳсулоти ниёзи мардум, баланд шудани нарху наво оварда расонид. Ба замми ин ҷанги шаҳрвандӣ боиси хароб гардидани садҳо корхонаи саноатӣ, соҳаи кишоварзӣ ва нақлиёт гардида, садҳо ҳазор одам кишварро тарк намуд. Зарари умумии ҷанги шаҳрвандӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба андозаи 7 млрд доллари амрикоӣ баҳо дода мешавад.

Дар давраи аз соли 1991 то 1996 ҳаҷми маҳсулоти дохилии мамлакат (ММД) то 58,1 дарсад кам гардид. Соли 2006 ҳаҷми умумии маҳсулот ҳамагӣ 65 дарсади давраи соли 1991-ро ташкил намуд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон (27-уми июни соли 1997) яке аз роҳҳои муҳимми ба низом овардани пешрафти иқтисодӣ гардид.

Махсусан, дар ин давра ба Ватан баргаштани фирориён ва барқароркунии хоҷагии халқ асоси таъмин намудани тараққиёти иқтисодиётро ба амал овард. Аз соли 1997 афзоиши суръати миёнаи солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

(ММД) дар мамлакат ба 8,5 дарсад, истеҳсолоти саноатӣ 10,1–112 дарсад ва маҳсулоти кишоварзӣ 8,8 дарсадро ташкил намуд. Ислоҳоти иқтисодӣ барои беҳтар гардидани истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои кишоварзӣ кумак расонид. Дар ин давра қариб 70 дарсади корхонаҳои хурду миёна хусусӣ гардонида шуда, бо фармони Президенти мамлакат 75 ҳазор гектар замин ба деҳқонон тақсим карда шуд. Айни замон зиёда 82 дарсади корхонаҳои хусусигардонида ба кор шурӯъ намуданд ва онҳо бештар аз 200 ҳазор коргарро бо ҷойи кор таъмин карданд. Пешрафти иқтисодиёти мамлакат солҳои охир ба дараҷаи зисту зиндагонии аҳолӣ таъсири мусбат расонид. Сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз 81 дарсад (соли 1999) то 27,4 дарсад (соли 2018) паст фуромад. Ислоҳоти иқтисодӣ ба масъалаи ҷалб намудани соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ диққати асосӣ медиҳад, зеро 74 дарсади аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунад. Таҷрибаи соҳибкорӣ дар бисёр хоҷагиҳои мамлакат натиҷаи дилхоҳ дода истодааст.

Дар давраи гузариш илму маориф ва соҳаи тандурустӣ хеле коҳиш ёфтанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои ба низом овардани соҳаҳои муҳим ва баланд бардоштани дараҷаи донишу маърифати хонандагону донишҷӯён тадбирҳои муҳим меандешад.

Таҷрибаи бисёр давлатҳои нави индустриявӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо дар сурати ба роҳ мондани пешрафти иқтисодӣ имконияти ба низом овардани на ин ки соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва нақлиёт, балки илму маориф ва тандурустӣ низ ба амал хоҳад омад.

Яке аз комёбиҳои муҳимми замони истиқлолият сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Мурғоб – Қулма ва нақби Истиқлол (Анзоб) мебошанд. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги табиӣ ва корӣ мебошад. Ба кор даровардани корхонаҳои нави соҳаи коркарди маъдани кӯҳӣ, анҷом додани сохтмони неругоҳҳои барқи обии Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, роҳи автомобилгарди Душанбе – Ҷиргатол – Саритош, бунёди нақбҳои Шаҳристону Шаршар, Чормағзак ва ғайра боиси ба

дарачаи баланд тараққӣ кардани иқтисодиёти Тоҷикистон гардид.



*Системаи бо ҳам алоқаманди тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро, ки аз соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ иборат буда, дар ҳудуди мамлакат ё давлат таърихан ташаккул ёфтааст – хоҷагии халқ меноманд. Онҳо дар алоқамандӣ асоси иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як мамлакатро ташкил менамоянд.*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

*1. Хусусиятҳои рушди хоҷагии халқи Тоҷикистонро дар давраи пеш аз инқилоб шарҳ диҳед.*
*2. Тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳуриро дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ тавсиф кунед.*
*3. Доир ба тараққиёти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар замони истиқлолият нақл кунед.*
*4. Дар асоси маълумоти мавҷуда тараққиёти иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия ё шаҳри худро қайд намоед (шифоҳӣ ё хаттӣ).*

## § 22. ҚОНУНИЯТ ВА САМТҲОИ ҶОЙГИРКУНИИ ИСТЕҲСОЛОТ

*Шакли қонунияти ҷойгиршавии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ чӣ гуна алоқаманд мебошад?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Муайянсозии қонунияти объективии ҷойгиркунӣ ва ташкили ҳудуди истеҳсолӣ.*
- *Ҳиссаи бештари истеҳсолоти ҷаҳонӣ ба кадом давлатҳо тааллуқ доранд?*
- *Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойгиркунии истеҳсолоти ҷаҳонӣ чӣ нақш дорад?*
- *Вобастагии ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ ба муҳити географӣ.*

Географияи иқтисодию иҷтимоӣ омӯзишу таҳқиқоти худро танҳо дар ҳолати якранг будани ҳодисаю воқеаҳо маҳдуд намекунад. Вай таҳқиқи объекту ҳодисаҳоро дар ҳолати рушд, алоқамандӣ ва боҳампайвастагӣ омӯхта, истифодаи онҳоро аз

нигоҳи аҳаммияти онҳо барои ҷамъият баҳо дода, ҳамчунин қонунияти объективии ҷойгиронӣ ва ташкили ҳудуди истеҳсолоти ҷамъиятиро низ муайян менамояд.

Тамоми шаклҳои гуногуни ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда дар Тоҷикистон, ки ба таври муқаррарӣ ва ё аз рӯйи нақшаи пешакӣ муайянкарда ба вуқӯъ пайвастааст, албатта, бо вуҷуд доштани сабабҳои бавосита ё бевоситаи байни ҳодисаю воқеаҳо, ки аз лиҳози таърихӣ ё дар асоси амалиёти имрӯзаи хоҷагидории одамон сурат гирифтааст, қонуниятҳои объективии ҷойгиршавии истеҳсолотро дар бар мегирад.

Қонунияти ҷойгиршавии истеҳсолоти ҷамъиятӣ чунин шакле ба ҳисоб меравад, ки ба қонуни умумии рушди ҷамъият ва дар айни замон ба муносибатҳои бозаргонӣ дар ҳолати гузариш бевосита алоқаманд мебошад. Аз тарафи дигар, онҳо қисми ҷудонашавандаи системаи қонунҳои иқтисодии ҷамъият ва қисмати такмилёфтае ба ҳисоб мераванд, ки ҳолатҳои дигаргуншавию ҳамешагии ҷойгиршавии географии истеҳсолотро дар қаламрави мамлакат ва ноҳияҳои он тасвир мекунад. Ин ҳолат чунин талаботро ба миён мегузорад:

– якум, алоқамандии хеле зичи ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ бо муҳити географӣ ва вобаста будани баъзе навъҳои истеҳсолот ба шароити махсуси табиӣ ва захираҳои он;

– дуюм, тафовути зиёди ноҳияҳои географӣ аз нигоҳи зичии аҳолӣ ва дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда;

– сеюм, гуногун будани алоқамандии соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар сатҳи умумии мамлакат ва ноҳияҳо;

– чорум, вуҷуд доштани тафовути гуногуни техникию иқтисодӣ дар байни соҳаҳои истеҳсолӣ.

Тарзи истеҳсолот дар ҳама форматсияҳои ҷамъиятӣ роҳҳои гуногуни ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолотро акс менамояд, вале тафовути он дар замони сармоядорӣ, хусусан ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани инқилоби саноатӣ, хеле авҷ гирифт. То як мавриди муайян корхонаҳои саноатӣ баҳри ба даст овардани фоида ба ягон амали қонуни дуруст ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолӣ риоя накарда, ба захираҳои табиӣ ва муҳити зист хисороти хеле зиёд оварданд. Ин тадбир ҳангоми забт намудани дигар қитъаю мамолик ниҳоят авҷ гирифт. Мустамликадорон бе назардошти қонунҳои ҷойгиркунии истеҳсолот ба таври стихиявӣ беҳтарин

навъи сарватҳои табиатро ғорат карда, қисми зиёди заминҳоро ба макони биёбон ва пайваста авҷгирии дигар навъҳои офатҳои табиӣ табдил доданд.

Айни замон дар миқёси хоҷагии ҷаҳонӣ ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти ҷаҳонӣ ба уҳдаи давлатҳои абарқудрат рост меояд. Масалан, ҳафт давлати бузург – ИМА, Канада, Англия, Ҷопон, Фаронса, Олмон ва Италия дар қаламрави худ қариб аз 3/4 ҳиссаи тамоми истеҳсолоти ҷаҳониро муттаҳид сохтаанд. Қисми зиёди ин мамлакатҳо корхонаҳои истеҳсолии худро аз ҳисоби манбаъҳои сарватҳои арзони табиии давлатҳои рӯ ба рушди Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ ба роҳ мондаанд.

Дар Давлати Шӯравӣ низ, бо вуҷуди андешидани як қатор тадбирҳо оид ба дуруст ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, на ҳама вақт он қонуниятҳо дуруст риоя карда мешуданд. Масалан, калонтарин корхонаҳои соҳаи саноати бофандагии мамлакат дар қисмати ноҳияи марказии Русия ҷойгир шуда, ашёи хом бошад, ба масофаи чандин ҳазор километр аз минтақаҳои Осиёи Миёна кашонида мешуд. Тоҷикистон то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ 41 дарсади пахтаи маҳиннахи тамоми мамлакатро истеҳсол мекард, вале дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳамагӣ 7 дарсади он коркард мешуду бас.

Иқтисодиёти Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ, чун дигар давлатҳои собиқи он, дар асоси тартиби ҷойгиркунии сотсиалистии истеҳсолот ривоҷ меёфт. Ҳоло бисёр соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ дар ҳолати буҳрон буда, ба технологияи нав ва кадрҳои баландихтисос ниёз доранд, зеро маҳсулоти онҳо ба рақобати бозор тоб оварда наметавонад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, чун дигар давлатҳои рӯбаинкишоф, зарур аст, ки вобаста ба шароити географию таърихӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ модели тараққиёти иқтисодӣ ва ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолоти ба худ хосро интихоб намояд. Чунин тадбир яке аз роҳҳои барқарор намудани истеҳсолоти саноатӣ ва дар ин асос бо ҷойи кор таъмин намудани бекорон ва бартараф намудани қафомонӣ дар ҷумҳурӣ мегардад.

# § 23. САНОАТ



1. *Шарҳ диҳед, ки саноат ба кадом соҳаҳо ҷудо мешавад.*
2. *Махсусгардонӣ ва кооператсиякунонии саноат чист?*
3. *Ба ҷойгиркунонии корхонаҳои саноатӣ кадом омилҳо таъсир мерасонанд?*

**<u>Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?</u>**

- *Саноати Тоҷикистон чӣ гуна ташаккул ёфт?*
- *Саноати вазнин дар Тоҷикистон чӣ тавр рушд кардааст ва аз кадом соҳаҳо иборат аст?*
- *Чӣ гуна рушди соҳаҳои саноат ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд?*

Саноати ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб пурра дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст. То ин дам дар Тоҷикистон чун як гӯшаи дурдасти Русия, корхонаҳои косибии хурд бартарӣ доштанд. Ҳоло саноат соҳаи асосии хоҷагии халқ буда, қисми зиёди даромади миллии мамлакатро медиҳад.



*Дарвоз ноҳияи қадимтарини истихроҷи тилло дар минтақаи Осиёи Марказӣ (асри IV пеш аз милод) ба шумор меравад. Мувофиқи маълумоти шарқшинос Н. Белинский тиллои худрӯй дар водиҳои Рашт (32 кг 430 гр), Шоҳ-Вахон (24 кг 360 гр), шохоби дарёи Панҷ дар Шуғнон (5 кг 648 гр) ёфт шудаанд. Дар қадим ноҳияи асосии истихроҷи саноатии нуқра дар Осиёи Марказӣ (VII – XI) кони Кӯҳи Сим (Шош) дар Тоҷикистони Шимолӣ ба шумор мерафт.*

Саноати Тоҷикистон баъди соли 1990 ба бухрони шадиди иқтисодӣ дучор омад. Сабаби асосии он канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо дигар давлатҳои собиқ Шӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ҷумҳуриро тарк намудани бисёр коргарону мутахассисон буд.

# САНОАТИ ТОҶИКСТОН



Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат нисбат ба соли 1990 бештар аз 33 дарсад паст фуромад. Дар ин давра истеҳсоли соҳаҳои муҳимми саноатӣ, аз он ҷумла соҳаи металлургӣ қариб 40 дарсад ва саноати сабук то 32 дарсад кам гардид. Ҳаҷми истеҳсоли қувваи барқ нисбат ба соли 90-ум 3,6 млрд. квт соат паст шуд.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои истиқлолият корхонаҳои саноатии Тоҷикистон, новобаста ба душвориҳои молиявӣ, таъминот ба ашёи хом, маводди сӯхт ва энергетикӣ, тадбирҳоро доир ба танзиму таҷдид ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технология ва таҷҳизоти нави ҳозиразамон амалӣ намуданд. Таҳлили фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии мамлакат нишон медиҳад, ки соли 2012 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2000 қариб 175 дарсад зиёд гардид.

Баъди як қатор чорабиниҳо солҳои охир рушди соҳаҳои муҳимми саноатӣ ба назар мерасад. Дар ҷумҳурӣ ҳоло зиёда аз 1500 корхона вуҷуд дорад, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти онҳо ба миллиардҳо сомонӣ мерасад.

**Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Соли 1995 ҳиссаи корхонаҳои бахши ғайридавлатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3,3 дарсадро ташкил медод ва ин нишондиҳанда соли 2018 бештар аз 60 дарсад расид.

Дар таркиби саноати Тоҷикистон вазни хосси саноати вазнин 62,2 дарсадро ташкил мекунад.

Саноати ҷумҳурӣ қариб пурра дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ кор мекунад. Ҷойгиркунонии саноат мувофиқи нақша сурат гирад ҳам, вале аз сабаби кӯҳсор будани Тоҷикистон нобаробар аст. Дар ду шаҳри калонтарини ҷумҳурӣ – Душанбе ва Хуҷанд қариб 10 дар сади ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда мешавад.

Айни замон аз 2/3 ҳиссаи саноати Тоҷикистон дар ҳудуди ноҳияҳои тобеи марказ ҷойгир шудаанд. Саноат дар шаҳрҳои хурду миёна: Бохтар, Истаравшан, Исфара, Кӯлоб, Конибодом, Панҷакент, Турсунзода, Норак низ босуръат тараққӣ карда истодааст.

## § 24. САНОАТИ ВАЗНИН

Саноати вазнин асоси хоҷагии халқ ва пешрафти илму техника буда, савияи тараққиёти иқтисодии ҷумҳуриро нишон медиҳад. Саноати вазнини Тоҷикистон солҳои охир босуръат инкишоф ёфт ва бештар аз 48 дарсади ҳаҷми ҳамаи маҳсулоти ҷумҳуриро медиҳад. Дар оянда низ тезонидани суръати афзоиши саноати вазнини Тоҷикистон масъалаи хеле муҳим мебошад.

**Луғати географӣ**

*Маҷмӯи соҳаҳои саноатие, ки воситаҳои истеҳсолот (мошина, дастгоҳ ва г.) ва ашёи (ашёи хом, сӯзишворӣ ва г.) истеҳсолотро тавлид мекунанд, саноати вазнин ном дорад.*

Алҳол соҳаҳои асосии саноати вазнини ҷумҳурӣ мошинсозӣ ва коркарди металл, сӯзишворию энергетикӣ, металлургияи ранга, электроэнергетика ва химия ба шумор мераванд. Ин соҳаҳо аз 3/4 ҳиссаи ҳаҷми маҳсулоти саноати вазнинро истеҳсол мекунанд. Саноати масолеҳи сохтмон ва коркарди чӯб низ инкишоф ёфтааст.

**Мошинсозӣ ва коркарди металл** соҳаи саноати вазнин буда, аксар дар шаҳрҳои калон ҷойгир шудаанд. Ин корхонаҳо дастгоҳи бофандагӣ, яхдон, трансформатор, таҷҳизоти равшанидиҳанда, қисмҳои эҳтиётии тракторҳо, плитаҳои газ, кабел ва дигар маҳсулот мебароранд.

Ҳоло дар асоси металлҳои харидашуда дар корхонаҳои саноати мошинсозӣ ва металлкоркунии мамлакат таҷҳизоти бофандагӣ, кабел, трансформатор, таҷҳизоти корхонаҳои маишӣ, узвҳои эҳтиётии автомобилу трактор истеҳсол карда мешавад. корхонаҳои калонтарини мошинсозӣ ва металлкоркунӣ дар шаҳри Душанбе – заводҳои «Тоҷик-текстилмаш», «Торгмаш», ҶСШК «Ҳумо», ҶСШК «Заводи арматурбарорӣ» ш. Душанбе, корхонаи унитарии «Элто», «Тоҷиккабел», ҶСШК «Регар-Кабел» дар ш. Турсунзода, ҶСШК «Тамохуш»-ИГМЗ» ш. Исфара, заводи арматура, дар Хуҷанд – заводи таъмири автомобил, дар  Конибодом – ҶСШК «Бодом» (Автозапчаст) ва «Тоҷиктекстилмаш», дар ш. Кӯлоб заводи таҷҳизоти технологӣ, дар Турсунзода заводи «Стройинструмент» дар Спитамен заводи таҷрибавӣ, ҶСШК заводи электроникии «Чароғ»-и Исфара, заводи аппаратҳои пастшиддати Адрасмон, заводи трансформатории шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппа), иттиҳодияи истеҳсолии (Востокредмет) Металлҳои нодири шарқ дар шаҳри Бӯстон (Чкаловск) ва ғайра мебошанд.

Корхонаҳои мошинсозию металлкоркунии ҷумҳурӣ барои ташкили ҳудудии истеҳсолот ашёи хомро аз Русия, Қазоқистон, Чин ва дигар давлатҳо гирифта, иқтидори истеҳсолии корхонаҳоро устувор гардонида истодаанд.

Аз рӯйи нақшаи мавҷуда корхонаҳои мошинсозии ҷумҳурӣ вобаста ба вазъи талаботи маҳсулот дар солҳои наздик тамоили истеҳсолиро дигар намуда, ба васл намудани (ҷамъ намудан) трактору автомобил, автобус ва техникаи маишӣ машғуланд. Масалан, корхонаи муштараки Тоҷикистону Туркия АКИА-АВЕСТО дар шаҳри Душанбе ба истеҳсоли автобусҳои мусофирбар машғул аст. Иқтидори истеҳсолии солонааш 250-300 автобус аст. Як қатор корхонаҳо бо истифода аз ашёи маҳаллӣ (алюминий) метавонанд тахас-суси истеҳсолии навро ҷорӣ намоянд.

Солҳои оянда рушди мошинсозӣ аз ҳисоби ҷиҳозонидани корхонаҳои мавҷуда, нав кардани техника ва самаранок истифода бурдани иқтидори онҳо амалӣ мегардад. Минбаъд ривоҷ додани соҳаҳои саноате, ки металлро кам талаб мекунанд

(асбобсозӣ, электротехника, мошинҳои обёрӣ ва роҳсозӣ), мувофиқи мақсад аст.

**Саноати сӯзишворию энергетикӣ** аз даҳҳо корхона иборат аст, ки бо ангишт, нафт, гази табиӣ ва қувваи об кор мекунанд.

Дар ҷумҳурӣ даҳҳо кони ангишт ёфт шудааст (ба хотир оваред). Аксари онҳо дар ноҳияҳои кӯҳсори дурдаст ҷойгир шудаанд ва аз ҳамин сабаб истифода намешаванд. Пеш аз кони ангишти Шӯроб соле то 500 ҳазор тонна ангишти бӯр истихроҷ мекарданд. Ангишти Шӯроб чун сӯзишвории энергетикӣ дар рӯзгор истифода мешавад. Аз кони Фону Яғноб соле бештар аз 25 ҳазор тонна ангишт мегиранд. Ин кони калонтарини ангишти аълосифати Осиёи Миёна буда, захираи саноатии он ба 840 млн тонна мерасад ва дар оянда комилан ба истифода дода хоҳад шуд. Дар солҳои наздик истифодаи васеи кони ангишти Назарайлоқ низ дар назар дошта шудааст. Захираҳои геологии ин кон ба 500 миллион тонна расида, сифати ниҳоят баланд дорад. Дар таркиби як тонна ангишт хокистар ҳамагӣ 0,6 дарсадро ташкил медиҳад. Ҳол он ки ин нишондиҳанда дар кони Экибастуз ба 30 дарсад мерасад. Мувофиқи таҳқиқоти як қатор пажӯҳишгоҳҳои Русия сифати антратсити кони Назарайлоқ ба худ ҳамто надорад ва танҳо дар Ветнам кони Ха-Тау ба он монанд аст. Дар таркиби ангишти Назарайлоқ боз даҳҳо навъи элементҳои дигари нодиру камёфт муайян карда шудаанд.

Нафт дар ҷумҳурӣ нисбатан кам аст. Онро каму беш дар Тоҷикистони Шимолӣ (конҳои Равот, Айритон, Ниёзбек, Маданият, Маҳрам, Конибодом) ва Тоҷикистони Ҷануби Ғарбӣ (Кичикбел, Шоҳамбарӣ, Бештентак, Оқбошадир) истихроҷ мекунанд. Нафти Тоҷикистон қатрон ва сулфури бисёр дошта, сифаташ нисбатан паст мебошад. Он барои истеҳсоли битум истифода шуда, ашёи беҳтарин барои мумфаршкунии роҳ мебошад. Нафтро дар замони Шӯравӣ ба заводҳои коркарди нафти Ӯзбекистон (Андиҷон) ва Туркманистон (Чорҷӯй) мефиристоданд.

Конҳои асосии гази ҷумҳурӣ Андигон, Сулдузӣ, Хоҷасартез ва ғайра мебошанд. Солҳои охир дар Тоҷикистон ҳамагӣ

18,3 млн. м$^3$ газ ва 28,8 ҳазор тонна нафт истихроҷ шуд. Ин талаботи ҷумҳуриро қонеъ карда наметавонад, бинобар ин тавассути қубур аз дигар давлатҳо газ гирифта мешавад. Вале аз рӯйи таҳқиқоти геологҳо захираи умумигеологии нафт ба 467 млн тонна ва газ ба 1036 млрд. м$^3$ баҳо дода мешавад.

Ҳоло дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 100 мавзеи эҳтимолии нафту газдор муайян карда шудааст, ки аксари онҳо дар қисми ҷануби ғарбии ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд.

Тавре қайд шуд, Тоҷикистон захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ дорад, ки ҳанӯз пурра истифода намешаванд. Дар баробари неругоҳҳои барқи аловӣ дар ҷумҳурӣ чандин неругоҳҳои калони барқи обӣ мавҷуданд, ки якҷоя соле тақрибан 17 млрд. квт/соат қувваи барқ истеҳсол мекунанд, ки зиёда аз 90 дарсадаш ба ҳиссаи неругоҳҳои барқи обӣ рост меояд. Алҳол ҷумҳурӣ нисбати Латвия 2,7 баробар, Қирғизистон 1,7 баробар ва Туркманистон 1,2 баробар зиёдтар қувваи барқ истеҳсол мекунад. Ба ақидаи олимон иқтидори потенсиалии дарёҳои Тоҷикистон соле ба 527 млрд. квт/соат қувваи барқ баробар мебошад (қиёс кунед), ки ин барои боз ҳам инкишоф додани гидроэнергетика шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар байни давлатҳои Осиёи Миёна Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи гидроэнергетикӣ ҷойи аввалро мегирад (ба ҳиссаи он 54 дарсад рост меояд). Захираи об ба 1 метри мураббаъ дар Тоҷикистон аз ҳисоби миёнаи ИДМ 13 баробар бештар аст.

Агар дар Тоҷикистон ба ҳар як километри мураббаъ майдони он 2100 квт/соат гидроэнергия рост ояд, пас ин нишондиҳанда дар Қирғизистон ба 720, Ӯзбекистон – 197 ва Туркманистон ба 49 квт/соат баробар аст. Дар тӯли солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар дарёҳои Тоҷикистон НБО-ҳои «Дӯстии халқҳо», Сарбанд, Марказӣ, Норак, Бойғозӣ, қаторнеругоҳҳои Варзоб, Вахш сохта шудаанд. Неругоҳи барқи обии Норак асоси комплекси минтақавию территориявии Тоҷикистони Ҷанубӣ (КМТТҶ) мебошад. Дар ин ҷо дар заминаи қувваи арзони барқ соҳаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ, алюминий, металлҳои ранга ва нодир рушд меёбад.

Иқтидори неругоҳи барқи обии Роғун, ки сохтмонаш давом дорад, 3,6 млн. квт/соат аст. Баландии сарбанди он 335 м буда, аз манораи машҳури Эйфели Париж баландтар мебошад. НБО-и Роғун соле 13 млрд. квт/соат (НБО-и Норак 11,2 млрд. квт/соат) қувваи барқ истеҳсол хоҳад кард. Масоҳати обанбори он 160 км$^2$, чуқуриаш 300 метр аст. Ин калонтарин неругоҳи барқи обии Осиёи Марказӣ буда, барои тезонидани суръати сохтмони он дигар давлатҳо низ ёрии амалӣ мерасонанд.



***Расми 24.*** *НБО-и Роғун*

Дар айни замон сохтмони НБО-и Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 ба итмом расида, ду агрегати НБО-и Роғун ба истифода дода шуд.

Қувваи барқе, ки неругоҳҳои барқи обии ҷумҳурӣ истеҳсол мекунанд, дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ истифода мешавад. Арзиши 1 квт/соат қувваи барқи қаторнеругоҳҳои Вахш аз дигар манбаи неруҳои барқӣ хеле арзон мебошад. Оянда дар дарёҳои Вахш ва Панҷ истгоҳҳои барқи обии нав сохта хоҳанд шуд. Сохтмони неругоҳи барқи обии Даштиҷум бо иқтидори 4 млн. квт/соат имконият медиҳад, ки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ дар оянда бо қувваи барқ таъмин карда шавад.

Солҳои охир ғайри неругоҳи барқи обии Помир-1, боз якчанд неругоҳҳои хурди барқӣ дар дарёҳои Ванҷ, Сурхоб, Кофарниҳон, Бартанг ба кор даромаданд. Хусусияти муҳимми сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ аз он иборат аст, ки обанборҳои онҳо ғайр аз истеҳсоли қувваи барқ, инчунин барои идоракунии маҷрои рӯдҳо, пешгирии обхезӣ, обёрикунии заминҳои корам ва бо об таъмин намудани шаҳру деҳаҳо шароит фароҳам меоранд.

**Металлургияи рангаи** Тоҷикистон як қатор корхонаҳои калонро дар бар мегирад, ки маъдан истихроҷ намуда, консентрат истеҳсол мекунанд. Ин корхонаҳо силсилаи коркарди пурра надоранд: маҳсулоти онҳо ба дигар ноҳияҳо фиристода мешавад (дар он ҷо аз консентрат ғайр аз металлҳои асосӣ элементҳои нодир низ мегиранд). Корхонаҳои асосии истихроҷи маъдани металлҳои ранга дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Тоҷикистони Марказӣ ҷойгир мебошанд. Конҳои металлҳои рангаи Тоҷикистон дар ҷойҳои душворгузари кӯҳ воқеъ гаштаанд ва хусусияти комплексӣ доранд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ панҷ корхонаи саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳиро корхонаҳои муваффақ мешуморанд, ки ба онҳо корхонаҳои Апреловка, Зарафшон, Пакрут, Анзоб ва Адрасмонро мансуб донистаанд.

Корхонаи «Апреловка» – корхонаи муштараки Тоҷикистону Канада буда, дар қисми шимолии ҷумҳурӣ, дар шаҳраки Консои вилояти Суғд ҷойгир шудааст. То соли 1985 дар ин корхона истихроҷи руҳу қӯрғошим (сурб) ба роҳ монда шуда буд. Баъдан дар заминаи тиллои мавҷудбудаи таркиби ин кон корхонаи истихроҷи тиллои Қайроққум ташкил гардид. Соли 1995 дар асоси ҳамин корхона, корхонаи муштараки «Апреловка» ташкил гардид, ки 51% ҳиссаи сармояи он ба Тоҷикистон ва 49% ба ширкати канадагии Gulf мансуб аст. Ашёи хом барои ин иншоот маъдани конҳои Апреловка, Қизил-Чека, Бургунда, Иккижелон ва ғайра мебошанд. Дар ин корхона маъдан бо усули кушод истихроҷ карда мешавад. Инчунин омехтаи тилло ва нуқра низ истеҳсол мешавад. Иқтидори истеҳсолии он 180 ҳазор тонна маъдан дар як сол мебошад.

Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи (ҶШК) корхонаи муштараки «Зарафшон» корхонаи муштараки Тоҷикистону ширкати – (Сзитсин»-и Чин буда, 30% ҳиссаи он ба Тоҷикистон ва 70% ба Ҷумҳурии мардумии Чин мансуб аст. Бузургтарин корхонаи истихроҷи тиллои ҷумҳурӣ буда, сикли пурраи истеҳсолӣ дорад, ки зинаи истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёрро (хиштҳои рехташудаи тилло (слитка)-ро дар бар мегирад. Ин корхона моҳи сентябри соли 1995 ташкил шудааст, ки дар заминаи маъдани конҳои «Ҷилав» ва «Тарор»-и шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд фаъолият менамояд. Зиёда аз

70 % тиллои дар мамлакат истеҳсолшуда ба ин корхона рост меояд.

Корхонаи истихроҷи тиллои «Пакрут» (Ваҳдат) пурра хосси давлати Чин буда, ба ширкати China Njnferrjus Gjold тааллуқ дорад ва фаъолияташро соли 2016 оғоз намудааст.

Яке аз корхонаҳои дигари саноати маъдани кӯҳӣ комбинати маъдантозакунии Адрасмон мебошад. Ин корхона соли 1970 дар асоси комбинати Қарамазор кушода шуд ва соли 1994 ба истихроҷ ва коркарди маъданҳои нуқраю руҳ махсус гардонида «Адрасмон» номгузорӣ шудааст. Ҳоло 100% саҳмияҳои он ба ширкати қазоқистонии «Казинвестминерал» мансуб аст. Комбинат дар шаҳраки Адрасмони вилояти Суғд ҷойгир буда, дар заминаи кони маъдани Кони Мансури Шарқӣ фаъолият дорад.



***Расми 25.*** *Заводи алюмини тоҷик*

Комбинати маъдантозакунии «Анзоб» корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико буда, сурмаю симоб истихроҷ мекунад ва дар водии Зарафшон ҷойгир шудааст. Маҳсулоти он пештар ба шакли консентрат ба заводи металлургии Қадамҷойи Ҷумҳурии Қирғизистон барои коркард фиристода мешуд. Ҳоло бошад, маҳсулотро ба Чин мефурӯшад. Танҳо дар шаш кони сурмаи водии Зарафшон 80 фоизи захираи сурмаи минтақаи Осиёи Марказӣ маҳфуз аст.

Корхонаи асосии металлургияи рангаи ҷумҳурӣ Заводи алюмини Тоҷикистон мебошад. Завод дар шаҳри Турсунзода ҷойгир шудааст. Соли 1975 дар завод аввалин металл гудохта шуд. Заводи алюмин яке аз корхонаҳои калонтарини ҷаҳон буда (12 корпус дорад), ба вазъи экологии ноҳияҳои атрофи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бештар аз 90 дарсади

маҳсулоти завод навъи аъло мебошад. Завод бо қувваи барқи неругоҳи барқи обии Норак кор мекунад. Алҳол ашёи хомро барои завод аз дигар кишварҳо дастрас мекунанд. Баъди азхуд шудани кони нефелину сиенити Турпӣ (ноҳияи Рашт) завод бо ашёи хоми маҳаллӣ таъмин мегардад. Дар завод мутахассисони маҳаллӣ кор мекунанд.

**Металлургияи сиёҳ** дар Тоҷикистон ба талабот ҷавобгӯй нест. Танҳо дар заминаи як қатор заводҳои мошинсозӣ истеҳсолоти рехтагарӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ҳудуди Тоҷикистон якчанд кони маъдани оҳан муайян карда шудааст, ки барои ташаккули сикли пурраи металлургӣ (таъсиси фабрикаи маъдангудозӣ, печҳои электроплавикӣ ва ғайра) имконият медиҳад. Кони маъдани оҳани Чоқадамбулоқ захираи зиёд (аз рӯйи категорияи саноатӣ бештар аз 60 млн тонна) ва мавқеи мувофиқи иқтисодию географӣ дошта, начандон дуртар аз шаҳри Хуҷанд воқеъ гардидааст. Таҳқиқот нишон доданд, ки ҳангоми сохтмони корхона дар базаи кони мазкур имконият ҳаст, ки усули истеҳсоли металл бе истифода аз кокс ба роҳ монда шавад.

**Саноати химияи** Тоҷикистон соҳаи нав аст ва он аз чандин корхонаҳо иборат мебошад. Корхонаҳои аз ҳама калонтарини ин соҳа Заводи нуриҳои азотии Вахш (Левакан) ва Заводи электрохимиявии Ёвон мебошанд. Ин корхонаҳо дар асоси қувваи барқ аммиак, карбамид, хлор, содаи каустикӣ мебароранд. Маҳсулоти ин корхонаҳоро дар саноат ва соҳаҳои кишоварзии на фақат Тоҷикистон, балки давлатҳои ҳамсоя низ кор мефармоянд. Дар ҷумҳурӣ барои ривоҷи соҳаҳои саноати гидролизӣ (дар асоси ғӯзапоя) имкониятҳои калон мавҷуданд.

**Саноати коркарди чӯб** нисбатан суст рушд ёфтааст. Вай асосан қуттиҳои чӯбин, мебел, плитаҳои тахтагиро истеҳсол мекунад. Корхонаҳои ин соҳа дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ҷойгир мебошанд. Саноати коркарди чӯб дар асоси ашёи хоми аз дигар кишварҳо овардашуда кор мекунад, зеро дар Тоҷикистон майдони ҷангал хеле кам аст.

**Саноати масолеҳи сохтмон** барои тезонидани суръати индустрикунонии ҷумҳурӣ, бо манзил таъмин кардани аҳолӣ, сохтмони шаҳрҳо, роҳ ва ғайра зарур аст. Ин соҳаи саноат ашёи хоми маҳаллӣ: гаҷ, рег, оҳак, доломит, санг, гил ва ғайраро кор

мефармояд. Захираи ин ашё дар Тоҷикистон ниҳоят зиёд аст. Корхонаҳои ин соҳаи саноат семент, шифер, сафоли бомпӯшӣ, маснуоти оҳанубетонӣ, лӯлаҳои асбосементӣ, тахтадевор ва ғайра истеҳсол мекунанд.

Корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмон бисёр буда (заводи сементи Душанбе, комбинати масолеҳи бинокории Душанбе, заводҳои оҳанубетонии Душанбею Хуҷанд ва ғайра), қариб дар ҳамаи ноҳияҳо ҷойгир шудаанд. Солҳои охир сохтмони заводҳои хишт аз сари нав авҷ гирифта истодааст. Заводи сементи Душанбе солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сохта шудааст. Иқтидори он ба 1 млн тонна семент баробар аст, вале ҳоло иқтидори он хеле паст шуда, истеҳсоли солонаи он зиёда аз 350 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Комбинати масолеҳи бинокории Душанбе бошад, вобаста ба талабот истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда истодааст. Корхонаҳои нави сементбарорӣ дар ноҳияи Ёвон, шаҳри Ваҳдат ва вилояти Суғд бо иқтидори миёна ба кор даромадаанд.

Дар ҷумҳурӣ як қатор комбинатҳои калони хонасозӣ ва заводҳои конструксияи оҳанубетонӣ таъмири худро интизоранд, ки дар натиҷа кори сохтмони манзил пеш хоҳад рафт. Барои аз деворҳои яклухт сохтани бинои истиқоматие, ки 60 ҳуҷра дорад, як моҳ зарур аст (ҳамин навъ хонаро аз хишт дар ду моҳ месозанд).

Дар шаҳри Хуҷанд заводи шиша мавҷуд аст, ки он бонкаҳои консерв, шишаи тиреза, блокҳои шишагин истеҳсол мекунад. Дар шаҳри Турсунзода чанд сол боз заводи истеҳсоли зарфҳои чинӣ амал мекунад ва солҳои охир сифати маҳсулоти он хеле беҳтар гардид.

**Саноат ва муҳити зист.** Пайдоиши соҳаҳои саноат дар пешрафти ҷамъияти инсонӣ нақши хеле бузург бозид. Инқилоби илмӣ-техникӣ ба ҳар восита ба рушди саноати тамоми давлатҳои дунё таъсири мусбат расонид. Ин суръати рушд дар асри XX ба авҷи баланд расид. Махсусан, баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ соҳаҳои боз ҳам мураккаби саноат пайдо шуданд. Ба ин пеш аз ҳама саноати давлатҳои ИМА, Ҷопон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмон мисол шуда метавонанд. Суръати рушди баланди саноати Ҷопон боиси ифлос шудани муҳити атроф гардид. Аз ҳама бештар таъсири манфӣ ба

муҳити зист корхонаҳои саноати металлургияи сиёҳу ранга, химия, нафту химия, энергетикӣ, коғазу селлюлоза мерасонанд. Партовҳои асосии ин соҳаҳои саноатро ба атмосфера гази карбон, ангидриди сулфур, туршии нитроген ва ғайра ташкил мекунанд. Мувофиқи ҳисоби олимон аз соли 1905 то 1965 партовҳои гази сулфур то 4 баробар афзуд ва ҳоло бошад, зиёда аз 150 млн тоннаро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 110 млн тоннаи он (бештар аз 70 дарсади ҳаҷми умумии партовҳои гази сулфур) ба давлатҳои Аврупо, ИМА ва Канада рост меояд.

Ифлосшавии ҳавои атмосфера на танҳо ба саломатии инсон, балки ба иқтисодиёт низ зарари зиёди моддӣ мерасонад. Масалан, дар фазо зиёд шудани консентрати гази сулфур боиси афзудани суръати зангзании металл, вайроншавии биноҳо, ёдгориҳои меъморӣ ва паст шудани сифати маҳсулоти саноатӣ мегардад. Муайян карда шудааст, ки дар ноҳияҳои саноатӣ занг задани пӯлод то 20 баробар ва вайроншавии алюминий то 100 маротиба нисбати ноҳияҳои кишоварзӣ тезтар ба амал меояд.

Партовҳои корхонаҳои саноатӣ ба фазо ва об боиси дар масофаи хеле зиёд ифлосшавии муҳити зист мегарданд. Масалан, муқаррар карда шудааст, ки партовҳои корхонаҳои Олмон ва Британияи Кабир ба масофаи зиёда аз 1000 км то давлатҳои нимҷазираи Скандинавия ва аз ҳудуди ИМА бошад, то Канада мерасад. Ин ҳолат ҳангоми боришот яке аз сабабҳои ба амал омадани боронҳои кислотагӣ низ мегардад, ки он ба олами наботот ва зироатҳои кишоварзӣ зарари калони моддӣ мерасонад. Корхонаҳои саноатӣ яке аз манбаъҳои асосии ифлосшавии оби ҷӯю дарё ва баҳру уқёнусҳо низ мебошанд. Дар Аврупои Ғарбӣ номи дарёи Рейн маънои шаффофро дорад. Ҳоло оби ин дарё ранги сиёҳтобро гирифтааст.

Чанде пеш матбуоти хориҷӣ дар бораи маҳв гардидани нabототу ҳайвонот дар яке аз беҳтарин ва зеботарин кӯлҳои Амрикои Шимолӣ – кӯли Эри хабар дода буданд. Маълум шуд, ки корхонаҳои саноатию коммуналӣ ба ин кӯл соле зиёда аз 50 млрд литр партовҳои химиявӣ мерехтаанд. Аз партовҳои нафт ва саноати коркарди нафт бошад, бештар баҳрҳои Миёназамин, Балтика ва баҳри Шимолӣ зарар мебинанд. Дар натиҷаи партофтани ин гуна партовҳо дар зарфи 30 соли охир

захираҳои моҳии баҳри Миёназамин то 80 дарсад кам шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки 1 тонна нафт то 12 $км^3$ оби баҳру уқёнусро ифлос мекунад.

То давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми корхонаҳо дар Тоҷикистон кор мекарданд ва дараҷаи партовҳои саноатӣ ба фазо ва ҷӯю дарёҳо хеле баланд буд. Шаҳри Душанбе бошад, дар солҳои 80-уми асри гузашта аз ҷиҳати ифлосии фазои атмосфера дар қатори шаҳри Ню-Йорк (ИМА) меистод. Айни замон қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори ками худ кор мекунанд ва дараҷаи ифлосшавии обу ҳаво нисбатан паст шудааст. Бо вуҷуди ин, корхонаҳои саноати металлургияи ранга (Заводи алюмини шаҳри Турсунзода, комбинати кӯҳии Анзоб, корхонаҳои истихроҷи маъдани кӯҳӣ), неругоҳи аловии Душанбе, химия (Заводи электрохимиявии Ёвон, Заводи нуриҳои азотии Вахш), инчунин корхонаҳои саноати масолеҳи бинокорӣ, хоҷагиҳои коммуналӣ ҳоло ҳам ба миқдори зиёд ҳавои атмосфера ва оби дарёҳоро бо партовҳои саноат ифлос мекунанд. Қисми зиёди ин корхонаҳо бо таҷҳизоти кӯҳна кор карда, дар атрофи худ минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ надоранд.

Солҳои охир зиёд шудани миқдори нақлиёти автомобилӣ боиси ташвиши аҳолӣ гардидааст. Танҳо дар Душанбе бештар аз 83% ифлоскунии фазои атмосфера ба ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ рост меояд.

Яке аз роҳҳои муҳимми беҳтаркунии фазои атмосфера ва тозагии оби кӯлу дарёҳои кишвар – ба таври куллӣ нав кардани технологияи корхонаҳои мавҷуда ва дар ҳама шаҳрҳо таъмиру аз нав сохтани иншооти обтозакунӣ мебошад.



*Саноати вазнин асоси хоҷагии халқ ва пешрафти илму техника буда, савияи тараққиёти иқтисодии ҷумҳуриро нишон медиҳад. Ҳоло дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 100 мавзеи эҳтимолии нафту газдор муайян карда шудааст. Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи гидроэнергетикӣ ҷойи аввалро мегирад (ба ҳиссаи он 54 дарсад рост меояд). Корхонаҳои асосии истихроҷи маъдани металлҳои ранга дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Тоҷикистони Марказӣ ҷойгир мебошанд.*



*1. Кадом соҳаҳои саноати вазнини ҷумҳурӣ босуръат тараққӣ мекунанд ва чаро? 2. Фаҳмонед, ки кадом корхонаҳои саноати вазнини ҷумҳурӣ аҳаммияти маҳаллӣ ва байналмилалӣ доранд. 3. Оё роҳҳои пешгирии ифлоскунии муҳити зист дар ҷумҳурӣ вуҷуд доранд?*



*1. Хусусияти соҳаи электроэнергетикаи ҷумҳуриро фаҳмонед ва оид ба суръат ва дараҷаи тараққиёти соҳаҳои он маълумот диҳед. 2. Сохтори мошинсозии ҷумҳуриро шарҳ диҳед. 3. Саноати химия ва металлургияи рангаро тавсиф кунед. 4. Дар ноҳия (шаҳр)-и шумо кадом корхонаҳои саноати вазнин мавҷуданд?*



*1. Аз атлас ва харита истифода намуда, дар харитаи тарҳӣ ҷойгиршавии неругоҳҳои барқиро гузаронед.*



*1. Оё сохтмони корхонаҳои саноати вазнин дар Тоҷикистон зарур аст? 2. Ба фикри шумо, сохтмони кадом навъи неругоҳҳои барқӣ дар Тоҷикистон самараноканд? 3. Кадом корхонаҳо ба муҳити зист бештар таъсири манфӣ мерасонанд?*

## § 25. КОМПЛЕКСИ КИШОВАРЗИЮ САНОАТӢ



1. *Соҳаҳои асосии комплекси кишоварзию саноатро номбар кунед. 2. Вазифаи асосии коммлекси кишоварзию саноат аз чӣ иборат аст ва шартҳои мавҷудияти он кадомҳоянд?*
*3. Шумо оид ба махсусгардонии минтақавии кишоварзӣ чиро медонед? Кишоварзӣ аз саноат чӣ фарқ дорад?*

**<u>Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?</u>**

- *Комплекси кишоварзию саноатӣ чист?*
- *Структураи кишоварзии ҷумҳурӣ чӣ гуна аст?*
- *Кишоварзӣ дар рушди соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ чӣ нақш дорад?*
- *Оё фаъолияти кишоварзӣ ба муҳити зист таъсир мерасонад?*

Комплекси кишоварзию саноат (ККС) қисми муҳимми комплекси хоҷагии халқи Тоҷикистон буда, дар соҳаҳои он аз 3/4 ҳиссаи даромади ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Ба ин соҳаҳои муҳим қариб 15 дарсади фондҳои асосӣ, 22,7 дарсади

фондҳои асосии истеҳсолӣ ва 60 дарсади аҳолии бевосита дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ машғулбуда рост меоянд.

Дар ҳайати комплекси кишоварзию саноат (ККС) соҳаи истеҳсолоти моддиро ҷудо мекунанд:

1) Соҳаҳое, ки барои кишоварзӣ заминҳоро тайёр мекунанд (сохтмони деҳот, мошинсозии кишоварзӣ, истеҳсоли нуриҳои маъданӣ, моддаҳои заҳрдор, мелиоратсия, таъминоти моддию техникӣ ва ғайра);

2) Соҳаҳои нигаҳдорӣ, кашондан ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ (саноати сабук, хӯрокворӣ ва хӯроки омехтаи чорво). Ин соҳаҳои ККС вобаста ба таркиб ва дараҷаи рушд хеле гуногун мебошанд.

Дар Тоҷикистон соҳаи якуми ККС нисбатан суст тараққӣ кардааст. Талабот ба маҳсулоти ин соҳа асосан дар натиҷаи овардани маҳсулот аз дигар кишварҳо қонеъ гардонда мешавад. Корхонаҳои нисбатан калони ин соҳа инҳоянд: заводҳои нуриҳои азотии Вахш, «Душанбеселмаш», «Тоҷиксемент», заводи таҷрибавии Спитамен ва якчанд корхонаҳои нави шахсӣ. Маҳсулоти ин корхонаҳо дар дохили ҷумҳурӣ истифода мешаванд.

Кишоварзӣ пеш аз замони Ҳокимияти Шӯравӣ соҳаи асосӣ бошад ҳам, хусусияти истеъмолӣ дошт. Танҳо дар Тоҷикистони Шимолӣ баъзе навъҳои маҳсулот (пахта, мева) фурӯхта мешуд.

Тӯли солҳои минбаъда дар Тоҷикистон истеҳсолоти бузурги механиконидаи серсоҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда шуд. Ҷиҳати хосси рушди кишоварзии ҷумҳурӣ суръатафзоӣ, мутамарказонӣ ва махсусгардонӣ дар асоси кооператсияи байнихоҷагӣ ва интегратсияи агросаноатӣ мебошад.

Дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ҳаҷми маблағгузорӣ меафзояд, ки он боиси мустаҳкам шудани заминаи моддию техникии кишоварзӣ мегардад. Солҳои охир ба инкишофи комплекси кишоварзию саноати мамлакат диққати асосӣ дода мешавад.

Шароити табиию географии Тоҷикистон барои парвариши зироатҳои гармидӯст ва соле рӯёнидани 2-3 ҳосил мусоид аст, вале масоҳати заминҳои кишоварзии Тоҷикистон 4,2 млн. га аст ва 20 дарсади он кишт карда мешавад (дар ИДМ – 40,7 дарсад). Дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон боришот кам аст, бинобар ин, кишти зироат асосан обёрии сунъиро талаб мекунад.

# КОМПЛЕКСИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН



Солҳои охир дар сохтори киштзорҳои ҷумҳурӣ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Агар то давраи Ҳокимияти Шӯравӣ 88,6 дарсади киштро ғалла ва 7,5 дарсадро зироатҳои техникӣ (пахта – 5,4 дарсад) ташкил диҳад, пас ҳоло ин рақамҳо мувофиқан 50,1 ва 27,7 (пахта – 23,9 дарсад) дарсад мебошанд. Дар ин муддат ҳиссаи кишти картошка, сабзавоту зироати полизӣ ва рустаниҳои равғандор кам шуд, вале хӯроки чорво аз 2,7 то 10,1 дарсад афзуд (ҷад. 4). Пешбинӣ шудааст, ки дар оянда чунин соҳаҳои кишоварзӣ, аз қабили боғутокдорӣ, сабзавоткорӣ ва ситруспарварӣ ривоҷ дода шаванд.

Дар рушди соҳаи кишоварзӣ ирригатсия ва мелиоратсияи замин низ нақши муҳим дорад. Мафҳуми ирригатсия ҳамаи роҳҳои мансуб ба обёриро дар бар мегирад (сохтмони каналҳо, обанборҳо, гидроузелҳо, истгоҳҳои насосӣ, заҳбурҳо, корезҳо).

Мелиоратсия ғайр аз ирригатсия, инчунин аз тахту ҳамвор кардани замин, шӯршӯй, заҳгурезонӣ ва дигар амалиётҳо иборат аст.

Киштзорҳои обёришаванда дар Тоҷикистон таърихи чандинасра доранд. Дар натиҷаи кофтукови археологӣ каналҳои қадим – Ғӯлакандоз (ноҳияи Ҷаббор Расулов), Булунғур ва Тӯқсанкорез (шаҳри Панҷакент), Чузӣ, Говкуш ва Шоҳмансур (водии Ҳисор), Ҷӯйбор, Шаҳритус, Ҳошодӣ (водии Вахш) муайян карда шуданд, ки аз дараҷаи баланди обёрии сунъӣ шаҳодат медиҳанд.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ зиёда аз даҳ ҳазор иншооти гуногуни гидротехникӣ, бештар аз 30 ҳазор км канали магистралӣ ва 7 ҳазор км заҳбур сохта шуд. Заҳбурҳои болопӯшида низ зиёд гаштанд. Дар ҷумҳурӣ даҳҳо стансияи обкашӣ кор мекунанд. Сохтмони обанборҳои Муъминобод, Селбур, Каттасой, Қайроққум, Норак вазъи обёрии киштзорҳоро хеле беҳ гардонд. Алҳол дар Тоҷикистон масоҳати заминҳои обӣ 738 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар ҷумҳурӣ барои зиёд кардани заминҳои обӣ имконияти зиёд аст. Масоҳати заминҳои барои кишт мувофиқ 901,1 ҳаз. гектарро ташкил медиҳад (якҷоя бо адирҳо тақрибан 1 млн. га). Ба кор андохтани заминҳои нав, бахусус дар водии Бешкент авҷ

гирифтанд. Азхудкунии даштҳои Данғара, Ашт ва Қародум идома дорад.

Рушди минбаъдаи мутамарказонӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин зиёд намудани иқтидори он на фақат барои афзоиши маҳсулот ва беҳтар шудани сифати он заминаи мусоид фароҳам меорад, балки боиси тағйироти иҷтимоии деҳот низ мегардад. Баробари тараққиёти соҳаҳои ККС дар деҳот роҳҳои нав, муассисаҳои маданӣ, корхонаҳои хизмати маишӣ ва ғайра сохта хоҳанд шуд.

Соҳаҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ пахтакорӣ, боғу токдорӣ, сабзавоткорӣ, ситруспарварӣ ва парвариши рустаниҳои субтропикӣ мебошанд.

Рушди кишоварзӣ ба масоҳати киштзорҳо вобаста аст. Имконияти зиёд кардани заминҳои кишт дар ҷумҳурӣ маҳдуд аст (ба хотир оред, ки чаро). Беш аз 82 дарсади киштзорҳо обӣ ва боқимонда лалмианд. Дар заминҳои обӣ пахта, юнучқа, сабзавот, зироати полизӣ, рустаниҳои ситрусӣ, инчунин дарахтони мевадиҳанда мепарваранд. Дар заминҳои лалмӣ асосан рустаниҳои ғалладона (гандум, ҷавдор) ва равғандор (кунҷит, зағир) мекоранд. Солҳои охир боғутокдории лалмӣ низ ривоҷ ёфтааст. Боғу токдории лалмӣ дар ҷумҳурӣ ояндаи фоидабахш дорад. Зироати техникӣ дар кишоварзии ҷумҳурӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад. Аз зироати техникӣ пахта, тамоку ва рустаниҳои равғани эфирдорро мепарваранд. Дар солҳои охир кишти зироати техникӣ аз 7,5 то 27,7 дарсад афзуд. Мавзеи кишти ин зироатҳо низ тағйир ёфт (ҷадвали 4).

Пахта зироати қадимаи мардуми тоҷик аст. Дар соҳаи пахтакорӣ тоҷикон таҷрибаи ғанӣ ва фаровон доранд. Алҳол пахта зироати асосӣ ба шумор рафта, 23,9 дарсади заминҳои обёришавандаи ҷумҳуриро ишғол мекунад.

Дар баъзе хоҷагиҳои пешқадами Тоҷикистон аз 1 гектар то 30-35-сентнерӣ пахта мегиранд.

Соли 2018 масоҳати киштзори пахтаи ҷумҳурӣ ба 187,5 ҳаз. гектар ва ҳосили умумӣ ба 320 ҳазор тонна расид; Аз нахи пахта газвори пахтагин мебофанд, аз пунбадона равған, глитсерин ва маҳсулоти дигар истеҳсол мекунанд: реша ва пояи он ашёи пурбаҳои саноати гидролизӣ, сохтмон ва коғаз мебошад.

*Ҷадвали 4*

**Таркиби киштзорҳои Тоҷикистон**

| Зироат | Солҳо | | | | Ба ҳисоби фоиз | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1940** | **1997** | **2006** | **2012** | **1940** | **1997** | **2006** | **2012** | **2018** |
| Ҳамаи киштзорҳо, ҳаз. га | 807,1 | 812,3 | 901,1 | 850,4 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Ғалла ва зироати лӯбиёӣ | 567,4 | 417,9 | 395,6 | 427,2 | 70,3 | 37,2 | 43,9 | 50,2 | 50,9 |
| Зироати техникӣ | 160,6 | 236 | 325,4 | 236 | 20,0 | 49,5 | 36,1 | 27,7 | 22,7 |
| Пахта | 106,1 | 218,6 | 288,7 | 204 | 13,1 | 38,4 | 32,0 | 23,9 | 19,4 |
| Рустаниҳои равғандор | 51,1 | 37,2 | 34,6 | 30,1 | 6,3 | 2,1 | 2,5 | 3,5 | 98,4 |
| Картошка ва сабзавоту рустаниҳои полизӣ | 23,8 | 52,8 | 70,2 | 102,4 | 2,9 | 5,3 | 6,7 | 12,0 | 4,9 |
| Рустаниҳои хӯроки чорво | 55,3 | 107,6 | 109,9 | 86,7 | 6,8 | 10,8 | 12,3 | 10,1 | 12,3 |

**Пахтакорӣ** дар Тоҷикистон яке аз соҳаҳои сердаромади кишоварзӣ ба шумор меравад. Аз як тонна пахта зиёда аз 3 ҳазор метр матоъ, 100 кг равған, 200-300 кг кунҷора ва ғайра мегиранд. Умуман, аз пахта қариб 80 навъи маҳсулот тайёр мекунанд.

Пахтакорӣ на фақат дар натиҷаи зиёд кардани масоҳати киштзор ва истифодаи агротехникаи нав, балки бинобар ҷорӣ намудани навъҳои серҳосили пахта низ ривоҷ меёбад. Рӯёндани навъҳои пахтаи зудрас ва ба бемории вилт тобовар имкон дод, ки ҳосилнокӣ зиёд карда шавад. Навъҳои мазкур дар ноҳияҳое, ки давраи нашви зироатҳо кӯтоҳанд, ҳосили дилхоҳ медиҳанд. Ҳоло дар хоҷагиҳои давлатию деҳқонӣ, ки асосан дар водиҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд, пахта кишт мешавад. Дар ин хоҷагиҳо дар баробари пахтаи миёнанах пахтаи маҳиннах низ мекоранд. Пахтаи маҳиннах қимати баланд дошта, асосан дар водии Вахш, ки иқлими гарм ва хушк дорад, кишт мешавад. Аз ҷиҳати истеҳсоли пахтаи маҳиннах ҷумҳурӣ дар ИДМ ҷойи намоёнро мегирад. Дар оянда низ пахта чун зироати асосии ҳамаи водиҳои ҷумҳурӣ (ғайр аз водии Зарафшон, Рашт ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) парвариш карда мешавад. Дар қисми ҷанубии Тоҷикистон барои пахтакорӣ заминҳои нав кушода хоҳанд шуд. Солҳои охир бо мақсади бештар истеҳсол кардани

меваю сабзавот баъзе хоҷагиҳои ноҳияи Ваҳдат аз пахтакорӣ ба кишти сабзавот ва боғу токдорӣ гузаштанд.

Анҷибарпарварӣ низ дар Тоҷикистон рушд ёфта буд. Анҷибар (геран) рустании равғани эфирдор аст. Аз ҷиҳати парвариши анҷибар Тоҷикистон дар миқёси ИДМ ҷойи асосиро мегирифт. Анҷибарро ба Тоҷикистон бори нахуст соли 1931 аз Гурҷистон оварданд. Анҷибар дар заминҳои обии ноҳияҳои Қумсангир ва Турсунзода парвариш карда мешуд. Дар ин ноҳияҳо солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ совхоз-заводҳои махсусгардонидаи анҷибарпарварӣ («Эфиронос» ва «Геран») ташкил шуда буданд. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи аҷибарпарварӣ ниҳоят хароб гардид. Дар оянда пешбинӣ шудааст, ки масоҳати киштзори анҷибар дар як қатор ноҳияҳои водии Вахш зиёд карда шавад.

Аз рустаниҳои равғандор дар Тоҷикистон инчунин зағир, каму беш кунҷит, офтобпараст ва маъсар кишт мекунанд. Кишти ин зироатҳо дар заминҳои лалмии вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор ба роҳ монда шудааст.

**Тамокукорӣ** дар ҷумҳурӣ баъди солҳои сиюми асри гузашта ривоҷ ёфт. Тамокуро асосан дар заминҳои обии ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ, Рӯдакӣ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мекориданд. Аз ҳар гектар 18,8 сентнер ҳосил меғундоштанд.

Ҳоло бошад бинобар ба саломатӣ зарар доштани тамоку қарор дода шудааст, ки киштзори он кам карда шавад.

**Боғу токдорӣ** дар Тоҷикистон таърихи хеле қадим дорад. Боғбонони моҳири тоҷик тӯли садсолаҳои зиёд бисёр навъҳои нави дарахтони мевадорро рӯёндаанд, ки то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Дар бозори ҷаҳонӣ ғӯлингу мавизи Исфараву Истаравшан аз қадим шухрат доранд.

Солҳои охир масоҳати боғот зиёда аз се маротиба афзуд ва соли 2018 ба 182,4 ҳазор гектар расид. Дар ҷойгиркунонӣ ва навъи боғҳо низ тағйирот ба амал омад. Чунончи, соли 1940 дар боғҳои Тоҷикистон дарахтони меваи донакдор зиёда аз 80 дарсад, соли 2012 фақат 47 дарсадро ишғол карданд. Қисми зиёди боғҳо дар минтақаҳои шимолӣ (31,0 дарсад), Ҳисор (32,4 дарсад) ва Рашт (19,5 дарсад) ҷой гирифтаанд. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,5 дарсади боғҳои ҷумҳурӣ

мавҷуд аст. Минтақаҳои асосии боғдорӣ на фақат аз ҷиҳати масоҳат, ҳосили умумӣ ва ҳосилнокӣ тафовут доранд, балки онҳо вобаста ба навъу таркиби ниҳолҳо низ фарқ мекунанд. Аз ҷиҳати масоҳати боғҳо ҷойи аввалро минтақаи шимолӣ, аз ҷиҳати ҳосили умумӣ минтақаи Ҳисор ва вобаста ба ҳосилнокӣ минтақаи Рашт мегирад. Дар боғҳои минтақаи Суғд дарахтони донакдор ва дар Ҳисору Рашт дарахтони тухмдор бартарӣ доранд. Меваҷоти ситрусӣ асосан дар водии Вахш парвариш карда мешаванд.

Дар оянда рушди боғдории лалмӣ, инчунин зиёд кардани боғоти меваҳои субтропикӣ (анор, анҷир, бодом, чормағз, писта) ва ситрусӣ (лимӯ) пешбинӣ шудааст. Аз ҷиҳати истеҳсоли лимӯ Тоҷикистон дар миқёси ИДМ ҷойи намоёнро мегирад.

Токпарварӣ низ тез рушд ёфта истодааст. Дар солҳои охир масоҳати умумии токзорҳо 6 маротиба афзуда, ба 36,5 ҳазор гектар расид. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 100 навъи ангури маҳаллии хӯрокӣ («Чиллагӣ», «Тоифӣ», «Нимранг», «Ҳусайнӣ», «Ҷавз» ва ғайра) ва навъҳои шаробӣ («Ғончӣ», «Ҳисор», «Орзу») парвариш карда мешаванд. Хусусан, мавизи ангури навъҳои тоҷикӣ: кишмиш, обҷӯш, соягӣ пурбаҳост. Мавизи ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ (Истаравшан, Деваштич, Панҷакент) хеле хушсифат аст.

Токпарварӣ ҳоло қариб дар ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон рушд ёфтааст. Солҳои охир хоҷагиҳои махсусгардонидаи боғу токдорӣ ташкил карда шудаанд, ки онҳо на фақат ба парвариши ток, балки ба коркард ва фурӯши ангур низ машғуланд.

Минбаъд барои рушди боғу токдорӣ диққати махсус дода мешавад. Агар соли 1997 дар ҷумҳурӣ истеҳсоли мева 111,5 ҳазор тоннаро ташкил медод, ҳоло ба зиёда аз 364,6 ҳазор тонна расид. Дар вилояти Хатлон бошад, ин нишондиҳанда то 2 баробар афзуд. Роҳи муҳимми минбаъд ҳам ривоҷ додани боғу токдорӣ дар ҷумҳурӣ истифодаи заминҳои лалмии минтақаи Рашт, Кӯлоб, Вахш ва Ҳисор мебошад.

**Сабзавот ва зироатҳои полизӣ** қариб дар ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон парвариш карда мешаванд. Онҳо аҳаммияти калони саноатӣ доранд, зеро қисми зиёди маҳсулот дар заводҳои консерва истифода мегарданд. Тоҷикистон дигар давлатҳоро низ бо сабзавоти тару тоза ва зироати полизӣ,

инчунин консерва таъмин мекунад. Тӯли солҳои охир масоҳати киштзори картошка ва сабзавоту зироати полизӣ зиёда аз се баробар афзуда, ба 102,4 ҳазор гектар расид. Сабзавоткорӣ ва парвариши зироати полизӣ асосан дар заминҳои обии атрофи шаҳрҳои калон (Душанбе, Хуҷанд) ривоҷ ёфтааст. Картошка зироати чандон гармидӯст нест. Бинобар ин, онро асосан дар ноҳияҳои кӯҳсор (Рашт, Лахш, Кӯҳистони Мастчоҳ, Нуробод) мепарваранд.

*Ҷадвали 5*

**Майдонҳои кишти боғу токпарварӣ дар Тоҷикистон (ба ҳисоби ҳазор гектар)**

| Ҳамагӣ | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1997 | 1998 | 2000 | 2006 | 2012 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Замини ниҳолҳои мева ва буттамева (аз ҷумла ситрусӣ) | 78,7 | 80,4 | 84,7 | 85,1 | 71,0 | 74,4 | 76,0 | 83,6 | 115,4 | 145,3 |
| 2. Майдони токзор | 39,0 | 39,4 | 39,2 | 39,0 | 38,1 | 34,3 | 35,8 | 34,4 | 36,5 | 37,1 |

Баҳри минбаъд ҳам рушд додани сабзавоткорӣ ташкил намудани хоҷагиҳои нави махсусгардонида ва баланд бардоштани механиконии корҳои кишоварзӣ дар назар дошта шудааст.

**Зироати ғалладона.** Дар Тоҷикистон аз зироати ғалладона асосан гандуми тирамоҳӣ, ҷав, шолӣ, ҷуворимакка мекоранд. Дар даҳсолаҳои пеш масоҳати киштзори ғалла тақрибан се баробар кам шуд ва ҷойи онро дар заминҳои обёришаванда пахта гирифт. Ҳоло ғалларо маъмулан дар заминҳои лалмӣ мекоранд, вале бояд қайд кард, ки дар натиҷаи якбора зиёд шудани ҳосилнокӣ ҳосили умумии ғалла хеле афзуд. Зироати ғалладонаи ҷумҳурӣ дар худи Тоҷикистон истифода мешавад ва соли 2018 бештар аз 1 млн тонна ғалла истеҳсол карда шуд. Ҳосилнокии зироатҳои ғалладона 23,6 сентнерро ташкил медиҳад.

Зиёд шудани ғалладона дар мамлакат асосан ба ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ алоқаманд мебошад. Бо фармони Президенти ҷумҳурӣ 75 ҳазор гектар замин ба деҳқонон тақсим карда шуд ва ин имкон дод, ки истеҳсоли ғалладона ба таври куллӣ зиёд карда шавад.

**Чорводорӣ** баъди пахтакорӣ соҳаи калонтарин ба шумор рафта, қариб 23 дарсади маҳсулоти соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳад. Зиёда аз 70 дарсади заминҳоро чарогоҳҳо ташкил менамоянд, вале қатъи назар аз ин, базаи хӯроки чорво маҳдуд аст. Аҷдоди мардуми тоҷик тӯли солҳои зиёд чандин зоти нави чорво (аз қабили гӯсфанди ҳисорӣ, аспи хатлонӣ, ғажговҳои помирӣ ва ғайра)-ро ба вуҷуд овարданд, ки ҳамто надоранд.

Дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ дар рушди чорводории ҷумҳурӣ тағйироти зиёд ба амал омад. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба афзоиши саршумори чорвою паранда зарари зиёд расид.

То солҳои ҷанги шаҳрвандӣ истеҳсоли гӯшт, шир ва дигар маҳсулоти чорводорӣ хеле зиёд шуд. Дар соҳаи чорводорӣ на фақат тағйироти миқдорӣ, балки тағйироти сифатӣ низ ба вуқӯъ омад. Комплексҳои калони чорводорӣ, фабрикаҳои мурғпарварӣ, корхонаҳои истеҳсоли хӯроки чорво сохта шуданд. Ҳоло чорводорӣ дар ҳама ноҳияҳо ривоҷ ёфта бошад ҳам, вобаста ба захираи хӯрокӣ баъзе ноҳияҳо ба соҳаи муайяни он махсус гардонида шудаанд. Дар водиҳо, ки бештар деҳқонӣ ривоҷ ёфтааст, чорводорӣ аҳаммияти дуюмдараҷа дорад. Дар мавзеъҳои кӯҳсор чорводорӣ соҳаи асосӣ ва дар Помири Шарқӣ ҳатто соҳаи аввалиндараҷа мебошад. Чорводорӣ ба соҳаҳои зерин тақсим мешавад: говпарварӣ, гӯсфандпарварӣ, бузпарварӣ, аспparварӣ, мурғпарварӣ, кирмакпарварӣ, занбӯри асалпарварӣ, моҳипарварӣ ва ғайра.

**Говпарварӣ** дар Тоҷикистон барои истеҳсоли гӯшту шир пешбинӣ шудааст. Говпарварӣ дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ ривоҷ ёфтааст. Зоти гови сиёҳало, ки аз Русия ба Тоҷикистон оварда шуда буд, ба шароити маҳал нағз мутобиқ шудааст.

**Гӯсфандпарварӣ** яке аз навъҳои чорводории анъанавӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар ҷумҳурӣ аслан гӯсфандони дуруштпашми дунбаю равғандор парвариш карда мешаванд: дар ноҳияҳои баландкӯҳ – гӯсфанди дарвозӣ; дар шимол – гӯсфанди ҷойдорӣ; дар водии Вахш – гӯсфанди қарокӯлӣ ва дигар ноҳияҳо – гӯсфанди ҳисорӣ. Гӯсфанди ҳисорӣ, ки маҳсули кори селексияи халқӣ аст, дар ҷаҳон калонтарин мебошад. Вазни як сар меши он 120-130 кг аст.

Дар ноҳияҳои кӯҳсор ва доманакӯҳҳои ҷумҳурӣ бузпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Саршумори буз соли 2018 қариб 1966,2 сарро

ташкил менамуд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ саршумори он ба 129,9 ҳазор сар мерасад. Парвариши буз асосан дар ноҳияҳои кӯҳсору водиҳои Ҳисору Рашт, Бадахшон, Зарафшон хуб ба роҳ монда шудааст. Бахусус парвариши бузҳои дарозпашми ангорӣ аҳаммияти калон дорад.

**Мурғпарварӣ** соҳаи нисбатан нави чорводорист. Дар ҷумҳурӣ фабрикаҳои чӯҷабарорӣ ва фабрикаҳои давлатии мурғпарварӣ мавҷуданд, ки ба истеҳсоли гӯшт ва тухм махсус гардонида шудаанд. Соли 2018 дар ҷумҳурӣ 4654,8 ҳазор сар мурғ мавҷуд буд.

**Кирмакпарварӣ** аз соҳаҳои қадимтарини кишоварзии Тоҷикистон аст. Солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҷумҳурии навташкил оид ба мустаҳкам намудани базаи хӯроки кирмакпарварӣ ва сохтмони заводҳои тухми кирмак дар Хуҷанд (1919) ва Душанбе (1929) тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд. Дар тӯли даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ зиёда аз 36 млн бех ниҳоли тут шинонда шуд. Ниҳоли тутро дар канори киштзорҳо, роҳ, ҷарӣ, ҷӯйбор мешинонанд. Онҳо на фақат барои кирмак барг (хӯроки кирмак аст) медиҳанд, балки киштзорро аз шамол ва хокро аз эрозия ҳифз мекунанд.

Кирмакпарварӣ соҳаи сердаромад аст. Вай мавсимӣ будани корҳои кишоварзиро то дараҷае бартараф мекунад. Мавсими кирмакдорӣ ба моҳҳои май-июн рост меояд. Дар ин вақт ба нигоҳубини пахтазор фақат механизаторону обмонҳо машғул мебошанд.

Барои 1 кг пилла ба ҳисоби миёна 18-20 кг барги тут лозим аст. Аз 1 қуттии тухми кирмак то 70-80 (баъзан 100-110) кг пилла мегиранд. Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳосили умумии пилла дар ИДМ дар ҷойи чорум (баъди Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Туркманистон) ва аз ҷиҳати ҳосилнокӣ дар ҷойи дуюм (баъди Ӯзбекистон) аст. Ҳоло истеҳсоли умумии пилла дар мамлакат ба зиёда 3264 тонна расонида шуд.

Кирмакпарварӣ дар Тоҷикистон ояндаи самарабахш дорад. Бо ин мақсад масоҳати тутзорҳо зиёд ва аз комёбиҳои илм истифода карда мешаванд.

**Занбӯрпарварӣ** соҳаи нисбатан нав аст. Алҳол дар ҷумҳурӣ қариб 210 ҳазор оилаи занбӯри асал мавҷуд аст, ки зиёда

аз 75 дарсади он ба хоҷагиҳои шахсӣ мансуб мебошад. Ба занбӯрпарварӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои ҷангал ва садҳо нафар ҳаваскорон машғуланд. Занбӯрпарварӣ махсусан дар Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Рашт тараққӣ кардааст.

Асали рустаниҳои кӯҳии Тоҷикистон хеле болаззат буда, ба миқдори зиёд ба дигар мамлакатҳо фиристода мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳанӯз имконоти занбӯрпарварӣ дар Тоҷикистон пурра истифода бурда намешавад. Соли 2018 зиёда аз 5852,8 тонна асал гирифта шуд.

Минбаъд барои рушди ин соҳа Ҳукумати ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, ҳар сол «Иди асал» доир мекунад. Ҳадаф аз ин иқдом ривоҷ додани соҳаи асалпарварӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

**Асппарварӣ.** Ин соҳа дар Тоҷикистон соҳаи қадимтарин ба ҳисоб меравад. Зотҳои аспҳои кишвари мо дар пойгаҳои аспдавонӣ шуҳрати зиёд доштанд. Дер боз одамон аспро барои боркашӣ, ҷуфтронӣ ва бузкашию пойга истифода мебурданд. Ҳоло дар Тоҷикистон хоҷагиҳои махсуси асппарварӣ вуҷуд доранд. Соли 2018 саршумори асп дар ҷумҳурӣ 80,5 ҳазор сарро ташкил намуд.

**Моҳидорӣ** солҳои 60-уми асри XX рушд намудааст. Моҳиро асосан дар ҳавзҳои сунъӣ мепарваранд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ як қатор хоҷагиҳои моҳидорӣ мавҷуданд (Қайроққум, Панҷакент, Чӯбек ва Кофарниҳон). Хоҷагии моҳидории Хоҷамастони ноҳияи А. Ҷомӣ ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он моҳибача мефиристад.

Бо мақсади равнақ додани моҳидорӣ дар оянда зиёд кардани ҳавзу кӯлҳо дар назар дошта шудааст.

## САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

Саноати хӯрокворӣ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии ҷумҳурӣ мебошад. Ҳиссаи он дар истеҳсолоти умумии саноати ҷумҳурӣ зиёда аз 24,4 дарсадро ташкил медиҳад. Хӯрокворӣ баъди саноати сабук ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Махсусан чунин соҳаҳои саноати хӯрокворӣ: консерваи меваю сабзавот, равғанкашӣ, шаробпазӣ, маҳсулоти ширӣ ва тамоку ривоҷ ёфтаанд.

Саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон зиёда аз 480 корхонаи хурду миёнаро муттаҳид намудааст.

Саноати хӯрокворӣи ҷумҳурӣ заминаи мустаҳками ашёи хом дорад. Саноати хӯрокворӣро соҳаҳои кишоварзӣ, боғу токдорӣ, чорводорӣ бо ашё таъмин мекунанд. То Ҳокимияти Шӯравӣ саноати хӯрокворӣ аз корхонаҳои хурди косибӣ иборат буд. Дар солҳои минбаъда саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон серсоҳа гашта, босуръат рушд ёфт. Фақат дар тӯли солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ маҳсулоти он 15 баробар, аз ҷумла гӯшт 16, равған 76, паниру шир 310 баробар афзуд. Дар рушди маҳсулоти саноати хӯрокворӣ аҳаммияти интегратсияи агросаноатӣ (вақте ки кишоварзӣ ва истеҳсолоти саноати комплекси хоҷагӣ бо ҳам алоқаманд мегарданд) калон аст.

**Саноати равған** аз пунбадона равған истеҳсол мекунад. Корхонаҳои равғанкашии ҷумҳурӣ дар Конибодом, Бохтар, Кӯлоб, Душанбе ҷойгир шудаанд. Ҳангоми соф кардани равған партовҳои боқимондаро барои истеҳсоли собуни ҷомашӯӣ кор мефармоянд. Равғани пахтаи Тоҷикистон ба кишварҳои дигар фиристода мешавад.

**Саноати консерваи меваю сабзавот** аз ҷумлаи соҳаҳои асосии саноати хӯрокворӣ мебошад ва аз даҳҳо корхонаҳои хурду миёна иборат аст, ки соле қариб 2 дарсади консерваҳои меваю сабзавот ва бештар аз 10 дарсади меваи хушки ИДМ-ро истеҳсол мекунанд. Қариб нисфи корхонаҳои консервбарорӣ дар вилояти Суғд ҷой гирифтаанд. Корхонаҳои ин соҳаи саноат зиёда аз 100 номгӯйи консерваҳои меваю сабзавот, шарбати мева ва помидору ангур истеҳсол менамоянд. Дар аксари заводҳои консерва хатҳои автоматӣ ва нимавтоматии истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавотӣ вуҷуд доранд. Чунин заводҳо дар Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Чиптӯра мавҷуданд. Консервҳои меваю сабзавот ва хушкмеваҳои Тоҷикистон борҳо дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ баҳои сазовор гирифтаанд.

**Шароббарорӣ ва обҳои нӯшокӣ** низ соҳаи муҳимми саноати хӯрокворӣ мебошанд. Замони Шӯравӣ ба Тоҷикистон 2 дарсади токзор, 2,3 дарсади ҳосили ангур ва 1,5 дарсади шароби ангур рост меомад. Замони ҷанги шаҳрвандӣ ба ин соҳа зарари хеле зиёди моддӣ расонида шуд, вале вобаста

ба талабот ва афзоиши муносибатҳои бозаргонӣ соҳаи шароббарорӣ ва истеҳсоли обҳои нӯшокию маъданӣ хеле рушд ёфт. Танҳо дар давоми солҳои 1998–2018 истеҳсоли обҳои маъданӣ то даҳ баробар афзуд. Ҳоло корхонаҳои «Оби зулол», «Шоҳамбарӣ», «Сиёма», «Файзобод» ва ғайра бо обҳои нӯшокию маъданӣ берун аз Тоҷикистон низ шуҳрат пайдо намудаанд. Солҳои охир дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Истаравшан корхонаҳои истеҳсоли шарбати мева сохта шудаанд, ки маҳсулоти онҳо дар мамлакат ва берун аз он харидорони зиёд пайдо намудаанд.

Дар мамлакат бо мақсади барқарор намудани корхонаҳои шароббарорӣ ва беҳтар намудани сифати онҳо корҳои зиёде ба сомон расонида мешаванд. Корхонаҳои муҳимми ин соҳа дар шаҳрҳои Душанбе, Шаҳринав, Истаравшан, Хуҷанд ва Панҷакент ҷойгир шудаанд.

**Саноати гӯшту шир** дар таркиби саноати хӯрокворӣ аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот ҷойи аввалро мегирад. Бо вуҷуди ин, саноати гӯшту шир аҳаммияти маҳаллӣ дорад ва талаботи ҷумҳуриро пурра бо гӯшт, шир ва маҳсулоти ширӣ таъмин карда наметавонад. Саноати гӯшту шир якчанд корхонаи гӯшт ва ширро дар бар мегирад, ки калонтарини онҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Исфара ва Кӯлоб ҷойгир шудаанд. Дар ин корхонаҳо ҳар сол ба микдори зиёд маҳсулоти нимтайёри гӯшт ва шир истеҳсол карда мешаванд. Тоҷикистон аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир ба ҳар сари аҳолӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳоло ҳам яке аз ҷойҳои охирро мегирад. Бинобар ин, маҳсулоти гӯшту ширӣ аксар аз дигар мамлакатҳо оварда мешаванд.

**Саноати орд** аз корхонаҳои сершумор иборат аст, ки онҳо бештар аз 30 дарсади маҳсулоти хӯроквориро истеҳсол мекунанд. Дар ин корхонаҳо соле зиёда аз 500 ҳазор тонна гандум орд карда мешавад. Ҳоло дар бисёр деҳаҳои ҷумҳурӣ осиёбҳои обӣ ва барқӣ сохта шудаанд, ки талаботи дохилиро таъмин мекунанд.

**Саноати нон** садҳо корхонаро дар бар мегирад. Заводҳои нонпазӣ ва нонвойхонаҳо қариб дар тамоми ноҳияҳои мамлакат сохта шудаанд. Корхонаҳои саноати орду нон дар

ноҳияҳо вобаста ба талаботи мардум ҷой дода шудаанд. Маҳсулоти онҳо аҳаммияти маҳаллӣ доранд.

Дигар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ сол то сол тараққӣ меёбад. Муҳимтарини онҳо заводҳои намаки Ашт ва Восеъ, заводи спирти Исфара, фабрикаи қаннодии «Ширин» (Душанбе) ва ғайра ба шумор меравand.



*Саноати хӯрокворӣ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии ҷумҳурӣ мебошад ва зиёда 480 корхонаи хурду миёнаро муттаҳид намудааст. Корхонаҳои калонтарини равганкашии ҷумҳурӣ дар Конибодом, Бохтар, Кӯлоб, Душанбе ҷойгир шудаанд. Қариб нисфи корхонаҳои консервабарорӣ дар вилояти Суғд ҷой гирифтаанд. Ҳоло корхонаҳои «Оби зулол», «Шоҳамбарӣ», «Сиёма», «Файзобод» ва ғайра бо обҳои нӯшокию маъданӣ берун аз Тоҷикистон низ шуҳрат пайдо намудаанд. Саноати гӯшту шир якчанд корхонаи гӯшт ва ширро дар бар мегирад, ки калонтарини онҳо дар Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Исфара ва Кӯлоб ҷойгир шудаанд.*

## § 26. КИШОВАРЗӢ ВА МУҲИТИ ЗИСТ

Маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама ба вазъияти муҳити атроф (шароити иқлим, ҳосилнокии хок, об ва ғайра) вобаста мебошад. Афзоиши аҳолӣ бошад, сол то сол васеъкунии майдони кишт ва азхудкунии заминҳои навро талаб мекунад. Аз тарафи дигар, ба эътибор нагирифтани омилҳои экологӣ боиси талафёбии майдони зиёди заминҳои кишт ва чарогоҳ мегардад.

Ҷойгиршавии заминҳои киштшаванда ва барои кишоварзӣ мувофиқ дар қитъаҳои олам нобаробар аст. Масалан, дар Аврупо майдони замини кишт зиёда аз 40 дарсади замини ин қитъаро дар бар мегирад. Аз ин ҳисоб майдони бешазору чарогоҳ, хусусан дар Аврупои Ғарбӣ ниҳоят кам шудааст. Дар Осиё бошад, майдони заминҳои кишт бештар дар қисми ҷанубии Сибири Ғарбӣ, қисми шимолии Қазоқистон ва ноҳияҳои муссонӣ (аз Ҳиндустон то нимҷазираи Корея) паҳн гардидааст. Дар ҳамвории Бузурги Чин ва пастии Ҳинду Ганг бошад, майдони заминҳои киштшаванда аллакай ба 70-80% расидааст.

Истифодаи заминҳои ҳосилхез дар дигар соҳаҳои хоҷагӣ низ зиёд мегардад. Хусусан барои сохтмони манзилгоҳ ва муассисаҳои саноатӣ дар тамоми мамлакатҳо қисми хеле зиёди заминҳои барои киштукор мувофиқ ва ҳосилхезро истифода кардаанд. Масалан, дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар даҳсолаи охир зиёда аз 2 млн гектар заминҳои қобили кишт барои дигар соҳаҳо истифода бурда шудаанд. Аз тарафи дигар, агар замин нодуруст коркард шавад, хок, об ва олами набототу ҳайвонот зарари калон мебинанд. Хусусан эрозияи хок на танҳо ба кишоварзӣ, балки ба дигар соҳаҳои хоҷагӣ низ зарари зиёди моддӣ меоварад. Мувофиқи ҳисоби олимон дар сад соли охир бо сабаби таъсири ҳодисаҳои эрозия 27 дарсади замини қобили кишт дар сайёраи мо аз кор баромадааст.

Дар давоми мавҷудияти ҷамъияти инсонӣ бошад, аз таъсири эрозия 2 млрд гектар замин аз кор баромадааст, ки ин ба миқдори замини кишти ҳозираи ҷаҳонӣ қариб баробар аст. Хусусан, таъсири эрозияи об хеле васеъ паҳн шудааст, ки аз он на танҳо ғору фурӯхамиҳо пайдо мешаванд, балки қабати ҳосилхези хокро шуста мебарад. Аз рӯйи ҳисоби мавҷуда танҳо дар ҳудуди ИДМ соле ба ҳисоби миёна то 500 млн тонна қабати ҳосилхези хок аз ҳисоби эрозия шуста мешавад. Бо ин роҳ соле дар ИДМ зиёда 9 млн тонна нуриҳои минералӣ талаф меёбад.

Дар Тоҷикистон қариб 68 дарсади заминҳои соҳаи кишоварзӣ ба навъҳои гуногуни эрозия гирифтор мебошанд. Бо таъсири эрозия ҳосилнокии зироат аз 30-40 дарсад то 2 баробар кам мешавад. Дар заминҳои лалмии кишти зироатҳои ғалладона бошад, аз таъсири эрозия ҳосилнокӣ то 3 баробар кам шудааст. Аз ҳама бештар эрозияи об паҳн гардидааст, ки ин навъи эрозия қариб 6 млн гектар ва ё 41 дарсади масоҳати Тоҷикистонро ишғол менамояд.

Авҷ гирифтани ҳодисаҳои эрозионӣ пеш аз ҳама ба нобудкунии дарахту бешазор зич алоқаманд аст. Солҳои охир бо сабабҳои хурӯҷ намудани буҳрони сӯзишворию энергетикӣ соле 6-7 ҳазор гектар дарахту бешазор нобуд карда шуд. Танҳо дар 20 соли охир зиёда аз 130 ҳазор гектар дарахту бешазор несту нобуд шудааст (ин дар якҷоягӣ ба майдони қариб се мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» рост меояд).

Яке аз роҳҳои асосии пешгирии эрозия дар Тоҷикистон ин ба таври васеъ дар ҳамаи минтақаҳо барқарор намудани дарахту бешазор ва гирифтани пеши роҳи нобудкунии дарахтзор мебошад. Дар ин кор саҳми омӯзгорону мактаббачагон хеле калон аст. Яке аз масъалаҳои хеле муҳимми ҳифзи муҳит ин ба ҳисоб гирифтани аз меъёри муқаррарӣ зиёд истифодабарии нуриҳои минералӣ ва пестисидҳо дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Пӯшида нест, ки нуриҳои минералӣ ва доруҳои химиявӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии зироат ва нобудкунии ҳашароти зараррасон аҳаммияти калон доранд.

Масалан, дар Аврупо то истифодабарии нуриҳои минералӣ аз ҳар гектар ҳамагӣ 12-15 сентнерӣ ғалладона мегирифтанд. Ҳоло бошад, ҳосилнокии ин зироатҳо 2-3 баробар афзудааст. Дар заминҳои лалмии Тоҷикистон ҳосилнокии зироатҳои ғалладона бе истифодаи нуриҳои минералӣ ҳамагӣ 5-6 сентнерро аз 1 гектар ташкил медиҳад. Ҳол он ки дар давлатҳои пешқадам бо истифода аз нуриҳои минералӣ ва доруҳои химиявӣ аз ҳар гектар 60-70 сентнерӣ ҳосил мегиранд, дар заминҳои обии Тоҷикистон низ (бо истифода аз нуриҳои минералӣ ва пестисидҳо) ҳосилнокии гандум аз як гектар то 50 сентнерро ташкил мекунад.

Мувофиқи ҳисоби олимон ҳашароту хояндаҳо ва дигар бемориҳои зироатҳои кишоварзӣ соле то 20-25 дарсади тамоми ҳосилро нобуд месозанд. Самаранокии иқтисодии муборизаи химиявӣ дар амал санҷида шудааст, ки мувофиқи он ҳар як доллари дар ин роҳ сарфшуда то 8-10 доллар фоидаи иловагӣ меорад.

Вале набояд фаромӯш кард, ки заҳрхимикатҳо дар баробари самаранокии баланди иқтисодӣ ҳангоми аз меъёр зиёд ва нодуруст истифода бурдан боиси нохушиҳо низ мегарданд. Онҳо на танҳо ҳашароту микроб ва алафҳои бегонаро нобуд мекунанд, балки ба табиати зинда ва инсон низ хавфи ҷиддӣ меоваранд. Бисёр навъҳои устувори доруҳои химиявӣ, монанди гексохлоран, ДДТ ва ғайра дар лаҳзаҳои гуногун ба қабатҳои хок дохил гардида, дар як ҷо ҷамъ мешаванд ва як қисми онҳо аз қабатҳои хок ба воситаи обҳои зеризаминӣ ба обанбору

дарёҳо расида, боиси заҳролудшавии мавҷудоти зиндаи онҳо мешаванд. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи пайвастагиҳои хлордор боз аз он иборат аст, ки ба ҳарорат, намӣ ва таъсири нурҳои офтоб ниҳоят тобоваранд.

Масалан, моддаи ДДТ метавонад дар ҳарорати 115-120° то муддати 15 соат тоб оварад. Дар қабати хок он аз 10-15 сол ҳолати худро пурра нигоҳ медорад. Дар зарфи 25 соле, ки моддаи ДДТ истифода шудааст, дар қабатҳои болоии яхи қитъаи Антарктида дар мағзи барф 2,5 ҳазор тонна ҷамъ шудааст. Аз рӯйи таҳқиқот ин моддаи заҳрноки химиявӣ дар таркиби равғани тюлен, хирси сафед ва пингвинҳо ёфт шуд. Ҳоло он ки ба Арктика ва Антарктида ин моддаи заҳрнокро касе набурдааст ва дар он ҷо ба ин модда эҳтиёҷе ҳам нест.

Оё барои беҳбудии минбаъдаи рушди ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ғайр аз истифодаи моддаҳои заҳрноки химиявӣ роҳи дигар нест? Бо вуҷуди мушкилӣ илми ҳозира як қатор чораҳои комплексии мубориза бар зидди ҳашароти зараррасонро кор карда баромадааст: муҳимтарини онҳо муборизаи агротехникӣ, биологӣ ва ғайра мебошанд.

Айни замон як қатор навъҳои рустаниҳои ба беморию ҳашарот тобовар низ пайдо карда шудаанд. Ҳоло дар хоҷагии кишоварзӣ аз ҳама бештар усули муборизаи биологӣ васеъ паҳн гардида, самаранокии он афзуда истодааст.

Дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳар чи бештар ҷорӣ намудани усулҳои муборизаи биологӣ диққати махсус дода мешавад, ки ин яке аз роҳҳои беҳтарини ҳифзи муҳит ба шумор меравад. Дарояндаи наздик бояд биофабрикаҳои парвариши ҳашароти фоидаовар (трихограмма, энтомофагҳо ва ғайра) ба кор дароянд. Як биофабрика иқтидори дар як шабонарӯз истеҳсол кардани бештар аз як млн трихограммаро дорад. Ин миқдор ҳашарот имкон медиҳад, ки зиёда аз 260 ҳазор гектар кишти зироатҳои гуногун аз ҳашароти зараррасон пурра муҳофизат карда шаванд.

Барои пурра безараргардонии як гектар майдони кишт ба ҳисоби миёна 30 ҳазор ва барои як гектар боғи мевадор ҳамагӣ то 100 ҳазор трихограмма кифоя аст.



*Маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама ба вазъияти муҳити зист (шароити иқлим, ҳосилнокии хок, об ва ғайра) вобаста мебошад. Дар Тоҷикистон қариб 68 дарсади заминҳои соҳаи кишоварзӣ ба навъҳои гуногуни эрозия гирифтор мебошанд. Танҳо дар 20 соли охир зиёда аз 130 ҳазор гектар дарахту бешазор несту нобуд шудааст. Яке аз роҳҳои асосии пешгирии эрозия дар Тоҷикистон ин ба таври васеъ дар ҳамаи минтақаҳо барқарор намудани дарахту бешазор ва гирифтани пеши роҳи нобудкунии дарахтзор мебошад. Дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳарчи бештар ҷорӣ намудани усулҳои мубориза и биологӣ диққати махсус дода мешаванд, ки ин яке аз роҳҳои беҳтарини ҳифзи муҳит ба шумор меравад.*



*1. Соҳаҳои асосии кишоварзии Тоҷикистонро номбар кунед. Ҳар як соҳаро тавсиф намоед ва гӯед, ки аз рӯйи кадом соҳаҳо ҷумҳурӣ дар ИДМ ҷойи намоёнро мегирад. 2. Саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон дар заминаи кадом ашёи хом кор мекунад? 3. Оё соҳаи кишоварзӣ дар оянда метавонад, ки талаботи аҳолиро пурра таъмин кунад?*



*1. Заминҳои обӣ ва лалмии Тоҷикистон чӣ гуна истифода мешаванд? 2. Хусусияти чорводории ҷумҳурӣ дар чист? 3. Аҳаммияти ташкил намудани коммлекси кишоварзию саноатиро қайд карда, бо мисолҳо фаҳмонед. 3. Комплекси кишоварзию саноатии ноҳияи (шаҳри) худро аз рӯйи нақшаи зерин тавсиф кунед: а) соҳаҳое, ки ба ККС мансубанд; б) соҳаҳои асосии кишоварзӣ ва саноат оид ба коркарди маҳсулоти онҳо; в) корхонаҳои калонтарин ва робитаи онҳо вобаста ба ашёи хом ва фурӯши маҳсулоти тайёр; г) пешомадҳои тараққиёти комплекси кишоварзию саноатӣ.*



*1. Аз харитаи дар китоб овардашуда истифода намуда, фикрҳои худро нисбат ба ҳудуде, ки дар онҳо хатарҳои экологӣ сар задаанд, маълумот диҳед.*



*1. Оё Тоҷикистон имконияти ба давлатҳои дигар баровардани меваи тару сабзавотро дорад? 2. Вобаста ба шароити табиию иқлимӣ кадом соҳаҳои чорводориро дар ноҳияҳо рушд додан мумкин аст? 3. Оё соҳаи мурғпарварӣ метавонад дар ҳама ноҳияҳо самаранок бошад? 4. Кадом соҳаҳои саноати хӯрокворӣ соҳаи таъсисёфта мебошанд?*

*5. Истифодаи заҳрхимикатҳо чӣ гуна ба муҳит таъсир мерасонад? 6. Кадом роҳҳои ҳифзи муҳитро аз истифодаи бенизоми заҳрхимикатҳо медонед?*

## § 27. ИСТЕҲСОЛИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛИ ХАЛҚ ВА СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ

*1. Молҳои истеъмолии хоҷагии халқ кадомҳоянд? 2. Ҳангоми ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсоли молҳои истеъмолии аҳолӣ кадом омилҳо ба назар гирифта мешаванд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Саноати сабук ва соҳаҳои он.*
- *Марказҳои ҷойгиршавии корхонаҳои алоҳидаи саноати сабук.*
- *Соҳаҳои хизматрасонӣ ва ҷайгиршавии онҳо.*

**Саноати сабуки** Тоҷикистон соҳаи асосӣ буда, зиёда аз 30 дарсади ҳаҷми маҳсулоти саноатиро медиҳад. Он аз корхонаҳои калону миёна иборат аст ва зиёда аз 300 номгӯй маҳсулот истеҳсол мекунад. Ба соҳаҳои асосии саноати сабук, ки аҳаммияти содиротӣ доранд, пахтатозакунӣ, абрешим, пашм, пахта дохил мешаванд. Қисми зиёди маҳсулоти онҳо ба хориҷа бароварда мешавад.

Дар корхонаҳои саноати сабук ашёи хом чанд давраи коркарди технологиро аз сар мегузаронад (масалан, тайёр кардан, тоза намудан, ресидану бофтан, рангубор додан ва ғайра). Солҳои охир корхонаҳои саноати сабук бештар дар шаҳрҳои хурд ва миёна, ки қувваи корӣ зиёд аст, сохта мешаванд.



***Расми 26.*** *Сехи калобаресии комбинати нассоҷии шаҳри Душанбе*

Солҳои охир гузаронидани ислоҳот дар идоракунӣ, таъмини саноат бо ашёи хом, ҷалб намудани мутахассисони маҳаллӣ, ҳавасмандгардонии коргарон боиси пешрафти соҳаҳои саноати сабук гардид.

Таркиби истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, ки ба саноати сабук мансуб аст, дорои фарқи муҳимми минтақавӣ мебошад,

ва ба хусусиятҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат алоқаманд аст. Саноати сабук соҳаи тахассусии ҷумҳурӣ буда, шумораи корхонаҳои он аз 63 адади соли 1991 дар соли 2018 ба 36,7 адад расонида шуд. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ низ афзуд. Агар соли 1991 (бо нархҳои ҷорӣ) ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати сабук 58,2 ҳазор сомониро ташкил медод, ҳоло ин нишондиҳанда ба 1569 млн сомонӣ расид.

**Саноати пахтатозакунӣ** бештар аз 70 корхонаи калону миёна иборат аст. Онҳо дар маркази ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ ҷойгир мебошанд. Заводҳои пахтатозакунӣ бо корхонаҳои бофандагӣ, равғанкашӣ, химия, мошинсозӣ ва энергетика робитаи ногусастанӣ доранд (ба хотир оваред, ки чӣ гуна робита?).

Солҳои пеш дар Тоҷикистон ҳамагӣ 4 заводи пахтатозакунӣ вуҷуд дошт, ки онҳо корхонаҳои камиқтидори нимкосибӣ ба шумор мерафтанд. Алҳол дар корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ соле 120 ҳазор тонна нахи пахтаи соф истеҳсол мешавад. Нахи пахтаро аксар ба хориҷа мефиристанд (ва қисми ниҳоят ками он дар маҳал истифода мешавад). Иқтидори истеҳсолии коркарди нахи пахта аз 32 ҳазор тонна дар соли 1991 то 74,5 ҳазор тонна дар айни замон афзоиш ёфт.

**Саноати абрешим.** Буҳрони иқтисодӣ ба ин соҳа, ки бо давлатҳои ИДМ зич алоқаманд буд, таъсири манфӣ расонид. Истеҳсоли маҳсулоти шоҳиворӣ аз 64,7 млн. $м^2$ дар соли 1991 ба 45,2 млн. $м^2$ дар соли 2018 расид, ки ин нишондиҳандаи пасттарини ин соҳа мебошад. Аз 4/5 ҳиссаи маҳсулоти ин соҳа дар Хуҷанд тайёр карда мешавад. Корхонаҳои дигари ин соҳа дар Душанбе ва Конибодом ҷойгир шудаанд. Пешрафти минбаъдаи саноати абрешими ҷумҳурӣ ба афзоиши ашёи хом алоқаманд аст. Коркарди пилла ва истеҳсоли нахи абрешим минбаъд дар мамлакат афзоиш меёбад.

**Саноати қолинбофӣ** аз корхонаи қолинбофии шаҳри Қайроққум ва 4 корхонаи хурд, ки дар шимол ва ҷануби ҷумҳурӣ ҷойгиранд, иборат мебошад. Дар мамлакат соле зиёда 0,5 млн. $м^2$ қолин ва маснуоти қолинӣ истеҳсол карда мешавад, ки бештари онро ба хориҷи ҷумҳурӣ мефиристанд.

Корхонаҳои калонтарини **саноати матоъҳои пахтагӣ** дар шаҳрҳои Душанбе, Конибодом ва Данғара ҷойгир мебошанд. Дар онҳо 1/3 ҳиссаи нахи пахтаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда коркард мешавад. Бо мақсади сарфакорона истифода бурдани ашёи хом ва захираҳои меҳнатӣ корхонаҳои ин соҳаро дар шаҳрҳои хурд, ки ба ноҳияҳои пахтакорӣ наздиканд, ҷойгир намудан лозим аст.

**Саноати кешбофӣ** яке аз соҳаи ҷавони мамлакат буда, корхонаҳои он дар як қатор шаҳру ноҳияҳои шимол ва ҷануби мамлакат ҷойгир шудаанд. Нахи пахтаро қисман дар фабрикаҳои кешбофӣ (Истаравшан, Душанбе) ва ҷуроббофӣ (Душанбе) истифода мебаранд.

Талаботи зиёд ба маҳсулоти бофандагӣ, мавҷудияти ашёи хом ва қувваи корӣ тақозо мекунад, ки саноати бофандагӣ минбаъд ҳам рушд дода шавад. Бинобар ин, дар назар дошта шудааст, ки дар шаҳрҳои хурду миёнаи Тоҷикистон корхонаҳои нав сохта шаванд. Дар асоси истеҳсоли маснуоти бофандагӣ соҳаҳои дӯзандагӣ ва кешбофӣ ривоҷ меёбанд. Дар Душанбе ва Хуҷанд фабрикаҳои калони дӯзандагӣ, дар Истаравшан калонтарин фабрикаи кешбофӣ мавҷуданд.

**Корхонаҳои саноати чарму пойафзор** дар Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар ҷой дода шудаанд. Ин корхонаҳо солҳои охир фаъолияти худро хеле суст намудаанд.

Соли 1991 дар мамлакат 3965 ҷуфт пойафзор истеҳсол мешуд ва ҳоло бошад, ҳамагӣ 0,49 ҳазор бароварда мешавад. Ин ҳолат андешидани чораҳои ҷиддиро дар ин соҳа талаб мекунад.

**Чинибарорӣ ва кулолгарӣ.** Дар шаҳри Турсунзода фабрикаи чинибарорӣ амал мекунад ва солҳои охир сифати маснуоти он хеле беҳтар гардид. Ҳоло маҳсулоти корхона берун аз ҷумҳурӣ содир карда мешавад. Дар як қатор шаҳрҳои ҷумҳурӣ корхонаҳои кулолгарӣ ва ҳунарҳои бадеӣ равнақ ёфта, ба маҳсулоти онҳо талабот зиёд аст.

## СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Соҳаи хизматрасонӣ корхонаҳои ғайриистеҳсолиро дар бар мегирад: воситаҳои алоқа, сохтмон, хоҷагии коммуналӣ, савдо, хӯроки умумӣ, тандурустӣ, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангию маърифатӣ.

**Воситаҳои алоқа** қисми асосии соҳаи ғайриистеҳсолӣ мебошанд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ва минбаъд миқдори корхонаҳои алоқа хеле зиёд гардида, тӯли хатсайри почта ва чопи рӯзномаҳо даҳҳо ва садҳо маротиба афзуд. Бо ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои бародар системаи алоқаи телефону телеграф ва почтаи электронӣ вуҷуд дорад. Дар назар дошта шудааст, ки воситаҳои алоқа минбаъд ҳам рушд дода шаванд. Шабакаи муассисаҳои алоқа дар шаҳр ва деҳот васеъ хоҳад шуд. Айни замон шабакаҳои мобилӣ қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳои кишвар фаъолият мекунанд.

**Сохтмон** дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Суръати пешрафти техникӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ба дараҷаи рушди сохтмон сахт робита дорад. Сохтмон дар ҷумҳурӣ босуръат пеш меравад. Дар ҷумҳурӣ масолеҳи гуногуни сохтмон истеҳсол карда мешаванд: семент, хишт, аглопорит, конструксияҳои оҳанубетонии яклухт, масолеҳи пардоз ва ғайра. Барои инкишофи минбаъдаи сохтмон дар мамлакат захираи калони ашёи хом – гил, оҳак, гаҷ, хоросанг, мармар, рег ва дигар масолеҳ вуҷуд доранд.

**Хоҷагии манзил.** Корхонаҳои он таъминоти гармӣ, таъминоти об ва канализатсия, ободонии маҳаллаҳои мардумнишин, сабзгардонӣ, нақлиёти шаҳриро дар бар мегирад. Дар солҳои охир хоҷагии манзил хеле пеш рафт. Солҳои қабл дар Тоҷикистон деҳаҳои хурди хонаҳояшон похсагин вуҷуд доштанд: тамоми аҳолӣ аз чароғҳои карасинӣ истифода мебурд. Ҳоло маҳалҳои мардумнишин хеле калон шудаанд. Бисёр шаҳру ноҳияҳо бо об, иншооти софкорӣ ва газ таъмин мебошанд. Дар ҷойи хонаҳои якошёна иморатҳои 9-12-ошёна қомат рост мекунанд. Ба кабудизоркунии шаҳрҳо низ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Баъди истиқлолият дар шаҳру шаҳракҳои ҷумҳурӣ миллионҳо дарахту бутта шинонда шуд. Рушди хоҷагии коммуналӣ чун омили беҳгардонии ҳаёти халқ баланд баланд бардоштани самараи истеҳсолоти ҷамъиятӣ аҳаммияти калон дорад.

**Савдо ва хӯроки умумӣ.** Дар Тоҷикистон мисли дигар ҷумҳуриҳо якчанд шакли савдо мавҷуд аст: давлатӣ, кооперативӣ ва шахсӣ. Солҳои аввал шабакаи савдои ҷумҳурӣ

аз мағоза ва ошхонаҳои хурд иборат буд. Алҳол шабакаи савдои Тоҷикистон аз мағозаҳо, ошхонаҳо, тарабхонаю қаҳвахонаҳо иборат аст ва миқдори умумиашон аз сад ҳазор зиёд мебошад. Онҳо дорои таҷҳизоти нав буда, мисоли равшани пешрафти иқтисодиёт, фарҳанг ва некуаҳволии мардум мебошанд.

Ба соҳаи хӯроки умумӣ хӯроки комплексӣ ва парҳезӣ низ дохил мешаванд. Дар оянда пешбинӣ шудааст, ки мағозаҳо, анборҳои нави нигаҳдории сабзавоту меваҷот сохта шаванд.

**Тандурустӣ.** Дар Тоҷикистон солҳои пеш муассисаҳои табобатӣ, дорухона ва мутахассисони соҳаи тиб кам буданд. Фақат чандин дармонгоҳи хурд вуҷуд дошт, ки ба беморон ёрии амбулаторӣ мерасонданд.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ муассисаҳои табобатӣ ва пешгирии бемориҳо васеъ шуд, заминаи моддию техникии онҳо мустаҳкам гардид. Миқдори катҳои беморон 1500 маротиба зиёд шуд. Агар соли 1913 ба ҳар 10 ҳазор аҳолии Тоҷикистон 0,2 духтур ва 0,4 кат рост меомад, пас ҳоло 19,2 духтур ва 40,6 кат рост меояд. Миқдори духтурон дар ҷумҳурӣ қариб ба 14 ҳазор расидааст. Алҳол системаи тандурустии ҷумҳурӣ дорои садҳо муассиса аст, ки ба аҳолӣ кумаки тиббӣ мерасонанд.

Зиёд гаштани миқдори муассисаҳои тиббӣ боиси кам шудани фавт гардид. Дар Тоҷикистон ба ҳазор нафар аҳолӣ 27,3 кӯдаки навзод рост меояд. Ба зиёд кардани дорухонаҳо низ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

**Варзиш ва сайёҳӣ.** Ба рушду пешрафти ин соҳа Ҳукумати Тоҷикистон ҳамеша эътибори ҷиддӣ медиҳад. Бозӣ ва машқҳои гуногуни ҷисмонӣ (гӯштингирӣ, камонварӣ, аспсаворӣ, чавандозӣ) аз қадим маълум аст. Ба рушди соҳаи варзиш, бахусус дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Дар пешрафти варзиш Техникуми тарбияи ҷисмонии Душанбе ва Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон саҳми калон доранд. Варзишгарони ҷумҳурӣ дар тамоми мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат меварзанд.

Дар ҷумҳурӣ барои рушди сайёҳӣ ва куҳнавардӣ имкониятҳо хеле калон аст. Тоҷикистон бо кӯҳҳои сарбафалак, дараҳои зебо, дарёҳои пуртуғён, ёдгориҳои таърихӣ ва

фарҳангии худ шуҳрат дорад. Дар ҷумҳурӣ ба миқдори зиёд сексияҳои туристӣ мавҷуданд, ки дар онҳо садҳо сайёҳ машқ мекунанд.

Солҳои охир мавзеи Сафедорак (ҳавзаи рӯди Варзоб) ба маркази муҳимтарини лижаронӣ ва тайёр намудани варзишгарони ин соҳа табдил ёфтааст.

**Маорифи халқ.** Ниёгони тоҷик ҳанӯз то давраи футуҳот ва густариши ислом хат ва фарҳанги худро доштанд, вале тарзи таълим кӯҳна буд, бинобар ин шумораи ками хонандагон саводи кофӣ мебаровარданд.

Ҳокимияти Шӯравӣ барои рушди маорифи халқ заминаи мусоид фароҳам овард. Солҳои аввали пас аз Инқилоби Октябр дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 15 мактаб мавҷуд буд, китобу дафтар ва омӯзгорон намерасиданд. Ба ин нигоҳ накарда бесаводӣ дар Тоҷикистон пурра барҳам дода шуд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 3893 мактаби рӯзона ва шабонаи маълумоти умумӣ, 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 77 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва тақрибан 40 мактаби олӣ вуҷуд доранд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, донишгоҳҳои тиббӣ, кишоварзӣ, техникӣ, омӯзгорӣ ва ғайра аз ҷумлаи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.



*Расми 27.* *Китобхонаи миллии Тоҷикистон*

Дар даҳҳо пажӯҳишгоҳҳои илмии Академияи илмҳои Тоҷикистон оид ба соҳаҳои иқтисодиёт, химия, физика, энергетика, география, биология, таърих, фалсафа, филология, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ таҳқиқот мебаранд.

Солҳои пеш дар Тоҷикистон муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ зиёд набуданд. Қисми зиёди аҳолӣ аз осори гузаштагон баҳравар шуда наметавонистанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 1353 китобхона (захираи ин китобхонаҳо ба 12 млн 429 ҳазор нусха мерасад), 890 клуб, 44 осорхона, 16 театри

касбӣ ва 24 театри халқӣ мавҷуд аст. Ҳар сол 0,5 млн нусха китоб нашр мешавад. Дар ҷумҳурӣ 106 рӯзнома ва 37 маҷалла ба табъ мерасанд.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон боиси ифтихори мардуми ҷумҳурӣ буда, бузургтарин муассисаи фарҳангӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.



***Расми 28.*** *Кохи Наврӯз*

Халқи тоҷик аз қадим бо суруду мусиқӣ, рақс, санъати театрии худ ифтихор дорад. Асари мусиқии «Шашмақом» дар тӯли асрҳо беҳтарин намунаи осори мусиқии классикии тоҷик ба шумор мерафт. Устодони бузурги «Шашмақом» Ҳоҷӣ Абдулазиз Содирхон, Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов дар тарғибу такмили ин асари бузург хизмати зиёд кардаанд. Солҳои охир дар пешрафти мусиқии халқию классикӣ устодон: Акашариф Ҷӯраев, Одина Ҳошим, Зафар Нозим, Ҷӯрабек Муродов саҳми босазо гузоштанд. Ҳоло дар театрҳо бисёр намоишҳо, операҳо, балетҳо ба саҳна гузошта, дар консертҳо баробари асарҳои мураккаби созию овозӣ (мақомхонҳо) асарҳои бастакорони муосири тоҷик Ф. Солиев, Ё. Сабзанов, З. Шаҳидӣ, Ф. Шаҳобов, Х. Абдуллоев, Д. Дӯстмуҳаммадов ва дигарон иҷро карда мешаванд.

Комёбиҳои киностудияи «Тоҷикфилм» низ назаррас мебошанд. Ҳоло кинои тоҷик ҳаводорони зиёд дорад. Бисёр асарҳои кинорежиссёрони тоҷик Борис Кимёгаров, Давлат Худойназаров, Бахтиёр Худойназаров, Ҷамшед Усмонов сазовори ҷоизаҳои байналмилалӣ гардидаанд.

Дар Тоҷикистон косибӣ (кандакорӣ, кулолӣ, бофандагӣ ва ғайра) хеле ривоҷ ёфта буд ва аз насл ба насл мегузашт. Ҳоло дар баробари рушди санъати тасвирӣ, графикӣ, муҷассамасозӣ, касбу ҳунарҳои қадима – кулолӣ, кандакорӣ низ эҳё шуда истодаанд.



*Корхонаҳои калонтарини саноати матоъҳои пахтагӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Конибодом ҷойгир мебошанд. Корхонаҳои саноати чарму пойафзор дар Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар ҷойгир шудаанд. Соҳаи хизматрасонӣ корхонаҳои ғайриистеҳсолиро дар бар мегирад: воситаҳои алоқа, сохтмон, хоҷагии коммуналӣ, савдо, хӯроки умумӣ, тандурустӣ, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангию маърифатӣ.*

*1. Кадом соҳаҳои саноати сабуки Тоҷикистон аҳаммияти содиротӣ доранд? Корхонаҳои калонтарини онҳоро номбар кунед? 2. Оид ба рушди соҳаҳои хизматрасонии ҷумҳурӣ ва ноҳияи (шаҳри) худ мисолҳо оред.*

*1. Ноҳияи (шаҳри) шумо бо номи кадом шахсиятҳо шуҳрат ёфтааст? 2. Шумо кадом варзишгарон ва ходимони машҳури санъати Тоҷикистонро медонед? 3. Боз кадом ходимони илму санъати тоҷик шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд?*

*1. Дар кадом ноҳияҳо рушди саноати сабук самаранок аст? Онҳоро аз харитаи иқтисодӣ ёбед ва дар харитаи тарҳӣ гузаронед.*

*1. Кадом роҳҳои беҳтарини дар шароити иқтисоди бозаргонӣ тараққӣ додани саноати сабук вуҷуд доранд? 2. То кадом андоза вазъи мактабу маориф дар ҷумҳурӣ ба талаботи замон ҷавобгӯй аст? Шумо нисбати ин чӣ гуфта метавонед?*

## § 28. НАҚЛИЁТ

*1. Навъҳои асосии нақлиётро номбар кунед. 2. Тӯли солҳои истиқлолият дар ҳудуди мамлакат кадом роҳҳои нави оҳан ва автомобилгард сохта шудаанд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Дар ҷумҳурӣ кадом намудҳои нақлиёт амал мекунанд?*
- *Рушди нақлиёт дар Тоҷикистон чӣ гуна аст?*
- *Нақлиёт ва муҳити зист: мушкилот ва пешрафт.*

Дар Тоҷикистон аҳаммияти нақлиётҳои роҳи оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ калон аст. Тавассути роҳи оҳан алоқаҳои иқтисодии дохилӣ ва берунии ҷумҳурӣ амалӣ мегарданд.

Нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳани камбар бештар барои робитаҳои дохили ҷумҳурӣ пешбинӣ шудаанд.

Пеш дар қаламрави Тоҷикистон як роҳи оҳан (Хавос – Хуҷанд) вуҷуд дошт, ки соли 1897 сохта шуда буд. Роҳи оҳани нахустин дар ҷануби ҷумҳурӣ (Тирмиз – Душанбе) солҳои 1926-29 сохта шудааст. Дар панҷсолаҳои пеш аз ҷанг дар Тоҷикистон чанд роҳи камбар, инчунин роҳҳои асосии автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд, Ӯш – Хоруғ, баъдтар Душанбе – Ғарм ва Душанбе – Хоруғ сохта шудаанд. Аввалин роҳи ҳавоии Душанбе – Тошканд соли 1924 кушода шуд.

Дар Тоҷикистон саҳми нақлиёт дар боркашонӣ ва расонидани он ба манзил хеле калон аст. Бо ёрии он алоқаҳои дохилию соҳавӣ, байналмилалӣ ва байнидавлатӣ ба амал бароварда мешаванд.

***Ҷадвали 6***

**Боркашонӣ аз рӯйи навъҳои нақлиёт дар Тоҷикистон (ҳаз. тонна)**

| Номгӯй | 1991 | 1998 | 1999 | 2003 | 2006 | 2012 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи нақлиёт | 303055,0 | 34585,7 | 27742,7 | 32605,4 | 38594,0 | 61656,6 | 84066,6 |
| аз он ҷумла: роҳи оҳан | 6432,0 | 12705,6 | 11637,7 | 11720,5 | 12114 | 9256,7 | 5454,2 |
| автомобилӣ | 73388,0 | 3802,0 | 2815,0 | 2256,1 | 2879 | 7208,2 | 78610,5 |
| ҳавоӣ | 11,0 | 4,0 | 2,0 | 3,8 | 3,7 | 2,6 | 1,9 |

Дар солҳои охир Тоҷикистон аз кишваре, ки дар он пайраҳаҳои кӯҳӣ ва роҳҳои корвонгард бартарӣ доштанд, ба сарзамини дорои шоҳроҳу роҳҳои ҳавоӣ табдил ёфт.

**Нақлиёти автомобилӣ** дар шароити кӯҳсор аҳаммияти ниҳоят калон дорад. Тақрибан 90 дарсади боркашонии ҷумҳурӣ ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд. Сохтани роҳ дар кӯҳҳо ниҳоят душвор, серхароҷот ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо ғайриимкон аст.

Ҳоло қисми зиёди роҳҳои мошингард дар ҷумҳурӣ мумфарш шудаанд. Нақлиёти автомобилӣ деҳаҳои дурдасти ҷумҳуриро ба марказҳои саноатӣ ва истгоҳҳои роҳи оҳан мепайвандад, барои зуд ва беталаф ба корхонаҳои саноатӣ

кашонидани маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад. Соли 2012 нисбат ба соли 1960 тавассути нақлиёти автомобилӣ 45 маротиба бештар бор ва 28 маротиба бештар мусофир кашонда шуд. Ҳаҷми умумии боркашонӣ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ соли 2012 7205,2 ҳаз. тоннаро ташкил кард. Дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои автомобилии калон ташкил карда шудаанд. Аз пойтахт – шаҳри Душанбе қариб ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳо нақлиёти мусофиркаш равуо мекунанд. Роҳҳои автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд ва Душанбе – Хоруғ мавсимӣ буданд ва зимистон баста мешуданд. Барои осон намудани мушкили роҳ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии мутахассисони Эрон соли 2006 аз ҷониби ағбаи Анзоб бо дарозии қариб 5 км нақби Уштурро бунёд кард, ки масофаи роҳ то 30 км кӯтоҳ шуда, тамоми сол равобити ноҳияҳои шимолу ҷануби Тоҷикистон доимӣ гардид. Чанде пеш роҳи нави Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ сохта шуд, ки тамоми сол кушода хоҳад буд. Сохтмони ин роҳ масъалаи нақлиётро дар қисми шарқии Тоҷикистон ҳал карда, боркашониро ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон осонтар мегардонад. Соли 1999 ба истиқболи 1100 – солагии давлати Сомониён ба воситаи ағбаи Қулма роҳи нав ба шоҳроҳи байналмилалии Қароқорум оғоз ёфт ва он 24-уми майи соли 2004 кушода шуд. Роҳи автомобилгарди Душанбе – Ғарм – Лахш – Саритош навсозӣ гардида, нақбҳои Шаршар, Чормағзак ва Шаҳристон бунёд карда шуданд.



***Расми 29.*** *Нақби «Истиқлол»*

**Нақлиёти роҳи оҳан** дар дохили ҷумҳурӣ нақши дуюмдараҷа мебозад, вале аҳаммияти он дар робитаҳои берунӣ калон аст. Ғайр аз роҳҳои оҳани нисбатан кухна (Хавос – Исфара, Тирмиз – Душанбе) дар охири соли 1970 роҳи нави Тирмиз – Қӯрғонтеппа – Ёвон сохта шуд, ки дарозиаш 265 км мебошад.

# НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Бо ин роҳҳо нахи пахта, масолеҳи сохтмон, молҳои саноатӣ ва хӯроквории кашонда, аз дигар ҷумҳуриҳо мошин, ғалла, чӯб, сӯзишворӣ оварда мешаванд.

Вобаста ба рушди минбаъдаи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ талабот ба нақлиёти роҳи оҳан низ меафзояд. Бинобар ин, дар баъзе роҳҳои оҳан сохтани роҳҳои иловагӣ (бо мақсади бештар бор кашондан) пешбинӣ шудааст. Сохтмони роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб ба охир расид ва дар оянда бунёди роҳи оҳани Ёвон – Ваҳдат, Ваҳдат – Файзобод, Панҷакент – Самарқанд, ки барои инкишофи минбаъда ва азхуд кардани сарватҳои ин ноҳияҳо зарур аст, дар назар дошта шудааст.

**Нақлиёти ҳавоӣ** дар шароити ҷумҳурии кӯҳсори мо аҳаммияти ниҳоят калон дорад. Тавассути нақлиёти ҳавоӣ мусофирон, почта ва бор кашонида мешаванд. Авиатсия дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди геология низ истифода мешавад. Бо кумаки тайёраҳо ба киштзор нуриҳои минералӣ пошида, зараррасонҳои зироат ва алафҳои бегонаро маҳв мекунанд.

Нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ мунтазам такмил ёфта, бо тайёраҳои нав таъмин мегардад. Ҳоло Душанбе қариб бо пойтахти ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва бисёр шаҳрҳои калони ИДМ ва хориҷи кишвар робитаи ҳавоӣ дорад. Дар солҳои минбаъда тӯли роҳҳои ҳавоии Тоҷикистон зиёда аз 2 маротиба ва ҳаҷми мусофиркашонӣ то1,5 маротиба афзуд.

Бо сабаби солҳои охир афзудани сафи муҳоҷирони меҳнатӣ хатсайрҳои иловагӣ: Душанбе – Екатеринбург, Душанбе – Красноярск, Душанбе – Иркутск, Хуҷанд – Волгоград, Кӯлоб – Москва, Кӯлоб – Перм, Кӯлоб – Екатеринбург кушода шуд.

**Нақлиёти обӣ ва лӯлавӣ** дар ҷумҳурӣ суст рушд ёфтааст (ба хотир оваред, ки чаро?). Киштигардӣ қисман дар поёноби рӯди Панҷ ва Ому вуҷуд дорад. Тавассути лӯла (қубур) ноҳияҳои шимолӣ ва ҷанубу ғарбии Тоҷикистон аз Бухоро ва ноҳияҳои ҷанубии Хатлон – аз Ҷ. Балхӣ (кони Сурхсимо) ва кони Хоҷасартез газ мегиранд.

**Нақлиёт ва муҳити зист.** Навъҳои нақлиёт низ яке аз манбаъҳои асосии ифлоскунии ҳавои атмосфера, хок ва обу наботот буда, зиёдшавии миқдори он боиси ташвиш гардидааст.

Мувофиқи ҳисоби олимон танҳо нақлиёти автомобилӣ соле қариб 2 млрд тонна сӯзишвории нафтӣ сарф менамояд, ки аз ин бештар аз 77 дарсади он ба фазо дар шакли заҳрҳои хавфнок барои муҳит сар дода мешавад.

Агар суръати ифлосшавии фазо назар ба солҳои 80-уми асри XX бештар аз 3 баробар афзуда бошад, пас дар ин ҷода ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ хеле калон аст. Ҳоло дар сайёраи мо зиёда аз 300 млн автомобил вуҷуд дорад, ки онҳо дар якҷоягӣ ба фазо соле беш аз 250 млн тонна гази туршии ангишт ва 50-80 млн тонна гази карбон сар медиҳанд.

Ҳисоб карда шудааст, ки ҳангоми парвоз аз Амрико ба Аврупо ҳавопаймои реактивии мусофиркашонӣ дар муддати 8 соати парвоз зиёда аз 35 тонна оксигенро истифода мекунад, ки ин ба кори 25 ҳазор гектар бешазор дар ҳамин муҳлат рост меояд. Дар Русия танҳо нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоби миёна рӯзе то 16 млн тонна газҳои ҳархелаи заҳрнок ба фазо сар медиҳад. Аз рӯйи мушоҳидаи мутахассисон 30 дарсади бемории шаҳрвандони Русия аз ҳисоби партовҳои гази автомобилӣ ба амал меояд. Муайян карда шудааст, ки автомобилҳои ҳозиразамон ҳангоми тай намудани масофаи 900 км ба миқдоре оксиген истифода мекунанд, ки онро худи ронанда дар муддати як сол нафас мегирад.

Дар Тоҷикистон соле ба фазои атмосфера зиёда аз 30 ҳазор тонна газҳои заҳрнок сар дода мешаванд, ки қариб 90%-и он ба нақлиёт рост меояд. Ҳисоб карда шудааст, ки ҳазор автомобил дар як соат ба фазо аз 4500 то 5000 метри мукааб гази карбон сар медиҳанд. Аз кӯчаҳои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар бошад, рӯзе ҳазорҳо автомобил мегузарад.

Бо газҳои заҳролуди автомобилӣ ифлоскунии фазои шаҳрҳо қариб дар тамоми хоҷагиҳои нақлиётӣ ба назар мерасад. Сол то сол зиёд шудани миқдори автомобилҳо водор мекунад, ки дар ҳама роҳҳои муҳимми автомобилгард нуқтаҳои санҷиши экологӣ барпо карда шаванд.

Дар як қатор кӯчаҳои марказии шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Ваҳдат ва ғайра ҳаракати автомобилҳои боркаш манъ карда шудааст, вале ин кам аст, зеро дар бисёр кӯчаҳои калони шаҳрҳо автомобилҳои вазнини боркаш бо садои баланди моторҳо ҳаракат мекунанд, ки дар ин кӯчаҳо аксар боғчаю беморхона ва мактабҳо воқеъ гаштаанд.

Яке аз роҳҳои беҳтарини кам шудани миқдори газҳои автомобилӣ дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ сохтани роҳҳои беруни-шаҳрӣ ва аз дохили шаҳр берун баровардани хоҷагиҳои автомобилӣ (автобазаҳо) аст. Ин дар навбати худ барои хеле кам шудани садои ғалоғулаи моторҳо имконият медиҳад.

Солҳои охир дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба ҷойи бензин истифодаи газ зиёд шуда истодааст. Дар сурати риояи техникаи бехатарӣ истифодаи газ нисбат ба бензин 2-3 баробар арзон ва ифлоскунии фазои атроф низ то 3-4 баробар кам мешавад. Роҳи дигари тоза нигоҳ доштани ҳавои шаҳр ҳар чӣ зиёд намудани миқдори троллейбусҳо ва дар шаҳри Душанбе дар қатори троллейбус ташкил намудани хатҳои трамвайҳои тезҳаракаткунанда мебошад.

Барои тоза нигоҳ доштани фазои шаҳрҳои ҷумҳурӣ ва ҳифзи саломатии шаҳрвандон сабзгардонии хиёбону кӯчаҳо хеле муҳим аст. Ҳисоб карда шудааст, ки дар кӯчаҳои ниҳоят сермошин партовҳои бензин, ки дар таркибашон пайвастагии барои саломатӣ заҳрноки сурб доранд, метавонанд то радиуси 400 метр фазоро ифлос кунанд, вале ҳангоми вуҷуд доштани дарахту буттаҳои сарсабз миқёси таъсиру ифлоскунии муҳит аз 20-30 метр зиёд намешавад.

Бинобар ин, дар шароити иқлими гарми кишвар афзун намудани кабудизор дар атрофи кӯчаҳои калони автомобилгард, бахри нигоҳ доштани салқинӣ ва тозагии доимии муҳити атроф, ниҳоят зарур мебошад.



*1. Дар Тоҷикистон кадом навъҳои нақлиёт тараққӣ кардаанд? 2. Чаро дар ҷумҳурӣ нақлиёти обӣ ва лӯлавӣ (қубурӣ) суст инкишоф ёфтааст? 3. Чаро нақлиёти автомобилӣ дар дараҷаи аввал меистад?*



*1. Хусусиятҳои нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳанро мухтасар тавсиф кунед ва шоҳроҳҳои онро номбар кунед. 2. Таъсири нақлиётро ба муҳити зист шарҳ диҳед.*



*1. Аҳаммияти нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ чӣ гуна аст? Аҳаммияти нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон аз чӣ иборат аст? Кадом роҳи нави автомобилӣ имконияти тараққӣ додани ноҳияҳои марказии Тоҷикистонро дорад? Ба фикри шумо, оё роҳи нави автомобилӣ тавассути Афғонистон*

*барои Тоҷикистон аҳаммият дорад ё не? Дар шароити кӯҳсор боз кадом навъи нақлиёт метавонад тараққӣ ёбад?*



***Кори амалӣ:*** *Дар асоси нақшаи тартибдодаи омӯзгор тавсиф намудани яке аз роҳҳои автомобилгарди байниноҳиявии ҷумҳурӣ.*

## § 29. ТАРАҚҚИЁТИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ ДАР ОЯНДА



*Кадом навъи сарватҳои табиии Тоҷикистон самаранок мебошад? Ба фикри шумо, кадом соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ дар оянда босуръат меафзоянд?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чӣ маълумот пайдо мекунед?**

*• Дар оянда кадом самтҳои тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ нисбатан муҳим мебошанд?*

Дар шароити ҳозира яке аз вазифаҳои аввалини хоҷагии халқи ҷумҳурӣ гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, ба зинаи нав бардоштани сатҳи қувваҳои истеҳсолкунандаи он мебошад. Ҳалли ин масъала омили муҳимми беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии халқ ва дараҷаи иштироки ҷумҳурӣ дар тақсимоти географии меҳнат мебошад. Дар иҷрои он минбаъд самараноку оқилона истифода кардани ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, инкишоф додани интенсификатсия (суръатнокӣ)-и истеҳсолот ва бозёфтҳои нави илму техника саҳми хеле калон доранд. Ғайр аз ин, ба рушди мутаносиби соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва ғайриистеҳсолӣ ва пеш аз ҳама, ба рушди минбаъдаи саноат ва кишоварзӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст.

Барои Тоҷикистон хусусан, рушди истеҳсоли қувваи барқ аҳаммияти калон дорад. Иқтидори гидроэнергетикии ҷумҳурӣ асосан дар ду дарё – Вахш ва Панҷ зиёд аст. Самаранок истифода бурдани он ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, дарғот ва обанборҳо вобастагӣ дорад. Ин иншоот боиси дар обанборҳо ғун шудани қисми зиёди оби дарё мегарданд, ки барои ҳосил кардани чараёни барқ ва обёрии заминҳои ташналаби Тоҷикистон, инчунин Туркманистону Ӯзбекистон муҳим мебошанд. Ғайр аз НБО-и Роғун (3,6 млн. квт), Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 боз НБО-и Даштиҷум (4 млн. квт)

ва барои бо қувваи барқ таъмин кардани Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар рӯди Ғунд неругоҳҳо бунёд карда мешаванд. Ба қарибӣ дар рӯди Ғунд НБО-и Помир-1 ба кор даромад ва дар солҳои наздик сохтмони Неругоҳи барқи обии Помир-2 ба охир мерасад.

Ғайр аз электроэнергетика дар Тоҷикистон металлургияи ранга, мошинсозӣ, саноати химия ривоҷ хоҳад ёфт. Иқтидорҳои нави заводи алюминии Тоҷикистон ва заводи электрохимиявии Ёвон пурра ба кор даровардa мешаванд. Ин корхонаҳои ҷумҳурӣ пуриқтидор буда, маҳсулоти хушсифат медиҳанд. Дар баробари ин, дар мавзеи ҷойгиршавии ин заводҳо андешидани тадбирҳои ҳифзи табиат низ дар назар дошта шудааст.

Рушди мошинсозӣ ва саноати сабук маблағи нисбатан кам талаб карда, барои ба кор ҷалб кардани қисми зиёди одамон шароити мусоид фароҳам меорад. Заводҳои трансформатори Бохтар ва «Гидроагрегат» васеъ шуда, заводи нави таъмири муҳаррикҳои барқӣ сохта мешавад. Дар соҳаи саноати сабук ба роҳ мондани истеҳсолоти калони коркарди пахта, инчунин, корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти химия дар назар дошта шудааст.

Рушди самараноки истеҳсолот ба оқилона ҷойгир намудани корхонаҳо вобаста аст. Дар ин бобат ҷойгиркунии корхонаҳои нави саноатиро зимни баҳисобгирии манбаи ашёи хом, об, захираҳои корӣ, нақлиёт, робитаҳои иқтисодии берунӣ ва ғайра ба амал овардан лозим аст.

Корхонаҳои нав асосан ҳамчун қисми таркибии сиклҳои истеҳсолии амалкунанда бунёд гардида, зинаҳои номукаммали онҳоро пурра менамоянд. Дар натиҷа ашёи хом ва партови корхонаҳо то ҳадди имкон пурра истифода шуда, ба маҳсулоти хушсифат табдил мегардад. Ин тарзи ташкили истеҳсолот маҳсулнокии меҳнатро афзун намуда, барои беҳтар намудани вазъи экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ имконият фароҳам меоварад. Дар соҳаи кишоварзӣ ҷойгиркунии зироат, боғу токзор, навъҳои гуногуни чорво зимни баҳисобгирии шароити хоку иқлим ва тахассуси ноҳияҳои иқтисодӣ ба амал оварда мешавад. Он боиси афзудани ҳосилнокии истеҳсолоти кишоварзӣ гардида, дараҷаи таъмини аҳолиро бо озуқа ва корхонаҳои агросаноатиро бо ашёи хоми босифат беҳтар менамояд.

Рушди комплекси кишоварзию саноатӣ (ККС) барои иҷрои барномаи озуқа мусоидат мекунад. Дар комплекси кишоварзию саноатии Тоҷикистон пахтакорӣ ҷойи асосиро мегирад, хусусан, ба парвариши пахтаи маҳиннах диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Бо ин мақсад даштҳои Данғара ва Бешкент пурра ба кор андохта мешаванд. Парвариши картошка ва сабзавот низ рушд хоҳад ёфт, хусусан, васеъ намудани хоҷагиҳои сабзавоткории гирду атрофи шаҳр муҳим аст. Дар ноҳияҳои доманакӯҳию кӯҳии ҷумҳурӣ (хусусан, водии Рашт ва болооби Зарафшон) инкишоф додани картошкапарварӣ аҳаммияти калон дошта, имкон медиҳад, ки аз дигар ноҳияҳо овардани картошка қатъ карда шавад.

Боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ низ ривоҷ хоҳад ёфт. Ҳоло дар вилояти Хатлон ва водии Рашт хоҷагиҳои калони боғу токпарварӣ ташкил карда шудаанд, бахусус, токдории лалмӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Зиёд шудани истеҳсоли меваҷот имкон медиҳад, ки қисми зиёди он ба дигар ҷумҳуриҳо фурӯхта шавад.

Дар сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ ситруспарварӣ (истеҳсоли лимӯ) ҷойи махсусро ишғол мекунад. Дар оянда дар водии Вахш ва вилояти Суғд хоҷагиҳои нави ситруспарварӣ ташкил карда мешаванд.

Рушди боғу токдорӣ ва ситруспарварӣ, инчунин, бунёди муассисаҳои коркарди маҳсулоти онҳо имкон медиҳад, ки масъалаи бо кор таъмин кардани аҳолии деҳот ҳал гардад.

Дар баробари рушди саноат ва кишоварзӣ ба тараққиёти минбаъдаи нақлиёт низ диққат дода шудааст. Роҳи нави автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Мурғоб, роҳи оҳани Бохтар – Кӯлоб ва нақби Истиқлол дар ағбаи Анзоб, нақбҳои Чормағзак, Шаршар ва Шаҳристон ба истифода дода шуд.

Дар баробари рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ низ тараққӣ меёбанд, хусусан, ба рушди соҳаҳои хизматрасонии аҳолӣ эътибори махсус додан лозим аст.

Ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳо боиси такмилёбии ташкили минтақавии хоҷагии халқ мегардад. Ҳангоми оқилона ва бо навбат истифодаи сарватҳои табиӣ ва захираҳои кории

ҳар як ноҳияи иқтисодӣ дараҷаи рушди хоҷагии ноҳияҳои сусттараққикардаро бо ноҳияҳои пешқадам (то ҳадди имкон) наздик кардан мумкин аст. Дар ин сурат ҳар як ноҳияи иқтисодӣ метавонад дар пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии соҳибихтиёри мо саҳми арзанда гузорад.

Дар оянда баробари ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, барои беҳтар ва устувор намудани вазъи экологӣ, аз ҷумла муҳофизат ва истифодаи самараноки манбаъҳои об ва бо обтаъминкунии истеҳсолоту аҳолӣ чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Ғайр аз ин, азнавбарқароркунии заминҳои азкорбаромада, ташкили зинаҳои муҳофизати хок дар ҷойҳои сершамол, такмил додани технологияи (тарзи коркард) корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, коркарди партовҳои хоҷагӣ ва ғайра хеле муҳим мебошанд. Ҳалли оқилонаи ин масъалаҳо барои беҳтар намудани рушди устувори иқтисодӣ ва вазъи экологии ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.



*Рушди мошинсозӣ ва саноати сабук маблағи нисбатан кам талаб карда, барои ба кор ҷалб кардани қисми зиёди одамон шароити мусоид фароҳам меорад. Рушди комплекси кишоварзию саноатӣ (ККС) барои иҷрои барномаи озуқа мусоидат мекунад. Дар оянда баробари ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳо боиси такмилёбии ташкили минтақавии хоҷагии халқ мегардад.*



*1. Дар марҳалаи ҳозира масъалаи аввалиндараҷаи ҷумҳурӣ аз чӣ иборат аст? Дар ҷойгир намудани корхонаҳои нав ба кадом омилҳо диққат додан лозим аст? Дар оянда кадом самтҳои тараққиёти ҷумҳурӣ нисбатан муҳим мебошанд?*



*1. Дар рушди минбаъдаи соҳаҳои истеҳсолӣ ба кадом масъалаҳо диққат дода мешавад? 2. Кадом соҳаҳо ба қувваи барқ бештар ниёз доранд? 3. Дар оянда рушди кадом соҳаҳои саноатӣ самаранок аст? 4. Саҳми соҳаи агросаноатӣ дар пешрафти иқтисодиёт чӣ гуна хоҳад буд? 5. Барои беҳтар намудани вазъи экологӣ чӣ гуна чораҳо андешида мешаванд?*

# БОБИ III
# ТАШКИЛИ МИНТАҚАВИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

## § 30. НОҲИЯБАНДИИ ИҚТИСОДӢ ВА СИКЛҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

*Тақсимоти маъмурии Тоҷикистонро ба хотир оред. Дар ҷумҳурӣ кадом ноҳияҳои табиӣ-географиро медонед? Ноҳияи иқтисодӣ -географӣ оё аз ноҳияи табиӣ -географӣ фарқ дорад?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чӣ маълумот пайдо мекунед?**

- *Чаро дар кишвар ноҳиябандии иқтисодӣ карда мешавад?*
- *Принсипҳои ноҳиябандии иқтисодӣ кадомҳоянд?*
- *Ноҳиябандии иқтисодӣ ва алоқамандии сиклҳои истеҳсолӣ дар чист?*

Ноҳиябандии иқтисодӣ яке аз фишангҳои асосии такмил додани ташкили ҳудуди истеҳсолот мебошад.

**Луғати географӣ**

*Қисми алоҳидаи мамлакатро, ки бо мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, соҳаҳои махсусгардонидашуда ва имкониятҳои тараққиёти ояндаи хоҷагӣ аз дигар ҳудудҳои мамлакат фарқ мекунад,* ***ноҳияи иқтисодӣ*** *меноманд.*

Бинобар он, ба ин масъала дар ҳамаи мавридҳои ислоҳоту рушди иқтисодӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад, зеро ҷудо намудани ҳудуди ҷумҳурӣ ба ноҳияҳои иқтисодӣ барои ҳалли масъалаҳои оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда, самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ равона карда шудааст. Дар ин сурат ҳар як ноҳияи иқтисодӣ зимни дуруст истифода бурдани шароити табиӣ ва иқтисодӣ ба истеҳсоли як ё якчанд навъи маҳсулот махсус гардонида мешавад. Одатан, як қисми маҳсулот ба дигар ноҳияҳо ва берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ бароварда, ба ивази он маҳсулоти зарурӣ оварда мешавад.

Чунин шакли мубодилаи иқтисодиро тақсимоти географӣ, ё ки ҳудудӣ меноманд, ки дар махсусгардонии ноҳияҳои иқтисодии алоҳида зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, ташаккулёбии ноҳияҳои иқтисодӣ натиҷаи тақсимоти меҳнат мебошад, ки он

пайдоиши таърихӣ дорад. Баробари рушд ёфтани тақсимоти ҳудудии меҳнат ноҳияҳои иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Ҳар яки онҳо махсусгардонии алоҳидаро инъикос намуда, қисми таркибии комплекси хоҷагии халқ ба ҳисоб меравaнд. Одатан, ноҳияҳои иқтисодӣ бо соҳаҳои махсусгардида ва тараққиёти комплексии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ин ба он маъно, ки дар ноҳияҳои иқтисодӣ на фақат соҳаҳои махсусгардида, инчунин, соҳаҳои ёрирасон ва хизматрасони бо ҳам алоқаманд амал мекунанд. Ҳар яки ин соҳаҳо дар тараққиёти комплекси хоҷагӣ вазифаи хосро иҷро менамоянд. Ба соҳаҳои махсусгардида дар миқёси ҷумҳурӣ ҳамон соҳаҳое дохил мешаванд, ки маҳсулоти онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи дигар ноҳияҳои иқтисодӣ ва содирот нигаронида шудааст, чунончи, дар Тоҷикистон истеҳсоли алюминий, пахта ва ғайра. Соҳаҳои ёрирасон ҳамон соҳаҳоеро мегӯянд, ки тараққиёти мунтазами соҳаҳои махсусгардонидаро таъмин менамоянд. Масалан, истеҳсоли лӯлаҳо (қубурҳо), новаҳо барои обёрии пахтазор, корхонаҳои абрешим дар истеҳсоли матои шоҳӣ, истеҳсоли зарфҳои шишагӣ барои саноати консерв ва винобарорӣ. Ба соҳаҳои хизматрасон он соҳаҳо мансуб мебошанд, ки аҳолиро бо хӯрокворӣ, пойафзор, либос, маҳсулоти кешбофӣ ва дигар ашёи зарурии рӯзгор таъмин менамоянд. Бояд гуфт, ки ин се гурӯҳи соҳаҳои бо ҳам алоқаманди истеҳсолот ҳамон вақт мунтазам инкишоф меёбанд, ки дар ҳар ноҳияи иқтисодӣ оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, силсилаи васеи хатҳои барқ ва нақлиёти маҳаллӣ ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, ноҳияҳои иқтисодӣ дар системаи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ на танҳо бо тахассуси хоҷагӣ, комплекси хосси соҳаҳои истеҳсолӣ ва дараҷаи рушди худ фарқ мекунанд, балки воҳиди томи истеҳсолию ҳудудӣ ҳисоб меёбанд.

Дараҷаи рушди ноҳияҳои иқтисодиро на танҳо пешрафти умумии иқтисодӣ, балки дараҷаи ташаккулёбии комплекси ҳудудию истеҳсолӣ (КҲИ) низ муайян менамояд. Комплексҳои истеҳсолӣ бошанд, аз ҷиҳати ташаккулёбӣ ва сатҳи рушд дар зинаҳои гуногун меистанд. Танҳо он комплексҳоро рушдёфта меноманд, ки сиклҳои пурраи истеҳсолӣ дошта бошанд. Яъне, дар онҳо истеҳсоли ашёи хом, коркарди он, истифодаи пурраи

партовҳои истеҳсолӣ, муҳофизат ва барқарор намудани сарватҳои табиӣ дар якҷоягӣ ба амал ояд. Аз ин рӯ, ташаккулёбӣ ва дараҷаи рушди комплексҳои истеҳсолӣ дар ҳамаи ноҳияҳои иқтисодӣ як хел нест.

Ҳамин тариқ, ноҳияҳои иқтисодӣ ҳудуди махсусгардидае мебошанд, ки аз дигар ноҳияҳои иқтисодӣ на танҳо бо мавқеи географӣ, захираҳои корӣ, табиӣ, тахсиси умумиҷумҳурӣ, балки бо вақти ташаккулёбӣ, сатҳи рушди комплексҳои ҳудудию истеҳсолии худ фарқ мекунанд. Инро мавриди омӯхтани ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дарк кардан мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои асосие, ки тахассуси ноҳияро ифода мекунанд, аз инҳо иборатанд: нисбат ба талабот бештар истеҳсол кардани маҳсулот, арзон будани маҳсулот, мавҷудияти заминаи калони ашёи хоми ин маҳсулот.

Дар асоси ин қонуниятҳо, инчунин, нишондиҳандаҳои тахассус, метавон гуфт, ки муҳимтарин соҳаҳои тахассуси хоҷагии халқи Тоҷикистон инҳоянд: қувваи барқ, металлургияи ранга, саноатҳои химия, абрешим, пашм, газворҳои пахтагӣ, меваю сабзавот, консерва ва шаробпазӣ, ки манбаи ашёи хом ба шумор мераванд. Рушди хоҷагии халқ дар ҳар қисми ҷумҳурӣ гуногун аст. Масалан, металлургияи ранга асосан дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷанубӣ, абрешим ва пашм дар шимол, газворҳои пахтагӣ ва равғанкашӣ дар ҷануб тараққӣ кардаанд.

**Сиклҳои истеҳсолӣ.** Дар шароити ҳозира соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғайра на танҳо чун соҳаҳои алоҳида амал мекунанд, балки бо ҳам вобаста тараққӣ меёбанд. Ин ду ҷиҳати хосси соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ (соҳавӣ ва бо ҳам алоқаманд рушдёбӣ) водор менамоянд, ки онҳоро бо методи соҳавӣ ва сиклҳои истеҳсолӣ таҳлил намоем. Бо методи соҳавӣ он корхонаҳое омӯхта мешаванд, ки маҳсулоти якхела (мисол, саноати хӯрокворӣ) истеҳсол мекунанд ва вобаста ба он ба ин ё он соҳа мансуб дониста мешаванд. Асоси онҳоро ашёи хом, технология ва истеҳсоли маҳсулоти якхела ташкил менамоянд. Аз ин лиҳоз, методи соҳавӣ ҳамаи он алоқамандиҳои печдарпечу

мураккаберо, ки дар ҷараёни истеҳсолот амал мекунанд, пурра ба ҳисоб гирифта наметавонад. Аз ҷумла, методи соҳавӣ вобастагии технологии байни корхонаҳоеро, ки як хел ашёи хомро истифода мебаранд (мисол, истеҳсоли пахта, нахи он, ресандагӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ, равғанкашӣ, собунпазӣ ва кунҷора), дар ҳудуди ҷудогона ҷойгир шудаанд ва ба соҳаҳои гуногуни саноат дохил мешаванд, ба инобат мегирад. Ҳол он ки корхонаҳое, ки як навъи ашёи хомро истифода мебаранду ба соҳаҳои гуногуни саноат дохил мешаванд, бо якдигар на танҳо алоқаи умумииқтисодӣ, балки истеҳсолию технологӣ низ доранд. Чунин ҷараёнҳои муштараку омехтаи истеҳсолиеро, ки дар байни соҳаҳои гуногуни саноат зимни коркарди пурраи ашёи хом ва партови он сурат мегиранд, фақат тавассути методи сиклҳои истеҳсолӣ омӯхтан мумкин аст.

Методи сиклҳои истеҳсолиро бори аввал Н. Колосовский пешниҳод кардааст. Мувофиқи ақидаҳои ӯ робитаҳои устувори истеҳсолии бо ҳам алоқаманд, ки дар атрофи як истеҳсолоти асосӣ рушд меёбанд, сикли истеҳсолӣ номида мешаванд. Сиклҳои истеҳсолӣ асоси комплексҳои ноҳияҳои иқтисодиро ташкил менамоянд. Вобаста ба омилҳои иқтисодӣ ва технологӣ сиклҳои истеҳсолӣ дар ҳудудҳои муайян як хел рушд намеёбанд. Қисми онҳо тамоми зинаҳои технологӣ, яъне аз истеҳсоли ашёи хом, коркарди ибтидоии он то истеҳсоли маҳсулоти тайёру истифодаи партовҳоро дар бар мегиранд. Онҳоро сиклҳои истеҳсолии пурра меноманд. Сиклҳое, ки тамоми зинаҳои технологию истеҳсолиро дар бар намегиранд, сиклҳои нопурра номида мешаванд.

Мувофиқи методи сиклҳои истеҳсолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сиклҳои зерини ҳудудию истеҳсолӣ инкишоф ёфтаанд: сикли истеҳсолии металлургияи ранга, газу энергохимиявӣ, гидроэлектрометаллургӣ, электрохимиявӣ, аграрию саноатӣ, индустрию сохтмон ва ғайра.

**Сикли истеҳсолии металлургияи ранга** нопурра буда, истихроҷи маъдани металлҳои ранга, нармкунӣ ва коркарди онро дар бар мегирад. Корхонаҳои ин сикл дар шаҳракҳои Адрасмон, Консой, Табошар, Чоруқдарон, Майхӯра, Анзоб ҷойгир шудаанд. Маҳсулоти сикл аз консентрати (хокаи металл) руҳ, сурб, симоб, сурма, волфрам ва ғайра иборат аст.

Аз сабаби набудани корхонаи металлгудозӣ он консентратҳо берун аз ҷумҳурӣ ба фурӯш бароварда мешаванд.

**Сикли истеҳсолии газо энергохимиявӣ** ҳамагӣ як корхона дорад, ки дар шаҳри Сарбанд воқеъ гардидааст. Дар ин корхона дар асоси гази табиӣ ва ашёи хоми кашонида нуриҳои минералии азотӣ истеҳсол мекунанд, ки дар кишоварзӣ васеъ истифода мебаранд. Як қисми он ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бароварда мешавад.

**Сикли истеҳсолии электрохимиявӣ** дар асоси қувваи барқи НБО-и Норак, намаки ошӣ ва оҳаксанги маҳаллӣ ташаккул ёфтааст. Корхонаҳои ин сиклро конҳои истихроҷи намак, оҳаксанг ва заводи электрохимиявии Ёвон ташкил мекунанд. Мувофиқи нақшаи инкишофи минбаъда сикли мазкур масолеҳи синтези хлороорганикӣ, содаи каустикӣ, нурии минералӣ, воситаҳои химиявии муҳофизати зироатҳо, масолеҳи полимерӣ истеҳсол мекунад. Маҳсулоти онро асосан дар ҷумҳурӣ истифода мебаранд. Боқимондаи он ба дигар давлатҳо бароварда мешавад.

**Сикли истеҳсолии гидроэлектрометаллургӣ** нопурра мебошад. Вай дар асоси қувваи барқи маҳаллӣ ва ашёи хоми кашонида кор мекунад. Корхонаи асосии сикл заводи алюмини Тоҷикистон (ш.Турсунзода) мебошад. Дар завод аз гилхок алюминий истеҳсол мекунанд. Аз партови заводи мазкур зарфҳои чинӣ месозанд. Барои муҳофизати муҳити атроф завод бо таҷҳизоти газ, чангу ғубортозакунанда ҷиҳозонида шудааст.

**Сикли истеҳсолии аграрию саноатӣ** яке аз сиклҳои асосӣ буда, бо сершохагии худ фарқ мекунад. Асосан аз ду шохаи калон иборат аст: саноатӣ – аграрӣ ва индустриявӣ ва агрогидромелиоративӣ. Умумияти ин шохаҳо дар он аст, ки онҳо дар асоси оқилона истифода бурдани захираҳои обу замин, малакаи аҳолӣ ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ кор мекунанд. Дар баробари ин, онҳо аз якдигар фарқ ҳам мекунанд. Ҷиҳати хосси шохаи агрогидромелиоративӣ обёрии механикӣ мебошад. Бинобар ин шоха ғайр аз истеҳсоли пахта, маҳсулоти боғу токдорӣ, кирмакпарварӣ ва коркарди онҳо, инчунин корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмон, каналу иншооти гидротехникӣ, мошину механизмҳои обёрикунанда,

лӯла ва рӯпӯшҳои оҳанубетониро дар бар мегирад. Ҳар ду шохаи сикли кишоварзӣ-саноатӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд, зеро тамоми маҳсулоте, ки ин шохаҳо истеҳсол мекунанд, дар корхонаҳои саноатӣ бо технологияи якхела (вобаста ба навъи маҳсулот) коркард мешаванд. Зинаҳои гуногуни онҳо дар шаҳрак ва шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд. Корхонаҳои калонтарини сикл дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Панҷакент, Бохтар, Конибодом, Кӯлоб ва ғайра воқеъ гардидаанд. Аксар вақт онҳо дорои сикли пурраи истеҳсолӣ мебошанд.

**Сикли индустриалӣ-сохтмонӣ** истихроҷи оҳаксанг, мергел, гил, сангмайда, озокерит, хокаи сурх, конгломерат (ҷинсҳои кӯҳии боҳамчаспида), мармар, санги хоро, истеҳсоли маснуоти сохтмон (семент, гаҷ, керамзит, хишт, оҳак, ранг, муму бетон), таҷҳизоти оҳанубетонӣ, болохонаҳо, тахтабетони деворӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Зинаи охирини сиклро **сохтмон** ташкил менамояд. Хусусиятҳои хосси ин сикл аз он иборат аст, ки ҳангоми тайёр кардани маснуоти сохтмон миқдори зиёди ашёи хом, об ва энергияву сӯзишворӣ сарф мешавад. Корхонаҳои ин сикл дар шаҳрҳои Исфара, Хуҷанд, Гулистон, Панҷакент, Истаравшан, Душанбе, Ваҳдат, Кӯлоб, Бохтар ва Ёвон ҷойгир шудаанд.



*Ноҳиябандии иқтисодӣ яке аз фишангҳои асосии такмил додани ташкили ҳудуди истеҳсолот мебошад. Ташаккулёбии ноҳияҳои иқтисодӣ натиҷаи тақсимоти меҳнат мебошад. Ноҳияҳои иқтисодӣ бо соҳаҳои махсусгардида ва тараққиёти комплексии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Дараҷаи рушди ноҳияҳои иқтисодиро на танҳо пешрафти умумии иқтисодӣ, балки дараҷаи ташаккулёбии комплекси ҳудудию истеҳсолӣ (КҲИ) низ муайян менамояд. Комплексҳои истеҳсолӣ бошанд, аз ҷиҳати ташаккулёбӣ ва сатҳи рушд дар зинаҳои гуногун меистанд. Методи сиклҳои истеҳсолиро бори аввал Н. Н. Колосовский пешниҳод кардааст. Сиклҳои истеҳсолӣ асоси комплексҳои ноҳияҳои иқтисодиро ташкил менамоянд. Мувофиқи методи сиклҳои истеҳсолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сиклҳои зерини ҳудудию истеҳсолӣ инкишоф ёфтаанд: сикли истеҳсолии металлургияи ранга, газоэнергохимиявӣ, гидроэлектрометаллургӣ, электрохимиявӣ, аграрию саноатӣ, сохтмон ва ғайра.*



*1. Моҳияти ноҳиябандии иқтисодӣ дар чист? Дараҷаи рушди ноҳияҳои иқтисодиро чӣ тавр муайян мекунанд? Сикли истеҳсолӣ чист? Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом сиклҳои пурра ва нопурраи истеҳсолӣ рушд ёфтаанд?*



*1. Ба ақидаи шумо, оё дар шароити Тоҷикистон махсусгардонӣ самаранок аст? 2. Сикли пурра ва нопурра аз ҳам чӣ фарқ доранд? 3. Методи соҳавӣ ва сиклии омӯзиши истеҳсолот аз ҳам чӣ фарқ доранд?*



*1. Махсусгардонии ноҳияи иқтисодиро чӣ тавр маънидод кардан мумкин аст? 2. Хоҷагии ноҳияҳоро чӣ гуна ба таври комплексӣ рушд додан мумкин аст? 3. Магар ноҳиябандии иқтисодӣ зарур аст? 4. Ба таври комплексӣ тараққӣ додани ноҳияҳо чӣ манфиат дорад? 5. Оё дар Тоҷикистон сиклҳои пурра вуҷуд доранд?*

## § 31. КОМПЛЕКСИ ҲУДУДИЮ ИСТЕҲСОЛИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ (КҲИТҶ)



*1. Комплекси хоҷагии халқ гуфта чиро мефаҳмед? 2. Кадом комплексҳои соҳавӣ ва байнисоҳавиро медонед? 3. Моҳияти комплексҳои истеҳсолӣ дар чист?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чиҳо маълумот пайдо мекунед?**

- *Комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ кадом ноҳияҳои Тоҷикистонро дар бар мегирад?*
- *Истеъмолкунандагони асосии қувваи барқро дар комплекс номбар кунед?*

Қисми зиёди ҳудуди ҷумҳурӣ (ғайр аз ноҳияҳои иқтисодии Суғд ва Бадахшон) ба комплекси ҳудудиву истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ (КҲИТҶ) мансуб аст. Дар комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ аксари корхонаҳо ба якдигар алоқаманд мебошанд, бинобар ин, ҳосилнокии меҳнат меафзояд. Комплекси мазкур нуқтаи асосии хоҷагии халқи тамоми ҷумҳурӣ мебошад.

| | |
|---|---|
| **Луғати географӣ** | *Корхонаҳои бо ҳам алоқаманду вобаста, ки аз ҷойгиршавӣ, мавҷудияти инфрасохтори умумӣ, заминаи кадрӣ, манбаъҳои энергия ва ғайра дар маҳалли муайян маҳсулнокии меҳнат меафзояд,* ***комплекси ҳудуди истеҳсолӣ*** *ном дорад.* |

КҲИТҶ дар қисми ҷануби ғарбии Тоҷикистон ҷойгир буда, ноҳияҳои иқтисодии Ҳисор, Рашт, Бохтар ва Кӯлобро дар бар мегирад. Масоҳаташ 53,2 ҳаз. км$^2$ (зиёда аз 37 дарсади қаламрави ҷумҳурӣ) буда, дар он зиёда аз 60 дарсади аҳолии Тоҷикистон зиндагӣ мекунад. Ба ташаккули комплекс мавҷудияти захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ, ашёи хом, қувваи корӣ, замини ҳосилхез ва шароити иқлим мусоидат кардааст. Аз ҳудуди комплекс қариб нисфи дарёҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мегузаранд. Иқтидори гидроэнергетикии дарёҳои калон ва миёнаи КҲИТҶ дар ҷумҳурӣ 65,4% ва дар Осиёи Миёна 35%-ро ташкил медиҳанд. Фақат рӯдҳои Вахш ва Панҷ метавонанд дар як соат 144 млрд. квт қувваи барқ истеҳсол кунанд.

Азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии комплекс хусусияти муштарак дорад. Дар баробари истеҳсоли қувваи барқ масъалаи корам кардани заминҳои нав низ ҳал шуда истодааст. Обанбори Норак имкон дод, ки даҳҳо ҳазор гектар замини водии Ёвону Обикиик обёрӣ карда шаванд. Дар солҳои наздик НБО-и Роғун пурра ба истифода дода хоҳад шуд. Ҳоло дар дарёи Вахш ғайр аз НБО-ҳои Норак ва Бойғозӣ, инчунин НБО-ҳои Сарбанд, Марказӣ ва Шаршар, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2 низ кор мекунанд. Дар оянда низ боз НБО-и Шӯроб сохта мешавад.

Истеъмолкунандагони асосии қувваи барқ дар комплекси мазкур заводи алюминий ва заводи электрохимиявии Ёвон мебошанд. Дар ҳудуди комплекс зиёда аз 100 кони сарватҳои зеризаминӣ ёфт шудаанд (нафт, газ, ангишт, волфрам, шпати саҳроӣ, намаки ош, оби минералӣ ва ғайра). Аз ҷиҳати захираи намак, стронсий ва ашёи хоми карбонатӣ барои саноати химия комплекс на фақат дар ҷумҳурӣ, балки дар Осиёи Миёна низ мавқеи хосро ишғол мекунад.

Дар ин комплекс ба вуҷуд омадани марказҳои нави саноатӣ сабаби тез афзудани аҳолии шаҳр гардид. Вазни қиёсии аҳолии шаҳр аз 31,5 дарсад ба 38,4 дарсад (2018) расид. Аҳолии комплекс дар оянда низ хеле зиёд хоҳад шуд. Бо мақсади оқилона истифода бурдани қувваи корӣ ва бо кор таъмин кардани аҳолии қобили меҳнат зарур аст, ки соҳаҳои хурду миёнаи саноат на танҳо дар шаҳрҳои бузург, балки дар шаҳрҳои хурду миёна низ инкишоф дода шаванд.

# КОМПЛЕКСИ ҲУДУДИЮ ИСТЕҲСОЛИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ



Дар КҲИТҶ вазни қиёсии саноати сабук (зиёда аз 40 дарсади маҳсулоти умумӣ) ва хӯрокворӣ (22,5 дарсад) калон аст. Дар комплекс, хусусан, электроэнергетика, металлургияи ранга, мошинсозӣ ва саноати химия бештар рушд ёфтаанд. Энергетика соҳаи асосии комплекс буда, дар атрофи он дигар соҳаҳои саноат ташаккул меёбанд. Саноати сабук дар оянда ҳам яке аз соҳаҳои тахассусии комплекс хоҳад буд. Дар баробари саноати пахтатозакунӣ соҳаҳои саноати матоъҳои пахтагин низ ривоҷ меёбанд.

Барои рушди комплекси кишоварзию саноатӣ дар ҳудуди КҲИТҶ ҳама гуна шароит мавҷуд аст. Дар комплекс ҷойи асосиро пахтакорӣ ишғол мекунад. Дар зиёда аз 40 дарсади киштзорҳо пахта мекоранд.

Ғайр аз пахтакорӣ дар комплекс соҳаҳои заҳматталаби истеҳсолоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, токдорӣ ва сабзавоткорӣ инкишоф ёфтаанд. Солҳои охир ситруспарварӣ низ дар авҷ аст. Аз ҷиҳати истеҳсоли лимӯ КҲИТҶ, хусусан водии Вахш, дар ИДМ ҷойи якумро мегирад. Дар заминҳои лалмӣ токпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Дар баъзе хоҷагиҳои Фахробод аз як гектар токзори лалмӣ 180-200 сентнер ангур мегундоранд. Меваҷоти дар КҲИТҶ истеҳсолшуда имкон медиҳад, ки талаботи аҳолӣ пурра қонеъ карда, қисми маҳсулот ба дигар ҷумҳуриҳо фиристода шавад. Барои бо меваю сабзавот ва зироати полизӣ таъмин кардани шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки киштзори онҳо зиёд ва анбору яхдонҳои нав сохта шаванд

Баъди пурра аз худ кардани даштҳои Данғараю Бешкент дар назар дошта шудааст, ки дар зиёда аз 100 ҳазор гектар замини нав хоҷагиҳои пахтакорӣ ташкил карда шаванд. Хоҷагиҳои сабзавоткорӣ ва боғу токпарварӣ низ ташкил карда хоҳанд шуд.

Аз соҳаҳои чорводорӣ дар комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ гӯсфандпарварӣ ва говпарварӣ рушд ёфтааст. Хоҷагиҳои комплекс аз ҷиҳати истеҳсоли пӯсти қарокӯлӣ ва пашм дар ҷумҳурӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Ба рушди мурғпарварӣ низ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Қаламрави комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ бо нақлиёт нағз таъмин гардидааст. Дарозии роҳи оҳан тақрибан ба 350 км (қариб 70 дарсади ҳамаи роҳи ҷумҳурӣ) мерасад. Нақлиёти автомобилӣ низ ривоҷ ёфтааст. Тақрибан

65 дарсади роҳҳои автомобилгарди комплекс мумфарш мебошанд. Нақлиёти лӯлавӣ (қубурӣ) вобаста ба дараҷаи талаботи ба газ доштаи Тоҷикистони Ҷанубӣ инкишоф меёбад.

Барои тақсимоти географии меҳнат саҳм гирифтани ҷумҳурӣ тезонидани рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ аҳаммияти калон дорад. Қисмҳои алоҳидаи комплекс на танҳо аз рӯйи масоҳат, шумораи аҳолӣ ва шароити табиию иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати таркиб ва тахассуси истеҳсолӣ низ тафовут доранд.



*Дар комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ аксари корхонаҳо ба якдигар алоқаманд мебошанд. КҲИТҶ дар қисми ҷануби ғарбии Тоҷикистон ҷойгир буда, ноҳияҳои иқтисодии Ҳисор, Рашт, Бохтар ва Кӯлобро дар бар мегирад. Азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии комплекс хусусияти муштарак дорад. Истеъмолкунандагони асосии қувваи барқ дар комплекси мазкур заводи алюминий ва заводи электрохимиявии Ёвон мебошанд. Дар комплекс, хусусан, электроэнергетика, металлургияи ранга, мошинсозӣ ва саноати химия бештар рушд ёфтаанд. Қаламрави комплекс бо нақлиёт нағз таъмин аст. Қисмҳои алоҳидаи комплекс на танҳо аз рӯйи масоҳат, шумораи аҳолӣ ва шароити табиию иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати таркиб ва тахассуси истеҳсолӣ низ тафовут доранд.*



1. *Комплекси ҳудудию истеҳсолӣ чист ва чӣ афзалият дорад? Заминаҳои табиӣ ва иқтисодии ташаккулёбии КҲИТҶ кадомҳоянд? Заминаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ вуҷуд дорад? Агар ҳа, онро шарҳ диҳед.*



*1. Аз харита, атлас ва харитаи дар китоби дарсӣ овардашуда истифода намуда, иншооти саноатиро ёбед, оид ба соҳаҳои тахассусии комплекс маълумот диҳед. 2. Дар харитаи тарҳӣ иншооти асоситарини ин комплексро гузаронед.*



*1. Оё зарурати тахсиси чунин комплекс дар шароити имрӯза мавҷуд аст? 2. Бо назардошти кадом сарватҳо ин комплекс қомат афрохт? 3. Кадом соҳаҳои асосии саноат ва хоҷагии кишоварзии КҲИТҶ-ро медонед? 4. Равияҳои инкишофи минбаъдаи КҲИТҶ-ро шарҳ диҳед.*

## § 32. НОҲИЯҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

***Ба хотир оред:*** *Ноҳияи иқтисодӣ чист ва кадом қонуниятҳои ноҳиябандиро медонед? Комплекси хоҷагии халқи ноҳияҳои иқтисодӣ аз кадом гурӯҳи соҳаҳо ташаккул меёбад?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чӣ маълумот пайдо мекунед?**

- *Дар Тоҷикистон чанд ноҳияи иқтисодӣ мавҷуд аст?*
- *Соҳаҳои тахассусии ин ноҳияҳои иқтисодӣ кадомҳоянд?*
- *Ноҳияҳои иқтисодӣ кадом хусусиятҳои монандӣ ва фарқкунанда доранд?*

Дар асоси ба инобат гирифтани қонуниятҳои ноҳиябандӣ ва самти тахассуси хоҷагӣ дар Тоҷикистон 6 ноҳияи иктисодиро ҷудо кардан мумкин аст: Суғд, Ҳисор, Вахш, Кӯлоб, Рашт ва Бадахшон. Ноҳияҳои иқтисодии Тоҷикистон аз дигар ноҳияҳо бо он фарқ мекунанд, ки дар байни худ сарҳадҳои табиӣ низ доранд (қаторкӯҳҳо, бахшгоҳҳо). Ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ аз ҳамдигар бо мавқеи географӣ, шароити табииву сарватҳо, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, соҳаҳои махсус гардонидашуда ва имкониятҳои тараққиёти ояндаи хоҷагӣ фарқ мекунанд.

Дар поён тавсифи мухтасари ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ аз рӯйи нақшаи зерин оварда мешавад: тақсимоти маъмурӣ ва мавқеи географӣ, шароити табиӣ ва сарватҳо, аҳолӣ, хоҷагӣ (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт), робитаҳои иқтисодӣ ва инкишофи хоҷагӣ дар оянда.

**Ноҳияи иқтисодии Суғд** шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Истиқлол, Гулистон, Истаравшан, Панҷакент, Шӯроб, Бӯстон, ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Зафаробод, Исфара, Конибодом, Шаҳристон, Спитамен, Мастчоҳ, Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов, Хуҷанд, Истаравшан, Кӯҳистони Мастчоҳ, Панҷакент ва Айниро дар бар мегирад. Масоҳати умумиаш 25,4 ҳаз. км$^2$, аҳолиаш зиёда аз 2,5 млн нафар аст.

Ноҳияи иқтисодии Суғд дар қисми шимоли ҷумҳурӣ ҷойгир буда, водии дарёи Сир ва доманакӯҳҳои атрофи онро дар бар мегирад. Иқлими ноҳия хушк ва континентӣ буда, вобаста ба дараҷаи баландии маҳал тағйир меёбад. Олами набототаш гуногун аст: аз набототи биёбонӣ (дар поён) то марғзорҳои алпию субалпӣ, ки дар баландии зиёда аз 2500 м ҷойгиранд (чун чарогоҳ истифода мешаванд).

Ноҳияи иқтисодии Суғд аз нафт, ангишти бӯр, полиметаллҳо, висмут, оҳак, намак, молибден, масолеҳи сохтмон ва ғайра ғанӣ аст, аҳолии ноҳия зич ҷойгир буда, бо қувваи корӣ таъмин мебошад, бахусус аҳолии шаҳр босуръат меафзояд (дар даҳсолаи охир 28,5 дарсад зиёд шуд).

**Хоҷагӣ.** Дар тӯли солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар хоҷагии халқи ноҳияи Суғд тағйироти куллӣ ба амал омад. Яке аз чунин тағйирот сохтани НБО-и Қайроққум дар дарёи Сир буд. Ин неругоҳи барқи обӣ «Дӯстии халқҳо» ном дорад, зеро дар сохтмони он намояндагони 37 миллат иштирок кардаанд. Иқтидори неругоҳ 126 ҳаз. квт буда, соле 700 млн. квт соат қувваи барқ истеҳсол мекунад.

Дар ноҳияи иқтисодии Суғд соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ тараққӣ кардаанд. Илова бар ин, дар ноҳия чунин соҳаҳои саноат, аз қабили мошинсозӣ, коркарди металл, маъдан, масолеҳи сохтмон ривоҷ ёфтаанд. Дар заминаи сарватҳои зеризаминӣ комбинатҳои маъдани Адрасмон ва Анзоб кор мекунанд. Дар ноҳия истихроҷи ангишт (Шӯроб), нафт (Нафтобод, Айритон), намак (Қамишқӯрғон) ва масолеҳи бинокорӣ ба роҳ монда шудааст. Корхонаҳои саноати сабук (комбинатҳои абрешим ва қолинбофӣ) ва хӯрокворӣ (пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, консерваи мева) ҷойгир шудаанд. Чанд сол боз корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин «Зарафшон» (истеҳсоли тилло) фаъолият дорад.

**Кишоварзӣ** аз соҳаҳои зерин иборат аст: пахтакорӣ, боғдорӣ, тамокукорӣ ва чорводорӣ. Инкишофи пахтакорӣ ва боғдорӣ ба обёрӣ ниҳоят марбут аст. Заминҳо асосан аз дарёҳои кӯҳӣ (Оқсу, Хоҷабоқирғон, Исфара) тавассути канал ва стансияҳо обёрӣ карда мешаванд. Дар боғҳои ин ноҳияи иқтисодӣ зардолу, шафтолу, себ, нок парвариш меёбанд. Яке аз соҳаҳои асосии зироат токдорӣ аст (асосан навъҳои ангури мавизбоб ва хӯрокӣ). Кишмиши сиёҳ ва сафеди Истаравшан шуҳрати беандоза дорад. Дар водии Зарафшон қисми зиёди боғҳоро зардолузорҳо ташкил медиҳанд. Навъҳои зардолуи маҳаллии фалғарӣ, мирсанҷалӣ, моҳтобии ноҳияи иқтисодии Суғд дар натиҷаи корам шудани даштҳои Ашти калон, Дилварзин, Маҳрам ва ғайра зиёд шуда истодааст. Бахри рушди минбаъдаи

кишоварзӣ беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва таъмину таҷдиди иншооти обёрӣ аҳаммияти калон дорад.

Шароити табиию иқтисодии ноҳия (фаровон будани об, чашмаҳои минералӣ, лойи шифобахш) барои минбаъд зиёд намудани шумораи истироҳатгоҳу шифохонаҳо мусоид аст. Дар ноҳия дармонгоҳҳои «Ҳавотоғ» ва «Зумрад» мавҷуданд, ки беморони аз дигар ҷумҳуриҳо омадаро низ қабул мекунанд.

**Шаҳри Хуҷанд** маркази калони саноату фарҳанги ноҳия ба шумор меравад. Шаҳри Хуҷанд таърихи қадим дорад. Соли 1986  2500-солагии Хуҷанд ҷашн гирифта шуд. Хуҷанд, ки дар чорроҳаи асосии тиҷорат ҷойгир буд, дар тамоми солҳои мавҷудияташ яке аз калонтарин марказҳои иқтисодию сиёсии Осиёи Миёна ба шумор мерафт. Таърихи шаҳр бо номи шоирони машҳур – Камоли Хуҷандӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Содирхони Ҳофиз ва олими маъруф Ҳоҷӣ Юсуф сахт алоқаманд аст.

Дар тӯли солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ симои фарҳангии шаҳр хеле дигаргун шуд. Дар Хуҷанд зиёда аз чор ҳиссаи ҳамаи корхонаҳои калон ҷойгир мебошанд. Дар тараққиёти саноати шаҳр аҳаммияти комбинатҳои абрешим ва консервбарорӣ, заводҳои шиша ва пахтатозакунӣ, корхонаҳои коркарди металл калон аст. Заводи пахтатозакунии шаҳр аз нав сохта ва бо технологияи нав ҷиҳозонида шудааст. Аз соҳаҳои саноати хӯрокворӣ комбинати консерви Хуҷанд, ки консервҳои меваю сабзавот, меваи хушк, шарбату афшураҳои гуногун истеҳсол мекунад, аҳаммияти калон дорад. Маҳсулоти комбинат дар дигар ноҳияю шаҳрҳо талабгорони зиёд дорад. Дар шаҳр корхонаҳои коркарди металл ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон низ мавҷуданд.

Хуҷанд маркази асосии маърифатии шимоли ҷумҳурӣ аст. Дар ин ҷо донишгоҳҳои омӯзгорӣ, технологӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, мусиқӣ ва бадеӣ мавҷуданд. Театри вилоятии мусиқию драма ва музеи таъриху кишваршиносӣ шуҳрати калон доранд. Дар Боғи ботаникии шаҳр зиёда аз 600 навъи дарахту буттаҳои Осиёи Миёна, баҳри Миёназамин, Осиёи Шарқӣ, Амрикои Шимолӣ парвариш карда мешаванд. Боғи ботаникӣ қариб ба тамоми боғҳои ботаникии ҷаҳон робитаи илмӣ дорад.

# НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ СУҒД



Дар шарқтари Хуҷанд шаҳри **Конибодом** ҷой гирифтааст, ки дар гузашта шаҳрчаи хурд буда, ҳамагӣ чанд дукони бофандагӣ дошт. Ҳоло Конибодом маркази калони саноатӣ буда, дорои корхонаҳои консервбарорӣ, пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, рехтагарию механикӣ, фабрикаи ресандагӣ, заводи «Автозапчаст» мебошад. Дар Конибодом техникуми технологӣ ва театри драма мавҷуд аст.

**Шаҳри Исфара** дар соҳили рӯди Исфара воқеъ аст. Шаҳр зуд васеъ шуда, дар оянда ба маркази муҳимми саноатӣ табдил хоҳад ёфт. Комбинати консерви Исфара аз ҷиҳати бузургӣ дар ноҳияи иқтисодии Хуҷанд ҷойи сеюмро мегирад. Дар Исфара чанд корхонаи хурд низ мавҷуданд, ки рангҳои минералӣ, масолеҳи саноат, бофандагӣ истеҳсол мекунанд. Исфара яке аз гӯшаҳои зебоманзари ҷумҳурӣ аст. Дар канори шаҳр дармонгоҳи «Зумрад» воқеъ аст, ки аҳаммияти минтақавӣ дорад.

**Истаравшан** аз ҷумлаи шаҳрҳои қадимтарини Тоҷикистон аст. То замони Шӯравӣ дар шаҳр устоҳои кандакор, гаҷкор, зардӯзҳо, заргарон бисёр буданд. Ҳоло Истаравшан шаҳри саноатӣ аст. Дар он соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ рушд ёфта истодаанд. Заводи консерви Истаравшан кишмиш, меваи хушк, консерв, шарбат истеҳсол мекунад. Дар Истаравшан фабрикаи калонтарини кешбофии ҷумҳурӣ ҷой гирифтааст. Саноати маҳаллии шаҳр низ тараққӣ дорад. Истаравшан чун пойтахти Истаравшани қадим барои муаррихон, бостоншиносон ва сайёҳон мароқангез аст. Дар Истаравшан аз ёдгориҳои таърихию меъморӣ Масҷиди Кӯкгунбаз (асри XVI), мақбараҳои Боботағо (охири асри XVI), Абдулқодири Гелонӣ (асри XVI), Чоргунбаз (асри XVIII) боқӣ мондаанд.

**Панҷакент** калонтарин маҳалли аҳолинишин ва маркази саноатии водии Зарафшон мебошад. Корхонаҳои муҳимтарини он корхонаҳои саноатӣ заводҳои консерв, хишт ва тамоку ба шумор мераванд. Дар шаҳр осорхонаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносӣ ташкил карда шудааст. Шаҳр дорои донишкадаи олӣ, омӯзишгоҳи кадрҳои омӯзгорӣ, касбҳои техникӣ ва хонаи маданият мебошад. Аз ёдгориҳои меъморӣ масҷиди Олимдодхоҳ (асри XVIII) шоёни таваҷҷуҳ аст.

Панҷакент аз ҷумлаи шаҳрҳои қадимтарини ҷаҳон мебошад. Дар ин ҷо ковишҳои димнаи Панҷакент, ки яке

аз марказҳои давлати Суғд буд, идома дорад. Панҷакенти қадим ва ҳафриёти Саразм (давраи биринҷӣ) барои тавсифи иҷтимоию иқтисодӣ ва тамаддуни он давр маълумоти аҷиб медиҳанд. Дар наздикии Панҷакент (деҳаи Панҷрӯд) мақбараи сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой гирифтааст.

Бо шарофати сохтмони НБО-и Қайроққум дар соҳили «Баҳри тоҷик» шаҳри нави замонавӣ – **Гулистон** қомат афрохт. Дар шаҳр яке аз калонтарин муассисаҳои саноати сабук – комбинати қолинбофӣ, комбинатҳои ордкашӣ ва хонасозӣ ҷойгир мебошанд. Дар соҳили баҳр ҷойҳои фароғат ва истироҳатгоҳ сохта шудаанд. Дар ноҳияи иқтисодии Суғд бинобар кашф шудани кони сарватҳои зеризаминӣ шаҳрҳои нав ба вуҷуд омаданд, масалан, Нафтобод (шаҳри нафтчиҳо), Шӯроб (шаҳри ангиштканҳо), Адрасмон, Зарафшон (шаҳри нақбканон).

**Ноҳияи иқтисодии Ҳисор** шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Турсунзода ва ноҳияҳои маъмурии Ҳисор, Турсунзода, Рӯдакӣ, Варзоб, Шаҳринав ва Файзободро дар бар мегирад. Масоҳаташ 11,5 ҳаз. км$^2$, аҳолиаш бештар 1,8 млн нафар аст.

Ноҳия водии Ҳисор ва кӯҳҳои назди онро фаро гирифта, ноҳияи аз ҳама сераҳолии ҷумҳурӣ аст. Дар ноҳия аҳолии шаҳр босуръат афзоиш меёбад.

Пеш аз давраи Ҳокимияти Шӯравӣ шуғли асосии мардуми ноҳияи иқтисодии Ҳисор ғаллакорӣ ва чорводорӣ буд. Косибӣ аҳаммияти маҳаллӣ дошт. Ҳоло дар ноҳия ҷойи асосиро соҳаҳои саноати вазнин (мошинсозӣ, металлургияи ранга, электроэнергетика), инчунин саноатҳои сабук ва хӯрокворӣ мегиранд. Пахтакорӣ, боғдорӣ, токдорӣ, сабзаваткорӣ ва чорводорӣ соҳаҳои муҳимми кишоварзии ноҳия мебошанд.

Маркази металлургияи рангаи ноҳия ва ҷумҳурӣ заводи алюминии Тоҷикистон (шаҳри Турсунзода) аст. Корхонаҳои мошинсозӣ, масолеҳи сохтмон, саноати хӯрокворӣ ва сабук низ мавҷуданд.

Шароити табиӣ ва иқлими ноҳияи иқтисодии Ҳисор барои рушди кишоварзӣ, ки ба парвариши пахта, сабзавот, ток, инчунин боғдорию чорводорӣ махсус гардонида шудааст, хеле мусоид мебошад. Ситруспарварӣ ва анҷибарпарварӣ низ ривоҷ меёбад.


НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР
Такоб
Варзоб
Шаҳринав
ТУРСУНЗОДА
Пахтаобод
Ҳисор
ДУШАНБЕ
ВАҲДАТ
Файзобод
САНОАТИ МАҲСУЛОТБАРОРӢ
Мошинсозӣ ва коркарди металлҳо
Саноати сабук
Саноати хӯрокворӣ
Дигар соҳаҳо
САНОАТӢ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТ
Саноати маъдани кӯҳӣ ва маъданистеҳсолкунӣ
Дигар соҳаҳо
Нуругоҳи барқи дизелӣ
Маъдани волфрам
Ангиштсанг
Нефт
Гази табиӣ
Доломит
Флюорит
Фосфорит
Санги мармар
Чашмаҳои маъданӣ
Рег, масолеҳи сохтмон
Оҳаксанг

Дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мамнуъгоҳи «Ромит» ҷойгир шудааст. Мамнуъгоҳ соли 1959 таъсис ёфта, масоҳати он зиёда аз 16 ҳаз. гектар мебошад. Дар мамнуъгоҳ ҳайвоноте, ки саршуморашон кам мондааст, (оҳуи холгул, хирси малла, морхӯр ва ғайра) муҳофизат карда мешаванд.

Дар ноҳия мамнуъгоҳи таърихии Ҳисор мавҷуд аст. Дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор истироҳатгоҳи «Хоҷаобигарм» ва дармонгоҳи «Шоҳамбарӣ» воқеъ гардидаанд.

Марказҳои калонтарини саноатӣ ва фарҳангии ноҳия шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода ва Ваҳдат мебошанд.

**Душанбе** пойтахти ҷумҳурӣ буда, дар қисми зебоманзара ва ҳосилхези водии Ҳисор (дар баландии 750-930 метр аз сатҳи баҳр) воқеъ гаштааст. Мувофиқи маълумоти бостоншиносон Душанбе таърихи зиёда аз 2000-сола дорад. Дар ҳудуди он бозёфтҳои давраи Юнону Бохтар (асри II то милод) мавҷуданд.

Душанбе дар давраи ҳукмронии Кӯшониён тараққӣ карда буд. Ба ин ҳафриёти маҳалҳои аҳолинишини аввали асрҳои миёна (асрҳои XI – XII) шаҳодат медиҳад (димнаҳои Шишахона, Арки Мир, Теппаи Искандар, Теппаи Испечак ва ғайра). Номи Душанбе дар маъхазҳои хаттӣ аз ибтидои асри XVIII ёдрас мешавад. То барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ин шаҳр се деҳа – Шоҳмансур, Сариосиё ва Душанбе мавҷуд буданд. Соли 1924 маркази РАСС Тоҷикистон шуд ва соли 1925 мақоми шаҳрро гирифт. Соли 1926 дар Душанбе нахустин корхонаи саноатӣ ба кор даромад. Ба Душанбе қатораи аввалин соли 1929 омадааст.

Аҳолии шаҳри Душанбе босуръат меафзояд. Соли 1926 шаҳр 5,6 ҳазор ва соли 1979 501 ҳазор нафар аҳолӣ дошт. Ҳоло дар Душанбе зиёда аз 900 ҳазор нафар зиндагӣ мекунад. Душанбе маркази калони саноатӣ буда, дорои даҳҳо корхонаҳои калон аст. Дар шаҳр корхонаҳои саноати сабук (бофандагӣ, абрешим, пойафзордӯзӣ, кешбофӣ ва ғайра) ва хӯрокворӣ (равғанкашӣ, гӯшту шир ва ғайра) фаъолият доранд. Аз корхонаҳои мошинсозӣ ва коркарди металл – заводҳои арматураи ба номи Орҷоникидзе, «Тоҷикагрегат», «Тоҷиккабел», «Тоҷиктекстилмаш», «Торгмаш», заводи

яхдонбарорӣ аҳаммияти калон доранд. Маҳсулоти ин заводҳо – яхдон, кабел, дастгоҳи бофандагӣ ва ғайра ба дигар ҷумҳуриҳо низ фиристода мешаванд. Ба тараққиёти шаҳр рушди соҳаҳои калони саноати бинокорӣ ва масолеҳи сохтмон (заводи семент, корхонаи коркарди чӯб, фабрикаи мебел, заводи маснуоти бетонӣ) таъсири мусбат расонданд.

Душанбе маркази калони илму фарҳанги Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷо Иттифоқи нависандагон ва Академияи илмҳои Тоҷикистон бо институтҳои илмӣ-таҳқиқотии худ ҷойгир мебошанд. Дар Душанбе қариб 30 мактаби олӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Русия, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, техникӣ, аграрӣ, донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ, санъат ва забонҳо, консерватория), даҳҳо театр, музей ва китобхонаҳо мавҷуданд. Бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён дар Душанбе муҷассамаи Исмоили Сомонӣ афрохта шуд.

Дар боғи ботаникӣ садҳо навъи буттаю дарахтон аз қитъаҳои гуногуни олам гирд оварда шудаанд.

Душанбе узви Федератсияи байналмилалии бародаршаҳрҳо мебошад ва бо шаҳрҳои Монастир (Тунис), Санъо (Ҷумҳурии Ямани Араб), Лусака (Замбия), Лоҳур (Покистон), Клагенфурт (Австрия), Болдер (ИМА) бародаршаҳр аст.

Дар қисми ғарбии ноҳияи Ҳисор шаҳри **Турсунзода** воқеъ гардидааст, ки бо роҳҳои автомобилгард ва оҳан ба шаҳри Душанбе пайваст мебошад. Корхонаҳои муҳимтарини шаҳр заводи алюмини тоҷик ва заводи зарфҳои чинӣ мебошанд.

**Шаҳри Ваҳдат** дар ҷойи деҳаи Янгибозор сохта шудааст. Номи қадимааш Андигон мебошад. Аҳолиаш зиёда аз 50 ҳаз. нафар мебошад. Дар шаҳр комбинатҳои ордкашӣ, хонасозӣ, заводи пахтатозакунӣ мавҷуданд.

**Ноҳияи иқтисодии Рашт** шаҳри Роғун, шаҳракҳои Ғарм, Навобод ва ноҳияҳои маъмурии Рашт, Тоҷикобод, Сангвор, Нуробод ва Лахшро дар бар мегирад. Масоҳаташ 17,1 ҳаз. км$^2$, аҳолиаш зиёда аз 300 ҳаз. нафар мебошад.

# НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ РАШТ



Ноҳияи иқтисодии Рашт дар водие воқеъ аст, ки ноҳияҳои он бо қаторкӯҳҳои сарбафалак ҷудо шудаанд. Дурӣ ва ҷудоӣ аз марказҳои саноатӣ дар гузашта боиси суст рушд ёфтани иқтисодиёти ин ноҳияи кӯҳистон гашта буд. То замони Ҳокимияти Шӯравӣ тавассути пайроҳаҳои кӯҳии танг алоқаҳои иқтисодӣ барқарор мегашт. Дар ноҳия асосан ғаллакорӣ ва чорводорӣ вуҷуд дошт.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ, баъди сохтмони роҳи автомобилгард, иқтисодиёти ноҳия босуръат боло рафт. Солҳои 40-ум ва 50-ум як қисми сокинони ин ноҳияро ба водиҳои пахтакор муҳоҷир карданд. Аз водиҳои Хингоб, Сурхоб, Камароб даҳҳо ҳазор хоҷагӣ ба водиҳои Вахшу Ҳисор кӯчонида шуданд. Соҳаи асосии иқтисодиёти ноҳия кишоварзӣ аст. Аҳолӣ асосан ба деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул мебошад. Шароити табиӣ ва иқлим, инчунин мавҷудияти қувваи корӣ ба рушди картошкапарварӣ (ҳосилнокиаш 300 с/га), боғдорӣ ва ғаллакории лалмӣ мусоидат мекунад. Ҳоло ноҳияи иқтисодии Рашт дар ҷумҳурӣ яке аз истеҳсолкунандагони асосии картошка мебошад.

Солҳои охир дар ноҳия ба боғдорӣ низ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Меваҷоти ин ҷо хеле хуштамъ аст (хусусан себу нок).

Барои боғдорӣ заминҳои нишебиашон 15°-16° мусоид аст. Дар заминҳои нишебиашон зиёд суфаҳо месозанд ва боғ бунёд мекунанд. Дар хоҷагии ба номи «50-солагии Тоҷикистон»-и ноҳияи Рашт дар 800 га нишебии талу теппаҳо зинабоғ бунёд карда шудааст. Ҳосилнокии боғҳои нав 180-200 с/га-ро ташкил медиҳад. Дар нишебии кӯҳ ва водиҳо дарахтони худрӯй: себ, бодом, чормағз, олуча низ вомехӯранд.

Аз соҳаҳои чорводорӣ бештар говпарварӣ ва гӯсфандпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Говро барои ширу гӯшт ва гӯсфандонро барои гӯшту пашм мепарваранд. Солҳои охир кирмакпарварӣ низ ба соҳаи пешқадам табдил ёфтааст. Хоҷагиҳои ноҳия аз кирмак даромади калон мегиранд.

Саноати ноҳияро корхонаҳои хурди сабуку хӯрокворӣ ташкил мекунанд.

Маркази ноҳияи иқтисодӣ шаҳраки Ғарм мебошад. Дар шаҳрак хонаи фарҳангии ба номи Ҳоҷӣ Абдулазиз, осорхонаи

таъриху кишваршиносӣ ва театри халқӣ вуҷуд доранд. На чандон дуртар аз неругоҳи барқи обии Роғун шаҳри Роғун бунёд ёфтааст, ки дорои хиёбону биноҳои зебои замонавӣ буда, онро шаҳри энергетикҳо низ меноманд.

Дар соҳили рости дарёи Сурхоб, 21 км дуртар аз Ғарм шаҳраки Навобод ҷойгир шудааст. То соли 1955 шаҳраки Навобод маркази вилояти Ғарм ва дорои бисёр муассисаҳои фарҳангию омӯзгорӣ буд.

Ҷойҳои муҳимтарини диққатҷалбкунандаи ноҳия мавзеи Чилдухтарон, дараи Камароб, қалъаи Сариҷар (асрҳои VII – VIII), мақбараи ҳазрати Бурх (асрҳои VII-XII), димнаи Чоргул (асрҳои X – XII) мебошанд.

**Ноҳияи иқтисодии Вахш** шаҳри Бохтар, ноҳияҳои маъмурии Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сарбанд, Ҷайҳун, Панҷ, Дӯстӣ, Шаҳритус, Ёвон, Қубодиён, Носири Хусрав, Кушониён ва Хуросонро дар бар мегирад. Ноҳия дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон воқеъ гаштааст. Масоҳаташ 12,6 ҳаз. км$^2$. аҳолии ноҳия 180 ҳаз. нафар мебошад.

Релйефи ноҳия мураккаб нест. Водии Вахш аз се тараф бо кӯҳҳои паст иҳота шудааст. Баландиаш аз сатҳи баҳр 350-500 метр мебошад.

Иқлими ноҳия континентии хушки субтропикист. Ҳарорати зимистон ба ҳисоби миёна –1° –3°, тобистон +30°; моҳи июл баъзан ҳарорат ба 45° мерасад. Тобистон, одатан, бориш намешавад, бинобар ин, ба киштзор об мемонанд.

То замони Ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Вахш ғалла ва каму беш пахта кишт карда мешуд. Пахтаро ба заводи пахтатозакунии Тирмиз мефиристоданд. Ноҳия баъди азхуд кардани заминҳои водии Вахш рӯ ба рушд ниҳод. Дар миёнаи солҳои 30-юм «Вахшстрой» яке аз сохтмонҳои зарбдори Иттиҳоди Шӯравӣ ҳисоб мешуд. Дар тӯли се сол дар ин ҷо канал (дарозиаш зиёда аз 100 км) сохта шуд. Бо мақсади корам кардани водӣ аҳолии ноҳияҳои кӯҳсор ба Вахш муҳоҷир карда шуданд.

Дар иқтисодиёти ноҳия аҳаммияти электроэнергетика калон аст. Дар дарёи Вахш НБО-ҳои Сарбанд, Шаршар ва Марказӣ кор мекунанд.

# НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ВАХШ



Саноати химия (заводи нуриҳои азотии Вахш ва заводи электрохимиявии Ёвон), мошинсозӣ (заводи трасформатори Бохтар ва заводи таъмири механикӣ), сабук (заводҳои пахтатозакунӣ, хӯрокворӣ), комбинати гӯшт, заводи равған ривоҷ меёбад.

Ноҳияи иқтисодии Вахш дар мамлакат яке аз ноҳияҳои асосии истеҳсоли пахтаи маҳиннах аст. Солҳои охир барои зиёд кардани замини пахта чанд системаи обёрии калон сохта шуда буд. Дар обёрии киштзорҳо аҳаммияти системаи обёрии Ёвону Обикиик калон аст. Алҳол корҳои азхуд кардани даштҳои Бешкент ва Қародум идома доранд.

Дар ноҳия стансияи субтропикҳои хушк мавҷуд аст, ки дар он навъҳои беҳтарини рустаниҳои субтропикӣ гирд оварда шудаанд (анҷир, хурмои японӣ, лимӯ ва ғайра). Баъзе навъҳои рустаниҳоро чанд сол дар хандақу плантатсияҳо санҷида, сипас дар замини хоҷагиҳо парвариш мекунанд (масалан: анҷир, лимӯ).

Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон», мавзеи «Чилучорчашма», димнаи Тахти Сангин, Тахти Қубод, Қалъаи Мир, Хоҷа Машҳад, Хоҷа Дурбод, Аҷинатеппа, Сафедмазор, Теппаи Шоҳ (асри III) аз ҷумлаи ҷойҳои ҷолиби диққати ноҳия аст. Қубодиён зодгоҳи Носири Хусрав – шоир ва файласуф асри XI мебошад.

**Шаҳри Бохтар** маркази аз ҳама калони саноатӣ ва фарҳангии ноҳияи мазкур аст. Мувофиқи маълумоти бостоншиносон шаҳр ҳанӯз қабл аз Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо (асрҳои V – VIII) бунёд шудааст. Дар маркази шаҳри Бохтар, дар теппаи баланде боқимондаи қалъаи қадим вуҷуд дорад.

Дар тӯли солҳои минбаъда Бохтар ба шаҳри саноатии калон табдил хоҳад ёфт. Дар шаҳр заводҳои трансформатор, механикӣ, пахтатозакунӣ, комбинати гӯшт, заводи равған, комбинати консерв, донишгоҳи энергетикӣ, омӯзишгоҳҳои тиббию педагогӣ, донишгоҳи омӯзгорӣ, театри давлатии мусиқию мазҳакавӣ, мактаби мусиқии кӯдакона, музеи таъриху кишваршиносӣ мавҷуданд. Чанд сол қабл роҳи оҳани Бохтар - Кӯлоб ба кор даромад.

**Ноҳияи иқтисодии Кӯлоб** шаҳрҳои Кӯлоб, Норак ва ноҳияҳои маъмурии Шӯрообод, Муъминобод, Восеъ, Кӯлоб,

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик, Фархор, Данғара ва Ховалингро дар бар мегирад.

Аҳолии ноҳия зиёда аз 1300 ҳаз. нафар ва масоҳаташ 12,0 ҳаз. $км^2$ аст. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ бинобар тараққиёти саноат аҳолии шаҳр афзуд.

Пеш асоси иқтисодиёти ноҳия ғаллакорӣ ва чорводорӣ буд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ноҳияи иқтисодии Кӯлоб ба сарзамини ғании кишоварзӣ ва саноатӣ табдил ёфт.



***Расми 30.*** *Ёдгории Ҳулбук*

Дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Ҳамадонӣ чанд заводи пахтатозакунӣ сохта шуданд. Дар шаҳри Кӯлоб заводи таҷрибавии таҷҳизоти технологӣ мавҷуд аст. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ (комбинати гӯшт, заводҳои равған, намак) ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон барои эҳтиёҷоти мардум маҳсулот мебароранд.

Дар иқтисодиёти ноҳияи Кӯлоб кишоварзӣ мақоми хосса дорад. Соҳаҳои асосии он пахтакорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва кирмакпарварӣ мебошанд. Солҳои охир токдорӣ ва шоликорӣ низ ривоҷ ёфт. Бо мақсади рушди кишоварзӣ дар ноҳия обанборҳои Балҷувон ва Селбур сохта шуданд. Аз обанбори Норак нақб сохта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки зиёда аз 100 ҳаз. га замини дашти Данғара обёрӣ карда шавад. Дар Данғара хоҷагиҳои пахтакорӣ ва боғу токдорӣ ташкил карда шудаанд.

**Норак** (аҳолиаш зиёда аз 30 ҳаз.нафар) шаҳри энергетикҳо, шаҳри ҷавонон мебошад. Шаҳр дорои мактаб, техникум, кинотеатр, китобхона, музей ва ғайра аст.

Ҷойгиркунонии зироат дар ноҳия ба хусусияти табиии қисмҳои гуногуни он вобастагии зич дорад. Дар минтақаи доманакӯҳӣ лалмикорӣ ривоҷ ёфтааст. Солҳои охир дар заминҳои лалмӣ токзорҳо низ бунёд шуда истодаанд. Ҳоҷагии токдории ба номи Мичурини ноҳия аз заминҳои лалмӣ ҳосили фаровон мерӯёнад.


НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ КӮЛОБ
Норак
Данғара
Совет
Қизилсу
Ёхсу
КӮЛОБ
Восеъ
Ҳамадонӣ
Фархор
Панҷ
Тилло
Ангиштсанг
Нафт
Намаки ош
Лойи шифобахш
САНОАТИ МАҲСУЛОТБАРОРӢ
Мошинсозӣ ва коркарди металлҳо
Саноати сабук
Саноати хӯрокворӣ
Дигар соҳаҳо
САНОАТИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТ
Сӯзишворӣ
Саноати коркарди маъдан
Дигар соҳаҳо
НЕРУГОҲҲОИ БАРҚИ ОБӢ
Обӣ

Ноҳияи иқтисодии Кӯлоб базаи муҳимми чорводории ҷумҳурӣ мебошад.

Шаҳри **Кӯлоб** маркази калони саноатӣ ва фарҳангии ноҳия аст. Таҳқиқоти илмӣ ва ковишҳои бостоншиносӣ нишон додаанд, ки Кӯлоб яке аз шаҳрҳои қадими Осиёи Марказӣ мебошад. Соли 2006 бо қарори Юнеско 2700-солагии Кӯлоб ҷашн гирифта шуд. Аз Кӯлоб роҳҳои корвонгард гузашта, Бухорою Самарқандро бо Бадахшон мепайвастанд. Дар ҳайати Бухорои Шарқӣ шаҳри Кӯлоб ноҳияи тиҷоратӣ ва косибӣ буд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ Кӯлоб ба шаҳри пешрафтаи дорои муассисаҳои саноатӣ ва фарҳангӣ табдил ёфт. Ба наздикӣ дар шаҳри Кӯлоб фурудгоҳи байналмилалӣ кушода шуд.


***Расми 31.*** *Кони намаки Хоҷамуъмин*

Шаҳр зиёда аз 105,5 ҳаз.нафар аҳолӣ дорад. Дар шаҳр заводи хишт ва як қатор корхонаҳои хӯроквορӣ, донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ ва педагогӣ, театри мусиқию драмавӣ, музеи таъриху кишваршиносӣ мавҷуданд. Мамнуъгоҳи «Даштиҷум», парваришгоҳи Сари Хосор, мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (асри XVI), димнаи Ҳулбук (асрҳои IX – XI, пойтахти мулки Хуталон) ҷойҳои ҷолиби ноҳия мебошанд.

**Ноҳияи иқтисодии Бадахшон** шаҳри Хоруғ, инчунин ноҳияҳои маъмурии Ванҷ, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб, яъне тамоми қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар бар мегирад. Масоҳати ноҳия 64,1 ҳаз. км$^2$ (зиёда аз 44 дарсади ҷумҳурӣ) ва аҳолиаш 223,6 ҳаз. нафар мебошад. Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ ба ҳисоби миёна 3,4 нафар аст.

# НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ БАДАХШОН



Бадахшон дар гузашта мавзеи нисбатан душворгузари Осиёи Миёна буд. Роҳи автомобилгарди Ӯш-Хоруғ аввали солҳои 30-юм ба истифода дода шуд. Дар иқтисодиёти Бадахшон ҷойи асосиро кишоварзӣ мегирад. Дар қисми ғарбии ноҳия дар баробари деҳқонӣ чорводорӣ низ ривоҷ ёфтааст: дар қисми шарқӣ фақат чорво мепарваранд. Зироатҳои асосӣ гандум, ҷав, нахӯд мебошанд, заминҳои ноҳия обианд. Солҳои охир картошкапарварӣ ва боғдорӣ (зардолу, себ, нок, шафтолу) ба роҳ монда шудааст. Соли 1931 дар наздикии Хоруғ Боғи ботаникӣ ташкил карда шуд, ки баландтарин боғ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Дар ин боғ ходимони Пажӯҳишгоҳи биологии Помири Академияи илмҳои Тоҷикистон имкониятҳои афзоиш ва беҳтар намудани навъҳои меваҷотро дар шароити баландкӯҳ меомӯзанд.



***Расми 32.** Шаҳри Хоруғ маркази маъмурии ВМКБ*

Кормандони Боғи ботаникӣ зиёда аз 200 навъи рустаниро тавсиф карда, тақрибан 20 навъи рустаниҳои дорувориро ба қайд гирифтаанд (ин рустаниҳоро дар ноҳия бомуваффақият парвариш кардан мумкин аст). Дар ду хоҷагии ноҳияҳои Рӯшон ва Шуғнон дар масоҳати 50 гектар бобуна, нардсунбул ва дигар рустаниҳои доруворӣ парвариш карда мешаванд. Парвариши рустаниҳои доруворӣ соҳаи сердаромад буда, дар оянда метавонад тамокукориро иваз намояд. Аз соҳаҳои чорводорӣ гӯсфандпарварӣ, дар қисми шарқи ноҳия бошад, ғажговпарварӣ бартарӣ дорад.

Саноати ноҳия суст тараққӣ кардааст. Солҳои охир энергетика (НБО-ҳои Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Мурғоб, Намадгут) инкишоф меёбад. Дар дарёи Ғунд қаторнеругоҳҳо сохта хоҳанд шуд. Соли 2006 НБО-и Помир-1 бо тамоми иқтидораш ба кор даромад (28 ҳаз. квт/соат).

Дар Хоруғ корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ (заводи

нон, комбинати гӯшт, заводи шир) мавҷуданд, дар баъзе маҳалҳо косибӣ ривоҷ ёфтааст (бахусус, ҷуробҳои помирӣ машҳур мебошанд).

Истеҳсоли армуғон ва зару зевар (аз сангҳои қиматбаҳо дар Поршнев) тараққӣ мекунад.

Маркази асосии маъмурӣ ва иқтисодии ноҳия шаҳри Хоруғ аст. Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҷойи ду деҳа шаҳр қомат афрохт, саноати маҳаллӣ ба вуҷуд омад. Солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои рушди саноат ва сохтмони манзил дар Хоруғ заводи маснуоти оҳанубетонӣ ба истифода дода шуд. Дар шаҳр донишгоҳи давлатӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ, тиббӣ, техникӣ, Театри мусиқию драмавӣ ба номи Рӯдакӣ, хонаи эҷодиёти халқ, музеи таърихиву кишваршиносӣ мавҷуд аст. Дар наздикии Хоруғ стансияи «Орбита» сохта шудааст, ки тавассути он барномаҳои телевизиони Русия ва барномаҳои телевизиони Тоҷикистон намоиш дода мешаванд.



***Расми 33.*** *Навиштаҷоти рӯйи санг (петроглиф), деҳаи Лангар, ВМКБ*



1. *Тоҷикистон ба кадом ноҳияҳои иқтисодӣ ҷудо мешавад?* *2. Ноҳияҳои иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯйи нишонаҳои зерин тавсия кунед; а) мавқеи географӣ; б) шароити табиию географӣ; в) тараққиёти соҳаҳои саноат; г) рушди соҳаҳои кишоварзӣ; д) нақлиёт; е) робитаҳои иқтисодӣ.*



*1. Иқтисодиёти водии Ҳисор ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чӣ тафовут доранд? 2. Дар бораи тараққиёти хоҷагии ин ноҳияҳои иқтисодӣ ҳикоя кунед.*



*1. Аз харита ноҳияҳои иқтисодиро ёбед ва нишон диҳед. 2. Маҳалли шумо ба кадом ноҳияи иқтисодӣ тааллуқ дорад? 3. Дар ноҳияи иқтисодие, ки шумо маскун шудаед, кадом сарватҳои табиӣ ва иншооти саноатӣ вуҷуд доранд, дар харитаи тарҳӣ гузаронед.*

*1. Тахассуси асосии ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ кадомҳоянд? Шарҳ диҳед, ки тахассуси ноҳияҳои ҷудогонаро чӣ тавр муайян мекунанд. 2. Оё ноҳиябандии иқтисодии ҷумҳурӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй аст? 3. Ҳангоми муайянкунии ҳудуди ноҳия кадом омилҳои асосӣ дар мадди аввал меистанд? 4. Оё ноҳиябандӣ метавонад ба пешрафти иқтисодии ноҳия кумак расонад?*

## § 33. РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНӢ

*1. Зери мафҳуми робитаҳои иқтисодии берунӣ чиро мефаҳмед? 2. Ба ақидаи шумо дар содироти хориҷии кишвар кадом навъҳои маҳсулот бартарӣ доранд? 3. Кадом молҳои воридотии саноатиро медонед?*

**Дар ин зербоб шумо дар бораи чӣ маълумот пайдо мекунед?**

- *Тоҷикистон бо кадом мақсад бояд дар тақсимоти байналмилалии меҳнат иштирок дошта бошад?*
- *Ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон бо давлатҳои дуру наздик дар кадом сатҳ қарор дорад?*
- *Муносибатҳои фарҳангию дипломатии Тоҷикистон.*
- *Минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон.*

Тоҷикистон комплекси ягонаи хоҷагии халқ буда, вазъи иҷтимоию иқтисодии он ба тараққиёти иқтисодии давлатҳои дигар зич алоқаманд аст.

Ҳоло маҳсулоти соҳаҳои гуногуни Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ сол аз сол меафзояд. Агар то солҳои 40-уми асри XX дар содироти маҳсулоти мамлакат танҳо маҳсулоти кишоварзӣ бартарӣ дошта бошад, пас ҳоло ҳиссаи металлургияи ранга, саноати сабук ва маҳсулоти дигари саноатӣ низ меафзояд.

Тоҷикистон бо 86 мамлакати хориҷӣ равобити иқтисодӣ дорад ва зиёда аз 25 номгӯй маҳсулот мебарорад. Айни замон Тоҷикистон аз ҷониби 130 давлат ба расмият шинохта шудааст ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мебошад. Дар соли 2018 қариб 50 дарсади робитаҳои берунии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) буда, 31,9 дарсад ба давлатҳои Аврупо ва 16,1 дарсад ба давлатҳои Осиё рост меомад.


24. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
Русия - Москва
Қирғизистон - Бишкек
Ӯзбекистон - Тошканд
Арманистон - Ереван
Молдова - Кишинёв
Қазоқистон - Нурсултон
Белорус - Минск
Украина - Киев
1. Амрико (ИМА) - Вашингтон
2. Олмон - Берлин
3. Итолиё - Рим
4. Ҷопон - Токио
5. Чин - Пекин
6. Кореяи Шимолӣ - Пхенян
7. Эрон - Теҳрон
8. Арабистони Саудӣ - Ар-Риёз
9. Канада - Оттава
10. Афғонистон - Кобул
11. Ҳиндустон - Деҳлӣ
12. Покистон - Исломобод
13. Индонезия - Ҷакарта
14. Полша - Варшава
15. Фаронса - Париж
16. Туркия - Анқара
17. Британиёи Кабир - Лондон
18. Швейтсария - Берн
19. Бразилия - Бразилиа
20. Мексика - Мехико
21. Венгрия - Будапешт
22. Яман - Санъо
23. Муғулистон - Улан-Батор

Дар даҳ соли охир (солҳои 2005-2015) равобити савдои берунии Тоҷикистон хеле беҳтар шуд. Ҳаҷми равобит аз 2238,8 млн доллари амрикоӣ дар соли 2005 ба 4463,3 млн доллар дар соли 2012 расид ва ё худ қариб 2 баробар афзуд. Дар ин давра потенсиали воридотӣ 15,9 дарсад, содиротӣ бошад, то 97,0 дарсадро ташкил намуд. Ҳамагӣ дар солҳои 2005-2015 ҳаҷми умумии савдои берунии Тоҷикистон ба 25864,6 млн доллар расид, ки аз ин 8556,3 млн доллар (33,0 дарсад) ба ҳиссаи воридотӣ ва 17308,3 млн доллар (54,4 дарсад) ба ҳиссаи содиротӣ (импорт) рост меояд.

Сол то сол ҳамкории иқтисодии он Тоҷикистон давлатҳои дуру наздик равнақ меёбад. Солҳои охир (2010-2019) ҳиссаи асосиро дар содирот бо мамлакати мо Туркия (27,1 дарсад), Чин (20,2 дарсад), Русия (8,8 дарсад) ишғол мекунанд. Дар ҳиссаи воридот бошад, ҷойи аввалро Русия (30,1 дарсад), сипас Чин (12,0 дарсад), Украина (3,1 дарсад) ва Қазоқистон (8,7 дарсад) мегиранд. Дар ҳайати молҳои содиршавандаи Тоҷикистон ҷойи муҳимро алюминий, таҷҳизоти аз алюмин тайёршуда, металлҳои нодир, нахи пахта, меваю сабзавот, нӯшокиҳо, тамоку, абрешим, пӯсти қарокӯлӣ, пашм, матоъҳои пахтагин, неруи барқ ишғол мекунанд. Масалан, металли алюмин бештар ба давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (Русия, Туркманистон), Нидерландия, Туркия; нахи пахта ба Русия, Белоруссия, Белгия, Британиёи Кабир, Корея; қувваи барқ ба Қирғизистон ва Афғонистон содир мешавад.

Дар давоми солҳои 2000-2018-ум 14,3 дарсади молҳои содиротии Тоҷикистон ба ҳиссаи давлатҳои ИДМ ва 85,1 дарсадаш ба давлатҳои дигари ҷаҳон, аз ҷумла 14 дарсадаш ба ҳиссаи Аврупо ва 11,4 дарсадаш ба давлатҳои Осиё рост меояд.

Ҳиссаи молҳои ба Тоҷикистон воридшаванда ғайри мамлакатҳои ИДМ аз дигар давлатҳои дуру наздик низ меафзояд. Масалан, аз Олмон трансформатор, аккумулятор, либос, аз Бритониёи Кабир маҳсулоти нафт, насос, қисмҳои эҳтиётии автомобил, аз Эрон автомобили сабукрав, равғани офтобпараст, чой, либос, аз Полша қанд, аз Шветсия таҷҳизоти лабораторӣ ва ғайра.

Мувофиқи диаграммаи зерин ҳиссаи содироту воридоти Тоҷикистон дар байни давлатҳои ҷаҳон чунин аст (соли 2018).

**Содирот (экспорт)**




**Воридот (импорт)**




Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки молҳои содиротии худро тибқи талаботи бозори ҷаҳонӣ истеҳсол кунад ва пайваста сифати онҳоро беҳтар намояд.

Аз замони Ҳокимияти Шӯравӣ то ҳол Тоҷикистон пайваста дар намоишу ярмаркаҳои байналмилалӣ бо маҳсулоти саноатию кишоварзӣ ширкат меварзад. Соли 1976 дар намоишгоҳи Ҷумҳурии Мисри Араб ва Эрон, соли 1977 дар Сурия, соли 1978 дар Булғория, соли 1979 дар Ироқ, соли 1980 дар Алҷазоир иштирок кард. Солҳои истиқлолият бошад (аз соли 1994 то ин ҷониб), маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзии Тоҷикистон дар Олмон, Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Русия, Фаронса,

ИМА бомуваффақият намоиш дода шуданд. Бо ин роҳ дар бозори ҷаҳонӣ ба маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзии Тоҷикистон мароқи зиёд пайдо гардид.

Ҳоло дар Тоҷикистон 120 корхонаи муштарак бо кумаки сармояи хориҷӣ кор мекунад, ки 60-тои он дар Душанбе ҷойгир шудаанд. Қисми зиёди андухти сармоя хориҷӣ дар ҷумҳурӣ ба соҳаҳои коркарду истихроҷи металлҳои қиматбаҳо (24,2 дарсад), истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ (23,3 дарсад), металлургияи ранга (11,8 дарсад) равона карда шудаанд. Корхонаҳои муштараки «Ҷавонӣ», «Сано», «Зарафшон», «Ситораи самар» ва ғайра аз қабили корхонаҳои калон мебошанд.

Дар Тоҷикистон бо кумаки сармоягузорони хориҷӣ сохтмони нақби ағбаи Анзоб (Истиқлол), нақби Шаршар, Шаҳристон, неругоҳҳои Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, якчанд пулҳои муҳим дар дарёи Панҷ ба истифода дода шуданд ва минбаъд коркарди металлҳои рангаю нодир, коркарди пахта, истеҳсоли нуриҳои минералӣ, рушди соҳаҳои агросаноатӣ ва боз чандин корхонаҳои дигар ба кор хоҳанд даромад. 25 майи соли 2004 кушода шудани роҳи нави мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Мурғоб – Қулма дар рушди равобити иқтисодии Тоҷикистон бо давлати бузурги Чин саҳифаи нав боз кард. Ба воситаи ин роҳ Тоҷикистон имконият меёбад, ки ба шоҳроҳи байналмилалии Қароқорум баромада, минбаъд муносибатҳои иқтисодии худро бо давлатҳои Покистон, Непал, Ҳиндустон ривоҷ диҳад. Аҳаммияти таърихии ин шоҳроҳ боз дар он зоҳир мегардад, ки Тоҷикистон барои ба Укёнуси ҷаҳонӣ баромадан имконият пайдо мекунад.

Дар баробари робитаҳои иқтисодӣ Тоҷикистон муносибатҳои фарҳангии худро низ сол аз сол бо мамлакатҳои гуногун густариш медиҳад. Тайи чандин сол гузаронидани рӯзҳои санъату адабиёти Тоҷикистон дар Русия, Фаронса, Олмон, Лаҳистон, Ӯзбекистон ба шакли анъана даромадааст. Соли 2004 бошад, мардуми тоҷик бо хушнудии зиёд рӯзҳои маданияти Русия ва Қирғизистонро дар Тоҷикистон қайд намуданд. Соли 2006 дар ҷашни бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри Кӯлоб аз тамоми гӯшаю канори дунё ходимони давлатӣ, олимон ва намояндагони фарҳанг иштирок намуданд. Бори чорум аст, ки дар шаҳри Душанбе

ҷашнвораи байналмилалии театрҳои лӯхтаки «Чодари хаёл» баргузор мегардад.

Олимону нависандагони тоҷик бо бисёр марказҳои илмию фарҳангии Аврупо, Осиё ва қитъаи Амрико робитаҳои наздик доранд. Асарҳои онҳо бо чандин забонҳои хориҷӣ нашр гардида, шуҳрати илм ва адабиёти тоҷикро боз ҳам баландтар мегардонанд.



*1. Тоҷикистон аз кадом давлатҳо мол ва таҷҳизоти заруриро мехарад? Робитаҳои истеҳсолии Тоҷикистон ба фикри шумо бештар ба кадом давлатҳо ва дар кадом соҳа роҳандозӣ мегарданд?*



*1. Дар харита самтҳои асосии робитаҳои иқтисодии Тоҷикистонро муайян намоед.*



*1. Нақши Тоҷикистонро дар робитаҳои иқтисодии берунӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат чӣ гуна маънидод менамоед? 2. Тоҷикистон бо кадом намуди маҳсулоти истеҳсолнамудааш дар равобити байналмилалӣ ширкат меварзад? 3. Дар бораи аҳаммияти иқтисодию таърихии роҳҳои ҷумҳурӣ чӣ гуфта метавонед? 4. Кадом намуди нақлиёт дар роҳандозӣ гардидани робитаҳои иқтисодии берунӣ нақши асосӣ мебозад?*

## МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияи нав, бунёди инфрасохтори муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи неруи корӣ, захираҳои табиӣ ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар, ҷиҳати мусоидат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин ғанӣ намудани бозори дохилӣ ва истеъмолӣ, маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ қабул карда шуд. Ҷиҳати иҷрои қонуни мазкур айни замон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон чор минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) таъсис дода шудааст, аз ҷумла «Суғд», «Панҷ», «Данғара» ва «Ишкошим».

**Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»** шакли истеҳсолию инноватсионӣ буда, соли 2009 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст. Он дар қисми ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ҷойгир шудааст ва масоҳаташ 320

гектар буда, дар оянда то 2000 гектар васеъ намудани ҳудуди он ба нақша гирифта шудааст.

Мавҷудияти инфрасохтори истеҳсолӣ ва коммуникатсионӣ, наздик будан ба шаҳри Хуҷанд ва дурнамои сохтмони шохаи роҳи оҳан то МОИ «Суғд», шароити мусоиди ҷойгиршавии ҷуғрофӣ барои тиҷорати корхонаҳое, ки маҳсулоташон ба содирот равона мешаванд, шабакаи рушдкардаи нақлиётӣ барои содирот ва тиҷорат бо кишварҳои хориҷи дуру наздик, аз назди даромадгоҳи асосии он гузаштани шоҳроҳи байналмилалӣ ба ин имконият медиҳад.

**Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»** 20 январи соли 2010 таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

Он дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Данғара ҷойгир шудааст ва хусусияти саноатӣ-инноватсионӣ дошта, дар масоҳати 521,32 гектар ташкил шудааст.

Мақсади асосии таъсиси он таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад.

Аз ҷиҳати ҷойгиршавии географӣ ин макони барои фаъолияти тиҷоратӣ мусоид буда, шабакаи рушдкардаи нақлиёт дораду шоҳроҳи байналмилалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии он мегузарад.

**Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”** 29 январи соли 2010 таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзнок ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

Намуди МОИ «Ишкошим» – истеҳсолию тиҷоратӣ буда, дар чорроҳаи се давлат Чин (Қошғар) – Афғонистон (Файзобод) – Қирғизистон (Ӯш) ҷойгир шудааст ва дар оянда барои соҳаи соҳибкории ин давлатҳо метавонад ҳамчун маркази ҳамоҳангсозӣ хизмат намояд. Соҳибкорони ду соҳили дарёи Панҷ Бадахшони Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон аз ин фоидаи зиёд хоҳанд дид. Чунончи, ҳоло тамоми молу маҳсулот тавассути Покистон ба Афғонистон дастрас мегардад, ки тавассути ин роҳ қариб як моҳ тӯл мекашад. Ба воситаи Ишкошим бошад, ин роҳ бамаротиб кӯтоҳ мегардад ва аз сарҳади Чин то МОИ Ишкошим ҳамагӣ 2 рӯза роҳ аст.

**Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»** дар вилояти Хатлон, дар минтақаи Панҷи Поёни ноҳияи Дӯстӣ соли 2008 таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё буда дар масоҳати 401,6 гектар ташкил шудааст ва мақсади асосии таъсиси он, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, беҳтар намудани сифати идоракунӣ, таъмини самараноки истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир, фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо мебошад.

Ҳадафи умумии иқтисодии он – ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи неруи корӣ, захираҳои табиӣ ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад.

Ҷойгиршавии географӣ яке аз омилҳои асосӣ дар интихоби макони мусоид барои оғози тиҷорат буда, барои корхонаҳое, ки маҳсулоташон содирот мешавад, МОИ «Панҷ» макони мусоид мебошад. Шабакаи рушдкардаи нақлиётии ноҳия барои муносибатҳои содиротию тиҷорат бо кишварҳои хориҷи дуру наздик имконияти васеъ фароҳам меорад.

Шоҳроҳи байналмилалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии МОИ «Панҷ» мегузарад.

## § 34. ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН – КОМПЛЕКСИ ЯГОНАИ ХОҶАГӢ

### (такрори умумӣ)

Хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аз ду гурӯҳи соҳа иборат аст: истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ. Дар байни онҳо мавқеи асосиро соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ – саноат ва кишоварзӣ ишғол менамоянд. Ин соҳаҳо дар асоси истифодаи сарватҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ ташкил ва рушд меёбанд. Онҳо на танҳо талаботи аҳолиро ба неъматҳои моддӣ таъмин менамоянд, балки як қисми ашёи хом, маҳсулоти нимтайёрро барои содирот истеҳсол мекунанд. Дар ин бобат нақши асосиро соҳаҳои махсусгардонида саноат ва кишоварзӣ мебозанд. Одатан, ба он соҳаҳое дохил мешаванд, ки барои рушди онҳо дар ҷумҳурӣ шароити мусоиди табиӣ ва иқтисодӣ фароҳам бошад. Онҳо асоси иқтисодиётро ташкил намуда, дар атрофашон комплекси хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ташаккул меёбад. Ба ин комплекс баробари соҳаҳои махсусгардонида, соҳаҳои иловагӣ ва хизматрасон дохил мешаванд. Ин соҳаҳо рушди соҳаҳои махсусгардонидаро таъмин намуда, барои аҳолӣ навъҳои гуногуни маҳсулоти рӯзгор истеҳсол менамоянд. Дар байни соҳаҳои махсусгардонида, иловагӣ ва хизматрасон таносуби

муайян мавҷуд аст, вале ҳиссаи соҳаҳои махсусгардонида ҳамеша бартарӣ дорад. Одатан, ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ аз якдигар бо хусусияти хосси табиию иқтисодӣ фарқ мекунанд. Ин фарқ дар мавқеи гуногуни иқтисодӣ – ҷуғрофӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва малакаи меҳнат, андоза ва таркиби хоҷагӣ, дараҷаи рушди соҳаҳои махсусгардонида, хизматрасон ва тараққиёти минбаъдаи онҳо инъикос ёфтааст.

Ҳар як ноҳияи иқтисодӣ ба як ва ё якчанд соҳаи истеҳсолот махсус гардонида, дар тақсимоти географии меҳнат саҳми худро мегузорад.

Дар натиҷа, байни ноҳияҳои иқтисодӣ мубодилаи ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр ва тайёр ба амал омада, мавқеи ҷумҳуриро дар тақсимоти географии байналмилалии меҳнат муайян менамояд. Аз ин рӯ, тақсимоти географии меҳнат омили иқтисодиест, ки зимни он дар ҷумҳурӣ ноҳияҳои иқтисодии гуногунмиқёс ташаккул ёфта, дар алоқамандии якдигар рушд меёбанд ва асоси робитаҳои иқтисодӣ бо дигар мамлакатҳо мебошанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

*1. Махсусгардонии соҳавӣ чист?*

*2. Ба ташаккулёбии ноҳияҳои иқтисодӣ таъсири кадом омилҳо зиёдтар аст?*

*3. Махсусгардонии ноҳияҳои иқтисодӣ бо таъсири кадом омилҳо ба амал меояд?*

*4. Дар ҳудуди Тоҷикистон чанд ноҳияи иқтисодӣ мавҷуд аст?*

*5. Ноҳияи иқтисодии Суғд ва Ҳисорро муқоиса кунед ва гӯед, ки дар байни онҳо чӣ умумияту чӣ фарқ дида мешавад?*

*6. Рушди минбаъдаи ноҳияҳои Кӯлоб, Рашт ва ВМКБ кадом омилҳои табиӣ ва иқтисодӣ муайян мекунанд?*

*7. Махсусгардонии ноҳияи иқтисодии Вахш ба кадом омилҳо вобаста аст?*

## МАФҲУМ ВА ИСТИЛОҲОТИ ГЕОГРАФӢ

**Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ** – илмест, ки аҳолӣ, хоҷагӣ ва унсурҳои иҷтимоиро дар пайвастагӣ, фарқи ҳудудӣ ва ҷойгиршавии он меомӯзад. Ин пайвастагӣ дар маҷмӯъ симои ҳар як деҳа, шаҳр ва ноҳияҳои алоҳидаро инъикос менамояд. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ илми ҷамъиятӣ буда, аҳолӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиётро дар асоси қонунҳои ҷамъиятӣ меомӯзад.

**Ҳудуд** – калимаи арабӣ буда, маънояш ҷамъи ҳад аст. Дар забони тоҷикӣ ҳудуд ба маънои қаламрав ва марзу бум истифода мешавад. Ҳудуд қаламрави ҳар як давлатро ифода мекунад.

**Тақсимоти сиёсию маъмурӣ** – аз калимаҳои лотинӣ «адмисторо» идора кардан ва «терра» – замин гирифта шудааст. Мувофиқи он

сарҳади давлат дар асоси Конститутсия ба шабакаи воҳидҳои маъмурӣ тақсим карда мешавад.

**Зичии аҳолӣ** – дараҷаи маскуншавӣ ва зичии аҳолии ин ва ё он ҳудудро ифода мекунад. Вай аз рӯйи ҳисоби миёнаи шумораи аҳолӣ дар 1 км$^2$ муайян карда мешавад.

**Хоҷагии халқ** – дар ҳудуди муайян ташаккул ёфтани системаи бо ҳам алоқаманди тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро мегӯянд, ки аз соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ иборат мебошад. Онҳо дар пайвастагӣ асоси иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як мамлакатро ташкил менамоянд.

**Аҳолӣ** – маҷмӯи одамонро меноманд, ки дар ҳудуди муайян ҳаёт ба сар мебаранд. Онҳо метавонанд қисми мамлакат, гурӯҳи мамлакатҳо ва тамоми ҷаҳонро дар бар гиранд.

**Демография** – илмест, ки ҳайати аҳолиро аз рӯйи ҷинс, миллат, синну сол, машғулият, тағйироти он – таваллуд, никоҳ, фавт ва ғайра меомӯзад. Демография калимаи юнонӣ буда, «демос» – халқ ва «графо» – менависам мебошад. Аз маълумоти оморӣ-демографӣ ва таҳқиқоти демографӣ илмҳои ҷамъиятшиносӣ, аз ҷумла географияи иқтисодию иҷтимоӣ васеъ истифода мебарад.

**Афзоиши аҳолӣ** – асоси онро вазъи демографӣ ва анъанаҳои миллӣ ташкил менамояд. Вазъи демографӣ  бошад, чор равишро дар бар мегирад: таваллуд, фавт, ақди никоҳ ва талоқ. Аз ин нишондиҳандаҳои демографӣ таваллуд ва фавт мавқеи хосса доранд. Андозаи мутлақи фарқи байни шумораи онҳоро афзоиши табиии аҳолӣ мегӯянд.

**Таҷдиди аҳолӣ (такрортаваллудкунӣ)** – асоси афзоиши табиии аҳолиро ташкил менамояд. Он як ҷараёни мунтазами бефосила такроршаванда мебошад, ки дар натиҷа ивазшавии насл ба вуҷуд меояд. Ҳоло демографҳо се навъи таърихи таҷдиди аҳолиро  фарқ менамоянд: қадимӣ,  анъанавӣ ва муосир. Ҳар яки онҳо вобаста ба заминаи иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

**Миллат** – аз калимаи «натио» гирифта шудааст, ки маънояш халқ мебошад. Он ҳамчун умумияти иҷтимоию этникӣ дар ҳудуди муайян ташаккул меёбад. Ин умумият ҳангоми аз давраи феодалӣ ба давраи капиталистӣ гузаштан ташаккул ёфта буд. Асоси онро пайдоиш, забон ва фарҳанг ташкил менамояд. Навъи асосии умумияти этникиро қабила, халқият, миллат ташкил мекунанд. Онҳо дар давраи ҳозира дар ҳамаи гӯшаю канори кураи Замин вуҷуд доранд ва дар сарҳади муайян ҷойгир шудаанд.

**Таркиби миллӣ** – тақсим кардани аҳолӣ ба миллатҳо буда, онро дар адабиёти илмӣ ва омор барои ба ин ва ё он миллат мансуб будани шахс васеъ истифода мебаранд. Дар бисёр ҳолат онро аз рӯйи пайдоиши этникӣ ва забони модарӣ муайян мекунанд. Бо ин мақсад аломатҳои шартиро истифода мебаранд. Ба монанди дин, нажод, ҷойи таваллуди шахс ва ғайра.

**Захираҳои меҳнатӣ** – миқдори аҳолии қобили меҳнат, ки ба истеҳсолот ҷалб карда мешаванд. Аз ин ҷо захираҳои корӣ гуфта он қисми аҳолиро меноманд, ки қобилияти дар хоҷагии халқ кор ва фаъолият карданро доранд. Баҳисобгирии захираҳои корӣ ба маълумоти синнусолии аҳолӣ такя мекунад. Муқаррар кардани синну соли аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта аз рӯйи қонуни ҳар як мамлакат муайян карда мешавад. Масалан, дар Тоҷикистон синну соли қобили меҳнат ба таври зерин муқаррар карда шудааст: мардони 15-63-сола ва занони 15-58-сола.

**Бозори меҳнат.** Замони моро давраи инқилоби илму техника меноманд. Пешравии илм ва техника ҳам маҳсули фикр ва эҷодкории инсон мебошад. Бинобар ин, бе иштироки бевоситаи инсон ягон рушди иқтисодӣ вуҷуд надорад. Аз ин нигоҳ, дар ҷаҳон дар қатори дигар шаклҳои бозор ба худ хос бозори қувваи корӣ вуҷуд дорад. Дар бозор мамлакатҳои пешрафта ҳамчун кишварҳои ба қувваи корӣ ниёздошта, мамлакатҳои рӯ ба рушд ҳамчун фурӯшандаи қувваи корӣ иштирок мекунанд.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ** – рафтани шаҳрвандони як мамлакат ба дигар мамлакат барои ёфтани ҷойи кор рафтан дар назар дорад. Аз ин ҷо шахсоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, бояд ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд. Онҳо бояд пеш аз ҳама забони мардуми мамлакатеро, ки ба он ҷо мераванд, хуб донанд, қонуни муҳоҷирати меҳнатиро риоя намоянд. Аз техника ва технологияи истеҳсолот ва хизматрасонӣ нағз бохабар бошанд. Дар акси ҳол, ба рақобати бозори меҳнат тоб оварда наметавонанд.

**Комплекс** – калимаи лотинӣ буда, дар забони тоҷикӣ таркибро ифода менамояд. Он маҷмуи ашё, амалиёт, ҳодисаю хусусиятҳоеро, ки як чизи томро ташкил медиҳад, таҷассум менамояд. Маънои асосии он ба ҳам пайвастагии ашё ва ҳодисаҳо мебошад.

**Комплекси хоҷагии халқ** – шаклгирии таърихии соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии бо ҳам алоқаманди ҳудуди муайянро мегӯянд. Заминаи ибтидоии онро корхонаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, маъмурӣ ва ғайра ташкил менамоянд.

**Комплекси истеҳсолию ҳудудӣ** – бо ҳам алоқамандии соҳаҳо ва корхонаҳое, ки дар қаламрави муайян мебошанд, бо мақсади баланд бардоштани фоиданокии истеҳсолот ташкил карда шудаанд. Дар ташаккул ёфтани он махсусгардонии корхонаҳо бо харҷи кам, истифодаи ашёи хом, сӯзишворӣ, қувваи барқ, балանси захираҳои корӣ ва шароити табиӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Комплекси кишоварзию саноатӣ** – маҷмӯи соҳаҳои хоҷагии халқ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди саноатии он, ба истеъмолкунандагон расонидани он машғуланд. Вазифаи он таъмин кардани хӯрокворӣ ва ашёи хом мебошад. Ба таркиби комплекси кишоварзию саноатӣ се соҳа дохил мешаванд:

1) соҳаи саноат, ки кишоварзиро ба воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ таъмин менамоянд; 2) худи соҳаи кишоварзӣ; 3) соҳае, ки коркард ва маҳсулоти тайёрро ба мизоҷон дастрас менамояд.

**Ноҳиябандии иқтисодӣ** – ин тақсимоти ҳудуд ва ё мамлакат ба ноҳияҳои иқтисодӣ аст. Он аз нигоҳи иқтисодӣ қисми таркибию қаламрави мамлакат ба ҳисоб меравад. Барои он ягонагии ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, махсусгардонии истеҳсолот ва алоқамандии истеҳсолӣ хос мебошанд. Ҳангоми ба ноҳияи иқтисодӣ ҷудо кардани мамлакат шароити табиӣ низ ба назар гирифта мешавад. Ғайр аз махсусгардонӣ дар ташаккул ёфтани ноҳияи иқтисодӣ нақлиёт, рушди комплекси хоҷагӣ, марказҳои истеҳсолӣ, сохтори миллию сиёсӣ ва тақсимоти маъмурии мамлакат аҳаммияти калон доранд.

**Махсусгардонӣ** – рушд додани соҳаҳое, ки қисми маҳсулоташон ба содирот нигаронида шуда, тавассути оқилона истифода бурдани шароит ва сарватҳои табиӣ, захираҳои корӣ, шароити иқтисодӣ ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти якхела имконият медиҳад. Барои муайян кардани махсусгардонӣ аз нишондодҳои зерин истифода мебаранд:

1. Ҳаҷми мутлақи маҳсулоте, ки ин ва ё он соҳаи махсусгардида истеҳсол менамояд. 2. Ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳа нисбат ба истеҳсоли тамоми маҳсулоти дар мамлакат ва ноҳияи иқтисодӣ истеҳсолгардидаи ҳамин соҳа. 3. Ҳиссаи содироти маҳсулоти соҳа нисбат ба ҳамаи маҳсулоти ҳамин соҳа, ки дар мамлакат ё дар ноҳияи иқтисодӣ истеҳсол карда мешавад. 4. Ҳиссаи ноҳияи иқтисодӣ дар содироти маҳсулоти соҳае, ки ба мубодилаи маҳсулоти ҳамин соҳа иштирок менамоянд. 5. Ҳиссаи соҳа дар тамоми маҳсулоти саноатӣ ва ё кишоварзӣ.

**Занҷираи истеҳсолӣ** – одатан соҳавӣ ва силсилавӣ мешавад. Мувофиқи усули соҳавӣ корхонаҳои саноатӣ аз нигоҳи истеҳсолӣ, маҳсулоти якхела ва истифодаи ягона ба ин ва ё он соҳаи саноатӣ шомил карда мешаванд. Силсилаи истеҳсолӣ ҳама ҷабҳаҳои коркарди ашёи хом, истеҳсоли маҳсулоти асосӣ ва коркарди партови онро дар бар мегирад. Ба ақидаи Н. Н. Колосовский, иттиҳодияи устувори истеҳсолии бо ҳам алоқаманд дар атрофи истеҳсолоти асосӣ рушд меёбад. Силсилаҳои истеҳсолӣ вобаста ба амалҳои умумӣ – иқтисодӣ ва истеҳсолию технологӣ як хел инкишоф намеёбанд. Аз ин нигоҳ, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: пурра ва нопурра. Силсилаи пурра аз коркарди ибтидои ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва коркарди партови истеҳсолиро дар бар мегирад. Силсилаи нопурра бошад, ҳама ҷараёни технологиро дар бар намегирад. Силсилаҳои истеҳсолӣ асоси ноҳияи саноатӣ, гиреҳи саноатӣ ва маркази саноатиро ташкил менамоянд.

**Ноҳияи саноатӣ** – соҳаҳои саноатиро дар бар мегирад. Он қисми таркибии ноҳияи иқтисодӣ буда, дигар соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолиро дар бар намегирад. Ноҳияи саноатӣ ду хел мешавад: соҳавӣ ва интегралӣ.

## ЗАМИМАИ 1

## КӮЛ ВА ОБАНБОРҲОИ АСОСӢ

| Номгӯй | Дар кучо ҷойгир аст | Баландӣ аз сатҳи баҳр, м | Масоҳат, км² |
|---|---|---|---|
| Зоркӯл | Помири Шарқӣ | 4126 | 38,9 |
| Искандаркӯл | Қаторкӯҳи Ҳисор | 2195 | 3,4 |
| Қарокӯл | Помири Шарқӣ | 3914 | 380,0 |
| Яшилкӯл | Помири Ғарбӣ | 3734 | 35,6 |
| Сарез | Помири Ғарбӣ | 3239 | 80,0 |
| Обанбори Қайроққум | Дарёи Сир | 347 | 513,0 |
| Обанбори Каттасой | Дарёи Каттасой | 1165 | 2,04 |
| Обанбори Фарҳод | Дарёи Сир | 300 | 46,0 |
| Обанбори Норак | Дарёи Вахш | 980 | 98,0 |
| Обанбори Селбур | Дарёи Қизилсу | 581 | 2,3 |

## ЗАМИМАИ 2

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА ТОҶИКИСТОН

| | |
|---|---|
| Масоҳат | 141,4 ҳаз. км² |
| Шумораи аҳолӣ (1 июли соли 2019) | 9,7 млн. |
| Зичии аҳолӣ ба ҳисоби миёна (2019) | 69,7 нафар дар 1км² |
| Вилояти мухтор | 1 |
| Шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ | 18 |
| Шаҳракҳо | 57 |
| Ноҳияҳо | 58 |
| Баландии бештарин аз сатҳи баҳр | 7495 м |
| Баландии пасттарин аз сатҳи баҳр | 300 м |
| Тӯли ҳудуд: аз ғарб ба шарқ | 715 км |
| аз шимол ба ҷануб | 509 км |
| нуқтаҳои канории ҷумҳурӣ (арз ва тӯл): | |
| Шимол | 41°05’ а. шим. |
| Ҷануб | 36°40’ а. шим. |
| Ғарб | 67°31’ т.ш. |
| Шарқ | 75°14’ т.ш. |
| Масофа аз сарҳадҳо то баҳр: | 700 км |
| то Арал | 1150 км |
| то Каспий (Хазар) | |
| **ТАБИАТ** | |
| 1. Дарозии умумии дарёҳо, 30 ҳаз. км | (28500) |
| 2. Ҳисоби миёнаи солонаи ҷоришавии об | бештар 80 млрд. м³ |
| аз ҷумла: Ому | 60 млрд. м³ |

| | |
|---|---|
| Зарафшон | то 53 млрд. $м^3$ |
| Сир | то 15 млрд. $м^3$ |
| 3. Сарватҳои гидроэнергетикӣ бо ҳамроҳии рӯди Панҷ | бештар 32 млн. кВт |

## ЗАМИМАИ 3

## ДАРЁҲОИ АСОСӢ

| Номи дарё | Резишгоҳ | Дарозӣ, км | Масоҳати ҳавза, $км^2$ | Тарзи ғизогирӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ому | Баҳри Арал | 2294 | 199350 | Пиряху барф |
| Бартанг (Мурғоб, Оқсу) | Панҷ | 103 | 2070 | —//— |
| Ванҷ | Панҷ | 71,0 | 1740 | —//— |
| Вахш | Ому | 524 | 39100 | —//— |
| Зарафшон | – | 877 | 12300 | —//— |
| Кофарниҳон | Ому | 387 | 11600 | Барфу пирях |
| Ғунд | Панҷ | 296 | 12300 | Пиряху барф |
| Қизилсу | Панҷ | 262 | 7070 | Барфу пирях |
| Хингоб | Вахш | 196 | 6660 | Пиряху барф |
| Панҷ | Ому | 921 | 114000 | —//— |
| Сир | Баҳри Арал | 2212 | 21900 | —//— |
| Шоҳдара | Ғунд | 142 | 4180 | —//— |
| Фон | Зарафшон | 24 | 3230 | —//— |
| Яхсу | Қизилсу | 160 | 2710 | Барфу борон |

## ЗАМИМАИ 4

## ЧАШМАҲОИ ОБИ ШИФОБАХШ

| № | Ном | Мавқеи ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|
| 1. | Хоҷаобигарм | ноҳияи Варзоб |
| 2. | Обигарм | шаҳри Роғун |
| 3. | Ҳавотоғ | ноҳияи Истаравшан |
| 4. | Явроз | шаҳри Ваҳдат |
| 5. | Гармоба (Ҷавонӣ) | ноҳияи Файзобод |
| 6. | Хоҷасангхок | ноҳияи Варзоб |
| 7. | Анзоб | қаторкӯҳҳои Ҳисор |
| 8. | Навбедак | ноҳияи Айнӣ |
| 9. | Шоҳамбарӣ | қаторкӯҳҳои Ҳисор |
| 10. | Ҷилондӣ | ноҳияи Шуғнон |
| 11. | Гармчашма | ноҳияи Ишкошим |
| 12. | Чилучорчашма | ноҳияи Носири Хусрав |
| 13. | Шифо | ноҳияи Исфара |

| | | |
|---|---|---|
| 14. | Ёс | шаҳри Ваҳдат |
| 15. | Андароб | ноҳияи Ишкошим |
| 16. | Пӯшиён | ноҳияи Восеъ |
| 17. | Меҳробод | ноҳияи Файзобод |
| 18. | Муллошайх | ноҳияи Файзобод |

## ЗАМИМАИ 5

## КАЛОНТАРИН КӮҲҲО ВА ҚАТОРКӮҲҲОИ АСОСӢ

| № | Ном | Номи қуллаҳои асосӣ | Баландии мутлақи қуллаҳо аз сатҳи баҳр (м) |
|---|---|---|---|
| 1. | Академияи илмҳо | Исмоили Сомонӣ | 7495 |
| 2. | Ванҷ | Баландии Язгулом | 5588 |
| 3. | Ҳисор | Қазнок | 3141 |
| 4. | Дарвоз | Арнавард | 6083 |
| 5. | Паси Олой | Абӯалӣ Сино | 7134 |
| 6. | Зарафшон | Чимтарға | 5489 |
| 7. | Ишкошим | Маяковский | 6096 |
| 8. | Қаротегин | Душоха | 3925 |
| 9. | Қурама | Бобоиоб | 3769 |
| 10. | Мазор | Мазор | 5889 |
| 11. | Муғултой | Музбек | 1624 |
| 12. | Музкӯл | Афсарони шӯравӣ | 6233 |
| 13. | Пётри Якум | Маскав | 6785 |
| 14. | Рӯшон | Пахтакор | 6080 |
| 15. | Сарикӯл | Лявирдир | 6351 |
| 16. | Аличури Шимолӣ | Кулин | 5929 |
| 17. | Туркистон | Махрут | 5621 |
| 18. | Ҳазрати шоҳ | Ҳазрати шоҳ | 4088 |
| 19. | Шоҳдара | Карл Маркс | 6726 |
| 20. | Шуғнон | Харсангӣ | 5704 |
| 21. | Аличури Ҷанубӣ | Қизилдангӣ | 5706 |
| 22. | Язғулом | Истиқлол | 6974 |

## ЗАМИМАИ 6

## ПИРЯХҲОИ КАЛОНТАРИН

| № | Ном | Дарозии пирях (км) | Масоҳати пирях (км²) | Мавқеи ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бивачӣ | 27,8 | 37,1 | Кӯҳи Академияи илмҳо |
| 2. | Савукдараи калон | 25,2 | 69 | Кӯҳи Паси Олой |
| 3. | Гандо | 22,5 | 55 | Кӯҳи Пётри Якум |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | Гармо | 27,5 | 114,6 | Кӯҳи Академияи илмҳо |
| 5. | Ҷамъияти географӣ | 21,5 | 64,4 | Кӯҳи Академияи илмҳо |
| 6. | Грумм-Гржимайло | 36,7 | 142,9 | Саршавии дарёи Танимас |
| 7. | Дарвоз | 16,5 | 44 | Кӯҳи Дарвоз |
| 8. | Зарафшон | 25,0 | 132,6 | Кӯҳи Зарафшон |
| 9. | Мазордара | 19,5 | | Саршавии дарёи Язгулом |
| 10. | Мазор | 17,3 | 23 | Кӯҳи Дарвоз |
| 11. | Октябр | 16,5 | 88,9 | Кӯҳи Паси Олой |
| 12. | Ракзовӣ | 24,2 | 25,5 | Саршавии дарёи Язгулом |
| 13. | Сагрон | 7 | 48 | Кӯҳи Петри Якум |
| 14. | Федченко | 77,0 | 700 | Помири Шимолӣ |
| 15. | Фортамбек | 20 | 75 | Кӯҳи Петри Якум |
| 16. | Танимаси Шимолӣ | 18 | 55 | Кӯҳи Академияи илмҳо |

**ЗАМИМАИ 7**

## АҒБАҲОИ АСОСӢ

| № | Ном | Мавзеи ҷойгиршавӣ | Баландии мутлақ (м) |
|---|---|---|---|
| 1. | Оқбайтал | Қаторкӯҳи Музкӯл | 4655 |
| 2. | Анзоб | Қаторкӯҳи Ҳисор | 3372 |
| 3. | Койтезак | Қаторкӯҳи Аличури Ҷанубӣ | 4271 |
| 4. | Хобуробот | Қаторкӯҳи Дарвоз | 3270 |
| 5. | Шаҳристон | Қаторкӯҳи Туркистон | 3378 |
| 6. | Гуралаш | Қаторкӯҳи Туркистон | 2710 |
| 7. | Вешаб | Қаторкӯҳи Туркистон | 3889 |
| 8. | Оббурдон | Қаторкӯҳи Туркистон | 3960 |
| 9. | Туро | Қаторкӯҳи Туркистон | 3700 |
| 10. | Янгидаван | Қаторкӯҳи Олой | 4674 |
| 11. | Бокбаш | Қаторкӯҳи Олой | 4282 |
| 12. | Дубурса | Қаторкӯҳи Зарафшон | 4100 |
| 13. | Дукдон | Қаторкӯҳи Зарафшон | 3802 |
| 14. | Мӯра | Қаторкӯҳи Зарафшон | 3792 |
| 15. | Чормағзак | Қаторкӯҳи Рангон | 1500 |
| 16. | Кулма | Қаторкӯҳи Сарикӯл | 4363 |
| 17. | Товасанг | Қаторкӯҳи Ҳисор | 3306 |

## МУНДАРИЧА

МУҚАДДИМА ........ 5
§ 1. Давраҳои рушди илмҳои географӣ ........ 9
§ 2. Омӯзиши табиат ва хоҷагии халқи Тоҷикистон ........ 16
§ 3. Омӯзиши географияи Тоҷикистон дар давраи истиқлолият ........ 22

БОБИ I. ГЕОГРАФИЯИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН
§ 4. Мавқеи географӣ, ҳудуд ва тақсимоти маъмурӣ ........ 26
§ 5. Харитаҳо ва кор бо онҳо ........ 38
§ 6. Солшумории геологӣ ........ 47
§ 7. Релйеф ва сохти геологии Тоҷикистон ........ 53
§ 8. Сарватҳои зеризаминӣ ........ 60
§ 9. Иқлим ........ 66
§ 10. Обҳои дохилӣ ........ 73
§ 11. Проблемаи оби нӯшокӣ ........ 80
§ 12. Хок ва захираи замин ........ 84
§ 13. Наботот ва ҳайвонот ........ 91
§ 14. Минтақаҳои табиӣ ........ 97
§ 15. Ҳодисаҳои ғайримуташаккили табиӣ ........ 104
§ 16. Муҳофизати табиат ва масъалаҳои экологӣ ........ 108
§ 17. Ноҳияҳои табиию географӣ ........ 114
§18. Истилоҳоти географияи табиии Тоҷикистон ........ 129

БОБИ II. ГЕОГРАФИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН
§ 19. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ........ 133
§ 20. Мушкилоти демографӣ ........ 138
§ 21. Давраҳои ташаккулёбии хоҷагии халқ ........ 141
§ 22. Қонуният ва самтҳои ҷойгиркунии истеҳсолот ........ 149
§ 23. Саноат ........ 151
§ 24. Саноати вазнин ........ 154
§ 25. Комплекси кишоварзию саноатӣ ........ 165
§ 26. Кишоварзӣ ва муҳити зист ........ 179
§ 27. Истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ ва соҳаи хизматрасонӣ ........ 184
§ 28. Нақлиёт ........ 192
§ 29. Тараққиёти хоҷагии халқ дар оянда ........ 198

**БОБИ III. ТАШКИЛИ МИНТАҚАВИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ**

§ 30. Ноҳиябандии иқтисодӣ ва сиклҳои истеҳсолӣ ........ 203
§ 31. Комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ (КҲИТҶ) ........ 209
§ 32. Ноҳияҳои иқтисодии Тоҷикистон ........ 213
§ 33. Робитаҳои иқтисодии берунӣ ........ 230
§ 34. Иқтисодиёти Тоҷикистон – комплекси ягонаи хоҷагӣ (такрори умумӣ) ........ 234

**ЗАМИМА**

Замимаи 1. Кӯл ва обанборҳои асосӣ ........ 242
Замимаи 2. Маълумоти умумӣ оид ба Тоҷикистон ........ 242
Замимаи 3. Дарёҳои асосӣ ........ 243
Замимаи 4. Чашмаҳои оби шифобахш ........ 244
Замимаи 5. Калонтарин кӯҳҳо ва қаторкӯҳҳои асосӣ ........ 244
Замимаи 6. Пиряххои калонтарин ........ 245
Замимаи 7. Ағбаҳои асосӣ ........ 246

**МУҲАББАТОВ ХОЛНАЗАР, АКОБИРОВ ШОСАФАР,**
**РАҲИМОВ МУҲИДДИН**

# ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Д. Мирфаёзова |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Тарроҳон | М. Ҷунайдзода |
| | З. Саъдуллоев |

Ба чоп 28.02.2020 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 16.0
Адади нашр 160000 нусха.
Супориши № 198/2019

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶСП «Ганч-нашриёт» чоп шудааст.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯч. Южно-обходная, 3. Тел.: 44-600-35-58.
E-mail: info@ganj.tj